**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ**
**БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВ**

**ШУЪБАИ МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ МУОСИР**

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**
**ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА**
**ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА**

**ОТДЕЛ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ СОВРЕМЕННОГО**
**ГОСУДАРСТВА И ПРАВА**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ – ЗАМИНАИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

**(маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-уми сентябри соли 2024)**

# ГОСУДАРСТВЕННАЯ НЕЗАВИСИМОСТЬ – ОСНОВА УКРЕПЛЕНИЯ ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА

**(материалы республиканской научно-практической конференции, посвященной 33-й годовщине Государственной независимости Республики Таджикистан, 3 сентября 2024 г.)**

**Душанбе**
**“Нашри Мубориз”**
**2024**

ТДУ 34(091)575.3
ТКБ 67.3(2 тоҷик)
Б-69

**Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд.** Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд”, бахшида ба 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-юми сентябри соли 2024 / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: “Нашри Мубориз”, 2024. – 492 с.

**Муҳаррири масъул:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Муқарризон:**

**Сангинзод Д.Ш.** – муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Азиззода У.А.** – мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

ISBN 978-99985-

© Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, 2024.
© Коллективи муаллифон, 2024.

УДК 34(091)575.3
ББК 67.3(2 таджик)
Б-69

**Государственная независимость – основа укрепления правового государства**. Материалы республиканской научно-практической конференции на тему "Государственная независимость – основа укрепления правового государства", посвященной 33-й годовщине Государственной независимости Республики Таджикистан, 3 сентября 2024 года / Под редакции д.ю.н., профессора増Бободжонзода И.Х. – Душанбе: "Нашри Муборизб", 2024. – 492 с.

**Ответственный редактор:**

**Бободжонзода И.Х.** – заведующий отделом теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.

**Рецензенты:**

**Сангинзод Д.Ш.** – заместитель ректора Государственного педагогического университета Таджикистана имени С.Айни, доктор юридических наук, профессор;

**Азиззода У.А.** – заведующей кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор.

ISBN 978-99985-

© Институт философии,
политологии и права НАНТ, 2024.
© Коллектив авторов, 2024.

## М У Н Д А Р И Ҷ А

Маҳмадизода Н.Д. Ба ҷойи сарсухан ........................................................6

Кароматулло О. Нақши илму фарҳанг дар сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷиистон ............................................................................10
Муҳаммад А.Н. Соҳибистиқлолӣ, тавоноии кишвар ...........................18
Раҳимзода М.З. Соҳибистиқлолият ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................................................31
Бободжонзода И.Х. Возрождение правовой системы государственности таджиков в годы независимости ............................45
Имомов А. Верховный Совет РТ двенадцатого созыва – высший представительный орган государственной власти (часть вторая) .......95
Зоир Ҷ.М. Аҳамияти таърихии созишномаи истиқрори Сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ташаккули тағиротҳои қонунгузорӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ дар Тоҷикистон ..............................................121
Раҷабов С.А. Дастовардҳои илми ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ ................................141
Буризода Э.Б. Нақши омӯзишу тарғиби афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии миллат дар ташаккули маърифати ҳуқуқи ҷомеа ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ ..........................................................................156
Абдуджалилов А. Собственность в интернете: проблемы правового регулирования..........................................................................172
Қодирзода Т.Қ. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................182
Расулов Ф.М. Ташаккули қонунгузории назорати молиявӣ дар замони истиқлолияти давлатӣ ..........................................................201
Рустамзода М.Р. Роль правопорядка в становлении государственной независимости в истории таджикского народа ......219
Маҳмадуллозода Н.Р. Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷират дар давраи истиқлолияти давлатӣ.....232
Эмомализода Н.Э. Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди падидаи замонат дар мамлакат................................................239
Назарзода Д. Нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими истиқлоли давлатӣ ............................................250
Саидзода М.Ш. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ ..........................................................................256
Ҷабборов Ф.Н. Роҳҳои баланд бардоштани маърифатнокии ҳуқуқии истифодабарандагони об.......................................................264

Додозода А.М. Гунох дар вайронкунии уҳдадориҳои
шартномавӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ...............................270
Ҳамроқулзода Б.А. Рушди арбитражи байналмилалии
тиҷоратӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ ....................................278
Алиназарова К.Ғ. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва
нақши калидии он дар таҳкими ҳокимияти судӣ...............................287
Набиев Ф.С. Таҳкими принсипҳои ҳуқуқ дар қонунгузории
Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................293
Давлатмуродзода Б.Д. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди
ниҳоди мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................323
Анушервони И. Аҳамияти амалишавии одатҳо дар таҳкими
маърифати ҳуқуқӣ.................................................................................329
Пӯлодӣ М.К. Ташаккули қонунгузорӣ оид ба зарари маънавӣ
дар низоми қонунгузории муосири Тоҷикистон................................345
Мансурӣ Ш.Ҷ. Саҳми Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани
маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар соҳаи забони давлатӣ..............355
Шерова М.А. Розигӣ дар муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ ва
ташаккулёбии он дар низоми ҳуқуқии муосир ..................................381
Абдуразоков К.Б. Укрепление светскости таджикской
государственности в период независимости ......................................406
Имомов М.М. Санадҳои ҳуқуқии бонки миллии Тоҷикистон
ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ....................................................................412
Саидзода М.Ё. Истиқлолият ва рушди ҳуқуқи иттилоотӣ.................425
Шовалиев М.Т. Робитаи ахлоқ ва ҳуқуқ дар танзими
муносибатҳои ҳуқуқӣ ...........................................................................436
Мақсудӣ Ф. Ташаккулёбии қонунгузорӣ дар низоми
муосири судӣ..........................................................................................443
Қодирзода С.М., Қараев Н.Н. Таъсири рушди сайёҳӣ ва
ҳунарҳои мардумӣ дар рушди иқтисодии кишвар дар
замони Истиқлолияти давлатӣ............................................................455
Абдулхонов Ф.М. Маърифати ҳуқуқӣ – кафили таҳкими
истиқлолияти давлатӣ...........................................................................461
Мирзозода Н.Д. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди ниҳодҳои
адолати суди ҳарбӣ ...............................................................................466
Пулодзода Ш.П. Принудительное разделение и выделении
коммерческих организаций..................................................................481

# БА ҶОЙИ САРСУХАН

Имрӯзҳо тамоми халқи мо дар саросари мамлакати азизамон 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатиро бо шукӯҳу шаҳобати зиёд ҷашн гирифта истодаанд. Бояд тазаккур дод, ки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ халқи тоҷик соҳибихтиёрии давлатиро ба даст овард ва дар таърихи давлатдории тоҷикон давраи нави инкишофи истиқлолияти давлатӣ ба миён омад.

Аз ин ҷост, ки 9 сентябри соли 1991 Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки ин сана ҳамчун рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини он, оғози дигаргунсозиҳои нав дар самти бунёди давлати мустақилу миллӣ ва демократӣ эътироф шудааст.

Маҳз аз ҳамин давра сар карда, равандҳои демократикунонии ҷомеа, ислоҳотҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва эҳёи арзишҳои нави миллӣ оғоз меёбанд. Давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон аз муқовиматҳои сиёсие, ки баъдтар ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд, рост меояд. Давлате, ки нав истиқлолияти худро ба даст оварда буд, ба ҷанги шаҳрвандӣ ҷалб карда шуда, дар натиҷа дар ҷомеа бетартибиҳо, беқонуниятӣ ва сиёсати бесарусомонӣ ҳукумфармо буд.

Сабабҳои сар задани муқовимати сиёсӣ, фалаҷ гардидани ҳокимияти давлатӣ ва ба нестӣ омадани сохти конститутсионӣ аз нигоҳи таҳқиқоти таърихию ҳуқуқӣ ва сиёсатшиносӣ ба таври мукаммал дар китобҳо, маърӯзаҳо, суҳбатҳо ва баромадҳои Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷассум ёфтааст. Маҳз Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати ташаббускори асосии ба амал баровардани

консепсияи оштии миллӣ дар Тоҷикистон баромад кардаанд. Зеро медонистанд, ки бе таъмини сулҳу салоҳ дар мамлакат бунёд намудани далати соҳибихтиёр ва дигар созандагиҳо ғайриимкон буд. Бинобар ин, Сарвари давлат тамоми ҳастии худро барои ба даст овардани сулҳи тоҷикон бахшида буданд.

Баъд аз фалаҷ гардидани сохти конститутсионӣ моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки он дар таърихи навини тоҷикон саҳифаи наверо кушод. Дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ Ҳукумати нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, Сарвари давлат, Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб карда шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз давраи ба роҳбарии давлат омаданашон тамоми азму иродаи худро ба умдатарин масъалаҳои ҳастии халқу мамлакат - таъмини сулҳу субот, муттаҳид сохтани мардуми Тоҷикистон, истеҳкоми ваҳдати миллӣ бахшиданд ва фаъолияти сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун Сарвари давлат бо ормонҳои чандинасраи халқу миллат ва рисолати ҷамъиятию азалии халқи тоҷик мувофиқ омад.

Ба шарофати саъю кӯшиши пайваста ва ҳаракатҳои пайгиронаи Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояи Истиқлолияти далатӣ ва ваҳдати миллӣ ба яке аз самтҳои сиёсати доимии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфт. Он баҳри рушди минбаъдаи сиёсати дохиливу хориҷии давлати тозаистиқлоли тоҷикон, интихоби самтҳои дурусти рушди минбаъдаи кишвар, таъмини амнияти дохиливу хориҷӣ ва ниҳоят барои имрӯзу фардои халқу миллат, ҷомеа ва давлатдории тоҷикон заминаҳои ҳуқуқиву сиёсӣ ба вуҷуд овард. Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1 декабри соли 1999 фармонро «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии

ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ» ба тасвиб расониданд, ки ба туфайли он дар кишварамон муҳити мусоиди бисёрҳизбӣ ва гуногунандешии сиёсӣ фароҳам омад. Ин тадбир омили муҳиме гардид, ки ҳизбҳо ва ҳаракатҳои мухталиф муттаҳид гардида, фаъолияти худро ба ҳифзу таҳкими сулҳ, ризоияти миллӣ, рушди демократия, инкишофи иқтисодиёт ва дигаргунсозиҳо дар ҷомеаи тоҷикон амалӣ созанд.

Барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ ва он тағйироти куллие, ки дар натиҷаи баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ падид омаданд, давраи комилан наверо дар низоми қонунгузорӣ, сиёсати ҳуқуқӣ ва мавқею мақоми Тоҷикистон, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси кишвари комилҳуқуқ эътироф гардидааст, ба миён овард. Ҳамаи тадбирҳое, ки бо ҳидояти Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи созишу Ваҳдати миллӣ, ки дар самти таҷдиди низоми қонунгузорӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар пояи барномаҳои доманадори Ҳукумати Тоҷикистон роҳандозӣ шудаанд, ҳадафи онро доштанд, ки кишвари мо эъмори ҷаҳонии худро ба шоҳроҳи тамаддуни ҷаҳони муосир ворид намояд.

Низоми нави давлатдорие, ки Президенти кишвар дар натиҷаиислоҳоти конститутсионӣ ва низоми қонунгузорӣ тарҳрезӣ намуданд, барои озодии инсон ва ҷомеа, заминаҳои воқеӣ муҳайё карданд. Озодии инсон ва бузургдошти ҳуқуқҳои ӯ ба бунёдгузорӣ ва такмили ниҳодҳои муносиби умури сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон бо дарёфти истиқлолияти пурраи миллӣ оварда расонид.

Самараи заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҳкими Истиқлолияти давлатӣ буд, ки Тоҷикистон дар арсаи

сиёсати байналмилалӣ дар муддати кӯтоҳи таърихӣ дар самти беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ба дастовардҳои арзишманд ноил гардид.

Имрӯзҳо ҳар як сокини кишвари азизро таассуроти гуворо аз тадбирҳои омодагӣ ба истиқболи 33-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ фаро гирифтааст ва бояд тамоми мардуми кишвар, махсусан наслҳои ҷавони имрӯзу ояндасози мо аз он ифтихор намоянд ва ба мероси бузурги маънавӣ ва фарҳангии ниёгонамон арҷгузорӣ намуда, ин неъмати бебаҳо - иттиҳоду ягонагӣ, ҳамзистиву осоиштагии миллиро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоянд.

Халқи Тоҷикистон хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, бунёди сулҳи тоҷикон, суботу оромӣ дар ҷомеа, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, амалӣ намудани ислоҳотҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодию ҳуқуқӣ, аз ҷумла таъмини амнияти Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияти озуқаворӣ, баровардани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати муосири демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандидошта муаррифӣ намудани Тоҷикистон дар сатҳи қонуни конститутсионӣ қадр карда шудаанд.

Аз фурсати мусоид истифода намуда, ҳамаи Шумоён ҳозирини гиромиро ба фарорасии 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ табрику таҳният гуфта, дар фаъолияти илмиву зиндагии ҳаррӯзаатон бурдбориҳои беназирро таманно дорам.

Ташаккур ба диққататон.

**Маҳмадизода Н.Д.**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# НАҚШИ ИЛМУ ФАРҲАНГ ДАР СИЁСАТИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИИСТОН

**Кароматулло Олимов**
**академик, доктори илмҳои фалсафа, профессор**

Дар ҳамаи давраҳои таърихӣ илму маориф барои пешрафти ҷомеаи инсонӣ нақши басо бузрг дошт ва имрӯз низ нақши он аз ҳар вақти дигар бештар шудааст. Истифодаи дастовардҳои илмӣ барои тарбия ва соҳиби тафаккури таҳлилӣ ва эҷодкоронаи элитаи сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии ҷомеа амри зарур будааст.

Дар шароитҳои бухронии давлат ва ҷомеа нақши элитаи сиёсӣ боло меравад ва аз пухтагии афкору амали он, дар назар гирифтани манфиатҳои умумимиллӣ ҳангоми ба қарори қатъӣ омадан ва ба зиммаи лидери сиёсӣ вогузор намудани муайян кардани роҳҳои ҳалли бартараф намудани мушкилиҳо вобаста мебошад. Дар Тоҷикистон дар оғози давлатсозии навин дар шароити соҳибистиқлолӣ як қисми элитаи сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ манфиатҳои умумимиллиро зуд дарк карда натавонист, шахсияте, ки ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ва гурӯҳҳои сиёсии гуногун ӯро эътироф намоянд ва ба лидери умумимиллӣ табдил ёбад, дар ибтидо ба вуҷуд наомад.

Интихоб шудани вакили мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XУ1-и Шӯрои Олӣ тасодуфӣ набуд, зеро шахси принсипнок, ҷасур, ҳақиқатгӯ ва дар мавқеъ устувор будани ӯ имкон дод, ки аз ҳамон лаҳзаҳои аввалини ба вазифа интихоб шуданаш масъулияти бузург ва душвортарини таърихиро ба уҳда гирифта, ба фаъолият оғоз намуданд.

Аз ҳамон рӯзҳо Сарвари давлат ба масъалаи тарбияи ҳисси ифтихор аз давлатдорӣ ва худшиносии миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекарданд ва онро ҷузъи сиёсати давлатӣ қарор доданд, ба ташаккули элитаи сиёсии нав, аҳамияти махсус доданд, ки дар муддати беш аз сӣ сол ин

сиёсат натиҷаҳои самарбахш дод ва он тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти ҷомеа ва давлатро фарогир шуд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо талошу кӯшишҳои хастагинопазирона, бидуни ҳарос аз таҳдидҳои ҷисмонию маънавӣ, барои барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ мубориза бурданд, ба боварии мардуми Тоҷикистон, давлатҳои кафили сулҳ ва созмонҳои байналмилалӣ сазовор гардиданд. Барои расидан ба ҳадафҳои аввалиндараҷаи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Сарвари давлат ба ҷомеа , аз ҷумла ба аҳли илм, такя намуда, онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои бузург сафарбар намуданд.

Се ҳадафи стратегии дар аввал эълон намудаи Президент барои ҳалли душвортарин проблемаҳои ҳаёти халқамон, аз ҷумла ваҳдати миллӣ, нақши асосӣ бозид. Аз бунбасти коммуникатсионии дохилӣ баромадани Тоҷикистон барои ба вуҷуд омадани бозори ягонаи умумимиллӣ ва робитаи доимии минтақаҳои кишвар-вилояти Суғд бо марказ, ҷануб ва ВМКБ ба ҷараёни ташаккули ваҳдати миллӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ мусоидат намуд. Ҳадафи чаҳорум дар бораи саноатисозии кишвар низ аз иқдомҳои бузург аст, ки барои таҳкими асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва иҷтимоӣ нақши таъинкунанда дорад.

Эмомалӣ Раҳмон барои ба низоми нави иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мутобиқ ба тақозои замон ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта ворид намудани кишвар як силсила ислоҳоти бузург гузаронданд, ки дар натиҷа Тоҷикистон аз вартаи варшикастагии иқтисодӣ баромад. Гувоҳи ин аз 80% ба 26% паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар айни замон дар натиҷаи сиёсати дурандешонаи Президент маблағгузориҳои соҳаҳои буҷетӣ сол то сол ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфта, сатҳи зиндагии кормандони соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ, нафақа нисбат ба солҳои гузашта баланд гардид. Бояд ёдовар шуд, ки маҳз дар даврони Истиқлол бештар аз ҳазор мактаби замонавӣ сохта ба

истифода дода шуд, муассисаҳои тандурустӣ низ соҳиби биноҳои нав ва таҷҳизоти ҳозиразамон гардиданд. Дар мактабҳои олии мамлакат ва хориҷи кишвар аз ҳисоби давлат тайёр кардани мутахассисони ҷавон дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ба роҳ монда шуд. Дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ дар баробари масъалаҳои дигари муҳим барои ғамхорӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғамхорӣ ба онҳо ба таври ҷиддӣ сухан ронда, аъзои ҳукумат ва ҳамаи шахсони расмиро вазифадор намуданд, ки ба масъалаи онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошта бошанд.

Президент барои эҳёи анъанаҳои беҳтарини аҷдодӣ ва боло бурдани ҳисси ифтихори миллӣ ҳамеша саъю талош меварзанд. Инро мо дар мисоли эҳёи ҷашни Наврӯз, Меҳргон, Сада ва ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани Наврӯз мебинем. Президент бар хилофи онон, ки Наврӯзро як оини зиддиисломӣ қаламдод намуда, аз зеҳни мардум хориҷ кардани онро таблиғ мекарданд, исбот карданд, ки он ҳеҷ тазоде бо ислом надорад ва он аз ҷумлаи ифтихороти миллӣ ва дастоварди муҳими таърихи тамаддуни қадимаи тоҷикон ва халқҳои эронӣ мебошад, ки ба ин васила ба фарҳанги халқҳои дигар таъсири файзбахш кардаанд.

Вақте сухан аз омилҳои асосии рушди фарҳанг меравад, суханони арзишманди файласуфи машҳури Фаронса Ренэ Декарт ба ёд меояд, ки яке аз роҳҳои асосии ба фазилатҳои инсонӣ расиданро дар хондани китоб медид. Ӯ мазмуни суханҳои ҳикматомӯзи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ- «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст, фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»-ро хеле баъдтар дар ин шакл гуфта буд: «Хондани китобҳои хуб ин суҳбат бо одамони беҳтарини айёми гузашта мебошад ва ин суҳбат чунин аст, ки онҳо танҳо афкори беҳтаринашонро ба мо медиҳанд». Дар ҳақиқат, таърихи миллатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба таври бечунучаро собит кардааст, ки сабаби дастовардҳои онҳо пешгомӣ дар илму

маърифат будааст, ки он фақат аз тариқи мутолиа ва таҳқиқ ба даст меояд.

Имрӯз аз ҳар вақти дигар дида, дар арсаи сиёсатҳои ҷаҳонӣ тааррузи фарҳангӣ василаи ҳукмронии нирӯҳои абарқудрат гардидааст, вале муқовимат алайҳи ин таарруз низ шиддат ёфтааст. Бинобар ин ҳифзи асолати фарҳангӣ унсури муҳими бақои ваҳдати ҳар миллат буда, дар сурати надоштани тавоноии ҳифзи асолати миллӣ дар фарҳангҳои дигар ғарқ ё худ ба истилоҳ ҳазм шудан имконпазир мегардад. Бинобар ин фарҳанг ва ваҳдати миллӣ робитаи назарраси диалектикӣ доранд. Дар ин раванд нақши аҳли илм хеле муҳим аст, зеро ба воситаи татбиқи дастовардҳои илмӣ пешрафти бусуръати иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин намудан имконпазир мегардад. Аз ин ҷиҳат таваҷҷуҳ ва ғамхории Сарвари давлат ба илм, махсусан илми академӣ, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ зиёд шудааст. Дар назди аҳли илм вазифаҳои муҳим қарор доранд, ки дар иҷрои онҳо нақши олимонро аз ҳарвақта бештар намудааст. Бинобар ин зиёд намудани маоши олимон ва такмили асосҳои таҳқиқоти илмӣ, таҷҳизоти муассисаҳои таҳқиқотии илмӣ, бахусус дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ, дар солҳои оянда натиҷаҳои хубро ба бор хоҳад овард. Дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ таҳқиқотҳои хуб сурат гирифтаанд. Вале ба сабаби мураккаб шудани авзои ҷаҳонӣ ба воситаи таҳқиқотҳои ҷиддии илмӣ таҳлили равандҳои муосир ва нишон додани роҳҳои пешгирии ҷомеа ва афроди осебпазири он аз таъсири қувваҳои дасиабоз кори хеле зарур аст. Аз ин ҷиҳат мавқеи солими аҳли илм ва таҳқиқотои ҷавобгӯи тақозои замон дар сиёсати давлатӣ оид ба илм мақоми равшан дорад.

Дар илми фарҳангшиносии муосир ду ақидаи умда дар бораи муносибатҳои фарҳангҳо вуҷуд дорад: яке ин аст, ки гуногунрангии фарҳангҳо пешоҳангӣ ва асосӣ будани фарҳангҳои давлатҳои қудратмандро истисно намекунад.

Масалан, баъзеҳо фарҳанги аврупоӣ, пеш аз ҳама фарҳанги ИМА, Британияи Кабир ва Канадаро бар фарҳангҳои халқҳои дигар муқаддам ва пешрафта медонанд ва фарҳангҳои халқҳои дигарро дуввумдарачҷа ё дақиқтар гӯем, патриархалию пасмонда ҳисоб мекунанд. Вале ангеза бар муқобили ин фаҳмиш ақидаи баробарии фарҳангҳоро ба миён овардааст. Тарафдорони ин фикр исбот мекунанд, ки фарҳанги умумиҷаҳонӣ танҳо аз фарҳангҳои давлатҳои мутараққии муосир иборат набуда, балки маҷмӯи фарҳангҳои миллии тамаддуни инсонӣ мебошад. Ин фикр тарафдорони бештарро пайдо кардааст. Дар Аврупо низ тафовути ду фарҳангро аз лиҳози моҳияти он ташхис мекунанд. Фарҳангҳои ИМА, Англия ва Канада бар пояи фардиятгароӣ ё худ индувидуализм, ки бартарияти шахсро бар ҷомеа, коллектив эътироф доранд, асос ёфтааст. Фарҳанги дигарро, ки моҳиятан ба фарҳанги ёдшуда муқобил қарор дорад, мутааллиқ ба кишварҳои Скандинавӣ-Шветсия, Норвегия ва аз Шарқ Япония медонанд. Фарҳанги ин кишварҳо бартарияти дастаҷамъӣ ё худ коллективиро дошта, ҷомеа бар шахс муқаддам дониста мешавад. Бинобар ин дар ин кишварҳо ваҳдати ҷомеа устувор буда, боиси пешрафтҳои ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шудааст.

Агар ба ин тасниф фарҳанги миллии тоҷиконро мутобиқ намоем, пас метавон гуфт, ки асолати фарҳангии халқи тоҷик хусусияти ҳамгироӣ дошта, хилофи индувидуализм ва эгоизми худписандонаи фарҳангҳои ба зӯроварӣ аосёфта мебошад. Таҳқиқотҳои илмҳои ҷомеашиносӣ нишон медиҳанд, ки асли фарҳанги тоҷикиро хислати таҳаммул, дӯстӣ, азхудгузарӣ барои ҳамнавъон ва инсондӯстӣ ташкил медиҳад. Тамоми осори назмию насрии гузаштаи мо аз Авасто сар карда то асарҳои устод Айнӣ ва устод Турсунзода бар ҳамин пояи ахлоқӣ қарор гирифтааст. Фарҳанги тоҷик, ба гуфтаи устод Айнӣ, ба воситаи зӯроварӣ ва шамшер худро

вусъат набахшидааст, балки ба воситаи қудрати сеҳрофарин ва мууъҷизаосои сухан қаламрави бузургро фатҳ намудааст.

Дар асарҳо ва фаъолияти амалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамин ҷиҳати муҳими илм ва фарҳанги миллати тоҷик, ки инсондӯстӣ, ёрии ҳамдигарӣ, накӯкорӣ, ҳамдардию ҳамтақдир будан аз хусусиятҳои муҳими он аст, таъкид сурат гирифтааст. Дар асарҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст, ки миллати тоҷик ҳамеша соҳиби китоб будааст ва фарҳанги он аз даврахои қадим ба хат ва китоб пайванди ногусастанӣ доштааст. Яке аз сабабҳои асосии боқӣ мондани миллати тоҷик ҳамин забон будааст, ки дар қаламрави бузурге доман паҳн карда буд. Осори безаволи илмӣ ва бадеии тоҷикон, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Бесабаб нест, ки яке аз ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Президент дар солҳои ахир дар бораи баргузории озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ» мебошад, ки он маҳз ба бедор кардани шавқи кӯдакон ва ҷавонон ба мутолиаи осори беҳтарини адабии халқи тоҷик ва адабиёти ҷаҳонӣ равона гардидааст ва мақсади он босаводии саросарӣ, касби донишҳои нав аз роҳи мутолиаи осори назмию насрӣ ва шифоҳии мардум мебошад.

Бинобар ин яке аз мақсадҳои Президент тарбияи насли солим ва босавод, эҷодкор ва дорои фарҳанги ғанӣ мебошад, зеро ки тарбияи насли бомаърифату бофарҳанг ояндаи неки миллатро кафолат медиҳад. Ва максади мутафаккирони бузург низ ҳамин будааст, ки фарзандҳои миллаташонро барои ояндаи давлаташон тарбия намоянд. Иммануил Кант гуфтааст: «Кӯдакон на барои имрӯз, балки барои ояндае, ки шояд ҳолати беҳтарини навъи инсонӣ бошад, бояд тарбия шаванд».

Мо вақте таърихи давраи соҳибистиқлолии давлатамонро, варақ мезанем, дар ҳар саҳифаи он нақши муассир ва ташаббусҳои бузурги Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон ба назар ҷилвагар мешавад, то ки мардум дорои сатҳу сифати баланди зиндагӣ ва ҳаёти шоиста дошта бошанд, наслҳоиояндаи кишвар дар шароити оромию осудагӣ хушбахтона умр ба сар баранд. Ин танҳо дар фазои ваҳдати ҷомеа ва сулҳу субот имконпазир мебошад. Вазифаи бомасъулияти сарварони давлатҳо аст, ки аз ҳалли дурандешона ва оқилонаи он зиндагии саодатмандонаи наслҳои оянда вобаста будааст.

Шиори Президенти мо «Фарҳанг ҳастии миллат аст», аз чанд ҷиҳат маънои муҳим дорад: аввалан, бе фарҳанги моддӣ ва маънавӣ ҳеҷ миллат вуҷуди воқеӣ надорад; дуввум, вуҷуди ҳар миллате дар фарҳанги ӯ зуҳур меёбад ва маҳз дастовардҳои фарҳангии он, эҷодкориҳои нобиғаҳояш мақомашро дар таърихи ҷаҳонӣ муайян мекунанд ва хусусияти ваҳдатофариниро касб менамояд. Илм низ ҷузъи муҳимтарин ва махсуси фарҳанг аст. Он на танҳо маҳсули эҷодкории инсон, балки василаи дигаргунсозандаи ҳаёти моддӣ ва маънавии ҷомеа мебошад. Бинобар ин Маркс гуфта буд, ки ба тадриҷ илм ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунанда табдил меёбад.

Вазифаи муҳимтарини ҷомеаи мо, аз ҷумла аҳли илм, ба таъкиди Президенти кишвар, иборат аз он аст, ки вазъи ҷаҳон ва паёмадҳои ногувори он ва таъсири онро ба давлат ва ҷомеа муайян намуда, тавсияҳои илман санҷидашуда пешниҳод карда шаванд, то ки дар назар гирифтани онҳо барои таҳкими ваҳдат ва давлат мусоидат намоянд. Яке аз масъалаҳои муҳим барои аз идеологияҳои бегона ҳифз кардани мардум, ҷустуҷӯи роҳхои муаасири пешгирии аз ҷумҳурӣ ба хориҷ рафтани мутахассисони ботаҷриба мебошад.

Маълум аст, ки барои тарбияи як нафар муаллими баландихтисос, духтури босаводи соҳибтаҷриба, инженери кордон ё як нафар корманди ботаҷрибаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар муддати бист-бистпанҷ сол чи қадар маблағи давлат ва нирӯи интеллектуалии ҷомеа сарф мешавад. Дигар

ин ки дар шароити муосир як андоза, албатта ба ҳадди маъқул, бо дарназардошти шароити мушаххаси кишвар истифода бурдани таҷрибаи хоҷагидории нақшавӣ низ шояд беманфиат набошад. Низоми тестӣ ва раванди Болонии таълим, ки боиси баланд шудани сатҳи дониши хонандагон гардад, низ назарсанҷиро тақозо дорад. Албатта, барои дуруст муайян намудани вазъи равандҳои таълиму тарбия гузаронидани таҳқиқоти дақиқ ва илмии сотсиологӣ зарур аст, то ки хулосаҳо ва тавсияҳои холисона пешниҳод шаванд.

Масъалаи ташаккули шуури таърихӣ ва худшиносии миллӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати фарҳангӣ дар ҷиҳати боло бурдани масъулияти шаҳрвандон барои таҳкими давлати миллӣ ва ғуруру ифтихор аз соҳибистиқлолии давлатӣ кори мавсимӣ намебошад. Яке аз масъалаҳои ҷиддии ҳифзсозандаи бақои миллат ин забони ӯст. Бинобар ин Пешвои миллат бо масъулиятшиносии бузург Истиқлоли давлатиро бо ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, адабиёту фарҳанги миллӣ тавъам донистаанд ва дар ин ҷиҳат ҳам аз роҳи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳам аз тариқи суханрониҳову асарҳо ва суҳбатҳо барои истифодаи васеъ ва ҳамаҷонибаи он дастуру супоришҳои мушаххас додаанд.

Ташаккули шуури солими миллӣ ба омилҳои зиёд вобаста аст ва забони ноби тоҷикӣ дар ин росто мақоми бориз доштааст. Ин масъала низ барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи асолати он зарур аст.

Аксари аъзои пайваста ва вобастаи АМИТ, забоншиносон, файласуфон ва фарҳангшиносони варзидаи тоҷик ба ин масъала таҳқиқотҳои ҷолиб анҷом додаанд. Аз ҷумла узви вобастаи АМИТ С.Ятимов роҷеъ ба масъалаи мазкур комилан дуруст қайд кардааст, ки «Адабиёти тоҷик бо тамоми нирӯ барои пойдорӣ ва бардавомии ин давлат кӯшишҳои бесобиқа кард. Дар арсаи майдони адабӣ Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ, Хусравонӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Робиаи

Балхӣ ва даҳҳо дигарон ворид гаштанд. Хизмати бузурги ин нобиғагон иборат аз он буд, ки ҳарчи зудтар забони ноби тоҷикиро бо тамоми имконоте, ки дар тӯли асрҳо захира карда буд, барқарор созанд. Ба он қудрат бахшанд. Онро аз истилоҳоти бегона пок намоянд. Қудрати суханеро, ки миллатро ба Истиқлолият, давлатдории мустақил расонид, дар намоиш гузоранд». (Ятимов С. Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ// С.Ятимов. Асарҳо.ҷилди 6. саҳ. 48).

Ин масъала рушди донишу маърифатро тақозо менамояд ва махсусан ҷавонону наврасон, киояндаи давлату кишвар ба онҳо тааллуқ дорад, ба таълиму тарбияи солим ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии созанда ниёз доранд, чунки маҳз рушди маърифати илмӣ барои ваҳдат ва ҳисси ифтихори солими миллӣ мусоидат менамояд.

Таҳкими ваҳдати миллӣ ва истиқлоли давлатӣ раванди доимӣ мебошад. Бинобар ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба он аҳамият медиҳанд ва мо вазифадор ҳастем, ки барои бақои миллат ва истиқлоли давлати худ дастурҳои Сарвари давлатамонро ҳамеша дар маркази фаъолияти худ қарор диҳем.

## СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ, ТАВОНОИИ КИШВАР

**Муҳаммад А.Н.**
**узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, ходими илмии ИФСҲ**

Боиси ифтихор аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон шаҳомоти шаҳру диёру кишвар боз ҳам боло рафт, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ рушд ёфт, мактабу маориф, илму маърифат мавқеи худро боз ҳам қавитар намуданд. Барои чунин хизматҳои шоёнашон мардум бештар ба шахсият, дараҷаи баланди фаъолнокӣ ва устувории қавии Президенти кишвар эътибори

ҷиддӣ дода, дар сиёсати миллӣ ӯро Сарвари боэҳтирому муваффақ медонанд.

Мафҳуми "истиқлол" дар низоми муосири байналмилалӣ амалӣ намудани истиқлол дар ҳамаи заминаҳо ва унсурҳои он ба таври комил бисёр душвор ва ҳатто ғайриимкон аст. Ба ҳамин сабаб ин ду мафҳум аз ин ҷиҳат ба якдигар шабоҳат доранд, ки ҳар ду нисбӣ ва маҳдуд ҳастанд.[1]

Дар Луғатномаи Деҳхудо ин вожа ба маънои бардоштан ва баланд кардан, баланд баромадан, рафтан ба ҷойи баланд омадааст. Инчунин дар ҳамин фарҳанг истиқлол ба маънои тартибдиҳандаи кори хештан, ба худии худ бидуни ёрии дигарӣ кореро ба анҷом расонидан, тоқат овардан ва тоб овардан бар корҳои тоқатфарсо низ оварда шудааст.[2]

Мафҳуми "истиқлол" дар маънои кам кардани вобастагӣ ва ба ҳадди ақал расондани он аст, ки сабаб мешавад, то миллат ё давлати соҳибистиқлол ба сатҳи баланд ва болотаре бирасад, корҳоро танзим ва бидуни ёрии дигарон ба анҷом расонад.[3]

Дар заминаи таъриф ва вожашиносии мафҳуми "истиқлол" метавон гуфт, ки агар миллате битавонад бидуни таъсири неруҳои минтақавию байналмилалӣ, таҳмили сиёсат ва барномаҳои созмону ниҳодҳои дохилию хориҷӣ барои худ барномаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра тадвин ва амалӣ гардонад, онро метавон миллати мустақил номид.

Маълум аст, ки баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 худро кишвари соҳибистиқлол эълон намуда, сипас Президенти худро интихоб ва Конститутсияи худро қабул карда, сохти

---

[1] Донишномаи сиёсӣ. Дориюш Ошурӣ. Теҳрон - 1389, С. 22. // Фарҳанги истиқлол, Ҷаводи Мансурӣӣ Теҳрон, 1374, С.62.

[2] Луғатномаи Деҳхудо, Алиакбари Деҳхудо, Теҳрон - 1351, Ҷ. 2, - С.83.

[3] Фарҳанги истиқлол, Ҷаводи Мансурӣ. Теҳрон, 1374, - С.54.

тараққиёташро муайян намуд. Мақсади асосӣ бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва дунявӣ буд.

Бо ин мақсад Президент, Ҳукумати Ҷумҳурӣ як зумра ҳуҷҷатҳои муҳимро, аз қабили “Дар хусуси тасдиқ намудани Низомномаи нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 24 ноябри соли 1992 бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.09.1994 “Дар хусуси тасдиқи Низомномаи суруди миллӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.1995 “Дар хусуси дар рӯҳияи ватанпарварӣ тарбия намудани ҷавонон ва эҳтиром намудани рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба тавсиб расонидааст.

Баъди қабули Қонуни асосӣ, ки ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва таъйидкунандаи рамзу нишонаҳои давлатӣ аст, муносибати шаҳрвадон ба тарзи ҳаёту сохти давлатдорӣ тағйир ёфт. Пеш аз ҳама, Тоҷикистони азизи мо соҳиби рамзҳои нави миллӣ - Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Пули миллӣ ва Забони давлатӣ гардид. Ин нишону аломатҳои номбурда дар раванди рушду нумӯи худшиносии миллӣ, идеяи миллӣ ва тарзи ҳаёти иҷтимоию сиёсии мо таъсири амиқ гузоштанд, ки ҳама бо соҳибистиқлолии кишвар вобастагӣ доранд.

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, ба даст овардан ва ҳифзу ҳимоя аз истиқлол дар ҳамаи заминаҳо барои як миллат душвор буда, камтар ҷомеаҳо дар тули таърих ба он даст ёфтаанд. Бинобар ин, мафҳуми истиқлолро аз лиҳози фалсафаи сиёсӣ як амри нисбӣ медонанд. Яъне, як миллат дар баъзе масъалаҳо метавонад ба таври комил мустақил шавад, аммо дар баъзе масъалаҳои дигар сатҳи мустақили камтар аст.[4]

Беҳуда нест, ки мафҳуми «истиқлол» дар амалия ҳамчун истиқлоли олӣ ва мустақилият истифода мешавад, ки яке

[4] Фарҳанги истиқлол, Ҷаводи Мансурӣ. Теҳрон, 1374 - С.64.

эълон мешаваду дигаре эътироф. Ҳаминтавр, соҳибистиқлолии кишвари моро, айни замон, 192 давлати дунё эътироф кардааст. Агар соли 2013 равобити дипломатӣ бо 128 кишвари ҷаҳон барқарор гардида бошад, соли 2020 шумораи онҳо ба 178 расида, ки тақвияти эътирофи истиқлоли давлатдории мост. Инчунин, формулаи маъмули маънои истиқлол волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили мамлакат ва озод будани он аз тобеият ба давлатҳои дигар аст. Ҳамин аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохтаанд ва кишварҳои ҷаҳон онро ҳамчун давлати мустақилу ташаббускор эътироф кардаанд.

Инчунин истиқлоли давлатӣ яке аз шаклҳои асосии зуҳури истиқлоли сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Кишвари соҳибистиқлол дар ҳалли масъалаҳои гуногуни байналмилалӣ бештар ҳисса гузошта метавонад.

Соҳибихтиёрӣ ё худ истиқлоли комил доштани давлат молики ҳақиқии воситаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ будани халқро мефаҳмонад. Худ аз худ эълон гардидани соҳибистиқлолии давлат, ҳатто дар сатҳи конститутсионӣ, ҳанӯз комилҳуқуқии онро таъмин карда наметавонад. Фақат дар заминаи мустақилияти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ халқ метавонад озодона идоракунии корҳои давлат ва ҷамъиятро ташкил намояд. Соҳибихтиёрию истиқлоли давлат бо асосҳои демократии сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ ва татбиқи ҳақиқии онҳо вобаста аст.[5]

Соҳибистиқлол гаштани кишварҳо дар замон ва макони гуногун мазмун ва тобиши нав пайдо менамоянд. Таърих гувоҳ аст, ки истиқлол ба даст овардани халқҳо ва кишварҳо масъалаи хеле мураккаб буда, муборизаи пуршиддати сиёсиро талаб мекунад. Ин муборизаи сиёсӣ дар шаклҳои

---

[5] Ниг. Имомов А. Соҳибихтиёрии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Государство и право. - Душанбе, 1996. №1. – С. 45.

гуногун ба амал меояд. Аксар вақт истиқлол дар натиҷаи муборизаи ғайриосоиштаи халқҳо ба даст оварда мешавад. Ин ҷиҳатро таърихи муборизаи мамлакатҳои бо ном «ҷаҳони сеюм» баҳри истиқлол борҳо тасдиқ намудааст.

Мавриди қайд аст, ки соҳибихтиёрӣ истиқлоли давлатиро ҳамчун организми том ва давлатро ҳамчун давлати таъсисёфта муаррифӣ менамояд. «Соҳибихтиёрии давлатӣ волоият ва мустақилияти ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва муносибатҳои хориҷии кишвар аст. Соҳибихтиёрии давлатӣ дар конститутсияҳо муаррифӣ гардида, нишонаи муҳимми давлат аст. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад карданро дорад»[6].

Соҳибихтиёрии халқ дар соҳибихтиёрии давлат ва соҳибихтиёрии миллат таҷассум меёбад. Халқи Тоҷикистон давлати худро барои татбиқи соҳибихтиёрӣ уҳдадор менамояд. Дар натиҷа ҳокимияти давлатӣ соҳибихтиёр гардида, хусусиятҳои ба худ хос пайдо мекунад. Асоси иҷтимоии соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии давлат як буда, аз ҳамдигар ҷудонопазир мебошанд. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии давлат шаклҳои гуногуни соҳибихтиёрии ягона аст. Соҳибихтиёрии давлат шакли ҳуқуқӣ - конститутсионии амалӣ гардонидани соҳибихтиёрии халқ буда, бо ин сабаб ҳокимият чунин хислатҳои махсус, ба монанди ҳокимияти олӣ, ваҳдати он ва истиқлолият дар муносибат бо дигар давлатҳоро пайдо мекунад.

Ба ҳамин тариқ, истиқлоли Тоҷикистон чунин хусусияти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки дар асл олӣ, мустақил ва соҳибистиқлол будани онро ифода мекунад. Соҳибистиқлолии давлат дар амал ин фаъолияти ҳокимияти

---

[6] Арутюнян Г.Г., М.В. Баглай. Конституционное право. Энциклопедический словарь. - Москва. 2006. - С. 471.

давлатӣ, мақомоти сершумори давлат оид ба иҷрои вазифаҳои дохилӣ ва хориҷии давлатӣ мебошад. Албатта, инро ба салоҳияти ин ё он мақомоти давлатӣ алоқаманд донистан нодуруст аст.

Шакли дигари ифодаи соҳибихтиёрии халқ соҳибихтиёрии миллӣ аст. Миллати тоҷик қисми таркибии халқи Тоҷикистон буда, дорои хусусиятҳои ба худ хос аст. Миллати тоҷик дар заминаи ҳокимияти шӯравӣ ва зинаи ибтидоии ташкилоти миллӣ – давлатӣ то шакли давлати ягонаи соҳибистиқлол ташаккул ёфт. Тоҷиконе, ки берун аз ҷумҳурӣ, дар марзи дигар давлатҳои аъзои ИДМ маскунанд, дар ҳеҷ як шакли ташкилоти миллӣ - давлатӣ муттаҳид нагардидаанд. Бинобар ин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт ифодакунандаи соҳибихтиёрии миллати тоҷик ва соҳибихтиёрии тамоми мардуми ҷумҳурист.[7]

Истиқлол на танҳо барои бақои давлату сарзамин, балки барои ҳифзи шараф ва таъмини амалии озодиҳои ҳар як шаҳрванд шароит фароҳам оварда метавонад. Аз ин рӯ, ҳамаи мо вазифадорем, ки давра ба давра барои фароҳам овардани имконияти расидан ба қуллаҳои баланди истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, фикрӣ, фарҳангӣ, таъмини шароит барои зиндагии шоистаи ҳар як сокини мамлакат ва амалӣ гардонидани нияту нақшаҳои неку созандаи ватандорӣ пайваста заҳмат кашему мардумро дар рӯҳияи ватанхоҳию ватанпарастӣ тарбия намоем.

Хулоса, масъала дар он аст, ки мо бояд идеология ё ин ки роҳҳои ҳифзи истиқлоли сиёсиро ташвиқу тарғиб намуда, муҳимияти онро барои бақодории миллат баррасӣ карда тавонем. Барои ҳалли ин гуна масъалаҳо аз нигоҳи назариявӣ бояд тамоми дастоварду арзишҳои миллиро ба истиқлолу озодӣ вобастаю пайваста донем.

---

[7] Муҳаммад А.Н. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ (таҷрибаи Тоҷикистон). Душанбе, 2021.- С.20.

Бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба мо имконият дод, ки барои татбиқи барномаҳои рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, ки имрӯз симои кишварамонро ба куллӣ дигаргун сохтаанд, талош намоем. Пешрафтҳои дар ин самт ба даст овардаамон ҳама самараи истиқлоли сиёсианд ва мо вазифадорем, ки онро бо меҳнати фидокоронаю содиқона ба Ватани маҳбубамон, бо худшиносии баланди миллӣ ва зиракии сиёсии ҳамешагӣ боз ҳам афзунтару устувортар гардонем.

Аз ин рӯ, барои дар заминаи чунин арзишҳо таъмин намудани идомаи раванди пешрафти истиқлоли сиёсӣ минбаъд ҳам оид ба ташаккули ифтихори ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ тамоми шаҳрвандони кишварамон бояд ҷидду ҷаҳд намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки роҳи ба даст овардани соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба монеаҳи зиёде рубару шуда буд. аммо мардуми мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи марзу бум ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ саъю талошҳои зиёде намудаанд.

Ба даст овардани озодии сиёсӣ ба мо имконият дод, ки оид ба рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ аз назари нав андеша намуда, роҳҳои муносиби тараққиётро ҷустуҷӯ ва дарёфт намоем. Аз ин рӯ, мо бояд дар бунёди давлати соҳибистиқлол бо ифодаи иродаи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузор бошем, то битавонем, ҷомеаро ба пояи баланди рушди «иқтисодию сиёсӣ, илмию техникӣ бардорем», бахусус, дар ин марҳилаи тақдирсозе, ки тарбияи худшиносии миллӣ бояд ба сатҳи сифатан нав бардошта шавад.

Аз ин бармеояд, ки ба истиқлоли комил мушарраф гардидани мо хусусияти хосса дошта, ба системаи муайяни арзишҳо таъсири босазое гузоштааст. Бинобар ин, дарки пурраи озодию истиқлоли сиёсӣ ва шинохти давлати миллӣ

барои ҳар як шаҳрванд ва сиёсатмадори касбии Тоҷикистон хусусияти хосса гирифта, дар раванди истиқлол тарҳи нав пайдо намуд. Дар ин раванд озодии ирода яке аз қисмҳои асосии ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳисобида шуда, давлат онро ҳамаҷониба кафолат медиҳад. Аммо ин озодӣ бояд ҳадди худро дошта бошад, то озодиҳои дигаронро халалдор нанамояд.

Дар ин раванд, инчунин, нақши идеологияи сиёсӣ афзун гашт, чунки таҷрибаи сиёсӣ, фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва мубориза барои механизми нави давлатӣ ба мадди аввал баромад. Воқеан, идеологҳо дар давраи инқилобу ислоҳоти амиқ самти ҳаракати қувваҳои гуногуни иҷтимоиро муайян карда тавонистаанд. Ба ақидаи мо, идеологҳо дар иҷтимоигардонии сиёсии шахсиятҳо ҳиссаи арзандае мегузоранд ва ба ин маънӣ низ ҳама гуна идеология ҷаҳонбинии сиёсию иҷтимоист.

Ин аст, ки дар тамоюлоти имрӯзаи сиёсати амалӣ, бахусус муколамаҳои доманадор оид ба таносуби дарки арзишҳои муосир ва анъанавӣ муҳтавои асосии соҳибистиқлолӣ ба назар гирифта мешавад. Дарвоқеъ, ин амр метавонад дар афкори ҷомеаҳои гуногун гардиши куллиеро ба вуҷуд орад

Мавриди тазаккур аст, ки рамз шакли фарогири ифодаи тафаккури инсон дар фарҳанг аст ва тамоми фарҳанги инсонӣ системаи рамзҳост. Имрӯз ҳам дар ҳаёти сиёсии кишвари мо равандҳои фаъоли ташкили сохторҳои нави сиёсӣ ба амал омада истодааст, ки ҳар кадоме рамзҳои худро доранд. Беҳуда нест, ки Парчам дар якҷоягӣ бо суруди миллӣ ва дигар муқаддасоти давлатӣ дар кишвари мо ҳамчун таҷассумгари озодӣ ва ҳувияти миллӣ шинохта мешаванд. Дар рӯзҳои идҳои расмии давлатӣ парчам дар биноҳои ҷамъиятӣ низ овехта мешавад. Парчамҳое, ки дар овезаҳои қисми пештоқи бинои СММ насб шудаанд, рамзи узвияти ин кишварҳо дар ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Барои тақвияти ин гуфтаҳо ба наворе, ки арҷгузории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба парчами миллӣ дар Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намудааст, назар карда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки яке аз дастовардҳои муҳиме, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамон замон ба даст овард, ин ба боварии вакилони халқ мушарраф гардидан буд. Муносибати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин муқаддасоти миллӣ чунон самимона буд, ки аз он эҳсоси садоқату ватанхоҳӣ ва сарсупурдагӣ баръало эҳсос мешуд. Ҷаззобияти ин рамзи сиёсӣ ба худ қудрате дорад, ки дар мадди аввал фаъолияти озодӣ ва ҳувиятсозиро пеши назар меорад. Парчами давлатӣ як тарзи нишон додани ҳаёти сиёсӣ буда, муносибати инсонро бо худ ва ҳаёти сиёсӣ инъикос мекунад.

Парчам на танҳо вазифаҳои сохторӣ ва танзими ҳаёти сиёсиро иҷро мекунад, балки таҷассумгари озодӣ, истиқлол ва ифтихори миллат аст ва дар раванди муайян намудани ҷомеаи мушаххас, шахсият ва умумиятҳо ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Яъне Парчами давлатӣ дар баробари ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ боз ба зеҳну тафаккури инсонҳо таъсир расонида, ба рафтори сиёсӣ ва озодии иродаи онҳо таъсир менамояд.

Бояд гуфт, ки истиқлол озодии иродаи миллӣ, яке аз рукнҳои асосии ҳастии ҳар як давлати мустақил ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мо онро дар баробари дигар иду ҷашнҳои бузурги миллиамон, ба монанди ҷашни “Навӯз", “Сада”, ”Меҳргон” ва “Тиргон” мақому манзалати зиёде дода, волотар арзёбӣ менамоем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» 16 ноябр Рӯзи Президент муайян шудааст ва ин рӯз дар кишвари мо ба як ҷашни анъанавии озодии сиёсӣ мубаддал гардида, шаҳрвандониТоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзӣ ихлосмандии хешро ба Президенти кишвар ҳамчун ҳомии

сулҳу ваҳдат баён менамоянд. Қобили тазаккур аст, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи он шахсиятҳои бузурге маҳсуб меёбанд, ки на танҳо дар ташаккули рушди давлатдории навин ва озодию соҳибистиқлолӣ, балки барои баланд бардоштани шаъну шараф ва имиҷи миллату давлат корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

Боиси ёдоварист, ки бо ибтикору роҳнамоии Президенти мамлакат дар кишварамон чорабиниҳои зиёди илмию адабӣ, озмунҳои бузурги «Фӯруғи субҳи доноӣ..», «Тоҷикистон - ватани азизи ман», “Илм - фурӯғи маърифат» гузаронида шуданд ва ин амалҳои нек мунтазам доир мешаванд, ки дар саҳифаҳои таърихи миллатамон намунае надоранд. Бояд зикр намуд, ки чунин чорабиниҳои илмию фарҳангӣ дар кишварамон як таҳаввулоти ҷиддӣ ва инқилоби фарҳангиеро ба вуҷуд овард, ки дар раванди шинохту эҳёи асолати миллии мо аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ доранд.

Дар баробари ин, Пешвои миллат дар ироаи Паёми соли 2021 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуда буданд, ки тоҷикон яке аз миллатҳои қадимаи дунё ва дорои таърихи беш аз 6000 - сола буда, ҳанӯз аз давраҳои бостонӣ соҳиби саводу қалам, девону дафтар, илмдӯсту адабпарвар, давлатсозу давлатдор, меъмору шаҳрсоз, шаҳрдору шаҳрнишин, яъне фарҳангиву тамаддунсоз ва ободкору созанда ба шумор мераванд. Воқеан ҳам ин андеша барои тақвияти ҳақиқати воқеӣ нисбати таърихи этногенези миллати тоҷик ва дигар ғановати таърихӣ заминаи устуворе фароҳам меорад.

Мавриди қайд аст, ки Президенти кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ барои рушду нумӯи илми тоҷик низ заминаи боэътимоди таҳқиқоти илмиро таҳким бахшида, Академияи илмҳои Тоҷикистонро ба мақоми Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон табдил доданд. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар ин замон дар кишварамон зиёда аз 36 донишгоҳу донишкада ва

64 коллеҷ бунёд гардиданд. Дар тамоми гӯшаву канори дурдасти Тоҷикистон чандин иншооту мактабҳои таҳсилоти умумӣ сохта, ба истифода дода шудаанд.

Ҳамин аст, ки сиёсати пешгирифтаи илмию фарҳангии Президенти кишвар имрӯз намунаи беҳтарини дастгирии илму маърифат мебошад, ки барои мустаҳкам намудани пояҳои маънавии худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ заминаи воқеӣ мегузорад. Дар ин росто, дастоварду арзишҳои ниёгон, китобдорию маорифпарварӣ, комёбиҳои қадимаи шаҳрдорӣ, ҳунармандӣ бузургтарин нишонаҳои соҳибтамаддун будани миллати тоҷик мебошанд, ки дар хотираи таърихии мардумони мо нақши абадӣ доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз вазифаи асосии илм ояндабинии омилҳои гуногуни фаъолияти сиёсӣ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатист. Яъне вақте ки инсон қонунҳои ҷамъиятиро дарк намуда, рафтори худро бо меъёрҳои он мутобиқ гардонид, аз он давра рушду инкишофи илм низ оғоз меёбад. Вазифаҳои асосии сиёсати илмии давлатдорӣ муайянсозии мақсад ва вазифаҳои рушду инкишофи сиёсӣ, инчунин, коркард, моделсозӣ ва ояндабинии омилҳои мухталифи фаъолияти сиёсист. Пеш аз ҳама, сиёсат ба он хотир ҳамчун илм баррасӣ мешавад, ки метавонад ҳамчун сарчашмаи дониш дар бораи мавҷудияти инсон, синфҳо ва давлатҳо баромад намояд. Аммо худи сиёсат низ бояд дар асоси донишҳои илмии мувофиқ амал намояд ва аз натиҷаҳои рушди ҷамъиятӣ ва қонуниятҳои объективӣ, инчунин аз меъёрҳое, ки рушди организми ҷамъиятиро танзим менамоянд, ба таври васеъ истифода кунад.

Имрӯз дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ба инкишофи иқтисодиёти кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд, ки ҳамаи ин ба вазъи пешрафти илм ва муносибат ба он вобастагӣ дорад. Дар кишварҳои тозаистиқлол таваҷҷуҳ ба масъалаи сулҳу ваҳдат,

худшиносии миллӣ, тамомияти арзӣ ва ҳувияти миллӣ дар ҷои аввал меистад. Дар кишвари мо, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ба сари қудрат омадан Президенти кишвар ба рушди илму маориф таваҷҷуҳи зиёде дода шудааст.

Пешвои миллат дар замони соҳибистиқлолӣ дар тарбияи мутахассисони болаёқати илмӣ, кордон ва уҳдабаро саҳми арзанда гузошта, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон донишҷӯёну мутахассисони ҷавонро барои таълиму тарбия сафарбар намуда тавонистанд. Пешвои миллат мактаби давлатдории миллиро низ аз нав эҳё намуданд, ки барои обрӯ ва ташаккули давлатдории миллӣ арзиши муҳим дорад.

Ин гувоҳи он аст, ки Президенти кишвар барои эҳёи заминаҳои илмию фарҳангӣ ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани мероси гаронбаҳову ҷовидонаи миллати куҳанбунёди тоҷик илму маорифро ҳамчун омили асосии пешрафти кишвари азизамон медонанд.

Нақши Пешвои миллат дар замони соҳибистиқлолӣ дар эҳёи илму маърифат бештар дар он таҷассум меёбад, ки бо ибтикору роҳбаладии ӯ тамоми иншоотҳои илмию фаврҳангии кишвар аз нав эҳё гардида, ба таърих, забон ва ҳафриёту бозёфтҳои археологии кишвар таваҷҷуҳу дастгирии зиёде карда шуд. Ҳамзамон дар ҳама паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи илму маориф ҳамчун масъалаи афзалиятноку рӯзмарра баррасӣ мешавад. Ҳамин аст, ки дар Паёми соли 2020 Ҷаноби Олӣ “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”-ро эълон намудаанд, ки барои амали ҳадафи чоруми стратегии давлат – саноатикунонӣ заминаи босазое ба миён меорад.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони соҳибистиқлолӣ сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш, дар омӯзиши масъалаҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, таърих, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, мардумшиносӣ, демографӣ,

ҳуқуқшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ ва ғ. муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шудаанд. Инчунин, дар асоси Консепсияи мазкур маҷмӯи чорабиниҳо барои рушди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил ёфта, аз ҷониби олимону пажӯҳишгарони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон корҳои назарраси илмию амалӣ идома доранд.

Верховный Совет РТ на 18-той сессии двенадцатого созыва определил контуры конституционных основ сущности, формы и характеристики РТ как демократического правового светского государства. Как заявил, Председатель Верховного Совета РТ Э. Рахмонов «основу создания такого государства закладывает новая Конституция республики». На этой сессии был определен способ принятия Конституции – на всенародном референдуме. В соответствии с новой Конституцией будут приняты новые законы о выборах

[74] Там же. Том 3. – С. 606-618.

высших органов государственной власти, в соответствии с ним будут проведены не позднее осени 1994 г. выборы. В докладе Э. Рахмонова на 18 сессии Верховного Совета «О конституционной реформе в Республике Таджикистан, о порядке принятия и введения в действие Конституции Республики Таджикистан» от 20 июля 1994 г. обстоятельно был характеризован работа над проектом новой Конституции. Он отметил состояние работы рабочей группы над проектом Конституции и сообщил об Указе Президиума Верховного Совета от 13 апреля 1994 г. о её рекомендации на всенародное обсуждение, которая в течение более двух месяцев находится на обсуждение. Сделав анализ предложенного проекта и некоторых предложений, он разъяснил почему проект назван «Конституция (Сарконуни) Республики Таджикистан», характеризовал статью первого проекта, в особенности основы конституционного строя РТ и формы собственности. Подробно объяснил две формы государственного правления и отметил, что приемлемой формой правления является та, которая записана в проекте Конституции. Имея ввиду президентское правление разъяснил её преимущество и механизмы осуществления, говорил о название Маджлиси милли и причины невозможности образования на нынешнем этапе развития республики постоянно действующего парламента.

Для дальнейшего конституционно-правового развития РТ важное значение имели некоторые акты, принятые на 19-й сессии Верховного Совета. Особенно Закон о внесении изменений в Конституцию (Основной Закон) РТ, согласно которому часть 1 ст.103 Конституции 1978 г. был дополнен словами «Конституционные законы РТ являются составной частью Конституции и принимаются не менее третей голосов от общего числа народных депутатов РТ». Закон о конституционной реформе в РТ, порядок принятия и введения в действие Конституции РТ от 20 июля 1994 г.,

Закон о выборах Президента РТ от 21 июля 1994 года, Закон о конституционной реформе, провозглашенной в ней самой конституционным, содержал ряд прецеденты имевшие существенное значение в дальнейшем государственно-правовом строительстве РТ. В ней отмечалось, что «…институт президентства, предусмотренный в проекте Конституции РТ, получил одобрение большинства участников его обсуждения и это позволяет развернуть работу по подготовке и проведению выборов Президента РТ». В резолютивной части постановления был констатирован, что проект Конституции РТ представленный Комиссией по подготовке проекта Конституции с учетом его народного обсуждения, одобрить и вынести на народное голосование (референдум). Учредить пост Президента РТ. Провести одновременно с референдумом по принятии Конституции всенародные выборы Президента РТ. Образовать Центральную избирательную комиссию по выборам Президента РТ и возложить на него организацию и проведение народного голосования по принятию Конституции[75].

Только в зависимости от политической зрелости и хозяйственной закалки, своих человеческих качеств новому руководителю республики - Эмомали Рахмонову удалось направить последующую деятельность Верховного Совета РТ, последнего оплота бывшей административно-командной системы, в нужном направлении и его решениями создать правовую базу укрепления и развития суверенного и независимого государства.

Вместо заключения следует отметить, что шестнадцатая сессия Верховного Совета РТ последнего двенадцатого созыва, не ординарно приступив к работе решил много судьбоносных вопросов развития суверенного Таджикистана.

[75] Ведомости Верховного Совета РТ. 1994. №3. Статьи 193 и 194

Среди них особенное значение приобрело ее решения об избрание достойного кандидата на пост Председателя Верховного Совета – как глава государства, народного депутата Эмомали Рахмона. Будучи в этой высокой должности и затем всенародно избранный Президентом Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон прошел все служебные испытания, воцарил мир и спокойствие в стране, обеспечил благополучие, социальное, экономическое, культурное, высокое научно-техническое развитие республики. Особенно ценный его вклад в достижении и укреплении независимости и авторитета страны во внешней политике, его международные инициативы в рамках ООН по водным проблемам, сохранения ледников, активная его позиция по осуждении и поддержки мер борьбы с терроризмом, фундаментализмом, экстремизмом, сепаратизмом послужили завоевание высокого международного авторитета. Все это и много другие его заслуги перед народом и Отечеством, оправдали доверие и надежды таджикского и другие народы сплоченно мирно живущие в Таджикистане, следствием которого явилось признание и конституционное закрепление статуса уважаемого Эмомали Рахмона – Основателем мира и национального единства – Лидера нации. На днях исполняется 32 года со дня проведения исторической шестнадцатой сессии Верховного Совета РТ и прошедшие годы подтвердили правильность ее решений по созданию основ конституционного строя Таджикистана и выборы главы государства – пользующееся высоким авторитетом и всеобщим признанием.

**Литература:**

1. Имомов А. – Главный научный сотрудник отдела государственного права ИФПП НАНТ, к.ю.н., профессор.
2. Имомов А. Верховный Совет – двенадцатого созыва высший орган государственной власти периода перестройки и независимости: противоречие и драматизм / Конунгузори. Законодательство. 2021. №1 (41). – С.21-33.
3. Ведомоти Верховного Совета Республики Таджикистан. 1992. №21-22, статьи 289-290.
4. Давлат Назриев, Игорь Сатаров. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992. (Хроника событий). Том 2. – Д.: 2005. – С.477-478.
5. Там же. Том 3. – С. 16.
6. Там же. Том 2. – С.487-488.
7. Там же. Том 3. – С.548.
8. Там же. Том 3. – С . 646.
9. Там же. Том 3. – С. 418.
10. Там же. Том 3. – С.531.
11. Там же. Том 3. – С.83.
12. Там же. Том 3. – С.156.
13. Там же. Том 3. – С.556-558.
14. Там же. Том 3. – С.569-571.
15. Там же. Том 3. – С. 590-592.
16. Там же. Том 3. – С. 606-618.
17. Ведомости Верховного Совета РТ. 1994. №3. Статьи 193 и 194.

# АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ СОЗИШНОМАИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТАҒИРОТҲОИ КОНУНГУЗОРИ ВА СОҲИБИХТИЁРИИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири Шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, корманди шоистаи Тоҷикистон, генерал-майори милитсия. Email: zoirov2009@mail.ru**

Агар гӯем, ки тӯли давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - тамоми аҳдофи созандааш дар заминаи нияти нек ва азми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои халқи азизамон, бехатарӣ ва амнияти афкори ҷомеа ва азнавсозии идоракунии давлати навини Тоҷикистони соҳибистиқлол татбиқи худро ёфтанд, муболиға нахоҳад буд. Воқеан, он замон, яъне аз моҳи сентябри соли 1992 кишварамонро буҳрони шадиди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фаро гирифта буд, ки метавонист Тоҷикистонро нобуд кунад. Дар моҳи октябри ҳамон сол Ҳукумати ҷумҳурӣ ба сабаби авҷ гирифтани муборизаҳои низомӣ байни неруҳои мухталифи сиёсӣ фалаҷ гардида, ба истеъфо рафт. Пойтахти ҷумҳурӣ–шаҳри Душанбе ба саҳнаи даргириҳои мусаллаҳона ва ҷанги бародаркуш мубаддал шуд ва Тоҷикистонро фалокати аз байн рафтан таҳдид мекард.

Дар чунин вазъи хеле хатарнок ва мудҳиш баргузор кардани Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо роҳи наҷоти Ватан буд. Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти таърихӣ дошта, бобати ҳалли маҷмӯи проблемаҳои ҷомеаи оташгирифта ва роҳҳою усулҳои ба эътидол овардани вазъияти мамлакат 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон, 1

изҳорот қабул намуд, ки аз як тараф, салоҳияту ваколати онро собит менамуданд, аз дигар тараф он санадҳо барои солҳои баъдии мардуми кишвари дорои собиқаи бузурги таърихӣ чун як барномаи мукаммал ҳисоб меёфтанд. Зеро дар партави қарорҳои Иҷлосияи мазкур ва такя ба соҳибистиқлолии давлатӣ рушди имрӯзу фардои кишвар ба чунин дастури ҷиддан таҳиягардида эҳтиёҷ дошт.

Вобаста ба раванди гуфтушуниди байни тоҷикон баъди Иҷлосия адабиёти зиёди илмӣ бахшида шудааст, ки моро аз зарурияти муфассал тасвир намудани ин раванди мураккаб ва дуру дароз озод менамояд. Ҳамзамон як қатор ҷанбаҳои муҳими ин раванд, ки таркиби ҳуқуқии онро мекушоянд, ба мисли гуфтушунид ва созишҳои ба даст овардашуда ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин сабаб мехоҳем ба масъалаҳои зерин диққат диҳем: Ихтилоф ва созиш - тавсифҳои муҳимтарини системаи меъёрҳои ҳуқуқ ва фаъолияти сохторҳои идоракунии давлат мебошанд, ки инро мо дар таҷрибаи гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дидем ва эҳсос кардем. Тавсифи асосии ихтилофи байни тоҷиконро муайян намуда, мо хусусияти ҷиноии (криминалии) онро ҷудо намудем, чунки идеяҳои дохилии идеологӣ, сиёсӣ, динӣ ифодаи комилан муайяни комилҳуқуқи худро дар шакли ҷиноятҳои тривиалӣ (разилона) ва қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ёфтанд. Тоҷикистон таҷрибаи муайяни ҳамбастагии воситаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳалли ихтилофро андӯхтааст. Масалан, ихтилофи шадиди ҷамъиятию сиёсӣ дар Душанбе моҳҳои сентябр-октябри соли 1991 бо ба даст овардани ризоияти байни тарафҳои ихтилофнок ва аз тарафи Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани қарор аз 6 октябри соли 1991 «Дар бораи баъзе аз чораҳое, ки ба демократикунонии ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд» ҳалли худро ёфт.

Аз ин сабаб раванди гуфтушунид байни ҳокимияти давлатӣ ва мухолифини тоҷик, бо ҳама гуногунрангии

лаҳзаҳои инъикоскунандаи худ, ин технологияи сиёсии ҳалли ихтилофи сиёсӣ дар ниҳояти кор бояд бо технологияҳои ҳуқуқӣ мусаллаҳ бошад - ҳуҷҷатҳои муайяни татбиқи ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки марҳилаҳои фосилавӣ ва марҳилаи интиҳоии ихтилоф, ба даст овардани ҳадафҳо ва қонеъ намудани манфиатҳои мувофиқро ифода мекунанд.

Мисоли ин шуда метавонад;-Ҳангоме ки моҳҳои апрел-майи соли 1992 муқовимати қувваҳои ҷамъиятию сиёсӣ ба ҳадди буҳронӣ расид, дар ин ҳолати ногувор барои сар назадани ҷанги байни ду майдон санадҳои чунин созишкунанда қабул карда шуданд:- Протоколи созиши байни намояндагони Шӯрои Олӣ, Ҳукумати Тоҷикистон ва Президиуми гирдиҳамоикунандагони майдони Шаҳидон дар Душанбе аз 22 апрели соли 1992, Протоколи созиши байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Девони вазирон ва ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои халқии Тоҷикистон аз 7 майи соли 1992, Протокол дар бораи татбиқи созишнома аз тарафи сарвазир, раисони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои халқӣ, ки дар майдонҳо ҷамъ омада буданд ва ҷамоатҳои миллии Тоҷикистон[15] ва ғ. Чунин ҳуҷҷатҳои созишкунанда минбаъд дар Хоруғ ва Қӯрғонтеппа байни ду тараф ибо ҳам зид қабул карда шуданд.

Дар ин ваъияти муташаннич мақоми ҳуқуқии «Президиуми дар майдон гирдиҳамоикунандагон» чӣ гуна буд ва вобаста ба ин эътибори ҳуқуқии созишномаҳои имзошуда чӣ тавр аст? Ҷавоб маълум аст:»Президиуми гирдиҳамоикунандагон ҳеҷ гуна мақоми ҳуқуқӣ надошт ва созишномаҳои имзонамудаи онҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ҳеҷ гуна оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда наметавонистанд.

Айнан бо ҳамин мазмун, ба фикри мо, А. Имомов барҳақ рози шуда қайд менамояд, ки «пайдо шудани ҳуҷҷатҳои созишкунанда хусусияти тасодуфӣ надошт. Онҳо моҳиятан аз сабаби изҳори иродаи тарафҳои мухолиф, ё ба он сабаб сар

мезананд, ки тавассути механизмҳои конститутсионию ҳуқуқӣ мақомоти қонунии ҳокимияти давлатӣ ихтилофи пайдошударо ҳал карда наметавонанд»[6-с.242].

Аз ин сабаб,- идома медиҳад А. Имомов , - «ҳуҷҷатҳои созишкунанда — ин ҳуҷҷатҳои «замони тира» бемасъулияти ва беҳокимияти мебошанд, ки он бо ихтилофҳои гуногуни раванди ҷамъиятию сиёсӣ тавлид шуда, мақсади онҳо хомӯш намудани авҷи шавқу рағбатҳои сиёсӣ мебошад ва барои ҷустуҷӯи ҳалли барои якдигар қобили қабул мусоидат мекунанд», пайдоиши онҳо бошад «маънои муваққатан пур кардани фазои холии системаи миллии ҳуқуқиро дорад. Ҳуҷҷатҳои созишкунанда сарчашмаи қабул намудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии он бандҳое мебошад, ки тарафҳо оиди он ба созиш омаданд»[ 6-с.242].Ин ҷо ба ақидаи А.Имомов розӣ шудан лозим аст, чунки он кас дуруст қайд менамоянд, ки: «Ҳуҷҷатҳои созишкунанда, моҳиятан ҳуҷҷатҳои ифодакунандаи изҳори иродаи мардум мебошанд».

Бо вуҷуди ин, аксаран дар рафти низои байни тоҷикон ин ирода бар дӯши ҳокимияти қонунӣ бо роҳи зӯрӣ бор карда мешуд. Аз ин ҷо ҳадди ақал чунин хулоса баровардан мумкин аст:- худи механизми ташаккули ҳайати шахсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар шароити давраи гузариш ва ноустувории сиёсӣ наметавонанд инъикоси мувофиқи манфиатҳои тамоми ҷамъиятро ифода намоянд, аз ин сабаб сиёсати аз тарафи сохторҳои давлатӣ гузаронидашаванда наметавонад ба таври баробар ба пешбиниҳои иҷтимоии тамоми (электорат)мардум мувофиқ бошад ба мисли;

– пайдо шудани ҳуҷҷатҳои «замони тира» дар бораи қафо мондани системаи ягонаи миллии ҳуқуқӣ аз болоравии рушди ҷамъиятию сиёсии ҷамъият дар бораи зоҳирӣ будани муқаррароти конститутсионию ҳуқуқӣ, нишондодҳои қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ шаҳодат дода, ҳамчун индикаторҳои «носозии ҳуқуқӣ»-и системаи танзими меъёрию ҳуқуқӣ баромад мекунанд ва барои нав кардани

(модернизатсия) меъёри қонунгузорӣ, аз ҷумла Конститутсия заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ фароҳам меоранд;

– ҳукумати расмӣ дурандешии кофии сиёсӣ зоҳир намудааст, ки ба вазъи шубҳаовари ҳуқуқии нафақат «президиуми гирдиҳамоикунандагон», балки умуман ба Иттиҳоди Мухолифини Тоҷик чашм пӯшида, формулаҳои қадимаи ҳуқуқшиносони римию англосаксониро дар бораи ҷаҳонии илмӣ ва аз ҳуқуқи тантанакунанда авлотар медонанд;

– раванди гуфтушунид бо гуруҳҳои ғайриқонунӣ, вале воқеии мухолифин ба сулҳ оварда расонид ва барои «ба ҳалокат расидани адлия» роҳ надод, чунки созишномаҳои бадастомада пайдарҳам бо иштироки мақомоти салоҳиятдори ҳокимияти давлатӣ қонунӣ гардонида шуда, эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекарданд ва системаи ҳуқуқиро хеле таҳким мебахшиданд.

Сухан оиди ворид намудани тағиру иловаҳо дар ин қонун сари он меравад, ки моддаи 14-уми қонуни соли 1990 «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятии РСС Тоҷикистон» таъсисдиҳӣ ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиеро манъ карда буд, ки агар онҳо хусумати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро тарғиб мекунанд ё барои сарнагун кардани сохти конститутсионӣ, ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват мекунанд.

Ба ҳамин мақсад, қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 1993-ум «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми августи соли 1990-ум», «Дар бораи таъсис додани Комиссияи омода намудани лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»қабул карда шуд, ки барои хеле фаъол шудани кори Комиссияи Конститутсиони ва таҳияи лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гардид. Бо қарори Шурои Олӣ

ҳайати нави Комиссия бо роҳбарии раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ гардид[76].

Бо назардошти қарори ҷаласаи XVIII-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузоргардида, дар аввали моҳи апрели соли 1994-ум, гурӯҳи корӣ оид ба тайёр намудани лоиҳаи нави Конститутсия ба баррасии Комиссия ду лоиҳаи алтернатавиро пешниҳод намуд, махсусан оид ба шакли идоракунии давлатӣ, қувваҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва роҳбарияти оппозитсионӣ тоҷик нуқтаи назари ягона надоштанд, аз ҳамин лиҳоз пешниҳоди ду лоиҳа зарурияти муҳим дошт. Дар лоиҳаи тарафдорони ҷумҳурии ҳам парламентарӣ ва ҳам президентӣ фикрҳои муштарак зиёд буд, ки омода намудани санади ягонаро имконпазир гардонид ва тезонид.

Ҳарду лоиҳа шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ, афзалияти ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, тақсими ҳокимият, шаклҳои гуногуни моликият, институти президентӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва ба таври қонунӣ мавҷуд будани ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин вазъи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро пешбинӣ мекард.

Ғайр аз ин, лоиҳаҳои пешниҳодшуда сарсухане (преамбулае) доштанд, ки дар онҳо чунин дастовардҳо, ба мисли сулҳи шаҳрвандӣ, ризоият, боварӣ, некӣ ва адолат баррасӣ шуда буданд. Қайд гардид, ки Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Бинобар ин, эътибор ба идеяҳои давлатдории миллӣ, эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бемамониат тасдиқ карда шуд.

Ҳар ду лоиҳа Тоҷикистонро давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва унитарӣ эълон намуда, барои ҳар як шаҳрванди он шароитҳоеро кафолат медод, ки барои ҳаёт ва меҳнати сазовор новобаста аз миллат, эътиқоди динӣ ва

[76]. Ниг.: Ниг.Народная газета. 1993. 29 июня.

ақидаҳои сиёсӣ зарур шароит фароҳам меоварад. Ҳамзамон дар лоиҳаҳо фарқиятҳои зиёде оиди низоми давлатдори ва идораи ҳокимият вуҷуд дошт.

Комиссияи конститутсионӣ баъди муҳокимаи лоиҳаҳо барои ба Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудан ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намудани лоиҳаи Конститутсияи президентӣ қарор қабул намуд. Асоси расмӣ барои рад намудани лоиҳаи Конститутсия барои лоиҳаи сохтмони ҷумҳурии парламентарӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надоштани анъанаи парламентаризм, бисёрҳизбии воқеӣ, илова бар ин, дараҷаи пасти маданияти сиёсии аҳолӣ буд.

Тавре маълум аст, бисёре аз ин эродҳо ҳақиқатан ҳам ҷой доштанд. Вале худи вазъияти ҷумҳурӣ, мавҷуд будани гурӯҳҳои мухолифини мусаллаҳ, таназзули иқтисодӣ ҳокимияти пурзӯри президентиро талаб менамуд.

Мувофиқи қарори Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми апрели соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи нав дар воситаҳои ахбори омма нашр карда шуд. Бояд қайд кард, ки дар рафти баррасии лоиҳаи расмӣ бархе аз мутахассисон вариантҳои алтернативиро пешниҳод карданд. Масалан, дар моҳи июни соли 1994 Р. Зоиров ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ лоиҳаи нави Конститутсияро пешниҳод кард, ки аз сарсухан, 13 боб ва 90 модда иборат буд. Дар моҳи июл дар рӯзномаи «Нидои ранҷбар» лоиҳаи Ҳизби коммунисти ҶТ пешниҳод шуд, ки он аз сарсухан,12 боб ва 107 модда иборат буд. Ҳамчунин аз ВАБК ҳайати муаллифон дар рӯзномаи «Фарҳанги Бадахшон» лоиҳаи алтернативии Конститутсияи ҶТ-ро пешниҳод карданд, ки аз сарсухан, 7 қисм, 16 боб ва 150 модда иборат буд, ки ин лоиҳаҳо аз тарафи комиссияи конститутсионӣ рад карда шуданд.

Баъди муҳокимаи васеъ ва баррасии такрорӣ бо назардошти эроду пешниҳодҳо мувофиқи Қарори сессияи бистуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 1994-ум он барои барраси аввалан бо тартиби

муҳокимаи умумихалқӣ (референдум) пешниҳод ва дар воситаҳои ахбори нашр карда шуд[77]. Баъди нашри лоиҳаи Конститутсия, вале то референдум (раъйпурсӣ) Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунро аз 20 июли соли 1994 №974 «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ, тартиби қабул намудан ва ба амал татбиқ намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»ро қабул намуд[78].

Дар сарсухани қонуни номбурда қайд карда шудааст, ки бо ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ, дар рафти тадриҷан бартараф намудани оқибатҳои он, дар натиҷаи меҳнати сулҳоварона ва пуршиддати мардуми тоҷик, саъю кӯшишҳои мақомотҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо дастгирии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дигар мамлакатҳои дӯсту бародар, ташкилотҳои байналхалқӣ шароит барои амалӣ намудани дигаргунсозиҳои асосӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият дар асоси Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Қайд карда шуд, ки муҳокимаи умумихалқии дар моҳҳои апрел—июни соли 1994 баргузоршудаи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти он ҷонибдории васеъи мардумро ёфт, зарурияти амалӣ намудани ислоҳоти конститутсиониро тасдиқ мекунад ва дар рӯзҳои наздиктарин қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ (референдум)ро талаб мекунад. Дар қарори номбурда қайд карда шуд, ки институти президентии дар лоиҳаи Конститутсия пешбинишуда эътирофу ҷонибдории аксарияти халқи тоҷик, иштирокчиёни муҳокимаи онро пайдо намуд ва ин барои ба таври васеъ ба роҳ мондани кори омодасозӣ ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад.

---

[77] Ниг.: Садои мардум. 1994. 17 сент.
[78] Ниг.: Ведомости ВС РТ. 1994. №13. - С.194.

Дар қисмати қарори қонун дар қатори дигар муқаррарот муайян карда шуда буд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ҳисобида мешавад, агар ба ҷонибдории вай зиёда аз нисфи интихобкунандагони дар раъйпурсӣ ширкат варзида овоз диҳанд.

Бо қонуни номбурда мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, муқаррар гардид, ки интихоби он дар асоси қонуни махсуси конститутсионӣ ба роҳ монда мешавад.

6-уми ноябри соли 1994 раъйпурсӣ оид ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он 2 535 437 нафар шаҳрвандон ё 94,4% шумораи умумии интихобкунандагон иштирок намуданд.Барои қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 352 554 ё 87,59% ва ба интихоби Президент 84,7% овоз доданд. Конститутсия бо ҳамин ҳукми қонунӣ пайдо намуда қабул шуда эътироф карда шуд[79].

Дар адабиёти илмии ҳуқуқии тоҷикӣ ба Конститутсияи соли 1994 ба фикру ақидаҳои гуногун баҳо дода мешавад. Дар баробари эътироф намудани аҳамияти бешубҳаи он аз тарафи ташкилоту созмонҳои байналмилали, дар таҳкими давлатдории тоҷикон ҷиҳатҳои норасогии он, иштибоҳҳои техникию ҳуқуқӣ, «берангӣ» дар муқаррароти як қатор институтҳои конститутсионию ҳуқуқӣ ва ғайра ба назар мерасид.

Маълум аст, ки на ҳамаи мақсадҳои пешбинишуда ва ба иштирокчиёни раванди конститутсионӣ пешниҳодшударо дар матни ин ҳуҷҷат инъикос намудан муяссар мегардад.

---

[79] Ниг.: Об итогах референдума о принятии Конституции (Основного закона) РТ 1994 г. Сообщение Центральной избирательной комиссии по выборам и референдуму РТ // Чумхурият. 1994. 12 ноября.

Вале Тоҷикистон роҳи интихоби дигаре надошт: барои ҷумҳурӣ Қонуни Асосӣ лозим буд, ва Тоҷикистон ки дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрванди қарор дошт ва тавонист то, ин ки бо ин роҳ муқовимати ҳукумати қонунӣ ва мухолифин боздошта шавад, ҷудоандозии ҷомеа бартараф карда шавад, ҳамаи он чизҳои мусбате, ки дар солҳои охир ба даст оварда шуд, таҳким бахшида шавад.

Конститутсияи Тоҷикистон набояд ҳамчун сафед намудани камбудиҳо қабул карда шавад: гӯё вазъият мураккаб буд, аз ин сабаб ин ё он тавр шуд. Масъала дар сари дигар чиз аст - дар муносибат ба баҳодиҳии қолаби пешниҳодшудаи Қонуни асосии амалкунандаи ҷумҳурӣ аз мавқеи илми ҳуқуқи конститутсионӣ бояд сурат гирад.

**Якум.**Тавре маълум аст, назарияи конститутсионализм конститутсияро аз лиҳози юридикӣ ва воқеӣ ё шаклан юридикиро фарқ мекунонад.

Таҳти мафҳуми конститутсия ба маънои шаклан юридики, одатан қонуне фаҳмида мешавад, ки бо тартиби махсус қабул ё тағйир дода, қабул карда мешавад ва нисбат ба дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қувваи олии ҳуқуқӣ дорад.

Таҳти мафҳуми конститутсия ба маънои моддӣ маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ба танзимдарории онҳо асосан аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ муаян карда мешавад. Дар ин маврид сабабҳои пайдоиши меъёрҳо ягон аҳамияте надорад: оё ин меъёрҳо дар ягон ҳуҷҷати махсуси ҳуқуқӣ ҷойгир шуда бошанд ё ин, ки дар маҷмуъ дар якчанд ҳуҷҷат ҷойгир шуда бошанд ё умуман онҳо меъёрҳои ҳуқуқи нонавишта, судӣ ё ҳуқуқи муқаррарӣ бошанд.

Ҳангоми гуногунрангии фаҳмиши конститутсия ва хусусиятҳои моҳияти он дар доктринаи демократии конститутсионӣ кайҳо боз як меъёри муҳим сабт ёфтааст: яъне муҳтавои конститутсия барои маҳдуд намудани салоҳияти ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Давлатшиноси машҳури рус Е.В. Спекторский ҳанӯз соли 1917 навишта буд, ки давлати конститутсионӣ — ин давлате мебошад, ки дар он нафақат давлат ташкил карда шудааст, балки салоҳияти ӯ ба таври ҳуқуқӣ маҳдуд карда шудааст ва «аз маҷмӯи чунин маҳдудиятҳо конститутсияи давлати мавҷударо ташкил мекунанд»[80].

Муҳақиқи муосири фаронсавӣ Б. Шантебу чунин баён менамояд: конститутсия — ин «хартияе мебошад, ки салоҳияти ҳокимиятро дар доираи давлат ва ҳокимияти идоракунии давлатро дар доираи ҷамъият маҳдуд менамояд»[81].

«Пурзӯр намудани конститутсионализм, — ба ақидаи олими ҷопонӣ Х. Йохи, — ин пурзӯр намудани самаранокии маҳдуд намудани салоҳияти ҳокимияти давлатро мефаҳмонад»[82]. Татбиқ намудани ин тезис дар амалияи сохтори конститутсиониву ҳуқуқии Тоҷикистон хеле муҳим аст. Тавре дар боло зикр кардем, «диффузияи ҳокимият» ҳангоми набудани механизмҳои назорати қарорҳои қабулшаванда аксаран боиси он мегардад, ки ин қарорҳои «паси дарҳои пӯшида» қабулшаванда боиси густариши зӯроварӣ ва амиқшавии ихтилофоти ҷамъият гардидаанд.

Ба хотир овардани далели истифодаи силоҳ бар зидди гирдиҳамомадагон дар соли 1992-ум, дар Душанбе барои мисол кофӣ аст. Маҳз аз ин сабаб дар Конститутсия механизми ҳуқуқии маҳдудкунии салоҳияти ҳокимият гузошта шудааст. Пеш аз ҳама, аз меъёрҳо дида мешавад,ки сухан дар бораи бевосита манъ намудани ғасби ҳокимият ё аз худ кардани он аз тарафи ягон ашхос ё ҳизби сиёси меравад (моддаи 6); дар бораи суди конститутсионӣ (моддаи 84), ки

---

[80]Ниг.Спекторский Е. В. Что такое конституция? М., 1917. - С.8.

[81] Ниг.Chantedout B. Droit constitutijnnen et science politique. 1986. P. 25.

[82] Ниг.Yoichi H. Le constituonalism. Japanese Reports for the XIIIth International Congress of Comparative Law. Tokio, 1991. P. 180.

барои таъмин намудани ҳалли осоиштаи баҳсҳои имконпазир оид ба идоракунии ҳокимият ва тарафҳои ихтилофдорро аз кӯча ва сангарҳо ба толори ҷаласаи судӣ зурӣ«бурдан» и онҳо ва дигар ихтилофҳои ғайриқонуни пешбинӣ карда шудааст.

**Дуюм**.Дар тавсифи моҳияти конститутсия ва сабабҳои пайдоиши он одатан, ду роҳи муносибат мавқеи асосӣ дорад, ки ба таври шартӣ ҳамчун синфию сиёсӣ ва эҳтиёткорона (ратсионалистӣ) ифода карда мешавад[83].

Дар ин тавсиф моҳияти муносибати аввал, ки ба таҳкими меъёрҳои конститутсия, ки барои манфиатҳои синфӣ ё гурӯҳӣ равона карда шудааст,ки аз тарафи Ф.Лассал чунин шарҳ дода шудааст: «Конститутсия дар ҳақиқат муносибати воқеии қувваҳои ҷамъиятии мамлакат мебошад»[84],ки он баъдан аз тарафи В.И.Ленин дар тезиси зерин таҷдид карда шуда буд: «…моҳияти конститутсия аз он иборат аст, ки қонунҳои асосии давлат….. таносуби воқеии қувваҳоро дар муборизаи синфӣ ифода мекунад»[85].Тарафдорони муносибати ратсионалистӣ нақши омилҳои иҷтимоию сиёсиро инкор накарда, диққатро ба нақши хизматии аҳамияти конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати мусбат равона мекунанд, ки он моҳияти ташкилоти ҷамъиятӣ ва асоси мавқеи шахсиятро таҳким намуда, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қувваҳои пешбарандаи онро ба тартиб меандозанд. Махфӣ нест, ки аксаран маҳз сироятҳои манфии муносибатҳои ҷамъиятӣ, муборизаи қувваҳои гуногун барои ҳокимият ва ҷамъбасти ин мубориза ин равандро чӣ гунае ном набарем - муборизаи синфӣ ё муборизаи қувваҳои иҷтимоӣ, - яке аз натиҷаҳои муҳимтарин - пайдоиши конститутсияи навро асоснок мекунанд. Ҳолати

---

[83] Ниг.: Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. - С.47.

[84] Ниг.: Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Общая часть. Т. 1–2 / Отв. ред. Б. А. Страшун. М., 1996. - С.42.

[85] Ниг.: Ленин В. И. Полн. собр. соч. Т. 17. М., 1968. - С.345.

мазкурро ҳамчун падидаи созгории муайяни ҷомеа баррасӣ намудан мумкин аст, новобаста ба он, ки тарафҳо бо кадом роҳ ба мусолиҳа омадаанд. Аз ҳама муҳтавои асосиаш ин роҳ надодан ё қатъ намудани муқовимати яроқнок ва иҷисмонӣ мебошад,ки «буғӣ накардан ё дар оғӯши идеяҳои конститутсионӣ»-и (плюрализм) яъне, чандандешии ақидаву идеяҳо мебошад, чунки бе муборизаи идеяҳо ҳатто худи ҷамъият аз дохил ба таври кофӣ муътадил фаъолият карда наметавонад.

Дар ин лаҳзаҳои басо тақдирсоз нақши созандаи конститутсия низ муҳим мебошад, зеро бо пайдо шудани Қонуни асосии бо воқеияти иҷтимоию сиёсӣ мутобиқ ва тағйироти онҳоро ба ҳисобгиранда ҷамъият асоси бунёдии давлатию ҳуқуқиро соҳиб мегардад,он ба тарзи нави ҷамъиятию сиёсии ҳаёт оғоз мебахшад, вай барои ҳама, ҳатто барои онҳое, ки ба қабули вай муқовимат мекунанд, ҳатмӣ мегардад.

Мувофиқи конститутсия дар ҷодаи давлатдорӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ созмон дода мешаванд ва ба фаъолият шурӯъ мекунанд, санадҳои қонунгузории конститутсияро рушддиҳанда пайдо мешаванд, реҷаи сиёсии бо он барномарезишуда ба роҳ монда мешавад. Конститутсияи Тоҷикистон бояд ин нақши дутарафаро мебозид ва ҳақиқатан чунин ҳам шуд; яъне, Конститутсия ҳамчун санади мусбӣ асосҳои сохти давлатӣ ва сиёсии мамлакатро мустаҳкам намуд, қувва ва боварии ҳокимияти қонуниро дар ҷомеа ва арсаи байналмилали муаррифӣ намуд,ки ҳокимияти нав тавонист дар як шароити бениҳоят муҳими тақдирсоз ва ихтилофи идомаёбандаи мусаллаҳона на фақат лоиҳаи санадро тайёр намудан, балки ба ташкил намудани муҳокимаи васеъ ва қабули он бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ қобилият дошта онро қабул кард.

Агар мухолифини тоҷик, аз иштирок дар ин раванди сулҳофарин даст мекашиданд, он гоҳ маълум мегашт, ки

саркардагони онҳо муқовимати худро на ба давлат, балки ба халқ намоиш медод. Ҳамчун ҳуҷҷати созанда, конститутсия ба ҳамаи қувваҳои ҷамъиятию сиёсии мамлакат таҳкурсии давлати демократию ҳуқуқбунёдро пешниҳод намуд, ки барои таъмин намудани муттаҳидсозӣ (консолидатсия)-и ҷамъият ва ризоияти миллӣ ва истиқрори сулҳ қобилият дорад.

Конститутсия халқи Тоҷикистонро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлати эълон намуда, ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳуриро новобаста ба миллат муттаҳид сохта, онро ба воситаи вакилони худ амали мегардонад, (моддаи 6).

Конститутсия ҳатто аз раванди ҷомеаи шаҳрвандӣ пештар рафта, ҳуқуқро барои мавҷудияти ҳизбҳои сиёсии нафақат дунявӣ, балки дар асоси гуногунандешии ҷомеа барои ташаккул ва ифодаи иродаи қонунии халқ мусоид гардонид (моддаи 28).

Ин ҳуқуқро бо манфитаҳои сохтори устувори конститутсионӣ ва нигоҳдории вазъи давлати дунявӣ баробар намуда, конститутсия ташкилотҳои диниро аз давлат ҷудо намуда, ба иттиҳодияҳои ҷамъияти ва ҳизбҳои сиёси дахолат намудан ба корҳои давлатиро манъ кард, он иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсиеро ғайриқонунӣ ҳисоб намуд, ки низои нажодпарасти, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯри сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гуруҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, инчунин фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳоро, таъсиси ҳизбҳои хусусияти милли ва диннидоштаро, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёси аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷи, шахсони ҳуқуқи ва шаҳрвандони хориҷиро манъ намуд(моддаи 8).

**Сеюм**. Мазмуну муҳтавои Конститутсияро маҷмӯи меъёрҳои конститутсионӣ, институтҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ташкил медиҳанд,ки онҳо муносибатҳои ҷамъиятиро танзим

мекунанд, ва тартиб ва усулҳои идоракунии ташкили ҳокимияти давлатӣ,муносибати байниҳамдигарии он бо ҷамъият ва гурӯҳҳои иҷтимоии ташкилкунандаи онро ба як низоми муайян медарорад. Аз ин ҷо масъалаи муайян намудани предмет ва ҳудудҳои танзими конститутсионӣ бармеояд, ки бо ин ё он амсилаи конститутсионӣ - либералӣ, эстатикӣ ва либералию эстатикӣ – салоҳияти идоракунии давлат, доираи дахолати он ба ҳаёти ҷамъият ва шаҳрвандон муайян карда мешавад.

Инак, Тоҷикистони соҳибистиқлол даврони 32-умин солгарди истиқлолияти давлатии худро бо дастовардҳои хуби рушд ва инкишофи давлати миллӣ паси сар кард. Ин даврон гарчанде назди таърих на он қадар муддати тӯлонист, вале роҳи тайкардаи низоми давлатдорӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоии он баробар ба садсолаҳои давлатҳои классикии ғарбист.

Бале, мо дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ роҳи дуру дарози давлатсозии аврупоӣ ва ғарбиро паси сар кардем. Дастоварду музаффариятҳои мо дар ин муддат бидуни шубҳа зиёд аст.

Аммо мо имрӯз на дар бораи ин музаффариятҳо, балки роҷеъ ба масъалаҳое ҳарф мезанем, ки мавҷудияти онҳо боз метавонистанд мазмуни давлатдории моро зебою рангинтар намоянд. Мо дар бораи унсурҳои ғизодиҳандаи рӯбинои ҷамъиятӣ, вазъи мафкура ва монеаҳои он ба рушди давлати соҳибихтиёр таваҷҷуҳ менамоем.

Фазои андешаи илмӣ, динӣ ва сиёсии кишвар дар давраи баъд аз сулҳу субот новобаста аз сулҳу суботи ҷомеа хеле пуртазод ва мухталиф буда, роҳи ояндаро бо душворӣ ҷустуҷӯ менамуд. Ба ин мушкилиҳо масоилҳои мухталифу ҳалталаби ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва динӣ зери таъсири унсурҳои дохилию хориҷӣ бор зам менамуданд.

Ҳама бо шиори миллат ва манфиати мардуми Тоҷикистон чи дар солҳои аввали истиқлолият, чи дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, чи дар давраи баъди ҷангӣ ва ҳоло низ иддае

монда нашуда, гоҳ-гоҳ ҳарф оғоз менамоянд, ҳам озодии ғарбию ҳам «бисмиллоҳи» шарқиро ба воситаи муҳимми худмуаррифӣ табдил дода, аз васоити ахбори омма ба майдони мубоизаи озоди афкор ба мисли ватандӯстони содиқ қадам мениҳем ва кош дар ботин низ чунин бошем.

Аммо воқеият собит менамояд, ки дар одитарин баҳсҳои илмӣ қисме моро аз рӯзи қиёмату қисми дигар аз вайрон намудани талаботи демократӣ ва маҳдуд намудани озодиҳо тарсонида, байни худу миёни маъракаҳои илмӣ ва сиёсӣ муҳокима ҳам мекунанд. Дар асл бингарӣ, онҳо на моҳияти он сӯйи амали некро дарк мекунанду на ин паҳнои озодиҳо ва хулосаҳои дастаҷамъиро мувофиқи мақсад мутобиқ ба давру замон фаҳм кардаанд.

Албатта, барои миллате, ки чунин «фарзандони фарзонаи созандаи афкор» ва воқеият дорад, шинохти имрӯзу оянда кори осон нест. Зеро ҳама доди ватанхоҳӣ мезананду ҳама баёни андешаи миллӣ, ҳама аз дифои манфиатҳои миллату давлату дин ҳарф мезананду ҳама ба хотири гиромидошти арзишҳои миллӣ худнамоӣ мекунанд, вале дар одитарин ҳолатҳо мебинем, ки кору амали аксари мо фарсаххо дур аз худшиносии миллию инсонгароии асл аст.

Таърих собит кардааст, ки бузургию пешоҳангии кулли давлатҳои пешрафтаи Аврупо ва Амрикои имрӯз аз фарзандони содиқу вафодор, донишманду соҳибкасб будааст, на аз чизи дигар. Проблемаҳои мавҷудаи баҳамоии мардуми Тоҷикистон, ки то имрӯз таҳти роҳбарии сарвари хирадманди кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақиятҳои муайян ноил гаштааст, ҳоло низ ба пуррагӣ аз назари илмӣ ҳалли худро наёфтааст.

Қадами нахусти пешгирии ин иллатҳо дар дар сатҳи мафкураи ҷомеа бояд сурат гирад. Оё мо метавонем, ки бо истифода аз неруҳои ақлонии дохилӣ бо чунин иллатҳои фазои мафкуравии ҷомеа босубот мубориза барем? Албатта, метавонем. Мо захираи маънавии ғанӣ, насли ҷавону созанда,

олимони шинохтаи динию дунявӣ ва таҷрибаи таърихие дорем, ки имкони пешгирии ин муаммоҳоро, бешубҳа, доранд.

Дар тарбияи насли наврас ва олимони оянда, созандагон ва дурнамоҳои фардои кишвар бояд чораҳои муассир андешида, тағйири қатъии раванди таълим ва ҳамеша дар инкишофи низоми касбомӯзиро бояд ҷорӣ намоем.

Давлати иҷтимоӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар заминаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мисли режимҳои собиқ наметавонад корпуси идеологӣ ва назоратии худро дар ҳама паҳно тавсеа дода, ҳамаро таҳти назорат ва контрол гирад, пайваста сохтору ниҳодҳои мухталифро ба корҳои тарбиявӣ ва худшиносӣ ҷалб намояд ва ин кори давлати демократӣ низ ба маънои томаш нест.Албатта, ташкил кардан мумкин, вале бо мушкилиҳои зиёди илмӣ, ташкилӣ ва касбӣ лозим мешавад. Барои ин қабл аз ҳама зарур аст, ки худи низоми таълим ва кори ташкилоту муассисаҳоро дар чаҳорчӯби низоми манфиатҳои миллӣ бо риояи ахлоқ ва такмили маънавиёти субйектон роҳандозӣ намуд.

Ҷаҳон дар остонаи ҳазораи се бо роҳҳои мураккабу печида инсониятро ба сӯйи ояндаи номуайян ҳидоят менамояд, ки шинохту пешбинии ҳодисоти он ба беҳтарин ва баргузидатарин ашхоси илмии даврони нав ба осонӣ ба даст намеояд.

Ҳар нафаре, ки аз рӯзгори гузаштагон хуб огоҳӣ дорад, ба осонӣ пай мебарад, ки таърих нисбат ба ин даврон хеле баланд ва ҷиддӣ ҳарф хоҳад зад. Ин давронест, ки бо ҳама мушкилиҳояш чунин муносибатро арзанда аст, зеро маҷмӯи ҳодисоту лапишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодию ҳуқуқии он то он дараҷа тақдирсозу тағйирпазиранд, ки садоҳои он ба умқи садсолаҳои оянда ба ҳайси як даврони гардиши куллӣ бидуни мушкилӣ хоҳад расид.

Яке аз рукнҳои муҳими бунёди давлати милли истиқлолияти давлатист. Истиқлолият ин танҳо бо эълон

намудану қабули санади соҳибихтиёрӣ ва Эъломия анҷом наёфта, ҳуқуқи халқу миллатро ба таъсиси ҳокимияти давлатии мустақил дар дохили кишвар амалӣ намудану онро чун субйекти соҳибихтиёр ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ва майдони мубоязаи ҳастӣ ворид сохтан аст.

Аз дидгоҳи ҳуқуқи конститутсионии муосир истиқлолияти давлатӣ сарчашмаи худро аз соҳибихтиёрии давлатӣ мегирад. Соҳибихтиёрии давлатӣ як навъи соҳибихтиёрии умумист. Соҳибихтиёрӣ усулан ба се навъ тақсим мешавад: халқӣ, миллӣ ва давлатӣ[86]. Соҳибихтиёрии халқӣ дар ифодаи иродаи халқ ҳамчун манбаи ҳокимияти давлатӣ зоҳир меёбад. Яъне халқ сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатист. Барои соҳибихтиёрии халқӣ демократия ва институтҳои демократӣ, қонуният ва низоми интихоботи озод, пинҳонӣ ва шаффоф хизмат мекунад. Ба як маънӣ халқ дар муайян намудани тарзи зиндагӣ, шакли идора ва низоми иқтисодию иҷтимоӣ соҳибихтиёр аст.

Соҳибихтиёрии миллӣ – ин мустақиман бе дахолати дигар миллатҳо ҳуқуқи худро дар муттаҳид шудан, таъсис додани давлати мустақил ва муайянкунии мақоми сиёсии худ дарк кардан аст. Натиҷаи амалӣ шудани соҳибихтиёрии миллӣ таъсиси давлати миллист.

Соҳибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунии миллист. Одатан дар давлатҳои федеративӣ ҷумҳуриҳои аъзои он соҳибихтиёрии халқӣ ва миллиро доранд, аммо соҳибихтиёрии давлатиро, ки мустақилияти давлатро ҳамчун соҳибихтиёрии сиёсӣ дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд, доро нестанд. Чунин ҳуқуқ ба аъзои федератсия ва ё штатҳо дар баъзе аз кишварҳо ба тариқи маҳдуд пешниҳод шудааст.

[86] Конституция Российской федерации: научно-практический комментарий. под ред. академика Топорнина, М.2003. - С.97.

Умуман соҳибихтиёрии давлатӣ, ки ба истиқлолияти давлатӣ анҷом мепазирад, зинаи охирини соҳибихтиёрист, ки мустақилияти давлатро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд. «Соҳибихтиёрии давлатӣ – волоият ва мустақилияти ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва муносибатҳои хориҷи кишвар аст. Соҳибихтиёрии давлатӣ дар конститутсияҳо муаррифӣ гардида, нишонаи муҳими давлат аст. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субйекти мустақил баромад карданро дорад»[87].Соҳибихтиёрии давлатӣ ба соҳибихтиёрии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дохилию хориҷӣ тақсим мешавад, ки дар маҷмӯъ мустақилияти давлатӣ ва ё истиқлолияти онро мефаҳмонад. Соҳибихтиёрии сиёсӣ ҳокимияти ягонаи давлатӣ-ҳуқуқӣ дар ҳудуди муайян, низоми ягонаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, қонунҳои ягона ва тартиботи якхеларо баён мекунад.

Ба андешаи ҳуқуқшиноси шинохтаи ватанӣ А. Имомов соҳибихтиёрии Тоҷикистон хусусияти хоси ӯ буда, ҳокимияти олии ягона ва истиқлолияти ӯро ифода мекунад,[88] соҳибихтиёрии давлатӣ дар заминаи соҳибихтиёрии халқ амалӣ мегардад ва яке аз шаклҳои ифодагардии соҳибихтиёрии халқ соҳибихтиёрии миллӣ мебошад.[89]

Ҳамин тавр, мо алоқамандии устувори соҳибихтиёрии давлатӣ, халқӣ ва миллиро мушоҳида мекунем, ки он бо рукнҳои асосии васлкунанда ҳокимияти олии давлатӣ, ваҳдат ва истиқлолияти давлатӣ[90] ягонагӣ ва умумияти худро ҳифз менамояд.

---

[87] Арутюнян Г.Г., М.В. Баглай. Конституционное право. Энциклопедический словарь. М. 2006. - С.471.

[88] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004. - С.195.

[89] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004. - С.196-197.

[90] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004. - С.197.

Тоҷикистон то пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ соҳибихтиёрии халқӣ ва миллиро нисбатан дошт, аммо пас аз пош хӯрдани Иттиҳод, ки дар асоси шартнома ҳуқуқҳо маҳдуд шуда буд, ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ то соҳибихтиёрии давлатӣ ба Тоҷикистон насиб гашт. Ба кишвари мо зарур буд, ки ба мафҳум ва аҳамияти ин неъматҳои олӣ ба дурустӣ сарфаҳм рафта, онро ба манфиати умум истифода намояд.

Эълом намудани истиқлолияти кишвар, аз роҳи вазнину ноҳамвор ҳифз намудани он ва баромад ба низоми давлатҳои ҷаҳонӣ бо мақсади эътирофи миллати соҳибдавлат дар назди мардуми Тоҷикистон тайи 32 соли истиқлолият, вазифа ва муаммоҳои мухталифи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро пеш гузошта истодааст.

Дар сарҳади ду тамаддуни аз назари иқтисод тафовутдошта (капитализм ва сотсиализм), ду идеологияи таърихан ноошно (дунявият ва ислом) ва гурӯҳи забонҳои аз қадим дар рақобатбуда (забонҳои форсӣ ва туркӣ), давлати Тоҷикистон қарор гирифта, баъд аз пошхӯрии низоми давлати шуравӣ як нуктаи ниҳоят дарднок ва осонгирро мемонд.

Аммо ҳамаи ин дар назди иродаи қавии халқу миллатҳо, ки роҳи бебозгашти хешро ба сохибихтиёрию истиқлолият муайян намудаанду ҳамдигарфаҳмию ваҳдатро аз ҳама неъматҳо боло медонанд, ҳеҷ аст… Ва ҳеҷ бояд бимонад… Аммо барои ин мардуми ин кишварҳо ва давлатҳои тозаистиқлол, чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкид намудаанд, ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, дар роҳи муттаҳид сохтани қишрҳои мухталифи ҷомеа дар атрофи арзишҳои олии давлат саҳмгузор бошанд.

Имомов А. дуруст қайд менамоянд, ки соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон неъмати бузургест, ки миллати тоҷик ва тамоми мардуми ҷумҳурӣ ба он комёб шудааст. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии ҷумҳуриро қадр кардан, пойдории онро

устувор гардонидан ва ҳифзи онро таъмин намудан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди он мебошад.[91]

Садаи XX ва XX1 ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун маҳаки муҳимму марказии инкишоф ва баҳодиҳии воқеияти давлату давлатдорӣ муайян кардааст. Ба ин хотир ҳама арзишҳои дигар бояд баҳри амалишавии он нигаронида шуда, дар хизмати он гузошта шаванд. Давлат, сиёсат ва ҳама гуна манфиат, ба қавли И.Кант, бояд назди ҳуқуқи инсон сари таъзим фуруд оранд.

Барои ин зарур аст, ки илми ҳуқуқшиносӣ ва раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳлилҳои устувори мантиқӣ, аналитикӣ, дастрасии дастовардҳои ҷаҳонӣ ва таърихӣ ҳамагуна арзиш, манфиат, принсип ва усулҳои ҳуқуқиро дар мизони адл тарзе ҷо ба ҷо гузорад, ки ҳақиқат, озодӣ, адолат ва баробарии инсонҳо зарар наёбад.

## ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Раҷабов С.А.**
**д.и.ҳ., профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Мо дар арафаи ҷашни Истиқлоли давлатӣ қарор дорем, ки худ дастоварди бузурги халқи тоҷик аст ва бидуни он рушди илми ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалиро дар Тоҷикистон тасаввур кардан имконнопазир аст. Барои рушди ин илм сохторҳо ва ниҳодҳо зарурӣ лозиманд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 кафедра ва 2 шуъбаи ҳуқуқи

[91] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004. С.195.

байналмилалӣ дар сохторҳо ва ниҳодҳои гуногун фаъолият доранд.

Баъди таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон бо Фармони Совети Вазирони ИҶШС №643 аз 21 марти соли 1947 ва факултаи ҳуқуқшиносӣ дар с.1949 аввалин устодоне, ки аз фанни ҳуқуқи байналмилалӣ ба донишҷӯён дарс медоданд, муаллимони калон Акбаров Баҳодур, Ҳамидов Муъмин Ҳамидович (1971-1988) ва дотсент Қосимов Садриддин Маҳмудович (1984-1986) буданд.

Тавре ки муҳаққиқи илми ҳуқуқшиносӣ академик М.А.Маҳмудзода қайд намудааст: «Баробари ташкил ёфтани шуъбаи фаъолияти ҳуқуқии байналхалқӣ зарурат ба вуҷуд овардани кафедра ба миён омад, ки мебоист шуъбаи мазкурро аз ҷиҳати илмиву методӣ ва таълимӣ роҳбарӣ менамуд. Ҳамин гуна тахассусгоҳ кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ гардид, ки он бо қарори Шӯрои илмии ДДМТ аз 14 марти соли 1994 таъсис ёфт»[92].

Дар замони таъсис дар кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ 1 профессор, доктори илмҳои ҳуқуқ (Менглиев Ш.М.), 5 ассистент (Бобоев У.Х., Қодирқулов Х.Р., Раҷабов М.Н., Тоҳиров Н.Ф., Чудновский С.) ва 1 лаборант (Ҷалолиддинова М.С.) кор мекарданд. Айни ҳол дар кафедра 6 номзади илмҳои ҳуқуқ, 4 дотсент ва 5 ассистент фаъолият мебаранд. Кафедра корҳои илмию тадқиқотӣ, методӣ, таълимию тарбиявиро дар шуъбаи фаъолияти ҳуқуқии байналхалқӣ анҷом дода, таълими фанҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ ва ҳуқуқи гумрукро дар ҳамаи шуъбаҳои факултети ҳуқуқ таъмин менамояд. Вобаста ба махсусиятҳои шуъбаи фаъолияти ҳуқуқии байналхалқӣ ба шогирдон аз улуми ҳуқуқи дипломатӣ, ҳуқуқи байналхалқии

[92] Маҳмудзода М.А. Манбаи ихтисосмандони ҳуқуқ // 50 соли факултети ҳуқуқи ДДМТ: Аз водии ҷустуҷӯ то қуллаи камолот. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1999. - С.16 (Ҳамагӣ 216 с.) С.5-18

башардӯстӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунаи ҶТ, иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва савдои берунаи мамлакатҳои хориҷӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти берунаи иқтисодӣ, инчунин 15 курси махсус дарс дода мешавад, ки боиси фарох гардидани донишу ҷаҳонбинии донишҷӯён аз ҳуқуқи байналхалқӣ мегардад. Аз моҳи декабри соли 1994 то 6 марти соли 2012 *Менглиев Шомурод Менглиевич*, доктори илмҳои ҳуқуқ (аз ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ), профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масобаи мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ фаъолият намуд[93]. Аз соли 2012 то соли 2021 вазифаи мудирии ин кафедра ба дӯши *Раҷабов Маҳмадёр Носирович*, номзади илми ҳуқуқ, дотсент гузошта шуд. Аз соли 2021 то 2023 мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқии ДМТ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент *Саидов Ҳикматулло* ва аз соли 2023 то имрӯз мудирии ин кафедра ба дӯши номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент *Қодиров Некрӯз* гузошта шудааст.

Ба қалами устодони кафедра асарҳои зерин –Ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (Менглиев Ш.М.), Талофӣ намудани зарари маънавӣ (Менглиев Ш.М.), Баррасии баҳсҳои иқтисоди беруна (Менглиев Ш.М.), Ҳуқуқи инсон барои синфҳои 10 ва 11 (Менглиев Ш.М. дар ҳаммуаллифӣ), Ҳуқуқи гуреза (устодони кафедра), Қонунгузории ҶТ ва Иттифоқи Аврупо оид ба ширкатҳо: таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ (устодони кафедра), китоби дарсии «Ҳуқуқи байналхалқӣ» (устодони кафедра), Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ (дар ҳаммуаллифӣ), Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳаммуалифӣ), Ҳуқуқи байналхалқии обӣ (Мирзоев А.М.), Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ (гуруҳи устодон), Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ: тафсир

[93] Ҳамон ҷо. – С. 45

(Сулаймонов Ф.С.), Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ: дар саволу ҷавоб (Сулаймонов Ф.С.), Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Раҷабов М.Н.), Ҳуқуқи граждании ва савдои мамлакатҳои хориҷӣ (Сулаймонов Ф.С.), Танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бобоев У.Х., Салеҳов З.И.), Ҳуқуқи дипломатӣ ва консулӣ (Қодирқулов Х.Р.) ва ғ. тааллуқ доранд[94].

Дар кафедра маҳфили илмии донишҷӯён бо номи «Ҳуқуқи байналхалқӣ» амал мекунад, ки сол то сол фаъолияти он беҳтар мегардад. Тавассути ин маҳфил донишҷӯён дар арсаи байналхалқӣ донишу маҳорати худро сайқал дода, ба комёбиҳо муваффақ мегарданд. Чунончӣ, донишҷӯёни шуъбаи фаъолияти ҳуқуқии байналмилалии ДМТ дар озмун аз ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ дар шаҳри Душанбе, ки соли 2023 бо ташаббуси Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ташкил шуда буд, ҷойи якумро ишғол намуданд.

Дар ҳоли ҳозир дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ 2 нафар унвонҷӯ (Одинаева Н. ва Одинаева З.) аз ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи аврупоӣ таҳқиқот мебаранд.

Дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз соли 2013 маҷаллаи «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (қаблан аз соли 1996 то соли 2012 «Давлат ва ҳуқуқ» ном дошт) ва аз соли 2016 маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» чоп мешавад, ки дар онҳо дар қатори дигар маводҳои ҳуқуқӣ мақолаҳо роҷеъ ба ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба чоп мерасанд.

Донишгоҳи (славянӣ) Русияву Тоҷикистон соли 1996 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли

---

[94] Таърихи кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ// [Захираи электронӣ]. URL: https://law.tnu.tj/index.php/tj/sokhtori-fakultet/152-nihodho/kafedrakho/kafedrai-u-u-i-bajnalkhal-ji/736-ta-rikh (Санаи руҷуъ 20.04.2023)

1996 №141 «Дар бораи таъсиси Донишгоҳи Тоҷикистону Русия (Славянӣ)» ва бо Қарори Ҳукумати Федератсияи Русия аз 17 майи соли 1997 №604 «Дар бораи ташкил ва ба истифода додани Донишгоҳи (славянӣ) Русияву Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе таъсис дода шудааст[95].

Соли 1996 дар ДСРТ факултети иқтисод ва ҳуқуқ таъсис ёфта, соли 1999 ба факултети таърих ва ҳуқуқ табдили ном кард ва аз соли 2000 факултети ҳуқуқ ном гирифт.

Дар факултети ҳуқуқ кафедраи мазомини ҳуқуқи давлатӣ ва ҳуқуқи маданӣ таъсис ёфт, ки фанни ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстиро доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҷабов Саидумар Адинаевич дар гурӯҳҳои ҳуқуқшиносӣ (рӯзона ва ғоибона) ва муносибатҳои байналмилалӣ (рӯзона) дарс медод. Лозим ба тазаккур аст, ки дар гурӯҳи муносибатҳои байналмилалӣ дарси ҳуқуқи байналмилалӣ ба забони англисӣ тадрис мешуд. Дар натиҷа баъди панҷ сол аввалин китоби ҳуқуқи байналмилалӣ ба забони англисӣ бо муаллифии С.А.Раҷабов аз чоп баромад[96].

Соли 2002 донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДСРТ зери роҳбарии С.А. Раҷабов дар озмун аз ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ дар шаҳри Тошканд, ки бо ташаббуси Намояндагии минтақавии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ташкил шуда буд, дар миёни факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ ҷойи 2-юмро ишғол намуда, сазовори диплом гаштанд.

Кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДСРТ 2 январи соли 2013 таъсис ёфта, ба он доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент (аз ихтисоси 12.00.03) С.Н. Тағоева мудир таъин гардид. Дар кафедра

---

[95] Российско-Таджикский (Славянский) Университет. Энциклопедия. – Душанбе: Издательство РТСУ, 2011. – С.4

[96] Rajabov S.A. International Law. A Course of Lectures. Dushanbe: RTSU, 2005. 290 p.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор С.А. Раҷабов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент А.Х. Маликова, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсент У.А. Мансуров, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ф.Ф. Идизода, муаллимони калон — Е.В. Кравченко, У. Мамадамонов, Т.Д. Абдурахмонова, Х.Х. Давлатов ва дигарон кор мекарданд[97]. Аз соли 2016 то 2022 мудирии ин кафедра ба дӯши д.и.ҳ. (аз ихтисоси 12.00.03), дотсент Н.М. Имомзода ва аз соли 2023 то имрӯз н.и.ҳ. (аз ихтисоси 12.00.03), дотсент Аминова Ф. мудирии ин кафедраро ба дӯш дорад.

Аз соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносии ДСРТ маҷаллаи илмии «Паёми ҳуқуқӣ» нашр мегардад. Дар ин маҷалла аз рӯи ихтисоси 12.00.10 - ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ мақолаҳо ба чоп мерасанд.

Дар ДСРТ унвонҷӯён У.А. Мансуров (с.2008), Х.Х. Давлатов (с.2023) ва У.Мамадамонов (с.2023) рисолаҳои номзади илмҳои ҳуқуқшиносиро аз ихтисоси 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ ҳимоя намуданд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №474 аз 2 декабри соли 2005 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Институти давлат ва ҳуқуқ** таъсис ёфт, ки дар сохтори он Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ шуда буд. Роҳбарии Шуъбаро аз 3 апрели соли 2006 то имрӯз аввалин ва ягона профессор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз ихтисоси 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ) дар Тоҷикистон *Раҷабов Саидумар Адинаевич* ба уҳда дорад.

Дар давоми солҳои 1996-2007 *С.А. Раҷабов* дар донишгоҳҳои ҷаҳон, мисли Донишгоҳи Турин (Италия), Донишгоҳи Густав Штрассеман дар Бонн (Олмон), Донишгоҳи кушоди Брюссел (Белгия), Донигоҳи Ясси (Руминия), Донишгоҳи Аврупои Марказӣ дар Будапешт

---

[97] Российско-Таджикский (Славянский) Университет (1996 – 2016гг.). Монография. - Душанбе, 2016. – С.166

(Венгрия), Донишгоҳи Уммон (Иордания), Донишгоҳи Монтана (ИМА), Донишгоҳи Теҳрон (ҶИЭ), Донишгоҳи Дӯстии Халқҳои Русия, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, Донишгоҳи давлатии Новосибирск, Донишгоҳи давлатии Волгоград, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва ба номи О.Е.Кутафин (Федератсияи Русия) ва ғайра аз ҳуқуқи байналмилалӣ лексияҳо ва семинарҳо гузаронида, дар конференсияҳо ва симпозиумҳо баромад карда, обурӯ ва нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштааст.

Аз соли 2011 Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сохтори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ дохил мешавад. Дар солҳои гуногун дар ин Шуъба ходими пешбари илмӣ н.и.ҳ. Шамсиев Х.Р., ходимони калони илмӣ н.и.ҳ., дотсент Раҷабов М.Н., н.и.ҳ. Раҷабов Ф.Н., Ҷалилов К., Аҳмедов Э.Ю. ва ходимони хурди илмӣ Бекова Ф.С., Илҳомзода Р., Назиров Б.Т., Раҳмонзода Ш.Қ. ва Ҷӯрабоев Ҳ.М. кор карданд. Дар ҳоли ҳозир дар Шуъба 4 нафар ходими калони илмӣ: номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ Идизода Ф.Ф., Ҷабборов Ф.Н., Назаров Д.Қ., Маҳмадуллозода Н.Р. ва лаборанти калон Насимова Б.Н. фаъолият доранд.

Ҳадафи фаъолияти Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи проблемаҳои актуалии назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; додани хулосаҳои экспертӣ ба лоиҳаҳои муоҳидаҳо ва қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҶТ; тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи аврупоӣ; таҳия ва нашри монографияҳо, китобҳо, воситаҳои таълимӣ ва мақолаҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ иборат мебошад.

Самтҳои афзалиятноки пажӯҳиш дар Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ қарори зайл аст: таҳқиқи таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ; асосҳои

байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини сулҳ, амният ва мубориза бо ҷинояткорӣ; таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ; ҳалли низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва ғайрибайналмилалӣ; масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об; масоили актуалии мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва ғ.

Дар муддати солҳои 2006-2024 Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ се мавзӯи панҷсолаи буҷавиро бомуваффақият амалӣ намуд: 1) Проблемаҳои актуалии назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008-2012). Рақами қайди давлатӣ - 0109ТД784 аз 20.02. с. 2009; 2) Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини сулҳ, амният ва мубориза бо ҷинояткорӣ: таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ (2013-2017). Рақами қайди давлатӣ - 0113TJ00312 аз 23.04. с. 2013; 3) Пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ (2019-2023). Рақами қайди давлатӣ - 0119TJ00995 аз 07.05. с.2019.

Дар солҳои 2006-2024 илми ҳуқуқи байналмилалӣ ба дастовардҳои бузург ноил гардид. Ходимони илмии Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ 16 монография, 4 китоби дарсӣ, 10 воситаи таълимӣ, 2 брошюра, 407 мақола дар ҳаҷми 346,8 ҷ.ч. ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба чоп расониданд. Дар ин робита, яке аз дастовардҳои бузурги илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар панҷ соли охир (солҳои 2019-2024), ин аз чоп баромадани шашҷилдаи «Таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ» мебошад, ки дар қаламрави ИДМ бесобиқа буда, аз тарафи кормандони илмии Шуъбаи мазкур таҳти роҳбарии д.и.ҳ., профессор С.А.Раҷабов амалӣ гардид.

Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ низ фаъол буда, дар тӯли ин солҳо 1 доктор ва 7 номзади илмҳои ҳуқуқро тайёр намуд. Дар ҳоли ҳозир дар Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ 2 докторанти PhD: Холинов Д.М. ва Давлатзода А., 1 унвонҷӯи дараҷаи докторӣ аз рӯи

ихтисоси 12.00.05 ҳуқуқи меҳнат: ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ: ҳуқуқи аврупоӣ - Маҳмадуллозода Н.Р. бо таҳсил ва таҳқиқи масоили ҳуқуқи байналмилалӣ фаро гирифта шудаанд. Аз соли 2014 дар Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ аз ихтисоси 240101-ҳуқуқи байналмилалӣ магистратура вуҷуд дорад, ки то имрӯз онро 11 нафар бо муваффақият хатм намуданд.

Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври мунтазам дар таҳия ва тақризи барномаҳои давлатӣ, шартномаю созишномаҳои байналмилалӣ иштирок менамояд. Алалхус додани хулосаҳои экспертӣ ба лоиҳаҳои муоҳидаҳо ва қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро аз тарафи Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ алоҳида қайд кардан зарур аст. Дар муддати фаъолияти худ Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ зиёда ба 212 лоиҳаҳо ва санадҳои байналмилалӣ хулосаҳои экспертии худро пешниҳод кардааст.

Мақолаҳои илмии ходимони Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар «Маҷаллаи академии ҳуқуқ» ва маҷаллаҳои давлатҳои хориҷи дуру наздик ба чоп мерасанд, ки ин шаҳодати эътирофи илми ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ мебошад[98].

Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сохтори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ низ мавҷуд аст, ки он соли 2009 таъсис ёфт. Роҳбарии онро аввал номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмадшозода Фарҳод (аз ихтисоси 12.00.03) ва дар ҳоли ҳозир Матробов Матроб ба уҳда дорад. Шуъба дар коркарди тарҳи қонунҳо роҷеъ ба масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва тафсири онҳо саҳм мегузорад.

[98] Ниг. ба сайти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. URL: https://ifppanrt.tj/tj/2022-04-30-10-34-16/2019-11-28-07-29-30/2020-02-18-08-25-14/2020-02-18-07-59-10.html

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, тиҷорат ва сиёсати Тоҷикистон факултети ҳуқуқшиносӣ соли 1994 дар заминаи шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон бо номи факултети ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ ташкил карда шудааст. Ҳоло муовини декани факултет номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент *Ҳамидова Манзура Файзуллоевна* мебошад, ки соли 2016 дар Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург дар мавзӯи «Оқибатҳои ҳуқуқии ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба Статути Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ» аз ихтисоси 12.00.10. – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ рисолаи номзадӣ ҳимоя намудааст. Дар факултет кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалалӣ аз моҳи августи 2016 таъсис ёфтааст ва фаъолият мебарад[99].

Дар факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ вуҷуд дорад, ки он дар соли 2020 таъсис дода шудааст ва мудири аввалин он то соли 2023 н.и.ҳ. Саидмухторов Алишер Абдухолиқович буд. Аз сентябри с.2023 мудирии ин кафедраро н.и.ҳ. Сафарзода Некрӯз Файз ба уҳда дорад.

Аз моҳи сентябри соли 2020 бо дастгирии роҳбарияти Академияи идоракунии давлатӣ ва факултети дипломатия ва сиёсат барномаи тайёрии магистрӣ аз рӯи ихтисоси 240101 “Фаъолияти ҳуқуқи байналмилалӣ” барои донишҷӯён кушода шудааст.

Дар назди кафедра маҳфили илмии донишҷӯён “Ворисони Куруш” фаъолият мекунад, ки дар доираи он донишҷӯён имкон доранд масоили гуногуни ҳуқуқи байналмилалиро таҳқиқ ва баррасӣ намоянд.

---

[99] Ниг. ба сайти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. URL: http://tsulbp.tj/ fakultety-2/yurisprudencziya (Санаи руҷуъ 19.04.2023).

Мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии кафедра барои давраи солҳои 2020-2024 – «Ҷанбаҳои ҳуқуқии байналмилалии таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ нақши донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳои Федератсияи Русия: Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, МГИМО, Донишкадаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати ФР, Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Русия ва Донишгоҳи федералии Қазон калон аст.

Дар Донишгоҳи Дӯстии Халқҳои Русия Раҷабов Саитумбар Адинаевич соли 2008 рисолаи доктори илмҳои ҳуқуқро дар мавзӯи «Имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия»[100]; соли 2008 Мансуров Умед Абдуфаттоҳович рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқро дар мавзӯи «Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ[101]»; Маҳкамбоев Сироҷиддин Ҷӯрабаевич соли 2011 рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқро дар мавзӯи «Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории давлатҳо оид ба истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ»; Саидмухторов Алишер Абдухолиқович соли 2021 рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқро дар мавзӯи «Ҳамкории иқтисодии давлатҳо дар доираи АСЕАН: ҷанбаҳои байналмилалӣ-

---

[100] Раджабов Саитумбар Адинаевич. [Захираи электронӣ]. URL: https://www.dissercat.com/content/ implementatsiya-norm-mezhdunarodnogo-gumanitarnogo-prava-v-respublike-tadzhikistan-problemy- (Санаи руҷуъ 20.04.2023).

[101] Мансуров Умед Абдуфаттохович. [Захираи электронӣ]. URL: https://www.dissercat.com/content/ mezhdunarodno-pravovye-osnovy-sotrudnichestva-respubliki-tadzhikistan-s-mezhdunarodnymi-mezh(Санаи руҷуъ 20.04.2023).

ҳуқуқӣ»[102] аз ихтисоси 12.00.10. – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ ҳимоя намудаанд.

Дар Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург соли 2016 Ҳамидова Манзура Файзуллоевна дар мавзӯи «Оқибатҳои ҳуқуқии ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба Статути Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ»[103] аз ихтисоси 12.00.10. – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ рисолаи номзади илмҳои ҳуқукро ҳимоя намудааст.

Дар Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Русия соли 2011 Идиев Файзалӣ Фузайлшоевич рисолаи номзади илмҳои ҳуқукро дар мавзӯи «Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии иштироки созмонҳои байналмилалӣ дар ҳалли низоъ дар Тоҷикистон»[104]; соли 2020 Раҷабов Фирӯз Назаралиевич рисолаи номзади илмҳои ҳуқукро дар мавзӯи «Ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ»[105]; соли 2020 Ҷабборов Фарҳодҷон Нозимович рисолаи номзади илмҳои ҳуқукро дар мавзӯи «Проблемаҳои ҳуқуқии истифодаи обҳои фаромарзӣ (дар

---

[102] Саидмухторов Алишер Абдухоликович. [Захираи электронӣ]. URL: http://dissovet.rudn.ru/web-local/ prep/rj/index.php?id=65&mod=dis&dis_id=3053 (Санаи руҷуъ 20.04.2023)

[103] Хамидова Манзура Файзуллоевна. [Захираи электронӣ]. URL: https:||www/dissercat/com|content| pravovye-posledstviya-prisoedineniya-tadzhikistana-k-statutu-mezhdunarodnogo-ugolovnogo-suda (Санаи руҷуъ 20.04.2023).

[104] Идиев Файзали Фузайлшоевич.[Захираи электронӣ]. URL: https:// law/tnu/tj/index/php/ru/struktura-fakulteta/74-teach-sciens/kafedry/prepodavateli/184-idiev-fajzali-fuzajlshoevich (Санаи руҷуъ 20.04.2023)

[105] Раджабов Фируз Назаралиевич // [Захираи электронӣ]. URL: https://www.dissercat.com/content/ mezhdunarodno-pravovoe-sotrudnichestvo-v-sfere-ugolovnogo-sudoproizvodstva-mezhdu-respubliko (Санаи руҷуъ 20.04. 2023).

мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»[106] аз ихтисоси 12.00.10. – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ ҳимоя намуданд.

Дар МГИМО-и ш. Маскав Содиков Шарбатулло Джаборович соли 2011 рисолаи номзади илҳои ҳуқукро дар мавзӯи «Институти ҳимояи дипломатӣ дар ҳуқуқи байналмилалии муосир» аз ихтисоси 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ ҳимоя намудааст. Ӯ ҳоло ба ҳайси ҷонишини раиси коллегияи адвокатхои шаҳри Москва «Қонун ва адолат», ходими калони илмии Маркази таҳлилии МГИМО-и Вазорати корҳои хориҷии Русия ва коршиноси Шӯро оид ба корҳои байналмилалии Русия фаъолият мекунад[107].

Дар Донишкадаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати ФР соли 2019 Ғайбуллозода Лола Иброҳим дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО»[108] аз ихтисоси 12.00.10. – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ рисолаи номзади илмҳои ҳуқукро ҳимоя намуд.

Дар Донишгоҳи федералии Қазон соли 2018 Ахмедов Эргаш Юлдошевич дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкории давлатҳо дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ бо мусоидати мақомоти ёрирасони Шӯрои Амнияти СММ ва созмонҳои минтақавии ИДМ ва

---

[106]Джабборов Фарходджон Нозимович. [Захираи электронӣ]. URL: https://www/dissercat/com/ content/pravovye-problemy-ispolzovaniya-transgranichnykh-vodotokov-na-primere-respubliki-tadzhikistan (Санаи руҷуъ 20.04. 2023).

[107] Ниг.: Содиков Шарбатулло Джаборович – биография. URL: http:sodikov/viperson/ru (Санаи руҷуъ 19.04. 2023).

[108]Гайбуллозода Лола Иброхим. [Захираи электронӣ]. URL: https://www.dissercat.com/content/ mezhdunarodno-pravovye-osnovy-sotrudnichestva-respubliki-tadzhikistan-i-yunesko (Санаи руҷуъ 20.04.2023).

СҲШ»[109] аз ихтисоси 12.00.10. – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ рисолаи номзади илмҳои ҳуқукро ҳимоя намуд.

Тавре ки мебинем, ҳуқуқи байналмилалӣ дар Тоҷикистон рушд карда истодааст ва ин раванд идома хоҳад ёфт. Дар зери таъсири ҳодисаҳои объективӣ, васеъшавии ҷаҳонишавӣ ва вусъати ҳамкории байналмилалӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор соҳаҳои мустақил ташаккул ёфтанд. Бахусус, чунин соҳаҳои мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ мисли таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалии об, ҳуқуқи байналмилалии экологӣ ва ғ. бо суръат рушд карда истодаанд. Дастовардҳои илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ хеле назаррас мебошанд. Коллективи олимони тоҷик китоби дарсии “Ҳуқуқи байналмилалӣ” – ро ба се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, 6-ҷилдаи “Таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ”, “Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалӣ” -ро аз чоп бароварданд. Бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти ҶТ №222.шд аз 05.07. с. 2024 Шӯрои диссертатсионӣ оид ба ихтисоси 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ дар назди ИФСҲ АМИТ таъсис дода шуд, ки дар омода кардани кадрҳои баландихтисосӣ илми ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар давоми 33 соли охир ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии минтақавӣ, аз қабили масоили марзӣ, амнияти минтақавӣ, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, мубориза бо хариду

---

[109]Ахмедов Эргаш Юлдошевич.[Захираи электронӣ]. URL: https://www.dissercat.com/content/ mezhdunarodno-pravovye-osnovy-sotrudnichestva-gosudarstv-v-borbe-s-mezhdunarodnym-terrorizmo (Санаи руҷуъ 20.04.2023).

фурӯши одамон, баҳсҳои вобаста ба об, мубориз бо терроризми байналмилалӣ ва ғ. нақши муҳим бозид. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ инчунин барои таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистони тозаистиқлол аҳамияти калон дошт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро, ки принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байалмилалиро муқаррар мекунанд, эътироф кардааст ва ҳамчун субъекти комилҳуқуқи ҳуқуқи байналмилалӣ масъулияти риоя намудани онҳоро дорад.

Принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ барои Тоҷикистон аҳамияти муҳим дошта, муқаррароти онҳо чи тавре, ки дар Конститутсияи ҶТ(б.3 м.10) омадааст, аз қонунҳои миллии мо бартарият доранд, ба шарте ки онҳо хусусияти jus cogens дошта бошанд ё аз муқаррароти шартномаҳои байналмилалии давлати мо бармеоянд.

Моро зарур аст, ки мактаби ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистонро аз бунбасти академие, ки дар ҳоли ҳозир дар он қарор дорад, берун барорем. Ба хусус ин мактаб дар баробари фазои тоҷикзабонӣ, ба арсаи академии байналмилалӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ ворид шавад. Дар ин сурат, ассотсиатсияҳои бонуфузи ҳуқуқи байналмилалӣ – аз қабили аврупоӣ, амрикоӣ ё осиёӣ аз таҷрибаи олимони тоҷик баҳра хоҳанд бурд. Аз сӯйи дигар, донишмандони тоҷик низ ба доктринаҳои ҳуқуқи байналмилалии давлатҳои хориҷӣ шинос хоҳанд шуд. Ба ин мақсад, моро зарур аст, ки Ассотсиатсияи миллии ҳуқуқи байналмилалиро дар Тоҷикистон таъсис диҳем.

Аз фурсати муносиб истифода намуда ҳамаи шуморо бо ҷашни Истиқлоли давлатӣ табрик ва муборакбод гуфта , бароятон сарафрозӣ, саодатмандӣ, саломатӣ ва муваффақиятҳои эҷодӣ таманно дорам.

# НАҚШИ ОМӮЗИШУ ТАРҒИБИ АФКОРИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИ ҶОМЕА ВА ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Буризода Эмомалӣ Бозор**
**д.и.ҳ., профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ**

Тоҷикистон дар арафаи ҷашни бузурги Истиқлолияти кишвар қарор дорад. Аз соҳибистиқлол гаштани кишвар 33 сол мегузарад. Ин муддати на он қадар зиёд, вале барои мардуми Тоҷикистон марҳилаи бузурги таърихӣ мебошад, чунки Истиқлолият мисли кишварҳои дигари собиқ Шуравӣ осон ба даст наомад. Пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ заминаи пайдоиш ва рушди ҳизбу ҳаракатҳои гуногун гашта, зиддияти ошкору ниҳони онҳо, дар баробари масоили гуногуни иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву кадрӣ, фарҳангиву маҳалгароӣ сабабгори оғоз гаштани ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ харобиҳои зиёдеро ба бор оварда, сабаби кушта шудани ҳазорон шаҳрвандони кишвар, махсусан ҷавонон гашт. Албатта, аҳолии Тоҷикистони Шуравӣ, ки зери таъсири бузурги идеологияи ҳамафарогири марксистӣ тарбия ёфта буд, аксарият оянда ҳаёти минбаъдаи худро берун аз он тасаввур карда наметавонистанд. Аз из лиҳоз, зиддияти наву куҳна, ки ҷонибдорони нав дар ҷомеа аққалият буданд, хеле тезутунд ва дурудароз давом кард. Дар давоми ҷанги шаҳрвандӣ ва ду даҳсолаи минбаъда андешаву ғояҳои гуногун дар ҷомеа радду бадал гашта, минбаъд роҳи рушди муосир пеш гирифта шуд.

Имрӯз Тоҷикистон давлати шакли ҷумҳурӣ, воҳид, демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ эътироф гардидааст, ки дар лаҳзаҳои ба даст овардани Истиқлол касе ё гуруҳу ҳизбе ин андешаҳоро пайравӣ надошт. Яъне давлати

муосири тоҷик дар натиҷаи баҳсҳои тулонии чӣ лафзӣ ва чӣ ҷангӣ, мубоэизаҳои хунину гуфтушунидҳои зиёд, махсусан мубоэизаву фаъолияти шабонарузии Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон шакл гирифта, хусусиётҳи хос пайдо намуда, сиёсати дохиливу хориҷии худро таҳия ва амалӣ намуд.

Танҳо мубориэаҳои тулонӣ, тарғибу ташвиқи ороми дар кишвар, ватандустӣ, меҳнати ҳалол, бахшиши ҳамдигарӣ заминаи шинохти мавқеи тоҷикон дар кишвар ва дар аксаи ҷаҳонӣ гардида, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои кишвар маҳаки фаъолияти давлату миллат эътироф гардид.

Албатта, вазъи муосири кишвар дар муддати мадид ба ин ҳолат расида ва дар ташаккули он нақши омилҳои гуногун муҳим аст. Яке аз нақшҳои ҳалкунандаро дар баробари дигар омилҳо рушди қонунгузории конститутсионӣ бозида, қабули қонунҳои гуногун аз қонунҳои авфи мухолифон оғоз намуда, то Конститутсияи (Сарқонуни) нави ҷумҳурӣ 6 ноябри соли 1994, интихоби Президент баъд аз фосилаи дусолаи барҳам додани ин мансаби олии давлатӣ заминаи ба ҳаёти осоишта баргаштани кишвар гардид. Албатта, қонунгузории амалкунанда ба таври мунтазам ташаккулу рушдро вобаста ба рушди ҷомеа тақозо мекунад ва он бояд муносибатҳои нав ба вуҷудояндаро низ танзим намояд. Беҳуду нест, ки соли 2024 соли «Маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Агар ба таърихи марҳилаи соҳибистиқлолӣ назар андозем, пас, 33 соли Истиқлолияти кишвар барои аҳли ҷомеаи тоҷик ҳам рузҳои хушбахтиву саодат ва низ ҳаводиси баду манфиро ба бор овард. Тоҷикистон дар шароити муосири геополитикӣ мақоми махсуси худро дар ин муносибатҳо ишғол намуда, ҳаводиси дар атрофи он ба вуқупайваста, моро доимо барои ҳушёрии сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ-мазҳабӣ, ҷаҳонбинӣ, таърихӣ, илмӣ ва ғайра такон медиҳад. Имрӯз ба қавли Пешвои миллат мо ҳушёрии сиёсиро бояд аз даст надиҳем. Албатта, ҳушёрии сиёсӣ ҷамъи

манфиатҳои кишвару миллатро дар бар гирифта, омузиш, шиносоӣ, эътироф, ҳимоя ва таъмини устувори онҳоро дар назар дорад. Имрӯз на танҳо манфиатҳои сиёсӣ ба ҳимоя эҳтиёҷ доранд, балки анъанаву тарзи ҳаёти мо, дину мазҳаб, фарҳанги бостонии мо, ахлоқу анъанаҳои мо, таърихи ниёгони мо ба ҳимоя эҳтиёҷ дорад. Пеш аз ҳама, илми мо ба ҳимоя ва дастгирӣ эҳтиёҷ дорад.

Аз ин нуктаи назар ба мубраммияти мавзуи пешниҳодшуда шубҳа нест.

Муҳимияти тадқиқоти мавзуи мазкур дар тамоми давраҳои ташаккулёбии миллати тоҷик мақоми хоса касб карда, имрӯз низ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 махсус дарҷ гардидааст. Дар банди 63-юми Консепсияи мазкур гуфта мешавад, ки "Яке аз омилҳои босамар амалӣ гаштани сиёсати ҳуқуқии **давлат ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ин** инкишоф додани илми ҳуқуқшиносӣ дар давлат мебошад. Пояи қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии кишварро тадқиқотҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масоили гуногуни доғи рӯз ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ мешаванд, ҷанбаҳои гуногуни он, аз ҷумла қонуниятҳои рушди онҳо ошкор гардида, таҷрибаи давлатҳои дигар, таҷрибаи таърихию ҳуқуқии давлатдории тоҷикон омӯхта мешаванд"[110].

Дар ин росто, омузишу дарки афкори сиёсиву ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа, ташаккул додани шаҳрванди аз ҷиҳати сиёсиву ҳуқуқи ташаккулёфта ва дар навбати худ рушди давлати ҳуқуқбунёд саҳми муассир

---

[110] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тасдиқ гардидааст // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Суроға: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=564 (Санаи мурочиат: 31.05.2019)

дорад. Танҳо донишҳои қавии ҳуқуқӣ, малакаи истифодаи онҳо дар ҳаёт, иродаи қавии шаҳрванд, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳояш, инчунин манфиатҳои милливу кишвар равона шудааст, пояи рушди ҷомеаи муосир шуда метавонад.

Дар ин росто бояд қайд намуд, ки кулли илмҳои ҳуқуқшиносӣ як низоми боҳам алоқаманди ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки дар ҳамбастагӣ ва алоқамандии байниҳамдигарӣ метавонанд, ки моро ба ҳадафҳо расонанд ва барои баланд бардоштани ҳолати маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбиниву рафтори ҳуқуқӣ мусоидат намоянд. Вале дар дохили низоми мазкур муайян намудани ҷойгоҳи ҳар як илми ҳуқуқшиносӣ ва давлатшиносӣ зарурат дорад, чунки арзиши илми алоҳида ҷойгоҳи онро дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва махсусан барои ба ҳадафҳои он расидан мусоидат мекунад.

Дар баробари ин дар кишвар мавқеи қонунгузорӣ рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Вале таҷрибаи амал ва истифодаи қонунҳо баёнгари он аст, ки ҳуқуқ танҳо меъёри қонун набуда, мавҷудияти қонун муҳим аст, аммо барои шинохту дарки мубрамияти қабули лоиҳа, таҳия ва қабули он, мавриди амал қарор гирифтани он, шарҳу тавзеҳ ва тафсири он, мутобиқ намудани он ба шароити нав фаъолиятҳои густардаеро амалӣ намудан зарур аст, ки дар сурати набудани чунин фаъолиятҳо қонун беамал боқӣ мемонад.

Яке аз илмҳои ҷавҳарие, ки барои дарки дурусти ҳуқуқ ва қонунгузории амалкунанда мусоидат менамояд, ин илми таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. То даҳсолаҳои охир махсусан ҳангоми омузиши илми мазкур бепарвоии устодони мо зоҳир шуда, ҳатто кушиши ошкор намудани таълимоти мутафаккирони тоҷик ба назар намерасид. Танҳо аз ҷониби баъзе муҳаққиқони тоҷик, масалан профессор Шарофзода Рустам оид ба афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии асримиёнагии тоҷикон таҳқиқоти ҷиддии ҳуқуқӣ амали шуда, қисмате аз мавзуҳо аз ҷониби мо, Зоир Ҷурахон Маҷидзода, Абдураҳим

Холиқзода, Абдулхонов Файзали Маҳмудович ва дигар муаррихони ҳуқуқ баррасӣ шуда буду халос.

Албатта, як қатор андешаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсиву ахлоқӣ ва ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик аз ҷониби файласуфу, сиёсатшиносон, забоншиносу муаррихони тоҷик низ мавриди омузиш қарор гирифтаанд. Вале аксарияти намояндагони илмҳои дигар, ба андешаҳои давлатдориву ҳуқуқии ин мутафаккирон диққати ҷиддӣ надодаанд.

Минбаъд аз ҷониби як қатор муҳаққиқони ҷавон, аз ҷумла Кенҷаев Шуҳрат, Фируз Шоев, Қодирзода Саидмуссо, Давлатов Маъруф ва дигарон мавзуи баҳси ин илм ба риштаи таҳқиқот кашида шуда, осори ҷиддии илмӣ имрӯз ба даст омадааст, ки дар такя ба онҳо мо бо ифтихор гуфта метавонем, ки мутафаккирони тоҷик соҳиби таълимотҳои барҷастаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ буданд.

Албатта, мо дар яке мақола наметавонем, оид ба кулли андешаҳои сиёсиву ҳукӯкии мутафаккирони тоҷик таҳлил наҷом диҳем. Вале бояд эътироф намуд, ки андешаву ғояҳои мутафаккирони тоҷик як хусусияти хос доранд, ки он мубраммияти ин андешаҳо то замони муосир мебошад. Аксарияти кулли андешаҳои мутафаккирони мо то имрӯз мубраммияти хешро гум наккарда, бюаръакс дар шароити нав бо мазмунун мундариҷаи хос мавриди татбиқу истифода дар кишварҳои гуногун қарор мегиранд. Бесабаб, аксарияти мутафаккирони тоҷик мутафаккирони ҷаҳонӣ шинохта нашудаaанд, аксарияти миллатҳои ҷаҳон мутафаккирони тоҷикро «соҳибӣ» кардан мехоҳанд, ки сабаби он дар машҳур будан, хиради азалӣ ва пешниҳодҳои бузург дар самтҳои гуногуни ҳаёт аз ҷониби онҳо мебошад.

Дар байни мутафаккирон унвони ҷаҳонии «муаллими инсоният» вуҷуд дорад, аз сеи онҳо ба ғайр аз Арасту, «Муаллими сонӣ» – Форобии тоҷик ва «Муаллими солис» Мискавайҳ низ мутафаккири тоҷик аст.

Бинобар ин имрӯз ва дар оянда ба роҳ мондани таҳқиқоти ҷиддии илмӣ дар самти омузиши андешаҳои мутафаккирони маҳз форсу тоҷик бояд барои мо самти афзалиятноки илмӣ бошад.

Имруз ман бо овардани андешаҳои баъзе мутафаккирони тоҷик иктифо мекунам, вале умедворам, ки кулли таълимоти мутафаккирони маорифпарвару давлатшиноси мо бояд мавриди омузиши ҷиддии илми қарор бигиранд.

Яке аз бузургтарин мутафаккирони тоҷик Абунасри Форобӣ (870-950) мебошанд, ки андешаҳои пешниҳоднамудаашон барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистони муосир арзишманд аст.

Андешаҳои Форобӣ оид ба ҷомеа, ахлоқу одоб ва давлатдорӣ то имрӯз барои тарбияи ҷомеа ва насли нав хизмати арзанда мекунанд. Агар ба таълимоти Абунасри Форобӣ назар кунем, ин мутафаккири бузурги тоҷик талабот оид ба ишғоли мансаби сарвари давлат таҳия намуда, масъалаи шаклҳои давлат, вазифаҳои давлатро мушаххас намуда, дар сурати пайдо нашудани шахси ба талаботи гузошташуда мувофиқ - идоракунии дастаҷамъиро (коллегиалӣ) талаб мекунад.

Ба андешаи Форобӣ қобилияти сарварӣ қобилиятест, ки аз кудакӣ бояд тарбия карда шавад. Одамонро ба се категория тақсим намуда, танҳо категорияи якумро лоиқ ба сарварии ҷомеа мешуморад. Ин категория нафароне ҳастанд, вазифаҳои дар назди ҷомеа гузошташударо дарк мекунанд, мақсадҳои гузошта метавонанд ва ин мақсадҳоро амалӣ карда метавонанд. Категорияи дуюм, нафароне ҳастанд, ки мақсадгузорӣ карда наметавонанд, аммо мақсаду барномаи гузошташударо мефаҳманд ва онро амалӣ карда метавонанд. Гуруҳи сеюм, нафароне ҳастанд, ки иҷрокунанда ҳастанд, яъне на мақсад гузошта метавонанд, на барои иҷрои он дигаронро роҳбарӣ карда метавонанд. Аз ин сабаб танҳо нафаре роҳбар шуда метавонад, ки ягон вақт тобеъ набошад,

баръакси андешаи Арасту ки шахс агар тобеъи дигарон набошад ва зинаҳои идоракуниро нагузашта бошад, роҳбар шуда наметавонад, мегуфт.

Имрӯз яке аз вазифаҳои муҳими давлати моро **мубориза бо идеологияи бегона**, (мисолаш пушиши либоси бегона) ва ғайра ташкил мекунад. Ин вазифа оё собиқаи таърихӣ дар давлатдории тоҷикон дорад ё на? Бинед, Форобӣ ухдадориву вазифаҳои давлатро дар назди ҷомеа мушаххас намуда, дар қатори чунин вазифаҳои давлат, аз қабили таълиму тарбияи аҳолӣ, қонунгузорӣ, яъне қабулкардани қонун, диққат кунед: **мубориза бо идеологияи бегонаро** номбар намудааст. Ба андешаи Форобӣ танҳо ҷомеае, ки ғоя ва таълимоти ягонаро пайравӣ мекунад ба саодат мерасад ва ин гуна давлат номи **Мадинаи фозиларо** мегирад.

Форобӣ яке аз нафароне аст, ки ягонагӣ, ҳушёрии сиёсӣ, одоби ҳамидаро дар ҷамъият пешниҳод намуда, гузоштани мақсадҳои поку волоро дар зиндагӣ талаб мекунад.

Ташаккули Мадина (ҷомеа-давлат) навиштааст Форобӣ, аз иродаи озоди шаҳрвандон” вобаста аст, яъне шаҳрванди ҳушёрии сиёсӣ ва иродаи озод доштаро эътироф мекунад.

Ба вазифа (мансаб) бояд вобаста ба қобилият тайин кард, талаби Форобист. У идоракунии донишманд, яъне мутахассисонро тавсия кардааст.

Дар баланд бардоштани маърифати ҳуқукии аҳолӣ таълимоти яке аз мутафаккирони барҷастаи тоҷик Мискавайҳ (930/36-1030) хеле судманд ба назар мерасад. Мискавайҳ мушовиру китобдор, надими давлати Бувайҳиён буда, дар самтҳои гуногуни илми замони муосираш осори гаронбаҳо аз худ боқӣ гузошта, унвони «муаллими сонӣ», устоди сеюми инсониятро баъд аз Арастуву Форобӣ барои рушд додани илми ахлоқ (Этика) гирифтааст. Мискавайҳ махсусан оид ба ҳокимият, илми сиёсат, идоракунӣ ва ҳуқуқ андешаҳои бикр баён намудааст, ки ҳатто қисми олимон онҳоро моли ғарбиён

мешуморанд, ҳарчанд садсолаҳо баъд аз ӯ ғарбиён ин андешаҳоро гуё кашф ва баён намудаанд.

Масоили муҳимтарине, ки барои баланд бардоштани маърифати умумӣ ва сиёсиву ҳуқуқии ҷавонон ва махсусан муҳаққиқони муосир зарур аст, ва аз ҷониби Мисквайҳ пешниҳод шудааст инҳо мебошанд:

Якум, **сабабҳои пайдоиши ҷомеъа.** Мискавайҳ дар таҳлили масъалаи мазкур андешаи муҳаққиқонро таҳқиқ намуда, ба хулоса омадааст, ки омилу сабабҳои то имрӯз номбаршуда барои таъсиси ҷомеъа кифоя нестанд, балки омилу сабабҳои гуногун заминаи пайдоиши ҷомеъаи башарӣ гаштаанд.

Мискавайҳ омили номбаршударо ба таври худ шарҳ дода чунин андеша дорад, ки инсон дар сурати ба танҳоӣ зиндагонӣ кардан наметавонад талаботу манфиатҳои шахсии худро ба таври комил амалӣ созад. Аз ин сабаб, вай маҷбур аст бо дигарон ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ намояд. Инсон танҳо **ақл** дорад, ки бо ёрии он бо дигарон ҳамроҳ гардида, талаботи худро қонеъ мегардонад. Сабаби дигари таъсиси ҷомеъа - нотавонии инсонро номбар кардааст. Омили дигари муассир дар пайдоиши ҷомеъаи башарӣ ва барои инсон муҳим - тарбияи хислатҳои некро эътироф кардааст.

Асосан чунин омилҳо номбар шудаанд: а) табиатан маданӣ ва иҷтимоӣ будани инсон; б) адолати илоҳӣ; в) таҳсили фазоил, камолот; г) тарс ва ночории фарди алоҳида; д) нотавонии инсон дар муқобили табиат; ва е) пешгирӣ аз зулму ситам аст, ки "ҳамагӣ даст ба дасти ҳам дода, ҷамъияти инсониро ба вуҷуд овардаанд". Як қисми омилҳо инсонро барои касби ҳуқуқу озодиҳои фитрии худ, дигар қисмати онҳо – барои эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва риояи низому тартиботи ҳуқуқии дар ҷомеа ҳукмрон тарбия мекунанд.

Дигар андешае, ки моро барои омузишу таҳқик раҳнамун месозад, ин **хос будани рушду тараққиёт ба таърихи**

**башарият аст.** Ҷомеаи башарӣ тибқи таълимоти Мискавайҳ аз иҷтимои кучаки хонавода оғоз гардида, бо ташаккулёбии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба авҷи такомули худ мерасад ва маърифатпазир аст.

**Одам - махлуқи мутамаддин ва иҷтимоӣ.** Таълимоти Мискавайҳ махсусан дар тарбияи шаҳрванди фаъол басо бузург буда, ба дарди замони муосир мехурад. Мутафаккир, тарбияи инсони комилро бе ҷомеа ва берун аз ҷомеа эътироф намекунад, ӯ зидди ҷомеагурезӣ аст. Ба андешаи мутафаккир, фард танҳо дар ҷомеъа ба инсон табдил меёбад, манфиатҳои худро амалӣ карда метавонад ва ба хушбахтӣ мерасад.

Мискавайҳ яке аз масоили муҳими илмҳои ҷомеъашиносӣ, ҳамкорию шарикии иҷтимоӣ, ҷомеапазирии инсонро таҳлилу баррасӣ намудааст, ки тибқи он шахсияти инсон танҳо дар ҷомеа ва таҳти тарбияи ҷомеа ба вуҷуд меояд. Онҳое, ки аз ҷомеа дурӣ меҷӯянд ягон вақт хислатҳои беҳтарини инсонро дар худ тарбия ва аз худ зоҳир карда наметавонанд, чунки ин хислатҳо танҳо дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд. Одам махлуқи ҷамъиятӣ буда, кушиш менамояд, ки фаъолияти худро дар ҷомеа амалӣ созад.

**Иродаи инсон омили рушди ҷомеъа**. Ба андешаи Мискавайҳ, муҳимтарин омили тағйирдиҳандаи ҷомеа *иродаи инсон* мебошад. Мискавайҳ омилҳои дигар аз ҷумла, омили иқтисодӣ ва омили диниро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки **инсон ва танҳо инсон заминаи тағйироту рушди ҷомеа шуда метавонад**. Иродаи инсон дар фаъолияти давлат ва роҳбари он таҷассум меёбад. Давлат ва роҳбари он на танҳо иродаи инсонро инъикос мекунанд, балки иродаи умумии аҳли ҷомеаро таҷассум ва татбиқ низ менамоянд. Яъне қонуну барномаҳои давлатӣ ин талаботи ҳаррӯзаи ҳар як шаҳрванди кишвар аст, ки бояд амали намоем.

Ба андешаи Мискавайҳ п**ринсипи адолат –ҷавҳари муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва давлатӣ** мебошад. Мавҷудияти адолат дар ҷомеа, ба андешаи

мутафаккир, сабаби ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамоҳангию низом дар ҷомеа мегардад. Принсипи адолат барои ҷомеа зарурати ногузир аст, “зеро адолат сабаби ҳамрангӣ ва ҳамоҳангии ҷомеа мешавад ва касрат ва парокандагиҳоро аз байн мебарад”.[111]

Мутафаккири ахлоқгаро, адолатро ҷавҳари муносибатҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва давлатӣ мешуморад. Ба андешаи мутафаккир, татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ ба хусус дар арсаи сиёсат ва ҳокимият шарт ва зарур аст. Ба андешаи мутафаккир, **риояи принсипи адолат сабаби пешрафти ҷомеа мешавад**, аммо даст кашидан аз риояи ин принсип бошад, баръакс - вайронии давлат ва таназзули соҳаҳои мухталифи зиндагии иҷтимоиро ба дунбол дорад.

Агар сухан оид ба ҳаҷми категорияи мазкур равад, пас он дар мавриди аввал, дар мазмуни таълимот ва ё мафкураи ҳукмрони ҷомеъа баромад мекунад. Махсусан, ҳангоме, ки мутафаккир функсияҳои адолати иҷтимоиро номбар мекунад, **функсияи аввалини он: ҳимояи сохтори табақавӣ ва табақаҳои иҷтимои**ро номбар кардааст ва дуюм, функсияи ҳимояи суннату арзишҳои ҳукмрон дар ҷомеъа. Аз ин сабаб, адолат дар фаҳмиши Мискавайҳ, чаҳорчӯбаи меъёрҳои ҷомеъа мебошад, ки он барои ҳимояи сохтори мавҷудаи давлатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, ҳимояи сарчашмаҳои одатию ҳуқуқии ҳукмрон равона шудааст.

Имрӯз назария ва амалияи давлати ҳуқуқбунёд ғояи машҳур ва маъмулии давлатдорист. Якчанд асли (принсипи) ин гуна давлатро ҳануз Мискавайҳ пешниҳод кардааст**.** Муҳимтарин андешаҳои ҳуқуқии Мискавайҳ – **вобастагии ҳокимият аз қонун** мебошад. Нақши меҳварӣ ва калидии мардумро бошад, Мискавайҳ дар қабул кардани ҳокимияти қонунӣ мебинад. Аз назари ӯ, инсон, ки мавҷуди табиатан мутамаддин ва иҷтимоӣ аст, барои расидан ба хушбахтӣ

---

[111] Мискавайҳ. Ал-ҳавомил ва–аш-шавомил. –С. 68.

(саодат) бояд ҳамроҳи ҷомеа барои сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар идоракунии давлатӣ мушорикат намояд.

Мискавайҳ ҳокимиятро тибқи ченаки қонунӣ будани ё эътирофи ҳокимият (машруияти ҳокимият) ба ду намуд тақсим менамояд. Ченаки асосии тақсимот ба қонун мувофиқ будани ҳокимият аст. Тибқи ин ченак ӯ ду намуди ҳокимиятро аз ҳам фарқ мекунад – ҳокимияти қонунӣ - машрӯъ (шаръӣ) ва ҳокимияти ғайриқонунӣ – номашрӯъ (ғайришаръӣ). Намудҳои номбаршударо ба таври дигар низ ном мебарад, масалан ҳокимияти қонуниро - ҳукумати машрӯъ - "ҳукумати мулукия" ва ҳокимияти ғайриқонуниро - ҳукумати номашрӯъ - "ҳукумати ғалаба" меномад.

**Падидаи назорати ҷамъият аз болои мақомоти давлатӣ.** Мискавайҳ яке аз падидаҳои навинро дар таърихи афкори сиёсию ҳуқуқии тоҷикон – падидаи назорати ҳокимият аз ҷониби халқро аллакай дар асрҳои IX-X пешниҳод кардааст. Барои анҷоми вазифаҳои шаҳрвандии худ, мардум бояд аз ҳаққи назорати доимӣ бар фаъолияти ҳокимият ва мансабдорони он бархӯрдор бошанд. Назорати ҷамъиятиро аз болои мақомоти давлатӣ ва амалдорони давлатӣ талаб мекунад. Агар ҳокимият тибқи қонун **амал накунад, вазифаҳои худро амалӣ карда натавонад ва ё суиистифода** аз ваколатҳои худ карда берун **аз дастуроти ҳуқуқ аз ҳокимияти давлатӣ** истифода намояд, **вазифаи итоат аз шаҳрвандон соқит мешавад**.

Дар сурати риоя нашудани қонунҳо аз ҷониби ҳокимият, Мискавайҳ ба раийат ҳуқуқи мухолифат кардан бо ҳокимият ва ҳаққи инқилобро додааст.

**Ҳуқуқи иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар идоракунии давлат.** Мискавайҳ иштироки фаъолонаи мардумро дар идоракунии давлат талаб намуда, онро рафтори зарурии шаҳрвандон (раийат) мешуморад. Аз назари ӯ инсон, ки мавҷуди табъан мутамаддин ва иҷтимоӣ аст, барои расидан ба ҳадафҳои худ бояд ҳамроҳи ҷамъият (иҷтимоъ), бо

риояи қонунҳо, барои сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар идоракунии давлат иштирок намояд.

Ба андешаи мо, **яке аз аслҳои муҳимтарини назария ва амалияи давлати ҳуқуқбунёд даҳ аср пеш аз ҷониби ин мутафаккир** таҳқиқ ва пешниҳод шудааст. **Ин асл – принсипи муосири ҳуқуқ ва масъулияти тарафайни ҳокимият (давлат) ва шахсият мебошад.** Мискавайҳ ҳудуди фаъолияти давлат, принсипи масъулияти тарафайни давлат ва шахсият, масъулияти шахсият (фард)-ро нисбат ба ҷомеа ва давлат муайян кардааст: "Ҳукумат наметавонад фардро ба коре бархилофи дастуроти қонун (қонунҳои амалкунанда) маҷбур кунад ва фард ҳам наметавонад аз ҳокимият чизеро талаб кунад, ки хориҷ аз ин чаҳорчӯбаи ҳуқуқ бошад. Ҳам ҳокимияти давлатӣ ва ҳам мардум вазифадоранд, ки дар тамоми рафторҳо ва тасмимоти худ адолат ва инсофро риоя кунанд". Аз маҷмӯи дидгоҳҳои Мискавайҳ бармеояд, ки дар сурати мутобиқати фаъолияти ҳокимият бо қонун, мардум вазифадоранд, ки бо ҳокимият ҳамкорӣ карда, ба он итоат намоянд.

**Сабабҳои пайдоиши давлат.** Мискавайҳ оид ба пайдоиши давлат низ назари махсуси худро дорад. Ба андешаи мутафаккир пайдоиши падидаҳои иҷтимоӣ мақсад ва тайиноти муайян доранд.

Давлат механизми идоракуние мебошад, ки инсон дар марҳилаи муайяни рушди иҷтимоии худ ниёз ба он пайдо намуд.

Сабабҳои пайдоиши давлат ба андешаи Мискавайҳ:

–а) талабот ба нерӯи ҳамоҳангсозандаи талаботи қишрҳои ҷомеъа;

–б) пешгирӣ аз тазоди манфиатҳои фардҳо;

–в) талабот ба ҷилавгирӣ аз зулму нобаробарӣ ва ноадолатиҳо;

в) талабот ба як қудрати танзимкунандаи зиндагии мардум мебошанд.

**Вазифаҳои давлат.** Мискавайҳ вазифаҳои давлатро мушаххас намудааст. Вазифаҳои муҳимтарини давлат аз нигоҳи Мискавайҳ:

1. Вазифаи таъмини саодат.
2. Таваҷҷуҳ ба масоили миллӣ ва ҳифзи арзишҳо.
3. Таъмин ва риояи адолат ва ҳифзи ҳуқуқу вазъи иҷтимоии аҳолӣ.
4. Ҳифзи марзҳо.
5. Ҳифзи низом аз душманони дохилӣ ва хориҷӣ.
6. Таъмини имконоти зиндагӣ ва эҷоди заминаҳои рушду пешрафти ҷомеа.

**Ду вазифаи асосии давлат** – 1) **Таваҷҷӯҳ ба масоили миллӣ ва ҳифзи арзишҳо**, инчунин 2) **ҳифзи низом аз душманони дохилӣ ва хориҷӣ** аз вазифаҳои умдаи давлат ба шумор меравaнд.

Ӯ иҷрои ин вазифаҳоро барои пойдории ҷомеа ва давлат муҳиму ҳатмӣ шуморидааст.

Нақши давлатро дар мавҷудият ва заволи ҳокимият ва ҷомеа муассир мешуморад.

**Таносуби ҳуқуқ ва қонуни шаръӣ, ҳуқуқ ва ҳақиқати динӣ.** Мискавайҳ дар таълимоти иҷтимоию ҳуқуқии худ, ғайр аз масоили умдаю куллӣ, таносуби ҳуқуқи дунявию динӣ, қонун ва шариат, ҳуқуқ ва ҳақиқати диниро таҳлил намудааст. Ба андешаи Мискавайҳ, хушбахтии ҳақиқӣ насиби он нафаре мегардад, ки аввал ҳуқуқро азбар намуда, худро бо он комилан мутобиқ созад ва тибқи аҳкоми он амал кунад, сипас, замоне, ки ба балоғати ақлӣ ва рушди комил расид, бояд ҳикматро биёмузад, ва онро хуб дарк кунад. Яъне, ҳуқуқ барои тарбияи инсон нақши муҳим дошта, онро азхуд намудан ва тибқи он рафтор кардан талаби мутафаккир аст. Танҳо бо шиносоӣ бо ҳуқуқ инсон метавонад, ки ба илму ҳикмат ва ба омӯзиши илми калом машғул шавад. Ин андешаи мутафаккир ба ақидаи мутафаккири рус Илларион мухолиф аст, ки навишта буд: он нафаре, ки ҳақиқатро (илми

калом -ҳақиқати динӣ. –С.Қ.) дарёфта аст, ба қонун эҳтиёҷ надорад. Ин андешаи Мискавайҳ дар замони муосир низ аҳамияти амалии худро гум накардааст, зеро ба инсон зарурияти аввал ба камолоти ахлоқӣ расидан, омӯзиши қонунгузории амалкунанда ва рафтори худро бо меъёрҳои он ва дигар меъёрҳои дар ҷомеа мутобиқ намудан, илму донишҳои гуногунро азбар намуданро талқин мекунад. Ба андешаи мутафаккир, дар сурати риоя шудани чунин тартиби таҳсил ва касби илму донишҳои шаръӣ ва фалсафӣ, дар байни шариат ва илм (ҳикмат), яъне дар байни дин ва илму фалсафа ҳеч бархурде ва ё зиддияте боқӣ намемонад, баръакс, онҳо якдигарро тасдиқ ва такмил медиҳанд.

Дар қатори мутафаккирони тоҷик инчунин, Абуабдулоҳи Рудакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Ғаззолӣ, Низомалмулк, Муборакшоҳ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ва то Аҳмади Донишро номбар кардан лозим аст, ки дарки ҷомеа, дар таълими падидаҳои давлат, ҳуқуқ, ташакули маърифати масоили ҳуқуқӣ саҳми беандоза дошта, имрӯз низ ба ҷомеаи муосири тоҷик метавонанд хизмати бузург намоянд.

Дар таърихи миллати тоҷик Яқуби Лайс нафаре аст, ки забони тоҷикро аз нобудӣ нигоҳ доштанд ва нагузоштанд, ки забони арабӣ бар забони миллат тасаллут ёбад. Фирдавсӣ нафаре буд, ки бо Шоҳномаи худ ба таври абадӣ забонеу фарҳанги моро аз нобудӣ ва аз байн бурдан нигоҳ дошт, мисли он, ки Садриддин Айнӣ забони тоҷикӣ ва фарҳанги тоҷикро дар асри нав аз нав зинда кард ва аз нобудӣ нигоҳ дошт.

Дар қатори бузургони асри қадим, миёна ва таърихи нави тоҷикон аз муҳаққиқони солҳои шӯравӣ ва устодони имрӯз дар қайди ҳаёт набуда низ ёдоварӣ намудан лозим, аст, ки дар байни онҳо устодон Бобоҷон Ғафуров, Солеҳ Ашурхоҷаевич Раҷабов, Фозил Тоҳиров, Очилбой Усмонов, Шарифҷон Тағойназаров, Рустам Шарофзода, Тақдиршоҳ Шарифов,

Маҳмудзода Маҳкам, Раҳимзода М.З., Шукрулло Ғаюров, Назриддин Шонасриддинов ва саҳҳо дигарон ҳастанд, ки дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеаи муосир нақши бузург гузоштаанд.

Ин намунаҳо аз андеша ва пайкори мутафаккирон - фарзонафарзандони бузурги миллат барои ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқӣ, таҳкими давлатдории миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои кишвару миллат хизмат намуда насли нав ва ҷавононро ба роҳи ватандустӣ, хизмат ба Ватан-Модар ва арҷгузории таъриху фарҳанги ниёгон раҳнамун месозад.

**Академик Фозил Тоҳиров.** Махсусан, фаъолияти илмиву эҷодӣ, омузгорӣ, илмӣ-ташкилии устод академик Фозил Тоҳиров хеле назаррас буда, оид ба масоили гуногуни мубрамми муосир аз ҷумла, сарчашмаҳои ҳуқуқ, ҷойгоҳи одат дар ҳуқуқ, намудҳои одат, амали сарчашмаҳои сегонаи ҳуқуқӣ дар як замон, нақши ҳуқӯқ дар таъсису ташаккули давлатдории шӯравӣ, масоил миубрамми даврони Истиқлолият ва ғайра таҳқиқоти пурарзиш таҳия намудаанд. Танҳо шоҳасари академик Фозил Тоҳиров оид ба давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ, ки солҳои 1917-1929 таърихи тоҷиконро дар бар мегирад, чандин насли ҳуқуқшиносонро соҳибмаърифат намуда, дар тайёр кардани мутахассисони ҷавон мусоидат намудааст.

Ҳамин тариқ, мутафаккирони барҷастаи тоҷик аз Форобиву Мискавайҳ то академик Фозил Тоҳиров дар таълимотҳои сиёсию ҳуқуқии худ масоили вобаста ба пайдоиши ҷомеа, ҳокимият, давлат ва ҷанбаҳои гуногуни он, инчунин оид ба масоили ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои он, таносуби ҷомеа, ҳокимият, давлат ва ҳуқуқ, қонун ва адолат таҳлилҳо анҷом дода як қатор андешаҳои бикрро, аз ҷумла назорати мардум аз болои ҳокимияти давлатӣ, масъулияти тарафайни ҳокимият, давлат ва шахсият, ҳаққи инқилобу зиддият доштани мардум ҳангоми татбиқ карда натавонистани талаботи қонун аз ҷониби ҳоким то имрӯз мубрамияти худро

гум накарда, баръакс ҳамчун ғояҳои демократӣ дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи махсуси худро доранд.

Дар хулоса ба тариқи ҷамъбаст гуфтаниам, ки миллати тоҷик аз он ифтихорманд аст, ки мутафаккирони тоҷик аз қаъри асрҳо андешаҳоеро таҳия ва пешниҳод кардаанд, ки давоми ҳазорсолаҳо аҳамияти илмию амалии худро гум накарда, баръакс, сиёсатмадорону муҳаққиқони ҷаҳони муосир зарурати бештарро нисбат ба онҳо эҳсос мекунанд.

Пешниҳод менамоям, ки:

– дар макотиби олӣ ва бахшҳои марбутаи сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахши тарҷима ва нашри осори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таъсис дода шавад;

– омузиши таълимоти ҳуқуқии ниёгон –дастоварди фарҳангӣ ва ҳуқуқии онҳо ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ворид карда шавад; Пеш аз ҳама кулли осор ва дар зимни он махсусан ба мавзуи ҷанбаҳои то имрӯз мубрамми эҷоди мутафаккирон диққати асосӣ равона карда шавад;

–осори мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла муҳаққиқони муосир низ бо теъдоди зиёд нашр карда шавад;

–дар ҷараёни таълимӣ аз осори ниёгон фаровон истифода карда шавад, то худшиносии аҳолӣ донишҷуён баланд бардошта шавад.

– Таъсиси Институти таҳқиқотии давлат ва ҳуқуқ ва инчунин маоши муносиб барои муҳаққиқон пешниҳод карда шавад, то ин ки олимон аз корҳои дигар озод ва ба таври пурра ба таҳқиқоти ҷиддии илмӣ машғул гарданд.

# СОБСТВЕННОСТЬ В ИНТЕРНЕТЕ: ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

**Абдуджалилов Абдужабор**
**заведующий отделом частного права ИФПП,**
**кандидат юридических наук**

Постановка вопроса в таком виде, как это приведено в наименовании настоящей статьи, на первый взгляд абсурдна, поскольку в теории Интернета на сегодня постулируется четкий и однозначный принцип: в виртуальном пространстве Интернета существование какой-либо собственности, невозможно До настоящего времени этот принцип обуславливался тем, что в виртуальном пространстве в целом существует система договоров представления различного рода услуг, то есть так называемые обязательственные, а не вещные правоотношения. С другой стороны, как можно представить в несуществующем, кажущемся пространстве наличие вещей, которые обладают материальными характеристиками?

Но Интернет в своем развитии ломает так много стереотипов мышления, опровергает такие классические правовые установки, что никакой на первый взгляд абсурдной постановке вопроса удивляться не приходится.

Однако для более точного научного анализа темы статьи вначале необходимо обратиться к классическим установкам цивилистики по институтам вещного и обязательственного права.

Институт вещного права был сформирован ещё римскими юристами. По римскому праву, «Вещное право регулирует отношения между людьми по поводу вещей: формы принадлежности вещей отдельным лицам или группам лиц и способу установления общезначимого господства над вещами. Модельным и наиболее полным правом на вещь является право собственности (dominium).

Собственника отличает абсолютная правовая позиция по отношению к вещи: в процессе о праве на вещь как таковой (in rem) он в принципе сильнее любого третьего лица. Сказать про вещь, что она принадлежит ему (meum esse aio) может только собственник».[112] Таким образом, из вещного права вытекает второе – право собственности, одно из краеугольных камней цивилистики, поскольку ещё со времен римской юриспруденции право собственности было основным предметом правового регулирования. По выражению Т.Н.Лиюхана, «необходимость такого регулирования обусловлена самой сущностью вещей, а установление оснований и пределов господства над вещью составляет основу гражданского права».[113]

По выражению русского цивилиста С.А.Муромцева, в вещном праве защищаемое отношение состоит в обыкновенном фактическом обладании вещью. Вещное право по С.А.Муромцеву, «состоит в господстве над вещью, вытекающем из стремления освоить её и обусловленном одними фактическими обстоятельствами… Содержание и пределы господства определяются вещи и окружающей их среды; влияние среды выражается в отношениях её составных частей к вещи и обладателю». С.А.Муромцев проводит достаточно четкое отграничение вещных прав от обязательственных: «Права, принадлежащие к типу обязательств, или права личные, отличаются тем, что объектом правового отношения является в них не вещь, а лицо».[114]

---

[112] Дождев Д.В. Римское частное право. Учебник для вузов. – М.: НОРМА, 2003. – С. 370.

[113] Лиюхан Т.Н. Понятие имущественных отношений в российском гражданском праве: дисс. … канд.юр.наук. – Иркутск, 2003.

[114] Муромцев С.А. Избранные труды. – М.: РОССПЭН, 2010. – С. 372, 374.

Более четкое понятие вещных прав описал другой классик российской цивилистики И.А.Покровский: «Лица наделяются известными правами на вещи, причем эти права составляют особую категорию вещных прав, - пишет И.А.Покровский. – общая юридическая сущность этих последних состоит в том, что между данным лицом и данной вещью устанавливается некоторая идеальная (юридическая) и непосредственная связь; вещь предоставляется господству известного лица, отдается в его волю, принадлежит ему. Вместе с тем всем другим лицам возбраняются всякие действия, способные нарушить это господство, вследствие чего вещные права направляются против всех, являются в этом смысле абсолютными правами».[115]

О.С.Иоффе в принципе отвергал деление прав на вещные и обязательственные. Причиной тому была не принципиальная позиция ученого, а то, что ко времени его научной деятельности гражданский кодекс свел всё вещное право к одному лишь праву собственности. По этой причине О.С.Иоффе не применяет термин «вещные права», однако его определение права собственности мало чем отличается от определения сущности вещных прав: «Право собственности, - пишет О.С.Иоффе, - как право присвоения, выраженное в определенной общественной форме, есть закрепленное законом право индивида или коллектива владеть, пользоваться и распоряжаться средствами и продуктами производства своей властью и в своем интересе».[116]

Единственным существующим в природе вещным правом, которому свойственны в совокупности абсолютная защита от посягательств всех окружающих лиц и следования

---

[115] Покровский И.А. Основные проблемы гражданского права. М.: Статут, 2009. – С. 192.

[116] Иоффе О.С. Избранные труды: в 4 т. Т. 2. Советское гражданское право. – СПб.: Юридический Центр Пресс, 2004. – С. 377.

за вещью, является правомочие владения, сопутствующее как абсолютным, так и относительным правам – праву собственности, ограниченному вещному праву, титульному и давностному владению. Практический смысл обособления вещного права в таком его понимании заключается в том, что его присутствие легитимирует субъекта на использование средств вещно-правовой защиты, предусмотренных законом.[117]

А.И.Масляев считает вещные права одним из форм реализации права собственности. «Вещные права – пишет А.И.Масляев, – определяются как права, которые предоставляют их обладателю возможность непосредственного (независимо от какого-либо другого лица) воздействия на вещь. Субъект вещного права может осуществлять в своем интересе действия по владению, пользованию и распоряжению вещью, не обращаясь за содействием к кому-либо иному. В этом коренное отличие вещных прав от обязательственных».[118]

Институту вещных прав уделено внимание в капитальном труде М.И.Брагинского и В.В.Витрянского «Договорное право». «Гражданские правоотношения принято делить по различным признакам – пишут ученые. - При этом, как правило, на основе двучленной формулы. Из всех видов образованных таким образом пар «вещное-обязательственное» имеет особое значение. Это связано с тем, что в отличие, например, от такого, как «имущественное-неимущественное» или «абсолютное-относительное», рассматриваемое деление позволяет в одно и то же время индивидуализировать вещные и обязательственные

---

[117] Коновалов А.В. Владение и владельческая защита в гражданском праве. – СПб., Юридический центр Пресс, 2002. – С. 52.

[118] Гражданское право: учебник в 3 т. Т.1. /отв. ред. В.П.Мозолин. – М.: Проспект, 2014.

правоотношения, а равно вещные и обязательственные нормы, составляющие одноименные институты».[119] Здесь же ученые проводят водораздел между двумя фундаментальными институтами гражданского права: «В самом общем виде различия между вещными и обязательственными правоотношениями усматривают в том, что вещные права имеют своим предметом вещь, носят абсолютный характер, будучи связаны с вещью, следуют за ней, и, наконец, предполагают активность носителя права и одновременно пассивность тех, кто ему противостоит. Для обязательственных правоотношений характерно то, что их предметом служит действие определенного лица (должника); они являются пассивными».[120]

На наш взгляд, наиболее точную правовую характеристику вещного права дал проф. Е.А.Суханов. По его словам, «вещным правом является установленное законом абсолютное субъективное гражданское право, предоставляющее своему обладателю возможность непосредственного господства над индивидуально-определенной вещью и отстранения от нее всех других лиц, защищаемое специальными гражданско-правовыми исками».[121]

Таким образом, вещному праву и его важнейшему «представителю» – праву собственности противостоит обязательственное право. Если первое распространяется на всех и требования его абсолютны, то второе относится только к стороне обязанной – к должнику. Основным элементом обязательственного права является обязанность или

---

[119] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: общие положения. – 2 изд. – М.: Статут, 2005. – С. 275.
[120] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Цит. соч. – С. 277.
[121] Суханов Е.А. Вещное право. М.: Статут, 2017. – С. 52.

обязательство, понимаемые как обещание что-либо совершить в пользу другого лица или всего общества.

В этом отношении обязательство (obligatio, связанность, обязательство) можно определить как возникающее в силу определенных оснований особое правоотношение, содержание которого составляют: *с одной стороны,* юридическая обязанность одного лица (должника) совершить в пользу другого лица (кредитора) определенные действия (передать имущество, выполнить работу, уплатить деньги), либо воздержаться от какого-либо действия, а *с другой стороны*, право кредитора требовать от должника исполнения этой обязанности.[122]

Таково на сегодня в цивилистике общее теоретическое положение вещных прав. И на первый взгляд кажется совершенно естественным тот постулат, о котором было сказано в начале настоящего исследования – постулат о том, что в виртуальном пространстве Интернета возможны только обязательственные правоотношения. По меткому выражению Л.А.Чеговадзе, «в мире сущего вещь – это телесный предмет, в мире права вещь (в том числе и деньги, на которые эта вещь покупается) – это объект права, а действие/бездействие в отношении вещи – это предмет правового регулирования».[123] Статья 140 Гражданского кодекса Республики Таджикистан относит вещи и деньги к объектам гражданских прав. Соответственно, в пространстве, которое фактически не существует, вещей (объектов материального мира) не может быть.

Перейдем теперь к вопросу вещных прав в Интернете – вопросу, который и на сегодня считается невозможным в

---

[122] Иванов А.А., Эриашвили Н.Д. Собственность и обязательства в российском гражданском праве. / Закон и право. М.: 2012. №3. – С. 55.

[123] Чеговадзе Л.А., Демин А.В. Договор и договорное регулирование. Н.Новгород, НОЦ «ЦЕЗИУС», 2014.

виртуальном пространстве по изложенным выше причинам. Но прежде мы остановимся на характеристике одного из важных объектов гражданского права – деньгах.

В экономическом значении деньги – это общепризнанное средство платежа, которое принимается в обмен на товары и услуги. Средство платежа – это наиболее существенная характеристика денег, признаваемая всеми в обществе.[124] В гражданском праве деньги относятся к движимым вещам, определяемым родовыми признаками. Главной функцией денег в гражданском праве также признается то, что они являются средством платежа. Для поддержания данного свойства денег публичная власть не только устанавливает монополию государственного (центрального) банка на их эмиссию (выпуск денежных средств), но и объявляет их безусловным обязательством такого банка, обеспечиваемым всеми его активами.[125] В этом значении деньги – это основа финансовой стабильности любого государства. Любое вмешательство в процесс эмиссии, введения любого вида эквивалента денег вместо официально признанного государством средства платежа нарушает эту финансовую стабильность, и, соответственно, ставит под угрозу экономическую безопасность государства.

Начиная с 2008 года в виртуальном пространстве Интернета происходило событие, которое достигло своей кульминации 17 декабря 2017 года. Речь идет о создании и эволюции криптовалюты, частных электронных денег, которые не эмитируются ни одним из банков мира. Началом эпохи криптовалют принято считать 31 октября 2008 года, когда некто Сатоси Накамото впервые разместил на своем

[124] Фишер С., Дорнбуш Р, Шмалензи Р. Экономика. М.: Дело, 2002. – С. 473.

[125] Гражданское право. Учебник. В 2 т. Т. 1. Общая часть. Вещное право. Отв. ред. Е.А.Суханов. – М.: Статут, 2015. – С. 418.

сайте информацию о новой системе денежных расчетов, где операции проводятся непосредственно между пользователями без участия третьей доверенной стороны. Эту денежную систему Накамото назвал «биткоин» (от англ. *bit* — компьютерный термин, и *coin* — монета).

В своей книге «Эпоха криптовалют» Пол Винья и Майкл Кейси дают следующее определение биткоина: «Биткоин – это валюта, цифровая единица стоимости, используемая людьми для обмена товарами, услугами или для обмена на другие валюты, курс которых имеет тенденцию к сильным колебаниям относительно традиционных, выпущенных правительством денежных знаков».[126] Криптовалюта под названием «биткоин» постепенно укрепляла свои позиции на мировом финансовом рынке, но 2017 год был похож на стремительный рывок, при котором стоимость биткоина росла на 100% в месяц, и достигла своего пика 17 декабря 2017 года. В этот день стоимость одного биткоина достигла 20.000 $. В одной из газет по этому поводу была размещена ироническая заметка: «Самая популярная в мире криптовалюта успела поставить рекорд – 20.000 $ за 1 BTC (биткоин). Это, между прочим, за «монету», которой даже не существует в реальности! Пожалуй, ещё никогда в истории человечества делать деньги из воздуха не было настолько просто». Финансовыми экспертами в области электронных денег подсчитано, что общая капитализация наиболее распространенных ста криптовалют на 12 декабря 2017 г. составляла более 500 млрд. долларов. Пиковое значение в 511,2 млрд. долл. было достигнуто 13 декабря. В Интернете уже вовсю идет купля-продажа за биткоины. Например, производитель самых больших в мире самосвалов БелАЗ рассматривает предложение о продаже своих машин за

---

[126] Винья Пол, Кейси Майкл. Эпоха криптовалют. Как биткоин и блокчейн меняют мировой порядок. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2018. – С. 20.

биткоины. Соответствующее заявление ОАО «БелАЗ» разместило на своем сайте.

Цивилистическая концепция денег основана на постулате «деньги – всеобщий эквивалент товара, т.е. продукт, произведенный для обмена на любой товар, имеющий стоимость». Иными словами, деньги являются имуществом, и как любое другое имущество, предназначенное для гражданского оборота, являются объектом гражданских прав. Одна из важнейших функций денег является функция «меры стоимости», т.е. их способность измерять стоимости всех товаров. Выполнение деньгами функции меры стоимости связано с обязательным присутствием в сфере их функционирования цены на товары, работы, услуги. Цена – это уже измеренная с помощью денег (существующего масштаба цен) стоимость товаров, работ, услуг.[127] Поскольку биткоин соответствует всем характеристикам денег как меры стоимости, и служит средством платежа за реальные товары и оказанные услуги, в правовом отношении он полностью соответствует понятию «деньги». Наиболее важное отличие биткоина от всех остальных форм денег – децентрализация. Ни одно учреждение в мире не контролирует биткоин. Это означает, что никакой банк не может контролировать электронные деньги.

Таким образом, в виртуальном пространстве Интернета с появлением виртуальных денег появились и вещные права, поскольку виртуальные деньги – криптовалюта, разновидностью которой являются биткоины, бесспорно являются собственностью их владельца, на которые он может приобретать материальные ценности, либо обменять их по установленному валютному курсу на любую другую валюту.

---

[127] Карасева М.В. Деньги – объект имущественных финансовых правоотношений / Государство и право, 2007, №1. – С. 47.

Из изложенных положений и фактического положения дел с криптовалютой в виртуальном пространстве Интернета можно сделать однозначный вывод: теоретические положения гражданского права о том, что в виртуальном пространстве существуют только обязательственные правоотношения, уже не соответствуют действительности. В виртуальном пространстве появились и прочно закрепились и вещно-правовые отношения. Какие это будет иметь последствия, и какое будущее ожидает биткоин – пока не известно, но сам факт появления виртуальных денег, которые фактически не существуют, и на которые уже покупаются реальные вещи, налицо. А это можно сравнить с настоящим переворотом в науке гражданского права. А базовый алгоритм информационной парадигмы Интернета, который неизменно сводится к тезису «Интернет – вместилище информации», и вовсе оказался в данном случае абсолютно несовместимым с новым виртуальным явлением, называемым «биткоин».

Теперь что касается правового регулирования криптовалюты, или, выражаясь современной юридической терминологией, «цифровыми активами». Юридическое значение цифрового знака (основного элемента цифрового права) сводится исключительно к информированию третьих лиц о наличии у лица, обладающего знаком, юридической связи с объектом права, указанным в нем. Например, в карте Амонатбанка на имя конкретного физического лица имеется цифровая информация о наличии на этой карте определенной суммы финансовых средств, которыми это лицо распоряжается по своему усмотрению (собственно, как и деньгами). Иными словами, это есть цифровой актив, имеющийся в собственности субъекта права. И по аналогии с деньгами, цифровой актив является объектом гражданских прав. Единственным достоверным средством, позволяющим не только отнести цифровой актив к объектам гражданских

прав, но и понять его правовой режим, представляется учет интересов участников гражданского оборота по отношению к этому объекту. Но статья 136 действующего Гражданского кодекса Таджикистана цифровые права и цифровой актив к объектам гражданского права не относит. Приведенное выше определение цифрового права напоминает конструкцию ценной бумаги, удостоверяющей обязательственные и иные права. Однако же, цифровое право имеет ключевое отличие от ценной бумаги тем, что его содержание и условия пользования регулируется правилами информационной системы. По этим основаниям, включение цифровых прав в перечень объектов, допускаемых к продаже, как это сделано в ст. 521 ГК РТ, в правовом плане несостоятельно.

# ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ЯКЕ АЗ ПАДИДАҲОИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Қодирзода Тоҳир Қамар**

**ходими пешбарӣ илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. E-mail: t_ kodirzoda@mail.ru**

Дар шароити муосири дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ислоҳотҳои ҳуқуқӣ, дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва тағйиротҳои дигари ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд нақши ҳокимияти судӣ, огоҳии шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ махсусан меафзояд.

Вобаста ба ин дар мамалакат як силсила ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқие гузаронида шудаанд, ки онҳо ба ҳамаи ҷанбаҳои

ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими мақомоти судӣ таъсири мусбӣ расониданд. Бинобар ин барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ-илмие заруранд, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат намоянд.

Қайд бояд кард, ки судяҳо бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо истифода *аз* арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан баланд бардоранд. *Ҳ*амзамон, имконпазирии гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷомеа ба мақсад мувофиқ мебошад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ ва ислоҳоти ҳуқуқӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фарҳангию ҳуқуқии судяҳо, аз ҷумла бо мақсади боз ҳам таҳкими ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мақоми он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқи судя амалӣ карда шуданд, ки ба таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, ки волоияти қонун ва адолат мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ карда шудаанд. Аз қабили, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007,таҳти №271 Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, аз 3 январи соли 2011, таҳти №976 барои солҳои 2011- 2013, аз 5 январи соли 2015, таҳти №327 барои солҳои 2015- 2017 ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1242, Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021.

Дар асоси ин барномаҳо оид ба боз ҳам тақвият додани ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани нақш ва мақоми он дар ҷомеа нақшаи чорабиниҳо татбиқ карда шуд. Бояд эътироф кард, ки дар заминаи татбиқи ин ислоҳотҳо дар соҳаи такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ваколатҳои судя дар татбиқи адолати судии парвандаҳои судӣ, махсусан тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омад.

Бо дарназардошти меъёрҳои байналмилалии адолати судии ҷиноятӣ Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, он аз 1 апрели соли 2010 амал мекунад. Принципҳои муҳимтарини адолат, ба монанди эхтироми шаъну эътибори шахс (моддаи 10) ва презумпсияи бегуноҳӣ (моддаи 15) дар Кодекс дар моддаҳои алоҳида ифода ёфтаанд. Бори аввал дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст, ки барои гузаронидани амалиёти тафтишотӣ ва мурофиавӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандонро маҳдуд мекунанд, танҳо суд ҳуқуқ дорад иҷозат диҳад. Ин меъёрҳо воқеан ба зиммаи судяҳо дар бобати қабули қарорҳои ҳалкунанда ва одилона ҳал намудани низоъҳои ҳуқуқӣ масъулият гузоштанд. Аз уҳдаи ҳалли ин вазифаҳои масъулиятнок танҳо судяҳои босалоҳият ва маданияти баланди ҳуқуқӣ дошта баромада метавонанд.

Худи таърихи инкишофи қонунгузорӣ ва методологияи судӣ имкон медиҳад, ки таҳаввулоти муносибати одамон, ҷомеа ба қонун вобаста ба тағйирёбии асосҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа муайян карда шавад. Рушди баланди худшиносӣ, тафаккури фарҳангии (сатҳи тамаддуни) ҷамъиятӣ барои гуногунандешии қонунгузорӣ ва судӣ замина фароҳам меорад, ки ба рушди ҳам қонунгузорӣ ва ҳам фарҳанги судӣ мусоидат мекунад.

Заминаи пасти фарҳангӣ, набудани таҷрибаи кофии тафаккури мустақил ва бисёр мушкилоти дигар ногузир дар сифати қонунгузорӣ ва ҳам амалияи судӣ таъсири муайяне

мегузорад. Таҷрибаи ба қадри кофӣ ғании як қатор низомҳои ҳуқуқӣ, фарҳангҳои ҳуқуқии ҷаҳон ба мо имкон медиҳад, ки роҳи худшиносӣ ва худтакомулиро, ки дар тули садсолаҳо тай кардаанд, кутоҳ кунем.[128]

Бойцова В.В., Бойцова Л.В. ва олимони голландӣ қайд мекунанд, ки мо барои амиқ инъикос намудани таҷрибаи низоми ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ имкониятҳои маҳдуд дорем ва аз ин рӯ, аз ин имкониятҳо истифода баред. Фарҳанги ҳуқуқии лотинӣ бо қонуни қатъӣ ва амалияи чандир хос аст. Фарҳанги ҳуқуқии оилаи ҳуқуқии англосаксонӣ бо қонуни чандир ва амалияи қатъӣ хос аст. Голландиҳо бо қонунҳои ғайрирасмӣ ва таҷрибаи чандирии худ маъруфанд; претседентҳо ақидаҳоеро, ки дар ҷамъият мавҷуданд, ба қонун меоранд. Низоми қонунгузории Русияро тасниф кардан душвор аст; илова бар ин, бисёр муқаррароти қонунҳои дохилӣ декларативӣ буда, байни қабули қонунҳо ва татбиқи онҳо фосилаи калон вуҷуд дорад, қонунҳоро ҳам шахсони мансабдор ва ҳам шаҳрвандони оддӣ аксар вақт канор мегузоранд».[129]

Консепсияҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва шаклҳои махсуси ҳуқуқӣ барои саркашӣ аз татбиқи меъёрҳои нокифояи қонунгузорӣ таҳия карда нашудаанд. Мутобиқати фарҳангӣ ва иҷтимоии қонун аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони мансабдор ончунон зуд-зуд мавриди баҳс қарор мегирад, ки он таҳдид мекунад, ки худи низоми ҳуқуқро нобуд созад».[130]

Барои таъмини субот низоми идоракунӣ ба созиш ва созиши арзишҳо асос ёфтааст, на ба зиддиятҳои онҳо. Дар

---

[128] Ниг.: Исоев М.Ш. Теоротические и правовые основы уважения личности в стадии предворительного расследования. – Душанбе, 2005.– 95с.

[129] Ниг.:Правовая система Нидерландии / Resp. ред. В.В. Бойцова, Л.В. Бойцова. – М.: Зертсало, 1998. – С. 43.

[130] Ҳамон ҷо. – С. 43

байни паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ хатти қатъӣ вуҷуд надорад.

Бояд гуфт, ки проблемаи баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ ва симои судяҳо мавзуи тафаккури илмии намояндагони соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, фалсафа, ҷамъиятшиносӣ, психология ва ғайра гардидааст.

Масалан, аз рӯйи арзёбии одилонаи сиёсатшиносон, симои ҳокимияти судӣ мисли ҳар шохаи дигари ҳокимиятро эътиқоди мардум, ки дар заминаи арзишҳои тағйирнопазири ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд, муайян мекунад. Илова бар ин, тавре ки онҳо мегуянд, мақомоти судӣ бояд салоҳияте дошта бошад, ки ба таҳкими нуфузи қонун мусоидат намуда, ба баланд шудани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии аҳолӣ мусоидат намояд.[131]

Ҳамчунин, ба ин муносибат муаллифони китоби дарсии этикаи ҳуқуқӣ дуруст қайд мекунанд, ки аз сабаби он, ки судя субъекти асосии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ дар мурофиаи судӣ буда, барои босифат истеҳсоли он ва қабули санади қонунӣ ва асоснок масъул аст, аз у ҳангоми қарори одилонаи суд, талаботи зиёд карда мешавад.[132] Яке аз талаботи асосии баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии судя бешубҳа таҳкими принсипҳои ахлоқии мурофиаи судӣ мебошад.

Дуруст қайд карда мешавад, ки умуман, одам чӣ гуна касбро дошта бошад, новобаста аз он ки вай то чӣ андоза мутахассиси дарҷаи олӣ бошад, фаъолияти вай фақат дар сурате фоидаи ҷамъиятӣ оварда метавонад, ки вай на танҳо ба

---

[131] Ниг.: Серый, В.В. Имидж судебной власти в России как отражение социально–политических процессов[Текст]: дисс. ... к. п.н. 12.00.01. / В.В. Серый. – М., 2011. – 216 с. – С.4

[132] Ниг.: Аминов И.И., Дедюхин К.Г., Зинатулин 3.3. Усиевич А.Р. Юридическая этика: учеб, пособие для студентов, обучачающихся по специальностям «Юриспруденция», «Правоохранительная деятельность» / |И.И. Аминов и др.|. — М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. - 239 с. С. 138.

дастурҳои қонунӣ, балки ба меъёрҳои қонунӣ ва ахлоқ асос ёфта бошад.

Риояи меъёрҳои ахлоқи судяҳо аз ҷониби қонунгузор махсус нишон дода мешавад. Мувофиқи қ. 2 м. 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014 №1084 «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» судя ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ, инчунин дар муносибатҳои берун аз хизматӣ бояд аз ҳар чизе, ки боиси паст шудани эътибори судҳо мегардад, ба судя, шаъну эътибори судя ё ба объективият, адолат ва беғаразии у шубҳа ба вуҷуд меорад, худдорӣ намояд.

Вобаста ба қабули Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи зарурати ба воқеияти нав мутобиқ гардонидани Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 ноябри соли 2013 дар Конфронси судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаст[133], он масъалаҳои рафтори судяро ба таври лозимӣ танзим менамояд, аз қабили, қоидаҳои рафтори судя ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти касбӣ ва берун аз фаъолияти корӣ ва ғайра, ки он дар танзими маърифати ҳуқуқии судя мусоидат менамояд

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиш ва таҳлили муқоисаи ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии давлатҳои ҷаҳон, ақидаи олимони ватанию хориҷӣ, воқеияти ҳуқуқии имрӯзаи ҷомеа бояд вариантҳои оптималии баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ таҳия карда шаванд, фарҳанги ҳуқуқии судя бо

---

[133] Ниг.: Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар конференсияи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноября соли 2013 қабул карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.12.2021).

назардошти манфиатҳои миллӣ, демократия ва менталитети миллӣ.

Таҳқиқоти имконпазире, ки мо анҷом додем, то андозае нишон медиҳад, ки ҳарду қутб ба фаъолияти сатҳи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии судя, ҳам давлат бо тамоми сохторҳои соҳавӣ ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ баробар манфиатдор мебошанд. Дар асоси ин метавон хулоса кард, ки баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии судя муҳимтарин шарт барои суботу оромии кишвар шуда метавонад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба шумор рафта, дар заминаи ҳар як паём санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд. Зеро Паём ҳуҷҷати дурнамо ба ҳисоб рафта, дар рушди давлат саҳми басо муҳим мебозад. Чунончӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид менамоянд: «... раванди татбиқи сиёсати дохиливу хориҷии давлат маъмулан дар доираи як сол маҳдуд карда намешавад, зеро ҳадафу вазифаҳои дар асоси Паёми Президент муайяншуда моҳиятан барнома ва дурнамо барои даҳсолаҳо мебошанд»[134].

Инчунин, дигар масъалаҳои ҳаётан муҳими кишвар муайян карда мешаванд, ки барои беҳ гардидани ҳолати иҷтимоии аҳолӣ, таъмини адолат, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, муқовимат ба терроризму экстремизм, коррупсия ва дигар ҷиноятҳо, такмил бахшидани қонунгузорӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва шуурнокии аҳолӣ, рушди илму маориф ва дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат менамояд.[135]

---

[134]Ниг.: Паёми Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, 30 апрели соли 2004. – Душанбе, 2004. – С. 2.

[135] Муфассалтар ниг.: Фарҳод Раҳимӣ. Паём фарогир ва дурнамоӣ рушди кишвар бо ташаббусҳои ҷаҳонӣ. Паёми Пешвои миллат–ҳуҷҷати камназири давлатсозӣ. – Душанбе, 2023. – С. 44–61; Бобоҷонзода И.Ҳ. Паёми тақдирсоз ваояндабин. – Душанбе, 2023. – С. 66–80; Сайнозимзода

Таҳлилу омӯзиши паёмҳои Президент имконият медиҳанд, ки масъалаҳои дар онҳо баррасишаванда аз лиҳози ҳуқуқӣ таҳқиқ гардида, муайян намудани ҷанбаҳои ҳуқуқии онҳо аз назари илми ҳуқуқшиносӣ муҳим ба шумор меравaнд.

Дар Паём ҳамчунин таъкид гардидааст, ки бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад.

Бинобар ин, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд.[136]

Чуноне аз Паём бармеояд ҷиҳати таҳкиму такмил додани фаъолити судӣ, оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо аз ҷониби Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ андешидани тадбирҳои муассирро зарур шумориданд.

Ба андешаи мо ҷиҳати ба иҷро расонидани Паём, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва шуурнокии

---

Фирӯз Сайнозим. «Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ». Дисс. барои дарёфти ун. илмии н.и.ҳ. – Душанбе, 2022 –197с.; Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2–юм. – Душанбе: ЭР–граф, 2016. – 192 с.; Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXXIII. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6–20.

[136] Ниг.: Паёми Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, 23 декабри соли 2022. Паёми Пешвои миллат–ҳуҷҷати камназири давлатсозӣ. – Душанбе, 2023. – С. 37.

ҳуқуқии судяҳо муҳим мебошад. Бо ин мақсад “Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030”, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти рақами №599 ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти рақами №1005 тасдиқ гардидаанд, қабул карда шудаанд. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон буда, ба воситаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ карда мешавад. Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ мусоидат менамояд ва шароит фароҳам меорад, ки онҳо аз ҳуқуқҳои қонунии худ истифода баранд.

Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст, ки он барои таъмини адолати иҷтимоӣ, рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва таҳкими қонуният нақши муҳим дорад. Пойдории давлат аз устувориву бардавомии адолат ба ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ вобастагии зич дорад. Бо дарназардошти рушди ҷомеа, пайдо шудани муносибатҳои нави ҳуқуқӣ фаъолияти ҳокимияти судӣ бояд мунтазам таҳким ва густариш ёбад.

Ҷиҳати таъмини босифати баамалбарории адолати судӣ, таҳкими таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва риояи принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ, роҳ надодан ба кашолкорӣ, зарурати дар қонунҳои амалкунанда аз байн бурдани меъёрҳои носаҳеҳ ва духура,

дар ҳамин раванд бартараф кардани тарзу усулҳои душвори баррасии парвандаҳо ва дигар масоил зарурати ба қонунҳои моддию мурофиавӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба миён омадааст, ки то тавонанд барои саривақт ва дар муддати кӯтоҳ баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ, пешгирии сарфи вақти зиёд аз ҷониби тарафҳо, истифодаи таҷрибаи татбиқи дурусти қонунҳо, дар маҷмуъ таъмини адолат ва пешрафти кори судҳо мусоидат намоянд.

Андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, масъулияту одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии ихтисосӣ бо назардошти тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин замина баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ метавонад барои қабули қарорҳои қонунию асоснок мусоидат намояд.

Бо назардошти таъсиси Арбитражи байналмилалӣ дар назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи медиатсия”, ки ҳалли тосудии баҳсҳоро пешбинӣ менамояд, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Бинобар ба низоми сезинагии таҳсилот гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бояд масъалаи бознигарӣ кардани талабот нисбати номзадҳо ба вазифаи судягӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад.

Чор Барномаҳои ислоҳотҳои судӣ- ҳуқуқӣ, ки аз соли 2007 то соли 2021 амалӣ гардиданд, барои устувор шудани муносибатҳои гуногун дар ин самт нақши калидӣ бозида, қонунгузории Тоҷикистон такмил дода шуда, барои боз ҳам баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини волоияти қонун ва адолати судӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Имрӯз сатҳи таъминоти моддию техникии судҳо, омода намудан кадрҳои баландихтисос, саривақт баррасӣ ва ҳал шудани парвандаҳои судӣ, қабули санадҳои қонунию

асоснок ба талаботи ҷомеа ва замона як дараҷа ҷавобгӯ шудаанд.

Аммо ба ҳамаи ин дастовардҳо нигоҳ накарда, ҳоло ҳам масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки онҳо ҳалли умумро талаб менамоянд. Ин пеш аз ҳама омода намудани кадрҳои баландихтисос ва бозомӯзии судяҳо, ки заминаи асосӣ ва кафолати самаранокии баамалбарории адолати судӣ мебошад.

Институти судя-коромӯз ба ҳамаи бартариятҳояш нигоҳ накарда, имрӯз он ниятҳое, ки таъсиси ин ниҳод дошт аз ҷиҳати мусбӣ арзёбӣ нагардид ва илова бар ин аз буҷети давлат хароҷоти зиёдатӣ сарф мешавад. Хоста гирифтан ва ҷо ба ҷо гузории судяҳо низ таҷдиди назарро талаб мекунад. Аз ҷумла, ротатсияи судяҳо (ин ба судяҳои шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, судҳои гарнизонҳои ҳарбӣ тааллуқ доранд) новобаста аз муҳлати таъини онҳо ҳар се сол амалӣ карда шавад, ки ин як дараҷа пеши роҳи муносибатҳои коррупсиониро дар ин соҳа мегирад. Бо ин мақсад судяҳо, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати даҳ сол таъин карда мешаванд, масъалаи ротатсияи судяҳо бо пешниҳоди Коллегияи тахассусии судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раисони судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар се сол бояд амалӣ карда шавад.

Инчунин, таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки дар мансаби судяҳои Суди конститутсионӣ, судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба синни 70-солдагӣ расидан ба мақсад мувофиқ аст, зеро ин судҳо салоҳияти назоратӣ дошта, ба санадҳои қабулнамудаи судҳои поёнӣ ва мақомотҳо баҳои ҳуқуқӣ дода, таҷрибаи ягонаи судиро дар мамлакат таъмин менамоянд. Барои амалӣ намудани ин вазифаҳои пурмасъул пеш аз ҳама доштани таҷрибаи бойи корию зиндагӣ зарур аст, ки ин омилҳо заминаи ба миён омадани оқилӣ мебошанд ва ин дар натиҷаи

ба як синну соли муайян расидан пайдо мешавад ва мансаби судягӣ маҳз оқилу батамкин буданро талаб намуда, ки ин ҳама барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани таҷрибаи босубботи судӣ ва татбиқи дурусти меъёрҳои моддию мурофиавӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, баъзе муқарраротҳои қонунгузориҳои мурофиавӣ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намуданро талаб менамояд, то баробарии тарафҳо ва мубоҳисавӣ будани муҳокимаҳои судӣ таъмин гардад.

Агар лоиҳаи Кодекси ҷиноятии ҶТ- ро таҳлил намоем, мебинем, ки сохтор, мазмун ва моҳияти он талаботҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028-ро дар бар намегирад ва он таҷдиди назарро талаб менамояд.

Аз ин лиҳоз, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии судя бо дарназардошти ҷаҳонишавӣ, манфиатҳои миллӣ ва менталитети мардуми кишвар, ҷавобгӯ бошад. Баланд бардоштани сатҳи маданияти ҳуқуқии судя, аз мутахассиси соҳибихтисос будани у, фаъолияти у ба дастурҳои қонунӣ, меъёрҳои ахлоқу одоб асос ёфтан, иборат мебошад. Зеро судя ҳамчун субъекти асосӣ дар мурофиаи судӣ, бояд ба талаботи зиёдшудаи меъёрҳои ҳуқуқ ва ахлоқ ҷавобгӯ бошад ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии судя муҳимтарин шарти аз ҷониби у қабул намудани қарори қонунию асоснок буда, ин барои суботу оромии кишвар низ мусоидат мекунад.

Дар шароити муосири ислоҳоти судӣ ҳуқуқӣ, нақши ҳуқуқ, идеологияи ҳуқуқӣ, ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ афзоиш ёфтааст. Ҳақиқати ҳуқуқии мавҷуда дар бораи баланд бардоштани аҳаммияти фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, оид ба хислати фаъоли он дар давраи гузариши ҳозира шаҳодат медиҳад. Ҳол он ки ҳануз ҳам як қатор саволҳои баҳсталаб вуҷуд доранд, ки то ҳол инъикоси пурраи худро дар илми ҳуқуқшиносӣ наёфтаанд. Хислати хосӣ баамалбарории бевоситаи ҳуқуқ дар он аст, ки он бо фаъолияти худи

иштирокчиёни муносибатҳо, субъектони ҳуқуқ ва уҳдадориҳо амалӣ мегардад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо иштироки субъектҳои махсуси қудратӣ зарур аст, ки аз ҷониби тараф ба ҷараёни баамалбарории бевосита дохил шуда, онро таъмин намуда, амалӣ гаштани меъёрҳои ҳуқуқро дар ҳаёт то ба охир мерасонанд. Фаъолият оид ба татбиқи ҳуқуқ ҳангоми баррасии ҳолатҳои ҳаётӣ нисбат ба рафтори воқеан қонунии субъектҳои ғайриқудратӣ, фаъолии ҳуқуқии онҳо оид ба амалбарории бевосита мустақилонаи ҳуқуқ, истифодабарии воситаҳои махсуси ҳуқуқиро дар фаъолияти амалии субъектҳои дорои салоҳдиди қудратӣ талаб мекунанд.[137]

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, чун қоида, ҳамчун фаъолияти кӯдратӣ, ташкилкунандаи мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба баровардани амрномаҳои ҳуқуқии инфиродӣ- мушаххас ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин табиат, таъинот ва вазифаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ошкор карда мешаванд[138]. Аммо фаъолияти

[137] Ниг.: Сапун, В.А. Конспект лекций и терминологический минимум по учебной дисциплине «Теория государства и права» / В. А. Сапун, Я. В. Турбова. – Изд–во СПбГУЭФ, 2005 – 152 с.

[138] Ниг.: Лазарев В.В. Афанасьев В.С., Братко А.Г. Теория права и государства. Учебник / Афанасьев В.С., Братко А.Г., Бутылин В.Н., Герасимов А.П., и др.; Под ред.: Лазарев В.В. – М.: Право и Закон, 1996. – 424 с.; С*ырых В. М. Теория государства и права*: Учебник для вузов. — 6 е изд., пе рераб. и доп. – *М*.: ЗАО Юстицинформ, 2012. – 704 с; Марченко, Н. М. Теория государства и права / Н. М. Марченко. – М., 2008. – 637с.; Матузов, Н.И., Малько, А.В. Теория государства и права: учебник 5–е изд. / Н.И. Матузов, А.В. Малько. – Москва: Дело, 2020. – 528 с.; Сапельников А.В., ЧестновИ.Л. Теория государства и права. Учебник для юридических высших учебных заведений / Сапельников А.Б., Честнов И.Л. - С.-Пб.: Знание, ИВЭСЭП, 2006. - 279 с.; Аврутин, Е.Ю. Государство и право. Теория и практика: учеб. пособие / Е.Ю. Аврутин .— 2-е изд., перераб. и доп. — Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2015 .— 504 с.; Рассолов, М. М. Проблемы теории государства и права: Учебное пособие / Рассолов М.М. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. - 431 с..

татбиқи ҳуқуқ як навъ фаъолияти ҳуқуқӣ буда, аз шуури ҳуқуқии касбии субъектҳои он вобаста аст.

Макс Вебер қайд мекунад, ки услуби ҳуқуқии ҳар як ҷомеаи мушаххас дар таҳсилот ва фаъолияти касбӣ, дар созмонҳои синфӣ ва манфиатҳои иқтисодии ҳуқуқшиносоне, ки дар ҷомеаи мазкур намунаанд, равшан зоҳир мегардад[139].

Хусусиятҳои хоси фаъолияти ҳукуқтатбиқкунӣ дар ҳолатҳои зерин равшантар зоҳир мегардад: - ҳуқуқтатбиқкунӣ (татбиқи ҳуқуқ) фаъолияти идоракунӣ, ташкилӣ буда, барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат мекунад; - фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ бо хислати таъинкунандаи худ нисбат ба субъектҳое, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро бевосита амалӣ менамоянд, фарқ дорад; - фаъолияти татбиқи ҳуқуқ иштирокчиёнро ба интизом меандозад, барои фаъолияти муътадил оид ба шароити инфиродии мушаххаси ҳуқуқӣ кафолатҳо фароҳам оварда, ба пайдоиш ва тағйирёбии талаботи рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Баъзе муаллифон бар ин назаранд, ки «фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ наметавонад дар шаклҳои дигар сурат гирад, ба истиснои риоя, иҷро ва истифодаи якхела ва аз нигоҳи мазмуни ҳуқуқии худ ин фаъолият бо се шакли амали ҳуқуқ, ки дар боло дида баромадем, тавсиф меёбад»[140]. Ва боз дақиқ мекунанд: «Дар аксари мавридҳо дар бораи мустақилона татбиқи-иҷро ё татбиқи-истифода ва аз ин ҳам бештар татбиқи-риоя кардан сухан рондан ғайриимкон аст, дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ се шакли амали бевоситаи ҳуқуқ ба ҳам печидаанд»[141].

---

[139] Ниг.: Иқтибос аз: Цвайгерт, К. Введение в сравнительное правоведение в сфере частного права. – Т. 1: Основы / К. Цвайгерт, Х. Кётц. – М., 1998. – 480с. – С. 292.
[140] Ниг.: Лазарев, В. В. Теория государства и права / В. В. Лазарев, С. В. Липень. – М., 2004. – 528с. – С. 365.
[141] Ниг.: Лазарев, В. В. Теория государства и права / В. В. Лазарев, С. В. Липень. – М., 2004. – 528с. – С. 365.

Субъектҳои фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, ки дорои салоҳиятҳои қудратӣ мебошанд, воситаҳои ҳуқуқиро ба манфиати худ нею, балки барои ҳаллу фасли парвандаи мушаххас нисбат ба шахсони дигар истифода мебаранд.

Чунин ҳолатҳое, ки зарурати фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро (ҳолатҳои татбиқи ҳуқуқ) бо истифода аз воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ ба миён меоранд, асосан инҳо мебошанд:

– вақте ки дар механизми баамалбарории меъёрҳои алоҳида иштироки давлат (муносибатҳои ҳуқуқии нафақавӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо оид ба хизмати ҳарбӣ ва ғайра) қаблан барномарезӣ карда шудааст, яъне ваққте ки ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳо умуман бе баровардани қарори татбиқи ҳуқуқ бо истифода аз воситаҳои муназзими ҳуқуқӣ амалӣ гардонида намешаванд;

–вақте ки муносибатҳои ҳуқуқии муайян таҳти назорати мақомотҳои татбиққунандаи ҳуқуқ (фаъолияти татбиқи ҳуқуқи бакайдгирӣ) қарор доранд;

– вақте ки муносибатҳои қудратӣ (ҳокимиятӣ), робитаҳои тарафайн байни мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор дар дохили дастгоҳи давлатӣ ҷой доранд;

– вақте ки худи тарафҳо оид ба ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн ба созиш омада наметавонанд ва баҳс дар бораи ҳуқуқ ба миён меоянд (масалан, баҳсҳои хоҷагӣ байни ташкилотҳо аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасӣ карда мешаванд);

– дар сурати мавриди тартиби махсуси ҳуқуқӣ расман муқаррар намудани мавҷуд будан ё набудани далелҳои мушаххаси дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ (танҳо ба тариқи судӣ, масалан, метавон шаҳрвандро фавтида ё бедарак ғоиб эътироф кард);

–дар сурати мавҷуд будани монеаҳо дар татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ ва дар натиҷаи фаъолияти татбиқи ҳуқуқ бояд монеаҳои мазкур бартараф карда шаванд

(масалан, баргардонидани ашёи ғайриқонунӣ аз молик мусодирашуда (гирифташуда);

–дар ҳолатҳои иҷро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ё иҷрои номатлуби онҳо, вақте ки нисбати шахси вазифадор (уҳдадор) воситаҳои муҳофизатӣ - таъминии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд;

– дар сурати ҷой доштани «аномалияхои» ҳуқуқӣ, вакте ки ҳуқуқвайронкунӣ ё кирдори объективона ғайриқонунӣ содир шудааст ва дар муносибатҳои муҳофизатии ҳуқукӣ нисбати шахси мушаххас намуд ва меъёрии муайяни масъулияти ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад ё дигар чораҳои маҷбуркунии давлатӣ муайян карда шаванд; .

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ хеле гуногунанд ва хусусияти факултативӣ, таъминкунии ҳуқуқии ин намуди фаъолиятро равшан тасдиқ мекунанд.

Аз нигоҳи мазмун фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ бо худ як намуди фаъолияти қудратии ҳуқуқиро ифода медиҳад. Субъектҳои чунин фаъолият ҳамеша дорои салоҳияти қудратӣ буда, субъекти махсуси ҳуқуқӣ мебошанд. Қарорҳои кабулкардаи субъектҳои қудратӣ барои тамоми шахсоне, ки нисбаташон амали онҳо паҳн мешавад, ҳатмист, қарорҳои мақомоти қудратӣ бо воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз он ҷумла чораҳои маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда мешаванд[142].

Қайд кардан ба маврид аст, ки бар хилофи мавқеи анъанавӣ субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ҳолатҳои муайян на танҳо мақомоҳи давлатӣ ва шахсони мансабдор мебошанд. Нуқтаи назар, ки тибқи он зери татбиқи ҳуқуқ фаъолияти давлатӣ қудратӣ нею, балки ҳама гуна

---

[142] Ниг.: Сапун, В.А. Теория правовых средств и механизм реализации права[Текст]: Дис. ... д–ра юрид. наук: 12.00.01. / В.А. Сапун. – Н. Новгород, 2002. – 321 с. – С. 240.

фаъолияти қудратии субъектҳои салоҳиятдор фаҳмида мешаванд, аниқтар аст[143].

Дар назарияи умумии ҳуқуқ ақидаи хато дар бораи шаҳрвандон ҳамчун субъекти татбиқи ҳуқуқ метавонад бартарафшуда ҳисоб карда шавад[144]. Тавре коркарди минбаъдаи ин проблема нишон дод, хулосаи иштирокчиёни мубоҳиса дар бораи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи солҳои гузашта дуруст баромад: «Меъёри ҳуқуқро нисбат ба рафтори худ татбиқ кардан мумкин нест, он ҳамеша нисбат ба шахси дигар, мақомоте, ки дорои ваколатҳои қудратӣ мебошад, татбиқ карда мешавад»[145].

Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар речаи намуди иҷозатдиҳии танзим бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқии императивии дорои аҳаммияти батартибдарорӣ ва муҳофизатӣ дар шаклҳои ҷидии мурофиавӣ- расмиётӣ сурат мегирад[146].

Мазмуни ҳуқуқии ҳуқуқтатбиқкунии ҳуқуқ ҳамеша дар шаклҳои мурофиавӣ-расмиётӣ бо истифодаи воситаҳои махсуси мурофиавии ҳуқуқӣ ва расмиёти ҳуқуқӣ ифода ё сурат гирифта, хусусияти қатъии расмишуда дорад. Чунин шаклдарории фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, пеш аз ҳама, ба таъмини амалӣ гардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ нигаронида шудааст; дуюм, ба амалӣ гардондани худи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар доираи қоидаҳои мурофиавӣ

[143] Ниг.: Карташов, В. Н. Введение в общую теорию правовой системы общества / В. Н. Карташов. – Ч. 3. – Ярославль, 1997. – 547 с. – С. 20.
[144] Ниг.: Недбайло, П. Е. Применение советских правовых норм / П. Е. Недбайло. – М.: Госюриздат, 1960. – 511 с. – С. 127–135.
[145] Ниг.: К итогам дискуссии о применении норм советского права // Советское государство и право. – 1955. – №3. – С.44-53 – С. 51.
[146] Ниг.: Сапун, В.А. Правоприменительная деятельность: особенности и структура / В.А. Сапун // Ленинградский юридический журнал. - 2006. - №12. - С. 185-192.

ва расмиёти муайяни ҳуқуқӣ, ки иҷрои онҳо ба дуруст ва сари вақт ҳаллу фасл намудани парвандаҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Воситаҳои ҳуқуқии мурофиавӣ, як навъ воситаи ҳуқуқии татбиққунандагони ҳуқуқ мебошанд, ки бидуни истифода ва азхудкунии онҳо талабот нисбати фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва натиҷаи он - санадҳои татбиқи ҳуқуқ таъмин карда намешаванд.

**РУЙХАТИ АДАБИЁТ:**


1. Аминов И.И., Дедюхин К.Г., Зинатулин 3.3. Усиевич А.Р. Юридическая этика: учеб, пособие для студентов, обучающихся по специальностям «Юриспруденция», «Правоохранительная деятельность» / |И.И. Аминов и др.|. — М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. - 239 с. С. 138.
2. Furthermore Бобоҷонзода И.Ҳ. Паёми тақдирсоз ва ояндабин. – Душанбе, 2023. – С. 66–80;
3. Исоев М.Ш. Теоротические и правовые основы уважения личности в стадии предворительного расследования. – Душанбе, 2005.– 95с.
4. Цвайгерт, К. Введение в сравнительное правоведение в сфере частного права. – Т. 1: Основы / К. Цвайгерт, Х. Кётц. – М., 1998. – 480с. – С. 292.
5. Карташов, В. Н. Введение в общую теорию правовой системы общества / В. Н. Карташов. – Ч. 3. – Ярославль, 1997. – 547 с. – С. 20.
6. К итогам дискуссии о применении норм советского права // Советское государство и право. – 1955. – №3. – С.44-53 – С. 51.
7. Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар конференсияи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноября соли 2013 қабул карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.12.2021).
8. Лазарев В.В. Афанасьев В.С., Братко А.Г. Теория права и государства. Учебник / Афанасьев В.С., Братко А.Г., Бутылин В.Н., Герасимов А.П., и др.; Под ред.: Лазарев В.В. – М.: Право и Закон,

1996. – 424 с.; Лазарев, В. В. Теория государства и права / В. В. Лазарев, С. В. Липень. – М., 2004. – 528с. – С. 365.

9. Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2–юм. – Душанбе: ЭР–граф, 2016. – 192 с.;

10. Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Вахдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXXIII. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6–20.

11. Недбайло, П. Е. Применение советских правовых норм / П. Е. Недбайло. – М.: Госюриздат, 1960. – 511 с. – С. 127–135.

12. Паёми Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, 30 апрели соли 2004. – Душанбе, 2004. – С. 2.; Паёми Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, 23 декабри соли 2022. Паёми Пешвои миллат–ҳуҷҷати камназири давлатсозӣ. – Душанбе, 2023. – С. 37.

13. Правовая система Нидерландии / Resp. ред. В.В. Бойцова, Л.В. Бойцова. – М.: Зертсало, 1998. – С. 43. Паёми Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, 30 апрели соли 2004. – Душанбе, 2004. – С. 2.

14. Сайнозимзода Фирӯз Сайнозим. «Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ». Дисс. барои дарёфти ун. илмии н.и.ҳ. – Душанбе, 2022 – 197с.;

15. Сапун, В.А. Правоприменительная деятельность: особенности и структура / В.А. Сапун // Ленинградский юридический журнал. - 2006. - №12. - С. 185-192.; Сапун, В.А. Конспект лекций и терминологический минимум по учебной дисциплине «Теория государства и права» / В. А. Сапун, Я. В. Турбова. – Издво СПбГУЭФ, 2005 – 152 с.; Сапун, В.А. Теория правовых средств и механизм реализации права[Текст]: Дис. ... д–ра юрид. наук: 12.00.01. / В.А. Сапун. – Н. Новгород, 2002. – 321 с. – С. 240.

16. Серый, В.В. Имидж судебной власти в России как отражение социально–политических процессов[Текст]: дисс. ... к. п.н. 12.00.01. / В.В. Серый. – М., 2011. – 216 с. – С.4

17.Фарҳод Раҳимӣ. Паём фарогир ва дурнамоӣ рушди кишвар бо ташаббусҳои ҷаҳонӣ. Паёми Пешвои миллат–ҳуҷҷати камназири давлатсозӣ. – Душанбе, 2023. – С. 44–61.

## ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗОРАТИ МОЛИЯВӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Расулов Фотеҳ Мирқозиевич**
**ходими пешбари илмии ИФСҲ-и АМИТ, н.и.ҳ.,**
**E-mail: foteh8383@mail.ru**

Аҳамияти таҳқиқи масоили ҳуқуқии фаъолияти молиявии давлатро, ки вобаста ба ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодабарии воситаҳои пулӣ аст, бухрони ҷаҳонӣ баръало ошкор месозад. Вижагии фаъолияти мазкур имрӯз на танҳо аз ҳадди фаъолнокии беандозаи давлат дар бахши мавриди назар иборат аст, инчунин аз он иборат аст, ки муносиботи молиявӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон мавзӯи танзими муфассали конститутсионӣ дониста мешаванд.

Мусаллам аст, ки самарабахш амал кардани низоми молиявӣ аз шароитҳои умумии иқтисодию сиёсии ҷомеа ва режими давлатии мавҷуда вобастагӣ дорад. Дар танзими муносиботи молиявӣ нақши ҳуқуқ муҳим буда, дар марҳилаи конститутсионализм тамоми фаъолияти давлат дар бахши молия дар шакли ҳуқуқӣ таҷассум меёбад. Ҳуқуқ чаҳорчӯбаи ҳуқуқиро падид оварда, қоидаҳои асосиеро мураттаб месозад, ки тибқи онҳо фаъолияти молиявии давлат ба амал бароварда мешавад. Таҳкурсие, ки шаклҳои ҳуқуқии ташкилу фаъолияти давлат дар бахши молия бар он асос меёбад, қонуни асосии кишвар – конститутсия буда, принсипҳои заминавии амали низоми молиявӣ бо ин санад муайян карда мешавад. Принсипҳои конститутсионӣ қоидаҳои қабули қонуни асосии молиявии кишвар (буҷет), тартиби муқаррар

карадани андозҳо, асосҳои низоми пулиро мустаҳкам менамоянд. Ҳамчунин дар аксари конститутсияҳо меъёрҳое ҷой дода шудаанд, ки шаклҳои ташкил ва механизми назоратро аз болои ҷамъоварӣ ва харҷи воситаҳои давлатӣ мустаҳкам месозанд.

Дар таркиби сарчашмаҳои танзимкунандаи муносиботи молиявӣ ғайр аз конститутсия дигар санадҳои меъёрӣ низ мавҷуданд. Миёни онҳо – қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои зерқонунӣ хеле зиёданд. Дар кишварҳои алоҳида қонунҳои кодификатсионие амал мекунанд, ки муносиботи буҷетӣ ё андозбандиро танзим месозанд (Русия, ИМА, Фаронса). Инчунин шартномаҳо ва созишномаҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ низ камаҳамият нестанд. Конститутсияи ҶТ, аз ҷумла пешбинӣ мекунад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд (сархати 3 м. 10) [11]. Дар бахши молия низ ин маънои эътироф намудани бартарии созишномаҳои байналмилалиро нисбат ба меъёрҳои қонунгузории миллӣ дорад.

Бо вуҷуди зиёд будани сарчашмаҳо ҷойи асосиро дар феҳрасти онҳо конститутсия ишғол менамояд. Нақши конститутсия дар танзими муносиботи молиявӣ дар аксари давлатҳои муосир бо мавқеи он ҳамчун сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии миллӣ дар умум муайян гаштааст. Ба конститутсия қувваи олии ҳуқуқӣ дода шудааст, бо тартиби махсус қабул ва тағйир карда мешавад, ки аз тартиби тағйирдиҳии қонунгузории ҷорӣ тафовут дорад. Он ҳуҷҷати ҳуқуқиест, ки ҳамчун асоси тамоми қонунгузории ҷорӣ хидмат мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ муайян намудаанд, бояд ба конститутсия мувофиқат намоянд. Ин қоида пурра ба қонунгузории молиявӣ низ дахл дорад. Конститутсия дар маҷмуъ кафили пойдории ҳаёти ҷомеа буда, бо ин устувории низоми молиявии кишварро низ таъмин месозад. Ҳамзамон кафили

чунин устуворӣ тартиби дар аксари давлатҳои муосир муқарраргардидаи тағйирот ба конститутсия мебошад: меъёрҳои конститутсионӣ танҳо бо тартиби вижа ва раванди мураккаб метавонанд тағйир дода шаванд.

Конститутсияҳо ҳам муқарраroти умумиро, ки амали онҳо ба фаъолияти давлат дар тамоми бахшҳо, аз ҷумла ба муносибатҳо дар соҳаи молия паҳн мегарданд, ҳам меъёрҳои махсусро, ки амали онҳо танҳо ба муносибатҳои молиявӣ паҳн мегарданд, фаро мегиранд. Ба ақидаи профессор Н.С. Крилова меъёрҳои махсус дар навбати худ ду хел мешаванд: а) меъёрҳои вобаста ба хусусиятҳои хоси муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии дар қонуни асосӣ танзимшавандае, ки ба бахши молиявӣ ишора мекунанд; б) меъёрҳое, ки мавзӯи танзими хосашон истисноян муносибатҳои молиявианд [1111]. Вале навъи дуюми меъёрҳои дарҷнамудаи профессор Н.С. Крилова дар Конститутсияи ҶТ ҷой надоранд, чун ба молия ва зербахшҳои он боби алоҳидае бахшида нашудааст.

Аҳамияти муҳимтаринро барои фаъолияти давлат дар соҳаи молиявӣ принсипҳои умумӣ – волоияти Конститутсия ва давлати ҳуқуқбунёд, ки дар аксари конститутсияҳои муосири ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон эълон гардидаанд, ташкил медиҳанд. Онҳо тобеи ҳуқуқ будани тамоми фаъолияти давлатро дар соҳаи баррасишаванда мефаҳмонанд ва онро ба чаҳорчӯбаи қонун ворид менамоянд.

Таъсири назаррасро ба фаъолияти молиявии давлат принсипҳои умумии ташкили ҳокимияти давлатӣ, ки дар конститутсияҳои кишварҳои ҷаҳон мустаҳкам гардидаанд, мерасонанд. Ин меъёр-принсипҳои умумӣ тартиби ташкили мақомоти давлатӣ, салоҳият ва муносиботи мутақобилаи онҳоро муайян мекунанд. Фаъолияти молиявии давлате, ки шакли сохти ягона (унитарӣ) дорад, дар қиёс бо фаъолияти он дар давлати мураккаб (федеративӣ) бо вижагиҳои хос тавсиф меёбад. Муносиботи мутақобилаи сардори давлат, ҳукумат ва

парлумон дар соҳаи молия вобаста ба шакли идоракунии эълондоштаи конститутсия – ҷумҳурӣ ва ё монархия ба тарзи гуногун сурат мегирад. Ин ба намудҳои шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ (президентӣ, парлумонӣ ва ё омехта) низ дахл дорад.

Бо муайян кардани асосҳои вазъи ҳуқуқии шахс, конститутсия принсипи умумии баробариро муқаррар мекунад. Эълони он, масалан, риояи яке аз принсипҳои асосии низоми андозбандӣ – умумӣ будани андозҳо ва баробарии андозсупорандагонро таъмин месозад.

Ишораи (ҳаволаи) махсус ба низоми молиявӣ дар он муқаррароти конститутсия ифода ёфтааст, ки вижагиҳои намуди мушаххаси муносиботи конститутсионию ҳуқуқиро пешбинӣ мекунанд. Аз ҷумла салоҳияти мақомоти олии давлатро муайян карда истода, қонуни асосӣ масоили таҷзияи онро байни ҳукумат ва парлумон дар соҳаи молия дахолат мекунад.

Муқаррароти умумию ибтидоии назорати мақомоти намояндагиро аз болои ҳокимияти иҷроия дарҷ намуда истода аксари конститутсияҳо меъёрҳои махсусеро, ки вижагиҳои онро дар соҳаи назорат аз болои ҷамъоварӣ ва хароҷоти захираҳои давлатӣ пешбинӣ менамояд, дар бар гирифтаанд. Умуман, конститутсия салоҳиятҳои парлумонро дарҷ намуда, бо ин меъёрҳои махсусеро, ки вижагиҳои онро дар соҳаи фаъолияти молиявӣ пешбинӣ менамояд, фаро гирифтааст. Вобаста ба ин, агар меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистонро таҳлил намоем маълум мегардад, ки дар ҷумҳурии мо салоҳиятҳои молиявӣ-ҳуқуқии парлумон ба палатаи поёнии он – Маҷлиси намояндагон вогузор гардидаст. Мувофиқи Конститутсия Маҷлиси намояндагон барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро тасдиқ менамояд (қ. 3 м. 57); ба додугирифти қарзи давлатӣ ризоят медиҳад (қ. 4 м. 57); фармонҳои Президентро дар бораи таъйин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ тасдиқ менамояд (қ.10 м. 57); маоши

Президентро муайян менамояд (қ.12 м. 57) [1]. Конститутсия тартиби умумии қабули қонунҳоро аз ҷониби парлумон пешбинӣ карда, ҳамзамон бо он муқаррарот роҷеъ ба вижагиҳои раванди қонунэҷодкуниро дар соҳаи молия фаро мегирад, чуноночи: Лоиҳаи Қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад (сархати 3 м. 59); Қонун дар бораи буҷети давлатӣ танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул карда мешавад. Маҷлиси намояндагон иҷрои буҷети давлатиро назорат мекунад (сархати 5 м. 60) [11]. Бояд ёдовар шуд, ки таърихан тасдиқ ва санҷиши иҷроиши буҷет ҳуқуқи парлумон буда [1212, с. 95; 1818, с. 163-164], он дар баробари функсияи қонунгузорӣ функсияи назоратиро низ ба амал мебарорад ва назорати минималии парлумонӣ – ин назорати буҷетию молиявист [1616, с. 9].

**Дар конститутсияҳои аксар кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон таъсиси мақомоти олии махсуси назоратии молиявию буҷетӣ – Палатаи ҳисоб пешбинӣ гаштааст ва он** аз зумраи мақомоте мебошад, ки ба парлумон ҷиҳати назорати иҷрои буҷети давлатӣ ва дигар қонунҳои молиявӣ, фаъолияти молиявию хоҷагидории иттиҳодияҳо ва корхонаҳои давлатӣ, инчунин воҳидҳои дигари бахши омма кӯмак менамояд. Мавриди зикр аст, ки Палатаи ҳисоб дар давлатҳои гуногуни ҷаҳон бо номҳои мухталиф ёд мешавад, гарчи асосан он дорои номи «палатаи ҳисоб» ва ё «палатаи ҳисоби давлатӣ», «палатаи ҳисоби генералӣ» аст, номи дигари паҳншудаи ин мақом бо таъкид шудани фаъолияти назоратии он алоқаманд аст ва ё баъзан ин мақомро ба сифати мақоми судӣ номгузорӣ кардаанд.

Нақшу мавқеи палатаи ҳисобро конститутсияҳои муосир бо тарзу усулҳои гуногун танзим намудаанд. Баъзан, онҳо танҳо ба тартиби таъсисёбии ин мақом ишора мекунанду халос (масалан, Конститутсияи Русия); баъзеи дигар ба таври

хеле мухтасар тартиби таъсисёбӣ ва салоҳияти палатаи ҳисобро муайян намуда, тарзи ташкилёбӣ, салоҳият ва тартиби фаъолияти онро ба қонуни алоҳида ҳавола кардаанд (масалан, Конститутсияи Булғория); гурӯҳи сеюм масъаларо ботафсил танзим карда, тартиби ташкилёбӣ, вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти палатаи ҳисобро муқаррар кардаанд (Дар ин робита фасли панҷуми Қонуни конститутсионии федералии Австрия, ки «Назорат оид ба фаъолияти ҳисоботӣ ва молиявӣ» номгузорӣ шудааст намунаи қобили таваҷҷуҳ мебошад). Танзими муфассали конститутсионии вазъи ҳуқуқии палатаи ҳисоб аз нигоҳи мантиқ ба мақсад мувофиқ аст, зеро он мақоми хеле муҳим буда, ба фаъолияти ниҳоят масъулиятнок машғул аст. Дар сатҳи қонуни асосӣ дақиқ муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти мақоми мазкур кафолати зарурии дурусту солим иҷро намудани вазифаҳои ба уҳдаи он вогузоршуда буда, кормандони онро дар сатҳи қонуни олии давлат масъул месозад [242424, с. 350-354]. Гарчи дар Тоҷикистон Палатаи ҳисоб таъсис ёфта, қонун дар бораи он соли 2011 қабул гардида бошад ҳам [55], вале дар Қонуни асосии кишвар дар бораи мақомоти мазкур чизе гуфта нашудааст ва аз таҷрибаи констититутсияҳои хориҷӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки ин мувофиқи матлаб набуда, дар оянда ислоҳро тақозо менамояд.

Бояд таъкид сохт, ки баъзе конститутсияҳо таъсиси палатаи ҳисобро аз ихтиёроти сарвари давлат донистаанд ва баъзеи дигарашон бошад онро ба сифати мақоми комилан мустақил эътироф кардаанд. Аммо, сарфи назар аз мақоми мустақил эълон шудани палатаи ҳисоб, он ҳатман дар робитаи зич бо парлумон фаъолият менамояд, чунки маҳз парлумон қонун дар бораи буҷет ва дигар қонунҳои молиявиро қабул мекунад ва иҷрои онро назорат менамояд [1010, с. 554]. Тасодуфӣ нест, ки мақомоти назоратие, ки ҳатто аз ҷониби сарвари давлат таъсис дода мешаванд, уҳдадоранд, ки ба парлумон ҳисоботи фаъолияти худро

пешниҳод намоянд. Палатаи ҳисоб ба кадом сифате фаъолият накунад, он баҳри ба даст овардани маълумоти дақиқ ва айнӣ роҷеъ ба хароҷоти захираҳои буҷетӣ, ки онҳоро парлумон дар шакли қонун қабул ва тасдиқ мекунад, мусоидат намуда, бо ин роҳ баҳри амалан татбиқ намудани салоҳияти назоратии парлумон нисбат ба фаъолияти ҳокимияти иҷроия ҷиҳати сарфу харҷи дороии мардум кӯмак мерасонад. Чун парлумон аз манфиати андозсупорандагон намояндагӣ мекунад, аз ин рӯ он аз тамоми василаҳои қонунии назорат, аз ҷумла аз хизмати палатаи ҳисоб истифода мебарад [24, с. 354-355].

Дар боби бахшида ба Президент (боби 4) қонуни асосӣ салоҳиятҳои онро муқаррар намуда, аз ҷумла чунин ихтиёроти ҳуқуқӣ-молиявии Сарвари давлатро эълон медорад: Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъйин ва озод мекунад ва фармонро барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод месозад (банди 7 м.69); Низоми пулиро муайян карда, маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд (банди 15 м. 69) [1].

Бояд ёдрас шуд, ки бонки марказӣ (миллӣ) яке аз падидаҳои муҳими низоми молиявии аҳамияти конститутсионӣ дар замони муосир мебошад. Чунин аҳамияти конститутсионӣ бо он вобаста аст, ки дар шароити мураккабгардии воқеияти молиявию иқтисодӣ, инчунин суръати тезафзояндаи ҳамгироии (интегратсияи) байнидавлатии молиявӣ – дар чаҳорчубаи раванди нисбатан умумии ҷаҳонишавӣ – низоми молиявӣ ба идоракунии салоҳиятнок ва асосноккунии иҷтимоӣ махсусан ниёз дорад. Эътирофи нақши бузурги иҷтимоию иқтисодии бонкҳои марказӣ ва талош ба таъмин намудани сатҳи баланди касбият зимни иҷроиши вазифа аз ҷониби онҳо омили асосии вазъи конститутсионӣ бахшидан ба онҳо аст. Бо гузашти замон бештари кишварҳо ба унсурҳои муҳими вазъи ҳуқуқии бонкҳои марказӣ дар матни конститутсияҳо таваҷҷуҳ зоҳир

карда истодаанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ тамоюли мазкур хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Б.А. Страшун ва В.А. Рижов бар он ақидаанд, ки конститутсионализатсияи бонкҳои марказӣ яке аз тамоюлҳои шоёни таваҷҷуҳ дар рушди конститутсионии ҷаҳонии имрӯз ба ҳисоб меравад [1010, с. 560].

Бояд дарҷ намуд, ки кӯшишҳои нахустини танзими конститутсионии бонкҳои марказӣ бори нахуст ҳанӯз дар нимаи аввали асри XX ба амал баровaрда шуд, ки аз он конститутсияҳои соли 1900-уми Австралия ва соли 1917-уми Мексика шаҳодат медиҳанд. Инчунин Конститутсияи соли 1853-юми Аргентина боиси таваҷҷуҳ аст: дар соли 1935 таъсисёбии Бонки марказии Ҷумҳурии Аргентина дар як вақт бо ворид намудани тағйироти дахлдор ба матни Конститутсияи он вобаста аст, ки тибқи муқаррароти он таъсис намудани Бонки миллӣ дар пойтахт, инчунин танзими фаъолияти он ва филиалҳояш дар музофотҳо бо ҳуқуқи баровардани нишонаҳои пулӣ (пул) ба салоҳияти Конгрес дохил мешуд ва то ҳол дохил мешавад (банди 5 моддаи 67 Конститутсияи Аргентина) [1515, с. 133-134]. Аммо бо вуҷуди ин лаҳзаи баҳисобгирии раванди умумиҷаҳонии тамоюли конститутсионализатсияи вазъи ниҳоди бонкҳои марказӣ миёнаи садаи XX дониста мешавад ва дар замони муосир бошад, он ба тарзи назаррас авҷ гирифтааст.

Воқеан, зиёда аз чил конститутсияи амалкунандаи давлатҳои нисбатан калон муқарраротеро, ки ҷанбаҳои муҳимтари вазъи ҳуқуқии бонкҳои марказиро даҳолат мекунанд, фаро мегиранд. Ба шумори онҳо конститутсияҳои Аргентина (соли 1853), Австралия (соли 1900), Мексика (соли 1917), Ҷумҳурии Федералии Олмон (соли 1949), Кипр (соли 1960), Португалия (соли 1976), Чили (соли 1980), Бразилия (соли 1988), Хорватия (соли 1990), Арабистони Саудӣ (соли 1992), Словакия (соли 1992), Чехия (соли 1992), Русия (соли 1993), Қазоқистон (соли 1995), Лаҳистон (соли 1997), Финляндия (соли 1999), Маҷористон (соли 2011) дохил

мешаванд [25, с. 11-12]. Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки аксари конститутсияҳое, ки камубеш батафсил вазъи бонкҳои марказиро танзим мекунанд, тавре аллакай иброз доштем, маҳз дар нимаи дуюми асри XX қабул гардидаанд. Ҳолати мазкур баланд шудани нақшу мавқеи бахши молиявиро дар иқтисодиёт ва мувофиқан таваҷҷуҳи конститутсияҳоро, ки аз ҷумла дар конститутсионализатсияи вазъи бонкҳои марказӣ ифода меёбад, тасдиқ мекунад.

Падидаи дигари ҳуқуқӣ-молиявии муҳим пул дониста мешавад, ки он дар тӯли асрҳо яке аз хусусиятҳои фарққунандаи давлат буда, василаи фардисозандаи он дар арсаи байналмилалист. Ғайр аз ин, дар аксари кишварҳо гузаронидани амалиётҳои пулии дохилидавлатӣ бо асъори хориҷӣ, чун қоида, манъ аст. Мусаллам аст, ки чунин муносибат ба ҳимояи ҳам сохтори конститутсионӣ ва ҳам манфиати давлат дар муомилоти берунӣ нигаронида шудааст (бо роҳи бидуни дахолати воситаҳои молиявии бегона ба фаъолияти дохилии давлат). Дар баробари ин қобили таваҷҷуҳ аст, ки аксари давлатҳо дар конститутсияҳои худ номи асъори миллии худро дарҷ накардаанд. Ба сифати истисно танҳо хеле намунаи кам мавҷуд аст. Ин Конститутсияи соли 1991-уми Руминия (қисми 2-юми моддаи 136: «воҳиди пули миллӣ – лей, пули майдаи он - бан»), Конститутсияи соли 1993-юми Русия (қисми 1-уми моддаи 75: «воҳиди пулӣ дар Федератсияи Русия рубл аст»), Конститутсияи соли 1994-уми Ҷумҳурии Молдова (қисми 2-юми моддаи 130: «асъори миллии Ҷумҳурии Молдова лейи молдавӣ мебошад»), Конститутсияи соли 1995-уми Озарбойҷон (қисми 1-уми моддаи 19: «воҳиди пули Ҷумҳурии Озарбойҷон манат аст»), Конститутсияи соли 1995 Арманистон (моддаи 83.3: «Бонки марказӣ асъори Ҷумҳурии Арманистон – драми арманиро мебарорад») ва Конститутсияи соли 2010-уми Қирғизистон (қисми 3-юми моддаи 11: «воҳиди пули Ҷумҳурии Қирғизистон сом мебошад»)

[141515, с. 119]. Тавре аён аст, давлатҳои номбурда ба шумори кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта шомил нестанд. Бинобар ин, таҳкими конститутсионии асъори миллӣ дар сатҳи конститутсионӣ барои онҳо – ин ифодаи ҳимояи бештар аз ғасби берунии молиявӣ аз тарафи давлатҳои нисбатан муваффақ мебошад, ки барои онҳо хавфи воқеӣ эҷод месозад. Аз ин рӯ, дар қонуни асосии Тоҷикистон, ки ба гурӯҳи давлатҳои рушдёфта дохил нест, муқаррар кардани асосҳои низоми пулӣ, аз ҷумла номи пули миллӣ – сомонӣ ва пули майдаи он – дирам мувофиқи матлаб мебуд. Гарчи матни аксари конститутсияҳо, ҳамчун қоида, ё бо меъёрҳои умумӣ роҷеъ ба сиёсати пулӣ ва роҷеъ ба он ки кӣ онро татбиқ мекунад, маҳдуд мешаванд ва ё умуман масъалаи низоми пулиро дахолат намекунанду танҳо падидаҳои буҷет андоз, бонк ва назорати молиявиро танзим месозанд.

Саволи мантиқие ба миён меояд: чаро чунин василаи молиявии муҳим чун пул, ки кафили тамомият ва ягонагии иқтисодиёт дар дохили давлат ва мустақилият дар арсаи байналмилалист, дар аксари давлатҳо объекти танзими конститутсионӣ намебошад? Чунин ба назар мерасад, ки дар конститутсияҳои мавҷи аввал танзими муносиботи пулӣ ҷой надоштанд, чунки пайдоиши конститутсия бо саъю талош ба маҳдуд кардани ҳокимияти давлатӣ алоқаманд буд. Бинобар ин падидаҳое, ки ҳокимияти давлатиро кафолат медоданд ва пурзӯр месохтанд, ба таври консептуалӣ дар мазмуну мундариҷаи конститутсия дарҷ нагаштанд. Конститутсияҳои муосир бошанд, аксарияташон масоили муқаррар кардани асъори миллиро дахл намекунанд (тавре соҳибихтиёрии давлатиашонро эълон намедоранд) ва ин қисман тибқи анъана, қисман барои он ки соҳибихтиёрии давлатӣ бо рушди ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла рушди ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳуми бебаҳс нест ва як қатор масоили консептуалиро талаб мекунад. Муҳаққиқони рус ба ин ҳолат таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тасдиқ мекунанд, ки имрӯз нақши давлати алоҳида ба

фоидаи ниҳодҳои байналмилалӣ ва фаромиллӣ ба таври назаррас поён рафта истодааст, ки дар воқеъ соҳибихтиёрии кишварҳои алоҳидаро халалдор месозад [1515, с. 120]. Бо назардошти ин дар банди 5-уми Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, таъкид карда мешавад, ки: «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ амалӣ карда шуда, ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ… равона карда мешавад» [47].

Меъёри дигари Қонуни асосии Тоҷикистон, ки хусусияти ишоравӣ ба танзими муносиботи молиявӣ дорад дар боби Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (боби 6) ҷойгир шудааст: «Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунад, роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳалро муайян менамояд, андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад…» (сархати 2-юми м. 77) [11]. Тавре мебинем, дар Конститутсияи ҷумҳурӣ нисбати ҳисобот оид ба иҷроиши буҷети маҳаллӣ муқаррарот мавҷуд аст, аммо дар он дар бораи ҳисоботи Ҳукумат роҷеъ ба иҷроиши буҷети ҷумҳуриявӣ дар назди парлумон меъёре вуҷуд надорад, ки ба андешаи мо на он қадар дурусту мантиқӣ аст. Бо таъсири он ҳатто дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 19 апрели 2000 с., №1 [22], Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати ҶТ» аз 12 майи 2001 с., №28 [33] ва Дастури Маҷлиси намояндагони ҶТ аз 7 ноябри 2001 с., №437 [6] низ дар ин масъала чизе гуфта намешавад ва танҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи

давлатии ҶТ» аз 28 июни 2011с., №723 [44] ин муносибатҳо танзим мегарданд, ки тибқи моддаи 27-уми он Ҳукумати ҶТ ҳисоботро оид ба иҷрои буҷети давлатии соли гузаштаи молиявӣ барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки ба Конститутсия ва қонунҳои номбурда тағйироти дахлдор ворид гардад. Чунки тавре маълум аст, яке аз давраҳои асосию хотимавии мурофиаи буҷетӣ - давраи ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ мебошад, ки шакли муҳими назорати парлумонӣ нисбати ҳукумат маҳсуб меёбад [2121, с. 202; 17, с. 217-218; 2222, с. 64-65]. Ҳамчунин ҳисоботдиҳанда будани ҳокимияти иҷроия вобаста ба иҷроиши буҷети давлатӣ дар назди ҳокимияти қонунгузор яке аз масоили асосии низоми боздорӣ ва мувозинаи шохаҳои ҳокимият ба шумор рафта, аз принсипи таҷзияи ҳокимият дар фаъолияти молиявии давлат бармеояд. Лозим ба ёдоварист, ки дар адабиёти давраи муосири ҳуқуқи молиявӣ «Таъмини таҷзияи ҳокимият дар фаъолияти молиявии давлат» ба сифати яке аз принсипҳои муҳими ҳуқуқи молиявӣ ва фаъолияти молиявӣ номбар мешавад. [21, с. 79-80; 88, с. 25-26]. Бояд ёдовар шуд, ки дар конститутсияи қариб ҳамаи давлатҳои пасошӯравӣ [99] ва умуман ҷаҳон [1919, с. 53-55] дар бораи ҳисоботдиҳанда будани ҳокимияти иҷроия дар назди парлумон вобаста ба иҷроиши буҷет меъёр пешбинӣ шудааст.

Конститутсияи давлатҳои ҷудогона принсипҳои умумии амали қонун дар замон ва маконро муқаррар карда, ба амали принсипи қувваи бозгашти қонун дар соҳаи андозбандӣ ишораи махсус мекунанд. Дар Конститутсияи ҶТ моддаи умумие ворид карда шудааст, ки тибқи он қонуни муқарраркунанда ва ё вазнинкунандаи ҷавобгарӣ қувваи бозгашт надорад (сархати 3 м. 20) [191]. Дар баробари ин дар Конститутсияи ҶТ ишораи махсусе мавҷуд аст, ки амали принсипи қувваи бозгаштро дар соҳаи андозбандӣ тавсиф

медиҳад: «Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд» (сархати 2 м. 45) [11]. Ин муқарраротҳамчун кафолати иловагии ҳуқуқи андозсупорандагон баромад мекунад. Дар банди якуми моддаи мазкур гуфта мешавад, ки «Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист». Аз ин ҷо хулоса карда метавон, ки танҳо бо қонун андозҳо муқаррар мешаванд (яъне принсипи танҳо дар шакли қонун муқаррар шудани андоз ва пардохтҳо) ва тавре маълум аст, қонунҳоро бошад мақоми олии қонунгузор ва намояндагии кишвар – Маҷлиси олӣ қабул мекунад. Аз тарафи мақомоти қонунгузор ва танҳо дар шакли қонун муқаррар шудани андозҳо яке аз пояҳои ҳуқуқбунёд будани давлат ва кафолати ҳифзи ҳуқуқи моликияти инсон ва шаҳрванд мебошад ва ин аз нишонаву хусусиятҳои худи қонун бармеояд. Зеро аввал ин ки қонун нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қувваи баланд ва муҳлати амали зиёдтар дошта, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим мекунад, дигар ин ки он аз зери назари намояндагони бевоситаи халқ ва Президенти мамлакат мегузарад. Аз ин сабаб эҳтимолияти ноадолатона будани қонунҳо нисбат ба санадҳои зериқонунӣ камтар мебошад ва табиист, ки дар қонунҳо манфиати мардум бештар ба назар гирифта мешавад. Дар баъзе давлатҳо ҳатто меъёри андозҳо бевосита дар конститутсияашон номбар гардидааст, ки ин аз муҳимияти принсипи мазкур шаҳодат медиҳад. Масалан, Конститутсияи Швейтсария, ки муносибатҳои вобаста ба андозбандиро мавриди танзими дақиқ қарор додаст, дар моддаи 128-уми худ меъёри андози мустақимро, ки ба фоидаи Иттиҳод ҷамъоварӣ мешавад, муқаррар кардааст. Тибқи муқарраротимоддаи мазкур аз даромади шахсони воқеӣ ситонидани андоз ба миқдори на зиёдтар аз 11,5 фоиз, аз фоидаи софи шахсони ҳуқуқӣ на зиёдтар аз 9,8 фоиз, аз сармоя ва захираҳои

шахсони ҳуқуқӣ на зиёдтар аз 0,825 промил пешбинӣ шудааст [24, с. 319].

Дар конститутсияҳои кишварҳои ҷаҳон истифода аз тартибу услуби гуногуни муайян намудани андозу пардохтҳо ба таври умумӣ ва уҳдадории супоридани андоз ба таври махсус сурат гирифтааст. Як гурӯҳи конститутсияҳо супоридани андозро ба сифати вазифаи мушаххаси шаҳрвандон ва ё ҳамагон пешбинӣ намудаанд (Арманистон, Беларус, Булғория, Исландия, Испания, Италия, Маҷористон, Озарбойҷон ва ғайра) [23, с. 238]. Гурӯҳи дигари конститутсияҳо бошанд ба масъалаи андоз ва уҳдадории пардохти он фаслу бобҳои алоҳидаи худро бахшида, онро таҳти танзими дақиқу муфассал қарор додаанд (Албания, Белгия, Бразилия, Грузия, Испания, Литва, Люксембург, Молдова, Олмон, Полша, Руминия, Туркия, Финляндия, Швейтсария, Шветсия ва ғайра) [2424, с. 319]. Ҳар як конститутсия тибқи диду боздиди муаллифонаш, ки дар таҳти таъсири омилҳои айнию зеҳнии гуногун қарор доштанду доранд, масъалаи баррасишавандаро муайян мекунад.

Дар Конститутсияи Тоҷикистон супоридани андоз дар боби ҳуқуқу озодиҳо ҷойгир шуда, нахуст ҳамчун яке аз вазифаҳои асосӣ муқаррар гардида буд: «Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад» [1313, с. 473, 523, 581]. Вале дар тағйиру иловаҳои соли 2016 матни моддаи дахлдор таҳрир гардида, «ҳатмӣ будани супоридани андоз» ба ҷойи «вазифаи ҳар кас будани додани андоз» муқаррар гардид: «Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист» [11]. Бо вуҷуди ин, ки мазмунан моддаи 45 мисли меъёрҳое шудааст, ки мавзӯи танзими хосаш истисноян муносибатҳои молиявӣ бошад ҳам, он мантиқан дар боби дуюми Конститутсия дар қатори вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд ҷойгир гардидааст. Яъне ба назар чунин мерасад, ки Қонуни асосӣ вазифаҳои асосии инсону шаҳрвандро муқаррар карда истода,

принсипҳои асосии андозбандиро низ эълом доштааст. Ҳамин тавр, моддаи 45-уми Конститутсияи кишварамон чунин принсипҳои муҳими бахши молияю андозбандиро эълон медорад: а) танҳо дар шакли қонун муқаррар шудани андоз ва пардохтҳо; б) ҳатмӣ будани супоридани андоз ва пардохтҳо; в) манъ будани қувваи бозгашти қонуне, ки андози навро муқаррар мекунад ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамояд.

Таҳқиқи Конститутсияи амалкунандаи ҶТ имкон медиҳад хулоса намоем, ки дар умум он талаботи муосири танзими асосҳои низоми молиявиро қонеъ менамояд. Як қатор олимони Русия бар он назаранд, ки муқаррароти дар Конститутсияашон дарҷшуда барои муҳайё сохтани шароити мусоид ва кафолати суботу устувории муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ҳанӯз ҳам кофӣ нестанд [1414; 2020]. Бинобар ин, пешниҳод менамоянд, ки баҳри такмили танзими конститутсионии муносиботи молиявӣ ба Қонуни асосиашон илова кардани боби алоҳида дар бораи молия мусоидат хоҳад кард. Дар Тоҷикистон низ, ба андешаи мо, баҳри самарабахш сурат гирифтани фаъолияти молиявӣ ва таҳкими давлати иҷтимоию ҳуқуқбунёд зарурати дар боби алоҳидаи Конститутсияи он пешбинӣ кардани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти молиявӣ баръало тақозо карда мешавад. Дар боби мавриди назар ворид кардани муқаррарот роҷеъ ба мақсад, принсипҳо ва самтҳои сиёсати молиявии давлат, аз ҷумла низоми буҷетӣ ва андозбандии он, ки ягонагии давлатии Тоҷикистонро кафолат медиҳад; роҷеъ ба тартиб ва чаҳорчӯбаи муваққатии қабули буҷети давлатӣ; роҷеъ ба мавқеи Бонки миллӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, ба хусус кафолатҳо ва ҳудуди мустақилияти он; роҷеъ ба асосҳои низоми пулӣ; роҷеъ ба вазъ ва кафолатҳои мустақилияти Палатаи ҳисоб ва аъзои он ҳамчун василаи муҳими назорати молиявӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аммо чунин ислоҳоти конститутсионии қатъӣ, ба андешаи мо, танҳо дар сурати аз нав дида баромадани Конститутсия судманд хоҳад буд. Худ ба худ, яъне ба сифати ислоҳоти конститутсионии алоҳида, айни ҳол чунин амали қатъӣ вобаста ба ворид намудани қисмати таркибӣ ба Конститутсияи ҶТ бахшида ба муносиботи молиявӣ гумон аст, ки дар шароити вазъияти сиёсию иҷтимоии ноустувор муфид бошад. Бояд дар назар дошт, ки танзими ҳуқуқии, аз ҷумла конститутсионии аз ҳама комилтарини муносиботи молиявӣ – ин кафолати ягонаи самарабахшии низоми молиявии давлат буда наметавонад. Кафолати муҳим ва баъзан калидии чунин самарабахширо амалияи татбиқшавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва умуман вазъияти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фароҳам меоранд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад хулоса намоем, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ва инчунин мураккабгардии ҳаёти иқтисодӣ нақши молия дар тамоми бахшҳои фаъолияту зиндагӣ ба андозаи назаррас баланд гардидааст. Дар баробари ин, аз як тараф таъсиррасонии танзимии давлат ба муносиботи молиявӣ боло рафта, аз тарафи дигар бошад, кафолатҳо ба муқобили суистифода аз ҳокимияти оммавӣ дар чунин шароити болоравӣ пурзӯр гардидаанд. Ҳамчун натиҷа, танзими конститутсионии молия ногузир нисбатан муфассалу серҷанба гашта, мутобиқан бояд тавсеа ёбад. Чунин зиёд шудани таваҷҷуҳи конститутсия ба танзими муносиботи молиявӣ, бешак ба таъсиси заминаи мустаҳкам барои таъмини устувории фаъолияти молиявию иқтисодии чи давлати алоҳида ва чи тамоми ҷаҳон имкони саҳмгузорӣ дорад.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли

2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 19 апрели 2000 с., №1 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, №4, мод. 108.

3. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати ҶТ» аз 12 майи 2001 с., №28 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №4, мод. М. 215.

4. Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии ҶТ» аз 28 июни 2011с., №723 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 436.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июли 2011 с., №749 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 460.

6. Дастури Маҷлиси намояндагони ҶТ аз 7 ноябри 2001 с., №437 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №11, мод. 682.

7. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018. – №1005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2022).

8. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири умумии Шонасриддинов Н.Ш. – Душанбе: Сино, 2005. –352 с.

9. Конституции государств - участников СНГ / Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ; ред. Л.А. Окуньков [и др.]. – М.: Издательская группа НОРМА- ИНФРА*М, 1999. –736 с.

10.Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Учебник. В 4-х томах. Тома 1-2. / Отв. ред. Б.А. Страшун. – М.: Издательство «БЕК», 1995. –778 с.

11.Крылова Н.С. Конституционные основы финансовой деятельности государства (сравнительное исследование) // Право. Журнал Высшей школы экономики. –2013. –№1. –С. 81-91.

12.Курочкина, Е.Е. Проблемы совершенствования механизма финансово-контрольной деятельности Российского государства: дис. ... канд. юрид. наук . – СПб., 2006. –173 с.

13.Маҷмӯаи Конститутсияҳои Тоҷикистон / Мураттибон Б.С. Гадоев, Ҷ.Н. Ҷамшедов. – Душанбе: Дониш, 2015. –633 с.

14.Мельников В.В. Конституционные основы регулирования экономических отношений в России: монография. –М.: ЮРКОМПАНИ, 2011. –206 с.

15.Молодцов Т.Р. Конституционно-правовое регулирование финансовой системы современных государств: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2014. –277 с.

16.Овсепян Ж.И. Становление парламентаризма в России: учеб. пособие / Отв. ред. Д.Ю. Шапсугов. –Ростов-н/Д: Изд-во «СКАГС», 2000. –120 с.

17.Парыгина В.А., Тедеев А.А. Бюджетное право и процесс: Учебник. –М.: Изд-во «Эксмо», 2005. –384 с.

18.Расулов Ф.М. Развитие законодательства о финансово-контрольной деятельности в Таджикистане (1917-2014 гг.): дис... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. –189 с.

19.Рустамов Дж.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: дис... канд. юрид. наук. – Москва, 2019. –235 с.

20.Сухоруков А.С. Экономическая конституция как основа конституционно-правового регулирования конкурентных отношений в РФ и ФРГ // Конституционное и муниципальное право. – М.: Юрист, 2010, №6. – С. 20-23.

21.Финансовое право: учебник / отв. ред. Н.И. Химичева. –2-е изд., перераб. и доп. –М.: Юристъ, 2002. –600 с.

22.Худяков А.И. Финансовое право Республики Казахстан: Особенная часть: учебник. –Алматы: ТОО «Издательство НОРМА-К», 2002. –344 с.

23.Ҳамидов Х. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷӣ. Қисми умумӣ. Ҷилди 1. –Душанбе: ЭР-граф, 2013. –404 с.

24.Ҳамидов Х. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷӣ. Қисми умумӣ. Ҷилди 2. –Душанбе: ЭР-граф, 2013. –500 с.

25.Чегринец Е.А. Конституционно-правовой статус центральных банков Европейского Союза (на примере европейской системы центральных банков): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2001. –24 с.

# РОЛЬ ПРАВОПОРЯДКА В СТАНОВЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

**Рустамзода Мухаммадали Рустам**

**докторант отдела теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права им. А. Боховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат юридических наук. Email: Duden73@bk.ru**

За прошедшее время в юридической науке развито достаточно обоснованное научное суждение о содержании понятия «законность». Исследования показывают, что законность юристами-учеными воспринимается в трех плоскостях. По этому поводу М. И. Байтин пишет, что сообразно выделить, по крайней мере, три основные аспекты понятия законности: во-первых, законность как принцип поведения всех участников общественных отношений в обществе и государстве, заключающийся в требовании соблюдения и исполнения законов всеми субъектами права; во-вторых, законность как принцип и метод формирования и деятельности всех ветвей государственной власти (законодательной, исполнительной и судебной), осуществления задач и функций государства, упорядочения отношений, возникающих между субъектами права; в-третьих, законность как неотъемлемая составная часть демократического политического режима, определенное устойчивое правовое состояние взаимоотношений между

государством и обществом, государственными органами и гражданами[147].

В юридической энциклопедии законность (от англ. *legality, legitimacy*) определяется как принцип точного и повсеместного исполнения всеми органами государства, должностными лицами и гражданами требований закона[148]. О. Е. Кутафин в юридическом энциклопедическом словаре называет законность всеобщим требованием в том смысле, что оно обязательно для всех участников общественных отношений[149].

История развития идеи о законе и законопослушании в политико-правовой, религиозно-философской мысли таджикского народа состоит из богатой философской мысли и рассуждений мыслителей, поэтов, прозаиков и других творческих личностей в истории таджикского народа. Говоря о вкладе политико-правовых мыслителей древнего мира в теорию и практику юриспруденции, нельзя, конечно, не указать на истоки возникновения, содержание и сущность законности в древнем и средневековом мире таджикского общества. Требование соблюдать изданные государством законы формулировалось давно. Еще римские юристы говорили о безусловной необходимости соблюдать законы (закон суров, но это закон – dura lex, sed lex), а такой принцип римского права как legalitas regnorum fundamentum (законность – основа государства) лег в основу организации всей государственно-правовой жизни не только европейских народов, но и всего мира.

---

[147] Байтин М. И. Сущность права (Современное нормативное правопонимание на грани двух веков). Изд. 2-е. доп. – М.: ООО ИД «Право и государство», 2005. – С. 340-341.

[148] Тихомирова Л. В., Тихомиров М. Ю. Юридическая энциклопедия / под ред. М.Ю. Тихомирова. – М., 1997. – С. 164.

[149] Юридический энциклопедический словарь / под ред. О.Е. Кутафина. – М., 2002. – С. 167.

Восточные мыслители видели развитие идеи законности в соблюдении и подчинении требованиям социально-нормативных регуляторов, так как социально-нормативную систему вплоть до начала прошлого столетия составляли такие многочисленные источники социального регулирования, как религия, обычаи, традиции законодательства.

Идея законности развивалась римскими юристами в русле представлений о праве, включающем в себя сферу естественного права и положительного (в позднейшей терминологии) права, и древними греками как главный принцип организации полисной жизни на основе гражданского согласия и справедливости. Платон писал: «Справедливость состоит в том, чтобы каждый имел свое и исполнял свое»[150]. Средние века явились новым этапом в осмыслении идеи законности, яркими представителями которых выступили А. Августин (354–430 гг.) и Фома Аквинский (1225–1274 гг.), которые выдвинули положение о верховенстве божественного закона и божественной природе законности. В западной политико-правовой мысли нового времени законность развивается в рамках трудов Т. Гоббса, Ж. Ж. Руссо, Дж. Локка, Ш. Монтескье и др. и их учений об общественном договоре, теории разделения властей и т. п.[151]

В странах Древнего Востока, особенно в центрах возникновения восточных цивилизаций, можно проследить возрождение и развитие понимания законности. Основу понимания законности на Востоке составляли религиозные, философские, этические ценности понимания мира,

---

[150] Орехов А. М. Энциклопедия социальных наук. Пролегомен. Словарь избранных статей. – М., 2010. – С. 78.

[151] Гуцериев Х. С. Законность и профилактика правонарушений (теоретико-правовой анализ): дис. … д-ра. юрид. наук.– СПб., 1998. – С. 16-43.

государства и права. Религиозно-этическое направление понимания законности на Востоке с учетом соответствующих культурно-исторических особенностей берет начало с древнекитайского даосизма и конфуцианства, а также с древнеиндийского учения о дхарме. В этих теориях делается акцент на идее морального долга и религиозно-нравственной ответственности за его невыполнение кем-либо, включая и правителей. Важнейшую роль в них играют традиции, обычаи как источники нравственно-правового поведения, его объективные начала. Следование таким объективным (естественным, природным) законам, правилам добродетельного поведения и обеспечивает нравственно-правовой порядок в обществе. Так, в конфуцианстве законы выступали орудием установления порядка, а наказание – вспомогательным для этого средством, где наказание без воспитательного воздействия признавалось признаком тиранического правления. Конфуций говорил: «Если руководить народом посредством законов и поддерживать порядок посредством наказаний, то хотя он и будет стараться избегать их, но у него не будет чувства стыда; если же руководить им посредством добродетели и поддерживать в нем порядок при помощи церемоний, то у него будет чувство стыда, и он будет исправляться»[152]. В противоположность к конфуцианству в понимании и заложивший основу современного юридического понимания законности составил легизм. А. И. Косарев пишет, что при легизме нашла отражение особая государственная идея – рационалистическое утверждение сильной государственной власти с всесилием закона и равенством всех перед законом; утверждалось, что государственная власть должна быть требовательной к людям и направлять их поступки

---

[152] Конфуций: суждения и беседы / пер. с кит. П.С. Попова. – СПб., Азбука, Азбука-Аттикус, 2012. – С. 13.

регулирующей ролью закона и наказания[153]. В древние и средние века в восточных государствах наказание составляли основу всей системы обеспечения и укрепления законности.

Проблемы законности и законопослушание прослеживаются и в творчестве мыслителей таджикско-персидского народа, расцвет которого в основном наблюдается в раннесредневековом этапе исторического развития. Исследование становления и развития идеи законности в истории таджикского народа можно осуществить несколькими методами, в том числе портретным методом, когда изучаются идеи законности, выдвинутые отдельными историческими личностями. В основном в таком качестве на Востоке выступают восточные прозаики, мыслители и поэты, в научных и литературных произведениях которых возможно проследить идеи закона, законности и законопослушания. Политико-правовые взгляды таджикско-персидских мыслителей, философов, поэтов, прозаиков по поводу законности и законопослушания можно проследить в трудах таджикского ученого Р. Ш. Сативалдыева. Другим методом исследования выступает цивилизационный метод. Такой метод при исследовании государственно-правовых явлений в истории таджикского народа позволяет проследить развитие обеспечения законности в рамках различных цивилизаций, которых прошел таджикский народ. По мнению И. Б. Буриева, использованием цивилизационного подхода можно уменьшить несоответствия типологии права, привести их к одному знаменателю. На основе применения цивилизационного метода автор предлагает следующую периодизацию истории государства и права таджикского народа: зороастрийский, исламский, смешанный (с

[153] Косарев А. И. История государства и права зарубежных стран. – М., Норма, 2003. – С. 45.

доминированием институтов российского государства и права и сохранением местных институтов власти, 1868 г. – 1917/1920 гг.), советский и национальный периоды (с 1991 г. по настоящее время)[154]. В процессе нашего исследования мы будем применять оба метода исследования, так как каждому этапу развития более присущ тот или иной метод исследования, который позволяет более детально и глубоко раскрывать сущность и содержание такого правового явления, как законность. Так, например, в исламский период, который охватывает свыше тысячи двухсот лет, в силу доминирования источников мусульманского права более удобным методом исследования является портретный метод исследования, где отдельные суждения о законе, справедливом правлении, подчинении требованиям как источникам религиозного права, так и светского права прослеживались в трудах и произведениях ученых, философов, поэтов, мыслителей и прозаиков.

Первый этап государственно-правового развития таджикского народа начинается с момента образования первых государственных образований на территории исторического Таджикистана и распространения зороастрийской религии. В целом зороастрийский период пестрит многочисленными по своему характеру и сфере правовыми источниками. Достаточно обратиться к трудам А. Г. Халикова, который исследовал зороастрийскую правовую систему. Талезари Али Аббас пишет, что самыми важными источниками в период правления Ахеменидов являлись царские приказы и предписания, которые стояли над всеми законами и которым все должны были следовать. Были и другие источники, такие как нормы правовых обычаев и

---

[154] Буриев И. Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период): автореф. дис. … д-ра. юрид. наук. – М., 2009. – С. 16.

религиозно-правовые нормы. Основными источниками же права при Сасанидах были Авеста, приказы царей, приговоры суда, обычаи, традиции и доктрины.[155]

Первым писанным правовым источником в зороастрийский (доисламский) период истории таджикского народа выступила священная книга зороастрийцев Авеста. Б. Г. Гафуров указывал, что Авеста представляет собой сложный сплав разнородных и разновременных элементов, который состоит из четырех основных частей (Ясна, Яшты, Вендидад, Виспарат) и ряда других разделов меньшего объема и значения[156]. В свою очередь, А. Д. Бабаев и Т. Д. Каримов отмечают, что Авеста, являясь древнейшим источником права, также состояла из правовых норм и законодательных актов[157]. В основном правовым нормам была посвящена третья книга Авесты под названием Вендидад (законы против девов).

Идея законности в Авесте и зороастрийской религии определялась концепцией выбора человеком между добром и злом. Борьба между добром и злом была центральной идеей в зороастрийской религии и его священной книги Авесты. Идея воплощения законности исходила из процесса осуществления человеком добрых помыслов, добрых дел и доброго слова. Путь законности указывался истинной верой, триумфом силы добра над злом, исполнением обещаний. При любых обстоятельствах в зороастрийском обществе человек должен был исполнять свои обещания. Так, на примере договорного права зороастрийцев А. Г. Халиков указывает на то, что

---

[155] Талезари Али Аббас. Становление и развитие институтов преступления и наказания в истории права Ирана: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 11, 13.

[156] Гафуров Б. Г. Таджики (древнейшая, древняя и средневековая история). – Душанбе, Ирфон, 1989. – Кн. 1. – С. 60, 74.

[157] Бабаев А. Д., Каримов Т. Д. Авеста: по следам древнейшей цивилизации таджиков. – Худжанд, 2001. – С. 165.

человек, который не исполняет требования договора, считается «мехр друч», т. е. обманщиком. По авестийским предписаниям «мехр друч» не может попасть в рай, так как ворота рая для него закрыты[158].

В древние времена в периоды правлений Ахеменидов, Сасанидов и других идея законности строилась на соблюдении не только источников религиозного и обычного права, но и также норм светского права, выражавшейся в действии законодательства, в частности, в формате приказов и указов царей. А. Р. Нематов указывает на то, что законодательная деятельность Ахеменидов развивалась на основе законодательства завоеванных территорий (в ахеменидское время действовали некоторые статьи закона Хаммурапи)[159].

В средние века идея законности строилась на фундаменте идеального царства, справедливого правления, которое представляло собой высокоорганизованное государство, где мудро властвуют уважающие законы правители, живут законопослушные поданные, а само управление осуществляется на основе мудрого и справедливого правления. Справедливый шах должен не только строго следовать царскому искусству, но и придерживаться законов и обычаев управления. Иначе и не могло быть, ибо будет господствовать беззаконие и анархия[160].

Придерживаясь принципиальных общих подходов к закону, восточные мыслители сформулировали свои позиции по проблемам законности, идеи и мысли, которые

---

[158] Халиков А. Г. Договорное право зороастризма // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 2003. – №2. – С. 23-24.

[159] Нематов А. Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: актуальные вопросы теории и практики: дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2013. – С. 98.

[160] Сюкияйнен Л. Р. Мусульманское право. Вопросы теории и практики. – М., 1986. – С. 113.

характеризовались своеобразием и оригинальностью. Законность на Востоке прежде всего ассоциировалась с законопослушанием. Для характеристики современных правовых явлений прозаики использовали непривычные понятия и категории, как «царские приказы», «указы», «послания высокого собрания», «послания двора», «законы мудрости», «установления власти», «законы разума», «обычаи царей», «обычаи управления» и многие другие[161]. Также необходимо сказать, что под современной категорией «законопослушность» в средневековом Востоке также подразумевалось соблюдение норм мусульманской религии.

Р. Ш. Сативалдыев констатирует, что восточные прозаики выступали ревностными защитниками, если выразиться современным языком, законности и порядка в государстве. Это выражалось в законопослушании подданных, нацеленном на создании режима верноподданнической покорности людей, лишая их любой возможности проявления недовольства. Адекватно этому устанавливались пределы действия справедливого шаха (справедливость, милосердие, великодушие, щедрость)[162]. Только в этих случаях можно было говорить о существовании законности и порядка в государстве.

О существовании идеи обеспечения законности и порядка в государстве можно уже наблюдать в IX веке в труде Тахира ибн Хусейна «Насихатнома» (период правления династии Тахиридов). «Насихатнома» была написана в форме писем, которых оставил Тахир своему сыну Абдуллах. Она выступала в качестве руководства во время правления

---

[161] Сативалдыев Р. Ш. Проблемы закона и законопослушания в творчестве мыслителей-прозаиков раннесредневекового мусульманского востока (XI–XII вв.) // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 1998. – №4. – С. 10.

[162] Там же. – С. 19.

династии Тахиридов, в котором содержались рекомендации по построению государственности, и в последующем выступала как источник законодательства, позитивного и международного права более поздним государственным образованиям таджикского народа, таким как государства Саманидов, Газневидов, Сельджукидов и др.[163] Особый интерес в названном труде представляют идеи обеспечения законности в системе государственного управления, в частности, предложение ограничения политической власти и развития идеи конституционализма. Основу законности в соответствии с «Насихатнома» в государстве составляли взаимные гражданские, уголовные, имущественные и государственные права и обязательства монарха и общества друг перед другом. Нормативно-правовую основу этих отношений составляли источники мусульманского права. В принципе «Насихатнома» выступала первым источником после завоевания Средней Азии арабами и распространения ислама в этом регионе.

Мухаммад аз-Захири Самарканди, являясь одним из ведущих мыслителей-прозаиков раннего средневековья, также представил свои идеи по вопросам законности, и укрепление законности он связывал с двумя условиями, а именно нравственным и умственным совершенством человека, т. е. высокую степень законности в государстве увязывал с интеллектуальным и моральным развитием граждан[164].

А. Джами предлагал собственную концепцию мудрого правления на основе принципов разума и мудрости,

---

[163] Тахиров Ф. Т., Халиков А. Г. Правовое значение «Насихатнома» Тахира ибн Хусейна (Тахириды, IX в.) // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 2001. – №4. – С. 16.

[164] Сативалдыев Р. Ш. История политических и правовых учений. – Душанбе, ЭР-граф, 2011. – С. 204. (на тадж. яз.).

справедливости и правосудия[165]. Не последнюю роль в формировании государственно-правовых идей Джами сыграла древнегреческая мысль, которая придала его суфийским рассуждениям юридическую направленность. Ш. Ю. Кенджаев в свою очередь пишет, что Джами принадлежал к числу тех персидско-таджикских поэтов и мыслителей, которые, не желая находиться в тисках современной им государственной идеологии, в результате открытого обличения пороков современного им общества, пропаганды идеалов права, законности, социальной справедливости вышли за рамки своей эпохи[166]. В вопросах законности он прежде всего обращается к правителям. Видя в лице идеальных государей разумных и целеустремленных правителей, они должны избрать своей целью обеспечение торжества права, создание государства благоденствия[167].

В целом средневековая концепция законности в истории таджикского народа являлась элементом общего, господствовавшего в то время теологического мировоззрения и мусульманской правовой доктрины. Она требовала соответствия человеческих (позитивных – Р. М.) законов высшей божественной разумной воле. На всех этапах исторического развития мыслители были единодушны в том, что законность и законопослушание зависит от одного единственного, но наиважнейшего условия – насколько монарх, его чиновники и поданные будут следовать правовым предписаниям и установлениям. Упование на идею

---

[165] Махмаджонова М. Средневековое общество и человек: от Фирдавси до Джами // Материалы международной конференции, посвященной 600-летию Абдурахамана Джами «Наследие А. Джами в мировой науке и культуре». – Душанбе, 2014. – С. 120.

[166] Кенджаев Ш. Ю. Мировоззренческие основы учения Джами о праве и государстве // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 2003. – №3. – С. 46.

[167] Там же. – С. 48.

«доброго, справедливого, идеального шаха» в обеспечении господства как норм религии, так и светского права, гарантии и укрепление законности было характерно почти всей средневековой таджикской политико-правовой мысли.

Идея законности становится более либеральной на фоне присоединения Средней Азии к российской империи и образования Туркестанского генерал-губернаторства. Теперь в систему источников права среднеазиатских народов наряду с религиозным и обычным правом входит имперское право. При этом оно начинает быстро завоевывать позиции в общественном регулировании и доминировать в системе социально-нормативного регулирования. На этом этапе происходит приобщение государств Средней Азии к институтам российского права и законодательства, в частности, к различным законодательным актам Российского государства, что вводит свои коррективы в понимании законности.

**Литература:**

1. Бабаев А. Д., Каримов Т. Д. Авеста: по следам древнейшей цивилизации таджиков. – Худжанд, 2001.

2. Байтин М. И. Сущность права (Современное нормативное правопонимание на грани двух веков). Изд. 2-е. доп. – М.: ООО ИД «Право и государство», 2005.

3. Буриев И. Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период): автореф. дис. … д-ра. юрид. наук. – М., 2009.

4. Гафуров Б. Г. Таджики (древнейшая, древняя и средневековая история). – Душанбе, Ирфон, 1989. – Кн. 1.

5. Гуцериев Х. С. Законность и профилактика правонарушений (теоретико-правовой анализ): дис. … д-ра. юрид. наук.– СПб., 1998.

6. Кенджаев Ш. Ю. Мировоззренческие основы учения Джами о праве и государстве // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 2003. – №3.

7. Конфуций: суждения и беседы / пер. с кит. П.С. Попова. – СПб., Азбука, Азбука-Аттикус, 2012.
8. Косарев А. И. История государства и права зарубежных стран. – М., Норма, 2003.
9. Махмаджонова М. Средневековое общество и человек: от Фирдавси до Джами // Материалы международной конференции, посвященной 600-летию Абдурахамана Джами «Наследие А. Джами в мировой науке и культуре». – Душанбе, 2014.
10. Нематов А. Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: актуальные вопросы теории и практики: дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2013.
11. Орехов А. М. Энциклопедия социальных наук. Пролегомен. Словарь избранных статей. – М., 2010.
12. Сативалдыев Р. Ш. История политических и правовых учений. – Душанбе, ЭР-граф, 2011. – С. 204. (на тадж. яз.).
13. Сативалдыев Р. Ш. Проблемы закона и законопослушания в творчестве мыслителей-прозаиков раннесредневекового мусульманского востока (XI–XII вв.) // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 1998. – №4.
14. Сюкияйнен Л. Р. Мусульманское право. Вопросы теории и практики. – М., 1986.
15. Талезари Али Аббас. Становление и развитие институтов преступления и наказания в истории права Ирана: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015.
16. Тахиров Ф. Т., Халиков А. Г. Правовое значение «Насихатнома» Тахира ибн Хусейна (Тахириды, IX в.) // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 2001. – №4.
17. Тихомирова Л. В., Тихомиров М. Ю. Юридическая энциклопедия / под ред. М.Ю. Тихомирова. – М., 1997.
18. Халиков А. Г. Договорное право зороастризма // Давлат ва ҳуқуқ [Государство и право]. – Душанбе, 2003. – №2.
19. Юридический энциклопедический словарь / под ред. О.Е. Кутафина. – М., 2002.

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МУҲОҶИРАТ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Маҳмадуллозода Нурулло Рахматулло**
**номзади илмҳои ҳуқуқ, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. тел.+992 777079888 - моб. E-mail: nurullo_m@mail.ru**

Имрузҳо яке аз масъалаҳои муҳими глобалӣ ин танзими равандҳои муҳоҷират мебошад. Муҳоҷират ҳамчун як раванди мураккаби иҷтимоӣ тақрибан ба тамоми паҳлӯҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ таъсир мерасонад. Муҳоҷирати аҳолӣ дар таърихи инсоният накши муҳим дорад ва омилҳои асосии ин раванд ҳаракати одамон бо мақсади истифодаи заминҳои бекорхобида, рушди нерӯҳои истеҳсолкунанда, ташаккул ва омӯзиши фарҳангҳо, забонҳо ва қавмҳо мебошанд. Дар ин раванд таъминоти ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони мо мебошад.

Дар муқоиса бо дигар кишварҳо, Тоҷикистон тибқи меъёрҳои таърихӣ ба муҳоҷират ба наздикӣ дучор омадааст. Гузашта аз ин, дар муддати 30 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ тез-тез тағйир ёфта истодаан. Новобаста аз ин, дар ин муддат Тоҷикистон роҳи душвори ташаккули қонунгузории худро босуръат идома дод, ки он то як андоза ҷавобгӯи стандартҳои асосии байналмилалӣ ва сатҳи рушди муносибатҳои муҳоҷират дар кишвар аст.

Бо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар ибтидои Истиқлолияти давлатӣ (аввали солҳои 90 асри XX) Тоҷикистон ба аввалин мавҷи муҳоҷират рӯ ба рӯ шуд. Дар натиҷаи ин ҷанги шаҳрвандии бародаркуш зиёда аз 1 млн. шаҳрвандони ҷумҳурӣ гуреза шуданд. Қисми зиёде аз онҳо ба хориҷи кишвар (аксарият ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) ва қисме ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ паноҳ бурданд. Бо ба

эътидол омадани вазъи сиёсӣ тадриҷан масъалаҳои бозгардонии онҳо ба ҷои зисти доимӣ ва дар ин замина танзими ҳуқуқии ин раванд ба миён омаданд. Бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, №993 "Дар бораи муҳоҷирони иҷборӣ"[168] қабул гардид. Тибқи қонуни мазкур муҳоҷири иҷборӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси дар қаламрави ҷумҳурӣ иқомати доимидоштае эътироф карда мешуд, ки дар натиҷаи зӯроварӣ нисбати ӯ ё бинобар дигар ҳолатҳои воқеӣ маҷбуран ҷои зисти доимиашро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тарк намудааст.

Дар таърихи миллати тоҷик сесияи 16 - уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 1992, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошта, ба баргардонидани гурезаҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар кишвар замина фароҳам овард, нақши муҳим дорад. Дар иҷлосияи мазкур аввалин суханони роҳбари навинтихоби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин буданд: «Агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз боз мегардонам ва то даме ки як гурезаи тоҷик дар хориҷ басар мебарад, ором зиндагӣ нахоҳам кард».

Бо саъю кушиши ҳукумати ҷумҳурӣ бозгардонии гурезаҳо ба ҷои зисти доимиашон шуруъ гардид. Ҷараёни бозгардонии гурезаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва пурра ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ дар кишвар қариб як даҳсола - то соли 2000 идома ёфт. Дар ин марҳила масъалаи асосии давлатӣ ин барқарорсозии сулҳу суббот ва расидан ба Ваҳдати миллӣ буд. Санаи 27- уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия дар ҳузури намояндагони мамлакатҳои ҷаҳон ва намояндаи махсуси Муншии умумии СММ

[168] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1994, №15-16, мод. 245.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ[169] ба имзо расид. Санади ниҳоии сулҳ дар кишвари мо ихтилоф ва муноқишаҳои дохилии Тоҷикистонро бартараф намуд, гурезаҳои дохилӣ ба ҷои зисти пештарашон ва ба ҳаёти осоишта баргардонида шуданд.

Дар баробари ин раванди нави муҳоҷират-муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони мо ба хориҷи кишвар оғоз гардид, ки ин раванд низ танзими ҳуқуқиро талаб менамуд. Ба ин падидаи нави муҳоҷират низ дар Тоҷикистон оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ замина гузоштанд, зеро дар натиҷаи он ба сохтори иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ таъсири манфии калон расонида шуда, низоми бокортаъминсозии шаҳрвандони қобили меҳнат халалдор гардида буд.

Бо назар ба тағйирёбии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ қонунгузор ҷиҳати танзими ин соҳа қонуни нав: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" –ро аз 11 декабри соли 1999, №881[170] қабул намуд. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" ҳамаи равандҳои муҳоҷират: муҳоҷирати меҳнатӣ, дохилӣ, экологӣ ва дигар намудҳои муҳоҷират васеътар танзим гардиданд. Илова ба ин қонунҳо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд, ки холигиҳои қонунгузориро дар танзими муносибатҳои муҳоҷират тадриҷан пурра кардан гирифтанд.

Айни замон барои Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои муҳоҷират, бахсус муҳоҷирати меҳнатӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Зеро, кишвари мо дорои сохтори аҳолии ҷавон

---

[169] Матни Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ аз 27 июни соли 1997 дар сомонаи СММ дар суроғаи https://www.un.org/ru/events/missions/past/unmotagr.htm дастрас аст.

[170] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 320

буда, афзоиши ҳамасолаи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2,2 фоизро ташкил дода, Тоҷикистон дар минтақа аз ҷиҳати афзоиши аҳолӣ ва мутаносибан қувваҳои корӣ дар ҷои аввал меистад. Мутобиқи маълумотҳои оморӣ ҳамасола ба ҳисоби миёна 500 ҳазор шаҳрвандони мо ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунанд. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвари мо хусусияти муваққатӣ дошта он асосан дар мавсими баҳору тобистон сурат гирифта, дар аввали фасли зимистон аксарияти онҳо ба Ватан бармегарданд.

Илова бар ин Тоҷикистон ҳамчун давлати қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз дигар кишварҳо, гурезаҳо ва паноҳчуён низ маҳсуб меёбад, ки ҳамчун иштирокчии санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират ӯҳдадор аст, ҳуқуқу манфиатҳои ин шаҳрвандони хориҷиро таъмин намояд[171]. Бо назардошти ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезаҳо" аз 10 майи соли 2002 №50[172] қабул гардид, ки зарурати қабули он танзими ҳуқуқии масъалаҳои гурезаҳо-шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон буд, ки асосан бинобар вазъи ноороми сиёсии давлати Афғонистон шаҳрвандони ин кишвар ба Тоҷикистон гуреза мешуданд. Ҳамчунин солҳои охир дар Тоҷикистон бо назар ба таъсири омилҳои демографӣ намудҳои дигари равандҳои муҳоҷират: дохилӣ ва экологӣ вусъат гирифтаанд, ки танзими ҳуқуқии ин равандҳои муҳоҷират низ зарурати воқеӣ буд.

Мавриди зикр аст, ки равандҳои кунунии муҳоҷират танҳо хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон набуда, солҳои охир он қариб тамоми минтақаҳои дунёро фаро гирифтасст.

---

[171] Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз соли 1993 Конвенсияи Созмони миллали мутаҳид "Дар бораи мақоми гуреза"-ро аз соли 1951 тасдиқ намуд ва зарур буд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба он мутобиқ карда шаванд ва Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии ин конвенсия уҳдадориҳоро дар мавриди қабул ва таъмини ҳуқуқҳои гурезаҳо ба зимма гирифт.

[172] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, s.1, мод.305; с. 2010, №1, мод.14; с. 2012, №12, мод.1013)

Мутобиқи гузориши Созмони байнамилалии муҳоҷират дар соли 2022 теъдоди муҳоҷирон дар ҷаҳон қариб 281 миллион нафар баҳогузорӣ мешавад, ки аз се ду ҳиссаи онро муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медиҳанд[173].

Бо назардошти ин, бо ташаббуси Созмони милали муттаҳид соли 2018 як санади нави байналмилалӣ дар ин самт-Созишномаи глобалии муҳоҷирати бехатар, муташаккилона ва расмӣ қабул гардид[174].

Дар давраи пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ танзими босамари давлатии соҳаи муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянсозии механизмҳои дақиқи ҳуқуқии танзими муносибатҳои муҳоҷиратиро тақозо мекунад. Мураккаб ва бисёрҷанба будани муносибатҳои муҳоҷират таъсиси низоми васеи меъёрҳои ҳуқуқиеро талаб мекард, ки бояд ҳам ба таъмини ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва ҳам ба танзими фаъолияти мақомоти ваколатдори ин соҳа нигаронида шаванд.

Бо назардошти ин меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон як институти нави байнисоҳавӣ – ҳуқуқи муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфт, ки аз як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро дар соҳаи муҳоҷират танзим менамоянд, замина мегирад.

Дар ин муддат қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷират тахти таъсири омилҳои мухталиф қарор гирифт, ки муҳимтарини онҳо вазъияти сиёсӣ ва геополитикии ҷаҳон ва минтақа, равандҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ дар дохили кишвар, тағйирот дар афзалиятҳои

---

[173]Доклад о миграции в мире 2020//https://www.un.org/development/desa/pd/sites/www.un.org. development.desa.pd/files/imr2020_10_key_messages_ru_1.pdf.

[174] Дастрасӣ аз сомонаи: https://refugeesmigrants.un.org/migration-compact.

геополитикӣ ва миллии он ҳангоми пешбурди сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар буданд.

Ҳадафи асосии ташаккули қонунгузории муҳоҷират дар ин марҳила ба даст овардани натиҷаҳои мусбии бештар аз равандҳои муҳоҷират нигаронида шуд, ки ба истифодаи самараноки қувваҳои корӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, таъмини шуғли аҳолӣ ва паст намудани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, аз худ намудани заминҳои бекорхобидаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, таъмини амнияти кишвар ва аҳолии он аз таҳдидҳои терроризм, экстремизми байналмилалӣ ва пешгирии равандҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ замина мегузошт.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии танзими муносибатҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон имрӯз зиёда аз 40 санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон то имруз 4 санадҳои байналмилалиро дар самти муҳоҷират тасдиқ намуда, қонунгузории миллиро ба меъёрҳои ин санадҳо мутобиқ намудааст: инҳо Конвенсияи байналмилалии Созмони миллали мутаҳид аз 18 декабри соли 1990 «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо», Конвенсияҳои ТБМ (№97) аз 1 июли соли 1949 «Оид ба муҳоҷирони меҳнатӣ» ва (№143) аз 4 июни соли 1975 «Дар бораи суистифода дар соҳаи муҳоҷират ва оид ба таъмини имкониятҳои баробар ба кормандон-муҳоҷирон”, Конвенсияи Созмони миллали мутаҳид “Дар бораи мақоми гуреза” аз соли 1951 мебошанд.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишварамон зиёда аз 15 созишномаҳои байниҳукуматӣ бо давлатҳои хориҷӣ ба имзо расонида шудаанд. Аз ҷумла танҳо бо Федератсияи Россия қариб 10 созишнома ва ёддоштҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда, мавриди амал қарор доранд.

Дар ин муддат беш аз 20 Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидаанд, ки муносибатҳои вобастаи

муҳоҷиратро танзим менамоянд. Аз ҷумла, Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023 муҳимтарин барномаҳои амали ин самт мебошанд.

Дар маҷмуъ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷират дар давраи Истиқлолият бо назардошти таъмини ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, амнияти кишвар, соҳибистиқлолии давлат тадриҷан ташаккул ёфта, муносибатҳои ҳуқуқии ин бахшро танзим менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, айни замон барои илми ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқотҳо доир ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккули Институти ҳуқуқи муҳоҷират аҳамияти муҳим дорад. Он бояд ба муайянсозии самтҳои имконпазири ташаккули институти ҳуқуқи муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти зарурати риояи дақиқи ӯҳдадориҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ва таҷрибаи мусбии кишварҳои хориҷӣ дар танзими муносибатҳои муҳоҷират идома дода шавад.

**Адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, №993 "Дар бораи муҳоҷирони иҷборӣ //Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1994, №15-16, мод. 245.
2. Созишномаи умумии истикрори сулҳ ва оштии миллӣ аз 27 июни соли 1997// https://www.un.org/ru/events/missions/past/ unmotagr.htm.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" аз 11 декабри соли 1999, №881//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 320.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гурезаҳо” аз 10 майи соли 2002 №50//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, s.1, мод.305; с. 2010, №1, мод.14; с. 2012, №12, мод.1013).

5. Созишномаи глобалии муҳоҷирати бехатар, муташаккилона ва расмӣ қабул гардид// https://refugeesmigrants.un.org/migration-compact.

6. Доклад о миграции в мире. URL:2020//https://www.un.org/development/desa/pd/sites/www.un.org.development.desa.pd/files/imr2020_10_key_messages_ru_1.pdf.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ ПАДИДАИ ЗАМОНАТ ДАР МАМЛАКАТ

**Эмомализода Навруз Эмомалӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**судяи Суди иқтисодии вилояти Суғд**

Аз ибтидои даҳаи охири асри 20-ум марҳилаи нави таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шудааст. Зеро Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 августи соли 1990 дар сессияи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул карда шудааст. Баъдан Изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии ҶТ (аз 9 сентябри соли 1991) қабул гардид, тавассути ин Изҳорот, Истиқлолияти ҶТ эътироф карда шуд. Сипас Шурои Олии ҶТ қарори махсусро «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии ҶТ» қабул кард, яъне изҳороти мазкур тавассути қарори Шурои Олии ҶТ қонунӣ гардонида шудааст.

Бояд гуфт, ки бори аввал дар банди 1-уми Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 августи соли 1990 дар сессияи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум мафҳуми расмии Истиқлолият муқаррар шуда, тибқи он «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ

дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ ифода меёбад».

Даврони Истиқлоли давлатӣ барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Имрӯзҳо баъзе давлатҳои соҳибистиқлол қурбони бозиҳои сиёсии давлатҳои абарқудрат гаштаанд. Бояд гуфт, ки сабаби асосии он зимоми идораи давлатро ба даст гирифта натавонистани роҳбарони онҳо ба ҳисоб меравад. Зеро таърих собит намудааст, ки ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирузиҳои ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортар аст. Хушбахтона Тоҷикистон тавонист бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва азми қавию заҳмату талоши халқи Тоҷикистон ин неъмати бебаҳоро то имрӯз ҳифз намоянд. Яке аз омили пойдории истиқлол ин мавҷудияти қонунҳои мукаммал ва ба талаботу шароити ҷомеаву ҷаҳон мувофиқ, инчунин сатҳи ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Зеро давлати ҳуқуқбунёд қонунҳои ҳуқуқии ба талаботи замон ҷавобгӯро талаб менамояд. Яъне, дар мамлакат заминаи устувори ҳуқуқӣ, ки давлати тозабунёд ва демократӣ тақозо дошт, зарур буд. Аз ин рӯ, банди 5 ва 19 Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки «Дар ҳудуди Тоҷикистон ҳукмравоии Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунҳои Тоҷикистон муқаррар мешавад. Эъломияи мазкур барои таҳияи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бастани шартномаи иттифоқӣ асос мебошад.

Бинобар ин, санаи 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи мамлакат қабул карда шуд. Қабул гаштани Конститутсия дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон буда, заминаи ҳуқуқии бунёди давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои

миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳангии миллӣ мебошад. Дар ҳақиқат Конститутсия заминаи ҳуқуқиро дар ҶТ ба вуҷуд овард, дар натиҷа дар ҷумҳурӣ (то январи соли 2024) 17 қонуни конститутсионӣ, 23 кодекс ва зиёда аз 396 қонуни ҷорӣ қабул карда шуда, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ то имрӯз 950 санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ тасдиқ гардидааст.

Яъне, агар оддӣ карда гӯем, Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъди таназзули сохтори давлатии шӯравӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёру демократӣ эътироф ташкил ва эътироф шуда, заминаи сиёсии ташаккулёбии марҳилаи моҳиятан ва сифатан нави инкишофи Тоҷикистон Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, асоси ҳуқуқии чунин тағйироти куллӣ дар сохтори давлатӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 қабулгардида, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дар асоси он қабул гардиданд. Қобили қайд аст, ки маҳз бо шарофати ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар мамлакат дар тамоми соҳаҳо зарурияти ворид намудани ислоҳотҳои дахлдор ба вуҷуд омад. Аз он ҷумла, моликияти хусусӣ кафолат дода шуд. Дар ин замина ба институтҳои ҳуқуқи маданӣ тағйиротҳо ворид карда шуданд, ба монанди институти замонат.

Аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ институти замонат қабл аз давраи шӯравӣ амал карда, дар даврони шӯравии рушди давлатдории тоҷикон ташаккули институти замонат дар кишвар махсусиятҳои худро пайдо кардааст[175]. Кодекси аввалини граждании замони Шӯравӣ соли 1922 қабул шуда, дар худ меъёрҳои пешин дар бораи замонат ҳамчун як навъи тарзи иҷрои уҳдадориро нигоҳ дошт (моддаҳои 236 – 250),

---

[175] Эмомализода Н.Э. Пайдоиш ва рушди институти замонат дар Русия ва Тоҷикистон // Маҷаллаи Академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – №4 (32). – С. 91-97.

вале онҳо дар амал кам татбиқ мешуданд. Кодекси мазкур дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон пас аз он ҶШС Тоҷикистон низ то соли 1965 амал мекард. Он аввалин қонуни амалкунандае ба шумор мерафт, ки мафҳуми замонатро пешбинӣ карда буд, мутобиқи м. 236 «Тибқи шартномаи замонат зомин уҳдадор мешавад, ки дар назди кредитори шахси сеюм барои иҷро намудани уҳдадориҳои он дар ҳаҷми пурра ё қисман ҷавобгар бошад»[176]. Ҳангоми танзими замонат қонунгузори шӯравӣ дар фарқият аз лоиҳаи "Уложенияи гражданӣ, роҳи на фаронсавӣ, балки олмониро интихоб намуд. Дар натиҷа замонат дар фасли 2 «Ҳуқуқи уҳдадорӣ», дар боби 8, зербоби 3 дар қатори институтҳо оид ба намудҳои алоҳидаи уҳдадорӣ ҷой дода шуда буд. Пас аз Кодекси граждании замони шӯравӣ (аз соли 1922), бори аввал санаи 28 декабри соли 1963 бо қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон қабул гардида, он аз 1 январи соли 1965 он мавриди амал қарор дода шуд[177]. Дар кодекси мазкур замонат ҳамчун тарзи иҷрои уҳдадорӣ дар фасли 3 «Ҳуқуқи уҳдадорӣ», дар боби 18, моддаҳои 215-220 муқаррар карда шуда буд. Ба кодекси мазкур аз сабаби оне, ки институти мазкур дар таҷриба кам истифода мегашт, тағйиротҳои ҷузъӣ ворид карда шуд, аз ҷумла, мутобиқи м. 215 кодекси соли 1963 мафҳуми замонат чунин пешбинӣ карда шуда буд: «Тибқи шартномаи замонат зомин уҳдадор мешавад, ки дар назди кредитори дигар шахс барои иҷро намудани уҳдадориҳои худ пурра ё қисман ҷавобгар бошад». Яъне калимаи «шахси сеюм» ба «шахси дигар», калимаи «он» ба «худ» тағйир дода шуда, калимаи

---

[176] Гражданский кодекс РСФСР 1922. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://pravo.gov.ru/proxy/ips /?docbody=&prevDoc=102013669& backlink =1&&nd=102010099 (санаи мурочиат: 05.05.2018).

[177] Кодекси граждании Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 3.

«дар ҳаҷми» аз кодекси нав хориҷ шудааст. Илова бар ин, фарқияти дигар ин иҷрои уҳдадории зоминон мебошад, ки дар кодекси соли 1922 м. 240 нисбат ба онҳо танҳо ҷавобгарии муштарак пешбинӣ шуда буд. Дар кодекси соли 1963 м. 216 бошад, нисбат ба зоминон ҷавобгарии муштарак пешбинӣ шуда, «агар дар шартномаи замонат тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» илова карда шуд. Ҳамчунин, вобаста ба қатъ гаштани замонат дар м. 249 кодекси соли 1922 гуфта мешавад, ки «Замонат бо қатъ гаштани уҳдадории асосӣ қатъ карда мешавад»[178], дар м. 220 кодекси соли 1963 бошад муқаррар мегардад, ки «Замонат бо қатъи уҳдадориҳои таъминнамудааш қатъ карда мешавад»[179]. Дар дигар ҳолатҳо меъёрҳои кодекси соли 1922 боқӣ мондаанд.

Маҳз ба шарофати ба даст овардани соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ, зарурати пурра ва ё қисман тағйир додани қонунгузорӣ ва низоми идоракунии иқтисоди бозориро ба миён овард. Аз ҷумла, яке аз санади меъёрии ҳуқуқии муҳимтарин дар соҳаи иқтисодиёти бозорӣ ин Кодекси гражданӣ мебошад, ки қисми якуми он бори аввал дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон соли 1999 қабул карда шуда, он аз 1 январи соли 2000 мавриди амал қарор дода шуд. Дар кодекси мазкур институти замонат ҳамчун навъи тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар моддаҳои 390 – 396, зербоби 5, боби 22, зерфасли 1, фасли сеюм муқаррар карда шудааст[180]. Ҳамчунин қобили қайд аст, ки дар даврони

---

178 Гражданский кодекс РСФСР 1922. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://pravo.gov.ru/proxy/ips /?docbody=&prevDoc=102013669& backlink =1&&nd=102010099 (санаи муроҷиат: 05.05.2018).

179 Кодекси граждании Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 80.

180 Эмомализода, Н.Э. Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ оид ба падидаи замонат дар ҳудуди Тоҷикистон [Матн] / Н.Э. Эмомализода // Маҷаллаи

соҳибистиқлолӣ ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шуда, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, дар он низ бо тағйиротҳо ҷузъӣ институти замонат дар фасли 4, зерфасли 1, боби 28 тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ параграфи 5 моддаи 418 – 424 танзими худро ёфтааст.

Аз ин рӯ, қобили зикр аст, ки дар мамлакат пас аз истиқлоли давлатӣ то қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон мавриди амал қарор дошт. Аммо дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми замонат ба монанди муқаррароти кодекси граждании соли 1963 пешбинӣ шуда бошад ҳам, вале нисбат ба кодексҳои пешина як қатор навгониҳо муқаррар карда шудаанд, ба монанди:

1. Дар кодексҳои пешина муқаррарот оид ба таъмини уҳдадориҳои минбаъда пешбинӣ нашуда буд, дар кодекси гражданӣ ва маданӣ бошад, тибқи қисми 2, м. 390 КГ ҶТ ва қисми 2, м.418 КМ ҶТ «Шартномаи замонат инчунин ҷиҳати таъмини уҳдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, баста мешавад» пешбинӣ шудааст[181].

Академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИҶТ (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – №3 (31). – С. 63.

[181] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми I) аз 30-юми июни соли 1999, №802 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1999. - №6. – М. 153; 2001. - №7. – М. 508; 2002. - №4.- ч - 1.– М. 170; 2005. - №3. – М. 125; 2006.-№4.– М. 193; 2007. - №5. – Моддаи 356; 2010.- №3.– Моддаи 156. №12.- ч - 1.– М. 802; 2012. - №7. – М. 700; №12. - Қисми 1. – Моддаи 1021; 2013.- №7. – м. 504; 2015. -№. 3. м. 200; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07. 2016. – №1334. ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 қабул ва аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 12.08.2024).

2. Вобаста ба иҷрои уҳдадории муштарак (солидарӣ) аз ҷониби қарздор ва кредитор дар кодексҳои пешин низ муқаррар шуда буд, вале уҳдадории субсидиарӣ бори аввал бевосита дар кодекси амалкунанда муқаррар шудааст, аз он ҷумла тибқи қисми 1, м. 392 КГ ҶТ ва қисми 1, м.420 КМ ҶТ «Ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории бо замонат таъминшуда зомин ва қарздор дар назди кредитор ҷавобгарии муштарак доранд, агар қонун ва ё шартномаи замонат ҷавобгарии иловагии зоминро пешбинӣ накарда бошанд» пешбинӣ карда шудааст.

3. Дар кодекси гражданӣ вобаста ба иҷрои уҳдадорӣ ҳамчун зомин, аз ҷониби субъектони махсус, аз он ҷумла бонк ё дигар муассисаи кредитӣ, шахси суғуртакунанда ё дигар шахсе, ки зоминиро ба сифати фаъолияти касбии соҳибкорӣ анҷом медиҳад, муқаррар шуд, ки ин муқаррарот дар қисми 4, м. 392 «Агар замонати аз ҷониби қарздор иҷро кардани уҳдадориро бонк ё дигар муассисаи кредитӣ, шахси суғуртакунанда ё дигар шахсе, ки зоминиро ба сифати фаъолияти касбии соҳибкорӣ анҷом медиҳад, ба уҳда гирифта, агар дар шартҳои шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, зомин дар назди кредитор дар доираи маблағи дар замонатнома зикршуда масъулият дорад» пешбинӣ карда шуд, ки ин меъёри махсус вобаста ба субъектони махсус буд. Камбудии мазкур дар Кодекси маданӣ ислоҳ карда шуда, қисми мазкур дар он мавҷуд нест ва ин ҳам дуруст аст, зеро ҳолати мазкур дар замонат қобили қабул нест.

4. Меъёри дигари нав ин вобаста ба даъвои регресс аз ҷониби зомин нисбат ба уҳдадории иҷрокардааш мебошад, ки дар он ҳуқуқҳои моликиятии зомин бевосита ҳимоя мегарданд ва он дар қисми 1, м. 394 КГ ҶТ ва қисми 1, м.422 КМ ҶТ мустаҳкам гаштааст. Мутобиқи он «Ба зомини уҳдадориашро иҷронамуда ҳамаи ҳуқуқҳои кредитор оид ба ин уҳдадорӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳое, ки иҷрои онро таъмин

мекарданд, дар он ҳаҷме, ки зомин талаботи кредиторро қонеъ намудааст, мегузаранд. Зомин ҳамчунин ҳуқуқ дорад аз қарздор пардохти фоизи маблағи ба кредитор додашуда ва ҷуброни зиёни дигари вобаста ба ҷавобгарии қарздор ба он расидаро талаб намояд». Меъёри мазкур диспозитивӣ мебошад, онро зомин ҳуқуқ дорад ва метавонад истифода намояд ё истифода накунад. Мутобиқи талаботи қисми 4, м. 394 КГ ҶТ ва қисми 1, м.422 КМ ҶТ «Агар дар қонунгузорӣ ё шартномаи байни зомин ва қарздор тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва аз муносибати байни онҳо тартиби дигар барнаояд, қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи мазкур татбиқ карда мешаванд» маълум мешавад, ки м. 394 ва 422 диспозитивӣ буда, он метавонад, ки бо дигар санади ҳуқуқӣ ё шартномаи байни зомин ва қарздор тартиби дигар муқаррар карда шавад.

5.Тибқи талаботи м. 395 КГ ҶТ ва м. 423 КМ ҶТ: «Қарздоре, ки аз ҷониби зомин доир ба талаби пешниҳоднамудаи кредитор огоҳ шудааст ё зомин онро барои иштирок дар парванда ҷалб намудааст, ухдадор аст зоминро доир ба ҳама гуна норозигиаш муқобили ин талабот ва ҳамаи далелҳои тасдиқкунандаи он пешниҳод намояд. Дар акси ҳол қарздор аз ҳуқуқи норозигӣ муқобили талаботи зомин (моддаи 421 ҳамин Кодекс), ки метавонист муқобили талаботи кредитор арз намояд, маҳрум мегардад, агар аз созишномаи байни зомин ва қарздор тартиби дигар барнаояд». Мутобиқи талаботи моддаи мазкур, зомин ҳуқуқи аз кредитор рӯёнидани маблағи беасос гирифтаашро пайдо кард, вале ин муқаррарот дар кодексҳои пешина мавҷуд набуд, дар онҳо дар ҳолати боло зикршуда, танҳо қарздор нисбат ба кредитор ҳуқуқи даъвои маблағи беасос гирифтаашро дошт.

6. Дар кодексҳои пешин ҳолати қатъгардии замонат ҳамчун қоидаи умумӣ, танҳо дар як ҳолат пешбинӣ шуда буд, дар кодекси амалкунанда якчанд ҳолат муқаррар карда

шудааст, аз он ҷумла мутобиқи қисмҳои 1-3-и м. 396 КГ ҶТ ва қисмҳои 1-3 м. 424 КМ ҶТ «1. Замонат бо қатъи уҳдадорие, ки ҷиҳати таъмини иҷрои он равона шудааст (ҳолати якум), инчунин дар ҳолати бе розигии зомин тағйир ёфтани ин уҳдадорӣ, ки боиси афзудани ҷавобгарӣ (ҳолати дуюм) ё дигар оқибатҳои номусоид ба зомин мегарданд (ҳолати сеюм), қатъ меёбад. 2. Замонат ҳангоми ба шахси дигар гузарондани қарз аз рӯйи уҳдадорие бо замонат таъминшуда қатъ мегардад, агар зомин ба кредитор розигӣ надода бошад, ки ба ҷойи қарздори нав ҷавоб медиҳад (ҳолати чорум). 3. Замонат ҳангоме, ки кредитор қабули иҷрои матлуби пешниҳоднамудаи қарздор ё зоминро рад мекунад, қатъ мегардад (ҳолати панҷум)». Бояд қайд кард, ки ба монанди меъёри қисми 3-юми моддаи болозикршуда дар м. 248-уми кодекси граждании соли 1922 муқаррарот мавҷуд буд, вале он дар Кодекси граждании соли 1963 пешбинӣ нашуда буд.

7. Ҳолатҳои қатъ гаштани шартномаи замонат дар КГ ҶТ ва КМ ҶТ мушаххасу мукаммал муқаррар карда шудааст. Вобаста ба ин дар кодексҳои пешин (кодекси соли 1922 м. 250, кодекси соли 1963 м. 220) агар кредитор вобаста ба иҷрои уҳдадорӣ ба зомин даъво пешниҳод намекард, муҳлати қатъ гаштани замонатро се моҳ пас аз фаро расидани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ пешбинӣ мешуд. Вале дар кодекси нав, қисми 4 м. 396 КГ ҶТ ва қисмҳои 4 м. 424 КМ ҶТ муқаррар карда шуд, ки «Замонат бо гузашти муҳлати дар шартномаи замонат зикршуда, ки барои ҳамин муҳлат дода шудааст, қатъ мегардад». Ҳамчунин, агар муҳлат дар шартнома муқаррар нашуда бошад, дар кодекси граждани ва маданӣ низ дар моддаҳои зикршуда муҳлати як сол муқаррар карда шудааст, мутобиқи он «Агар муҳлат муайян нашуда бошад, он ҳангоме қатъ мегардад, ки кредитор дар ҷараёни як сол аз рӯзи фаро расидани иҷрои уҳдадории бо замонат таъминшуда ба зомин даъво пешниҳод накарда бошад». Илова бар ин, агар муҳлати иҷрои уҳдадории асосӣ муайян карда нашуда ва муайян

шуданаш ҳам номумкин ё бо лаҳзаи бозпасталабкунӣ муайян карда шуда бошад, мутобиқи кодекси амалкунанда «агар кредитор ба зомин дар тӯли ду сол аз рӯзи бастани шартномаи замонат даъво накарда бошад, замонат қатъ мегардад»[182]. Чунин меъёр дар кодексҳои пешин мавҷуд набуд[183].

Дар маҷмуъ, ташаккул ва рушди институти замонатро дар замони соҳибистиқлолӣ таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки институти мазкур яке аз шаклҳои қадимаи ухдадориҳои шартномавӣ мебошад, ки дар манбаи муосири ҳуқуқӣ дар дар заминаи моликияти хусусӣ ва рушди соҳибкорӣ нақши муҳимро ишғол намуда, имкон медиҳад, ки ҳамкории мураккаби субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ баҳри расидан ба мақсади умумӣ таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба падидаи институти замонат ба марҳилаи нави худ танҳо пас аз ба дастовардани Истиқлоли давлатӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон расидааст. Зеро ба дастовардани Истиқлоли давлатӣ дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии бунёди давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Имсол миллати тоҷик 33-юмин солагии ба дастовардани истиқлоли давлатиро ҷашн мегирад. Аз ин рӯ, бо нияту ормонҳои нек ва ояндаи дурахшони кишвари азизамон

---

[182] КГ ҶТ (қисми I) аз 30-юми июни соли 1999, №802 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1999. - №6. – М. 153; 2001. - №7. – М. 508; 2002. - №4.- ч - 1.– М. 170; 2005. - №3. – М. 125; 2006.-№4.– М. 193; 2007. - №5. – Моддаи 356; 2010.- №3.– Моддаи 156. №12.- ч - 1.– М. 802; 2012. - №7. – М. 700; №12. - Қисми 1. – Моддаи 1021; 2013.- №7. – м. 504; 2015. - №. 3. м. 200; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07. 2016. - №1334.

[183] Эмомализода Н.Э. Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: н.и.ҳ.: 12.00.03/ Эмомализода Навруз Эмомалӣ. – Душанбе, 202. – 42 с.

тамоми мардуми Тоҷикистонро ба ифтихори ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборакбод мегӯям. Бигузор диёри ҳамешабаҳори тоҷикон доимо обод, халқи шарифи Тоҷикистон хурраму шод ва дар Ватани маҳбубамон сулҳу салоҳ, тинҷию амонӣ, бахту саодат ҳукмрон бошад!

**Адабиёт:**


1. Эмомализода, Н.Э. Пайдоиш ва рушди институти замонат дар Руссия ва Тоҷикистон [Матн] / Н.Э. Эмомализода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИҶТ (маҷаллаи илмӣ). –2019. – №4 (32). – С. 91-97.

2. Эмомализода, Н.Э. Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ оид ба падидаи замонат дар ҳудуди Тоҷикистон [Матн] / Н.Э. Эмомализода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИҶТ (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – №3 (31). – С. 63-67.

3 Гражданский кодекс РСФСР 1922. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://pravo.gov.ru/proxy/ips /?docbody=&prevDoc=102013669& backlink =1&&nd=102010099 (санаи муроҷиат: 05.05.2018).

4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн]. –Душанбе: Ирфон, 1988. – 232 с.

5 Гражданский кодекс РСФСР 1922. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://pravo.gov.ru/proxy/ips /?docbody=&prevDoc=102013669& backlink =1&&nd=102010099 (санаи муроҷиат: 05.05.2018).

6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми I) аз 30-юми июни соли 1999, №802 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1999. - №6. – М. 153; 2001. - №7. – М. 508; 2002. - №4.- ч - 1.– М. 170; 2005. - №3. – М. 125; 2006.-№4.– М. 193; 2007. - №5. – Моддаи 356; 2010.- №3.– Моддаи 156. №12.- ч - 1.– М. 802; 2012. - №7. – М. 700; №12. - Қисми 1. – Моддаи 1021; 2013.- №7. – м. 504; 2015. -№. 3. м. 200; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07. 2016. – №1334.

7. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 қабул ва аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 12.08.2024).
8. Эмомализода Н.Э. Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: н.и.ҳ.: 12.00.03/ Эмомализода Навруз Эмомалӣ. – Душанбе, 202. – 207 с.

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

**Назарзода Давлатхон**
**н.и.ҳ., ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ**

Дар таърихи навини Тоҷикистон се рӯйдоди муҳим дар таҳкими давлатдории миллӣ ва ба саодати комил расидани миллат нақши муҳим бозидааст: ба даст овардани Истиқлоли миллӣ, баргузории иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ мебошад, ки бо гузашти солҳо аҳаммияти таърихии худро вусъат бахшида, истиқбол аз онҳо шукуҳу шаҳомати хосаро касб кардааст. Арзишмандии ин санаҳои муҳимми таърихӣ дар он аст, ки рӯз аз рӯз заминаҳои ҳуқуқии ҳифзу нигаҳдории худро устувор гардонида, таҷлили ботантанаи онҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар ба ҳукми анъана даромадаааст. Ва имрӯз ҳамчун ҷашнҳои давлатӣ бо ба инобат гирифтани тамоми рукнҳои давлатдорӣ, эҳтиром ба анъанаву расму оини ниёкон, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва эҳёи суннатҳои гузашта таҷлил карда мешавад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки асри XX дар воқеъ барои миллати мо асри имтиҳон, асри сарнавишт, асри созанда, асри шинохти худ, асри такомул ... будааст. «Шиквае

аз ту надорам, асри ман...» - гуфтаи устод Мирзо Турсунзода низ тақвиятгари ин гуфтаҳои болост.

Агар халқи тоҷик бо вуҷуди ноадолатиҳои замон дар чоряки аввали асри XX соҳиби давлати ниммустақиле, бо номи Тоҷикистон шуда бошад, пас дар поёни ин аср дар заминаи он соҳиби давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон шуд. Расидан ба ин неъмати бебаҳо, орзуи деринаи халқи тоҷик буда, он натиҷаи талошҳои хирадмандонаи фарзандони фарзонааш дар тули таърих мебошад.

Барои тоҷикон пас аз солҳои тулонӣ, 9 сентябри соли 1991 дубора муяссар гардид, ки ба ҷаҳониён аз оғози марҳилаи сарнавиштсозу таърихии худ, яъне эълон шудани соҳибистиқлолии давлати воқеӣ башорат диҳанд.

Санаи 9-уми сентябри соли 1991 вакилони Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум ҳуҷҷати «Эъломия дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуданд. Ҳамин ҳуҷҷат таърихӣ қонунан ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҷаҳониён эълон намуд.

Дар моддаи аввали ин эъломия чунин омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон – давлати мустақили демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад». Вақте ки давлати абарқудрати Шуравӣ аз байн рафт, дар ҷумҳурӣ вазъияти сиёсӣ муташанниҷ гашт. 9-уми сентябри соли 1991 аввалин маротиба Рӯзи истиқлолият қайд карда шуд. Вале Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯ ба рӯ гардид.

Ҳарчанд халқи тоҷик аз қадимтарин халқҳои дунёст, ҳарчанд аз ҷумлаи миллатҳоест, ки таърихи тамаддуни башариро бунёд гузоштаанд, ҳарчанд фарзандони бодонишу бофарҳангаш мисли нигини тобоне тоҷи давлату давлатдориҳои аҷнабиро шукӯҳ мебахшиданд, вале худ баъд

аз фурӯпошии сулолаи бузурги Сомониён дар тули ҳазор соли охир аз давлату давлатдорӣ маҳрум буд. Ҳарчанд зимоми давлату давлатдорӣ дар дасти ӯ набуд, аммо натавонистанд хиради азалии ӯро аз байн бибаранд. Забони тавонову шевои тоҷикӣ-форсӣ забони шеъру илм, ахлоқу фалсафаи онҳо буд.

Аз ин рӯ, санаи 9-уми сентябри соли 1991 барои мо натанҳо ҳамчун Рӯзи Истиқлоли Тоҷикистон, балки ҳамчун санаи барқарории адолати таърихӣ аст, ки имсол 33-юмин солгарди он ҷашн гирифта мешавад. Рӯзи Истиқлол ин ҷамъбасти талошу муборизаҳо ва худфарсоиву ҷоннисориҳои абармардони миллат аст, ки барои озодию худмухтории халқи тоҷик ва давлати миллӣ аз худ нишон додаанд ва дар саҳнаи ин муборизаҳои беамон ҷон супоридаанд. Аз ин рӯ, ҷашни Истиқлол ҷашни омӯзиши таърих ва шиносоӣ бо гузаштаи ниёгони бузург аст. Вагарна чӣ тавр метавонем арзишу асолати истиқлолиятро дарк намоем!

Мутаассифона, қувваҳои аҳриманӣ дар ҳар марҳилаҳои таърихӣ барои рушду нумуи давлату давлатдории тоҷикон монеаҳо эҷод мекарданд. Ба ҳамин монанд, баъди расидан ба истиқлолият, бо таъсири чунин қувваҳои бадкеш, ки аз дохилу хориҷ роҳнамоию дастгирӣ медиданд, халқи тоҷик мубталои ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ гардид.

Таҷрибаи таърихӣ борҳо собит намудааст, ки дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ барои танзиму ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ, шакл бахшидан ба раванди давлатдорӣ, таҳкими иттиҳоду сарҷамъӣ ва дигар арзишҳои инсонӣ нақши шахсиятҳои алоҳида хело бориз аст. Дар даврони давлатсозии навин масъулияти азиму рисолати таърихиро барои тоҷикон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар дӯш гирифтанд.

Хушбахтона бо сари қудрат омадани фарзанди хирадгустари миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ раванди давлатсозӣ маҷрои дигар ба худ гирифт. Қайд намудан зарур аст, ки замоне Эмомалӣ Раҳмон зимоми роҳбарии Тоҷикистонро ба даст гирифта буд, ки аллакай ҷанги шаҳрвандӣ чун оташи сӯзон аланга мезаду хушку тар якҷо хокистар мешуд. Сарвари тозаинтихоби тоҷикон бо азму иродаи қавӣ ва бо фикри сохтани ВАТАН сайъу кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд. Барои ба ҳам овардани миллате, ки аллакай ба сангарҳо ҷудо шудаю дар симои хеш душмани худро медид, роҳи созиш, роҳи муколамаро пеш гирифтанд. Дар ин ҷода муваффақ ҳам шуданд. Баъди гуфтушунидҳои зиёд байни намояндагони ҳукумати расмӣ ва мухолифин оқибат дар санаи 27 июни соли 1997 миёни онҳо ҳуҷҷати барои тоҷикон ва тоҷикистониён муҳимтарин «Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» имзо гардид. Дар қатори ин ҳуҷҷат боз «Изҳороти Москва», «Протоколи ҳамдигарфаҳамӣ» ва ғайраҳо имзо шуданд, ки дар тақвияти ваҳдати миллӣ ҳиссаи муайяне гузоштанд.

Борҳо собит шудааст, ки дар пайраҳаи таърих фарзандони худшиноси ин миллат барои расидан ба чунин ормонҳои бузург ва ҳифзи арзишҳои эҷоднамудаи хеш талош намуда, бо душманони ғаддори дохилию хориҷӣ ҷисману зеҳнан дар муқовимат буданд. Мутаассифона, ин падида низ то ҳанӯз идома дорад. Душманони миллати мо, ки аслан зода ва парвардаи ҳамин сарзамину диёр ҳастанд, аз дур ба суйи миллати хеш санги маломат мезананд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мушкилиҳои сангини ибтидои соҳибистиқлолиро бо такя ба азму иродаи миллати азизи худ, тадбирҳои оқилонаву саривақтӣ ва таҳаммулпазирӣ ислоҳ карда, бо мақсади солим гардондани вазъи ҷомеа ва ба ҷараёни созанда табдил ёфтани зиндагии аҳли мамлакат чорабиниҳои амиқу васеъро дар амал татбиқ намуданд, ки ислоҳоти иқтисодӣ, кишоварзӣ ва соҳаи саноату

маорифу тандурустӣ, дар маҷмуъ, тамоми бахшҳои иҷтимоиро фаро гирифтанд.

Мояи ифтихор аст, ки дар радифи чанд тан сиёсатмадори маъруфи ҷаҳони муосир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси чеҳраи баргузидаи сиёсӣ ва давлатмарди сатҳи ҷаҳонӣ мақоми шоистаеро соҳиб гардидаанд. Оини сиёсатмадорӣ ва давлатдории Эмомалӣ Раҳмон дар ақсои дунё аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва роҳбарони мамолики бузурги ҷаҳон истиқболи гарм пайдо намуд. Яке аз омили аслӣ ва меҳварии чунин маъруфият ва маҳбубияти Эмомалӣ Раҳмон дар саросари Шарқу Ғарб дар доштани фарҳанги таҳаммулпазирӣ, иродаи матин доштан, эҳтиром гузоштан ба арзиши инсонӣ, ҳалли саривақтии мушкилоти сайёра (масъалаи таъмини мардуми ҷаҳон бо оби тоза) ва иҷрои содиқонаю ҷонфидоёнаи рисолати бузург, ки бар дӯшашон гузошта шудааст.

Имрӯз дар раванди шадиди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳои фарҳангҳо рисолати Ваҳдати миллӣ боз ҳам бештар аён мегардад. Ҳар лаҳзаю ҳар соат ва тули солҳои пирӯзӣ моро ҳушёру ҳушдор медиҳад, ки дар сар андешаю ниятҳои дигаре эҷод насозем, ба ҷузъ талош баҳри пойдории сулҳу ваҳдат ва таҳкими истиқлолу созандагӣ. Ваҳдати миллӣ мисоли равшани ин андеша аст. Пас аз пирӯзии фарҳанги сулҳи тоҷикон ва Ваҳдати миллӣ – ин таҷриба аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, чун падидаи нодири фарҳанги сулҳофарӣ пазируфта шуд. Ҳамин аст, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббусҳои Тоҷикистонро бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳалли масоили минтақа ва ҷаҳон ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, сол то сол ба дастовардҳои бузург ноил мегарданд. Ва натиҷаи ҳама он заҳмату талошҳои пайваста он

аст, ки имрӯз маркази Тоҷикистон шаҳри Душанбе макони баргузории симпозиуму конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Бо дарназардошти се омил дар давлатдории тоҷикон, аз ҷумла омили таърихӣ (муддати беш аз ҳазор сол мавҷуд набудани давлатдории миллӣ), сиёсӣ (сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ягона буд) ва ҷуғрофӣ (93% ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳ дар бар мегирад) метавон гуфт, ки Тоҷикистон ба як марҳилаи баланди рушд расидааст. Афсӯс, ки имрӯз низ нафароне дар дохилу хориҷ ҳастанд, ки ношукрӣ аз давлат ва хоку оби Ватан мекунанд. Ин афрод вазъи кунунии Тоҷикистонро ба давлатҳои тараққикарда ҳама вақт қиёс намуда, хулосаҳои нодуруст бароварда, тухми навмедиро мехоҳанд дар замири мардум бикоранд. Аввалан барои чунин каҷфикрон бояд гуфт, ки чунин муқоисакунӣ камоли бехирадист ва сониян дигар мардуми шарифи Тоҷикистонро наметавон, бо ҳар роҳ фиреб карда, ба вартаи ҷаҳолату ҳалокат бурд. Зеро халқи тоҷик таҷрибаи талхи ҷанги таҳмилиро чашид, оқибатҳои онро бо чашми сар бидид, ранҷу азоби гӯшнагӣ, бехонагиву гурезагиро дарк кард ва ин бардоштҳои таърихӣ ӯро дарси бузурге шуда, ки ҳаргиз фаромӯш намекунад.

Имрӯз моро мебояд дар атрофи сиёсати пешгирифтаи хирадмандонаю оқилонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, барои ободӣ ва рафъи камбудиҳои мавҷуда меҳнат кунему Ватанро обод намоем. Истиқлоли давлатиро, ки ӯро неъмати бебаҳо, рамзи асолату ҳуввият, шарти бақои миллат ва пояи устувори давлат меноманд, ҳифзу қадршиносӣ намоем.

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Саидзода Муҳаббат Шералӣ**

**Ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Emall: muxabbat. saidzoda-67@mail.ru**

Мусаллам аст, ки тоҷикон дар даврони шӯравы бо халқҳои бародар ва бо кӯмаки ёамдигар дар оилаи ягонаи халқҳои баробарҳуқуқ арзи вуҷуд дошта, дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бемайлон пеш рафта, дорои саноату нақлиёти мутараққӣ, риштаҳои густаришёфтаи кишоварзӣ ва илму фарҳанги оламгир гардида буданд. Аммо ҷумҳурӣ ба маънои томаш мустақил набуд.

Таърих гувоҳ аст, ки истиқлолият худ ба худ ба даст намеояд. Вале истиқлолияти ба даст овардаи мо чун ҳадяи яздони пок 9 -уми сентябри соли 1991 ато шудааст. Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Тоҷикистон (сентябри соли 1991) рӯзи 9 сентябрро чун санаи ташкилёбии ҷумҳурии соёибистиқлоли Тоҷикистон эълон намуд. Ин рӯз марҳалаи навест дар таърихи халқи тоҷик, ки бо хатти заррин сабт шудааст.

Тоҷикистони мустақил узви ҳамбастагии ҷаҳон буда, сиёсати берунаи он барои мустаҳкам кардани сулҳ, бехатарии ҷаҳон ва ҳамкории байни халқҳо равона карда шудааст. Халқи тоҷик эъломияро дар бораи истиқлолияти хеш бо хушнуди истиқбол кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз дошта буданд, ки «Орзӯи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор

нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад».

Истиқлолият ин омили бузурги давлатдории миллӣ, кишвари ободу озод, миллати дар ҷаҳон бо дигарон баробарҳуқуқ, соҳиби забону фарҳанги хеш, хештаншиносиву худшиносист.

Дар охири солҳои 1992 ҳангоме, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарии Тоҷикистони ҷангзадаро ба ӯҳда гирифт, Тоҷикистони тозаистиқлол кишваре бо дастгоҳи давлатии фалаҷгашта, иқтисоди комилан аз байнрафта, муҳоҷирони бе сару сомон ва мардуми ноумед аз фардо буд. Қадамҳои аввалини истиқолият дар кишвар бо муқобилияти сахти неруҳои гуногуни ҷомеа, ки он аз ҷониби қувваҳои беруна тарҳрезӣ гашта буд дучор гашт. Ин муқобилият боиси қурбон шудани даҳҳо ҳазор нафар ҳамватанон,фирорӣ гаштани садҳо ҳазор нафар шахрвандони Тоҷикистон гашт. Манзилҳои ободу зебо дар оташи ҷанги таҳмиллӣ сухтаву валангор гаштанд, ҳазорҳо нафар занон бе шавҳар кудакон бе падар монданд. Ҳамзамон ин ҷанги таҳмиллӣ ки аз хориҷи кишавар тарҳрезӣ гашта буд ба иқтисодиёти кишвар хисороти зиёди иқтисодӣ расонд.

Вақте ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид ва он ба сифати воқеаи бузургтарин дар таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик тақозои қатъии таҳкими ҳамаҷонибаи давлати миллӣ ва таъмини истиқлолияти комили Ватанро ва шарти зарууртарини татбиқи амалии онҳо иттиҳоди ҳатмии тамоми гурӯҳҳои сиёсӣ ва фаъоли ҷомеа ва тамоми мардум буд, мутассифона ин имконияти бузурги таърихӣ дар сатҳи матлуб амалӣ нашуд.[184] Роҳбарони мақоми аввали давлат, ки дар вуҷудашон рӯҳияи фавқулоддаи

[184] Раҳмонов Эмомалӣ .Истиқлолият рамзи асолату ҳуввияти миллӣ аст.Садои мардум , 9 сентябри соли 2004.

марказпарастӣ ҳукмфармо буду инкишофи мустақилонаи кишварро на танҳо тасаввур кардан намехостанд ва аз ҳама муҳим, хусусияти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву таърихӣ, диниву мазҳабӣ, милливу равонӣ ва дигар арзишҳои ҷомеаро ба назар намегирифтанд, натавонистандмаҷрои ҷомеаро ба самти солим равон кунанд. Гузашта аз ин, гурӯҳҳое, ки худро ҳамчун нерӯҳои демократӣ ва мухолифи ҳукумати расмии вақт эълон карда буданд, натавонистанд мавқеи дурусти худро нисбат ба падидаҳои суратгирифта муайян кунанд. Вақтро тезондани шуда, дар натиҷа онҳо роҳи вайронкориро аз бунёдкорӣ афзал донистанд, ба ҷойи мубориза конститутсионӣ барои ҳокимият ва таҷдиди ҷомеа даст ба қонуншиканӣ заданд.[185]

Ҳамин буд, ки дар он рӯзҳо "дар Тоҷикистон ҳуқуқпоймолкунии беҳадду ҳудуд ба амал омад, оддитарин ҳуқуқи инсонӣ -ҳуқуқи зиндагӣ поймол гардид. Дар ҷамъияти мо, бахусус дар пойтахтамон шаҳри Душанбе муҳити фиребу дуруғ ва тӯҳмату иғво ҳукмрон гардид. Мардум дар ҳолати тарс барои ҳаёти худ, фарзандони худ, хонадони худ, оиндаи хеш рӯз мегузаронданд"[186]

Хулоса, дар ибтидои касби истиқлоли давлатӣ ҳукумати расмии вақт аз як сӯ ва мухолифини он аз сӯи дигар натавонистант забони ҳамдигарро ёбанд ва миллатро аз бесарусомонӣ эмин доранд, зеро "ҳам Ҳукумат, ҳам мухолифини сиёсӣ ва ҳам нерӯҳои дигари сиёсиву иҷтимоӣ амиқ дарк карда натавонистанд, ки истиқлол бартару волотар аз ғаразу манфиатҳои сиёсӣ, гуруҳӣ ва шахсӣ буда, барои тамоми сокинони мамлакат ва хурду бузурги миллат арзиши

---

[185] Ҳамидов Халифабобо .Президент Э.Ш Раҳмонов - бунёдгузори давлати муосири тоҷикон- Душанбе:Нашриёти "Қонуният",с.2006 , 230 саҳ, саҳ 18.
[186] Раҳмонов Эмомалӣ .Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.Ҷилди 1 саҳ.14.

муқаддас ва бебаҳо мебошад.[187] Аз ин лиҳоз ба андешаи сарвари давлат истиқлолро ба даст овардан ҳанӯз кам аст. Онро ҳифз намудан, пуштибонӣ кардан, ҳамчун арзиши волотарини давлату давлатдорӣ пос доштан ва барои афзоиши иқтидору пойдории он пайваста талош варзидан қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ мебошад.[188]

Арзиши хидматҳои Хукумати Тоҷикистон дар ба даст овардани мусолиҳаи миллӣ қабл аз ҳама дар он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти мамлакат аз лаҳзаҳои аввалини ба ӯҳда гирифтани сарварии ин кишвар ғояи сулҳро бар ҳама гуна мафкураҳои сиёсӣ боло гузошта, бо ҳамин васила тавонист, мусолиҳаи воқеии тоҷиконро ба даст биёрад.

Президенти кишвар мафҳуми сиёсӣ ва ҳуқуқии истиқлолиятро муайян намуда, изҳор доштанд, ки " Истиқлолият ин соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти комили давлат дар танзими фаъолияти дохилӣ ва хориҷии кишвар аст."[189]

Аз ин мафҳум бармеояд, ки дар он ду нуқтаи муҳим, ки ҷавҳари асосии истиқлолият мебошанд, яъне мустақил будани давлат дар равобити хориҷӣ бо дигар кишварҳо ва соҳиби қудрати олӣ будани он дар танзими равобити дохилӣ дарҷ гаштааст.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта сардори давлат ҳадафҳои истиқлолиятро муайян намуда, иброз дошта буданд, ки "Сиёсати ошкорои дохилӣ ва хориҷии кишвар кишвари азизи мо бо мақсади ба Ватан баргардонидани гурезагон, ҳаллу фасли мушкилоти гуногуни ба эътидол

---

[187] Раҳмонов Эмомалӣ .Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ.Садои мардум , 14 сентябри соли 2006.

[188] Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.Ҷилди 2 саҳ 500.

[189] Ҳамон ҷо саҳ 336.

овардани вазъияти зиндагӣ дар дохили мамлакат, мустаҳкам намудани бехатарии кишвар ва шаҳрвандони он,ҳосил намудани якдигарфаҳмӣ бо кишварҳои ҳамҷавор ва дар навбати аввал бо Давлати Исломии Афғонистон, ки дар он ҷой ҳанӯз ҳазорҳо ҳамдиёрони мо овораанд, ҳамаи ин ҷаҳду талошҳо обрӯи баналхалқии давлати ҷавони моро дар саросари олам ба маротиб баланд бардошт".[190]

Дар воқеъ таърих гувоҳи он аст, ки маҳз бо ибтикори бевоситаи Президенти кишвар тамоми гурезагон аз хоки Афғонистон ба ватан баргардонида шуда, хонаҳои сухтаву валангори онҳо аз нав сохта шуда, тамоми гурезагони иҷбории ба ватан баргашта, ба маҷрои зиндагии муқаррарӣ баргаштанд. Ва ин ҷидду ҷаҳдҳои Президенти маҳбубамон дар арсаи байналмиллалӣ обурую нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлоли ҷавонро баланд бардошт.

Сардори давлат борҳо таъкид доштаанд, ки " Мо кӯшиш намекунем, ки роҳи ягон давлат ба роҳи мо монанд бошад ва роҳ намедиҳем, ки ягон давлат роҳи пешрафтаашро ба гардани мо бор кунад."[191]

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Президенти кишвар, ки тибқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянкунандаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии он мебошад, онро мустақилона ва бо дарназардошти дорои қудрати олӣ будани худ муайян мекунад.

Аз ҷиҳати ҳуқуқи байналмиллӣ муҳимтарин дастоварди Ҷумҳуриямон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ба андешаи Президенти мамлакат ҷой гирифтани он дар миёни

---

[190] Ҳамон ҷо саҳ 135.
[191] Ҳамон ҷо саҳ 102.

кишварҳои озод ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон эътироф гардиданаш аст.[192]

Самараи Истиқлол ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат -Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистони ҷавон тавонист дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҳамчун давлати соҳибихтиёр маскун шавад.

Маҳз бо талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат -муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёда аз яксаду сӣ давлати ҷаҳон расман шинохтааст ва бо зиёда аз яксаду бист кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, узви созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ буда, парчами Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳо дар ин созмонҳо парафшон аст.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ Тоҷикистонро соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ гардонанд.

Пешниҳодҳои Чумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои глобалии об дар сайёра низ ба фаъолияти пурсамари сарвари давлат вобастагӣ дорад. Махсусан пешниҳоди Президенти кишвари мо даҳсолаи байналхалқии амалиёти "Об барои ҳаёт" эълон намудани солҳои 2005-2015 мояи ифтихори ҳар як тоҷикистонист.Воқеан , дар ҳоле, ки имрӯз зиёда аз 40 фоизи сайёра бо сабаби камбуди оби тоза дар шароити ғариқаноатбахши беҳдоштӣ умр ба сар мебаранд ва беш аз як миллиард нафар одамон ба оби тоза умуман дастрасӣ надоранд.[193]

Ҳамзамон накши Пешвои миллат дар баланд бардоштани худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ифтихори миллӣ басо

---

[192] Раҳмонов Эмомалӣ. Суханронӣ бахшида ба 12-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1000 солагии зодрӯзи Носири Хусрав, Садои мардум,12 сентябри соли 2003.

[193] Раҳмонов Эмомалӣ .Истиқлолият рамзи асолату ҳуввияти миллӣ аст.Садои мардум , 9 сентябри соли 2004.

рамзист, зеро ӯ худшиносӣ ва ифтихори миллиро пойдевори бақои миллат дониста, таъкид намудаанд, ки " Миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашонро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад.Нарасидани хотираи таърихӣ, ҳифз накардани таърихи миллат ва суннатҳои волои он, маҳдудияти шуури таърихӣ ҳисси масъулият ва ҷавобгариро аз дӯши ҷавонон дар назди имрӯзу оянда дур месозад. Миллате, ки хотираи таърихияшро пос намедорад, хоҳу ноҳоҳ гирифтори тафаккури ғуломона гашта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад.Ҳифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад."[194]

Маҳз бо ҳамин мақсад таваҷҷуҳи Пешвои миллат ва абармарди хирад ба такомулу эҳёи фарҳангу суннатҳои неки аҷдодӣ равона карда шуд. Ҷашни Наврӯзу Садаву Меҳргон эҳё карда шуд;

Маҳз бо талошҳои пайгиронаи Президенти кишвар асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои нави идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гашта, асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуд;

Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадӣ таъсис ёфта, ҳифзи сарҳади давлатӣ, ҳимояи манфиатҳои мамлакат дар арсаи байналхалқӣ таҳти назорати онҳо қарор дода шуд;

Таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани мамлакат ва саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат муайян ва татбиқи амалии он мунтазам ба роҳ монда шуд;

Дар арсаи байналхалқӣ дастовардҳои бузурги сиёсии Тоҷикистонро узвияти СММ, ИДМ, Созмони ҳамкории

---

[194] Раҳмонов Эмомалӣ .Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 2 сах 375.

Шанхай, СУС, САҲА, СААД, СУС аъзогӣ дар дигар созмонҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодии минтақавию умумиҷаҳонӣ баръало инъикос менамояд.

Озодагӣ, ростӣ ва мардумсолорӣ дар сиришти мо тоҷикон, аст. Корномаи сиёсии Эмомалӣ Раҳмон, ки миллати тоҷик унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллатро ба ин сиёсатмадори беназири таърихӣ дерини миллати тоҷик эҳдо намуд, намунаи равшани бархӯрдории миллати тоҷик аз ҳунари волои давлатдорӣ ва фарҳанги сиёсии ниёгонамон мебошад. На танҳо миллати ҳақшиноси тоҷик, инчунин бисёре аз сиёсатмадорони барҷастаи ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун сиёсатмадори тавоно ва давлатмарди хирадманд мешиносанд ва эҳтиром мекунанд ва изҳор медоранд, ки ин шахсияти фавқулода ва фарзанди содиқи халқ дар ҳасосстарин замон, он ҳангом, ки истиқлоли Тоҷикистон дар маърази таҳдиду хатар афтод, чархи фармони сафинаи кишварро ба даст гирифт ва тавонист, ки ба масобаи як наҷотдиҳандаи воқеӣ дар сояи тадбир, шуҷоат ва мардонагии худ Тоҷикистонро аз вазъияти сахту душвор хориҷ созад.[195]

Имрӯз ҳамаи мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва нерӯи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

Мову шумо аз фарози асри бистуяк бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори

[195] Холов Абдуқаҳҳор Сатторович, Сайидзода Зафари Шералӣ .Эмомали Раҳмон -асосгузори давлатдории муосири тоҷик .Душанбе:Контраст,2017-216 саҳ. 13.

озодихоҳиву ватанпарастии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони ватанпарвар навишта шудаанд.

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ба халқу мамлакати мо қувваи тавоное бахшида, барои пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ фазои мусоиду озод фароҳам овард ва имрӯз мо дилпурона метавонем гӯем, ки Тоҷикистон дар кӯтоҳтарин муддат ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид.

Истиқлолият қадами устувору бебозгашти таърихии кишвар аст ва онро мебояд дониста, дастгирӣ кард, ба рушди минбаъдаи он саҳми эҷодкорона гирифт .Ин неъмати бебаҳо тавонист муаррифгари миллати тамаддунофари тоҷик дар арсаи байналмилалӣ гардад. Маҳз самараи ин неъмати бебаҳо буд, ки забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ касб намуда, ҳунарҳои миллии мо аз сари нав эҳё гашт.

Истиқлолият барои давлати мо муждаи тозаи давлатдории ҳақиқии тоҷиконро овард. Амну осудагӣ, сулҳу ободӣ,бунёдкорву пешравӣ, навсозиву озодандешӣ ва тараққи имрӯзаи Ватан ҳама самараи истиқлол аст.Ҳар як шаҳрванди худогоҳу худшиносро зарур аст, ки барои боз ҳам мустаҳкам гаштани пояҳои истиқлолияти ватани азизамон камари ҳиммат банданд, то ки нагузоранд, душманони миллат теша ба пояҳои ин неъмати бебаҳо зананд.

## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТНОКИИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ

**Ҷабборов Ф.Н.**

**н.и.ҳ., ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои нави давлатдориро пазируфта, қадамҳои устуворро баҳри қабули Конститутсия ва қонунҳои

мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ гузошт. Аз ҷумла, дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварамон давлати ҳуқуқбунёд эълон гардид, ки мувофиқи он фаъолияти давлат ба меъёрҳои ҳуқуқ, принсипҳои бунёдии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон тобеият дорад. Ҳама дар назди қонун баробаранд ва ҳар як шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя намояд.

Риоя ва иҷрои қонунҳои мамлакат дар соҳаи об яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, ки истифодабарандагони об ба ҳисоб мераванд, вазифаи муҳими давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимону омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Надонистани қонунгузорӣ ва надоштани донишҳои кофӣ оид ба истифодаи оқилона ва муҳофизати об мумкин аст ба ифлос, олуда ва исроф кардани об, хароб кардани замин, расонидани зарар ба муҳити зист, олами набототу ҳайвонот ва ғ. оварда расонад.

Аз ин рӯ, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2024 – “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ба соҳаи об низ аҳамияти бениҳоят муҳим дорад.

Дар асоси Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 аз 30 декабр соли 2015 қабул гардидааст, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид (2 апрели соли 2020), аввалин маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов” қабул гардид (19 июли соли 2019), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об” дар таҳрири нав қабул гардид (2 январи соли 2020). Ҳамчунин, дар соҳаи мазкур як қатор қонунҳои дигар, санадҳои зерқонунӣ (масалан, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра) амал мекунанд. Яке аз тағйиротҳое, ки бо қабули қонунҳои болозикр ба миён омаданд, ин гузаштан ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об мебошад. Дар ин навъи идоракунии об ба иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони соҳаи илм, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ғайра бартарият дода мешавад. Бо дигар суханҳо гуфтан мумкин аст, ки акнун дар идоракунии захираҳои об худи истифодабарандагони об низ иштирок мекунанд.

Бо ин мақсад дар асоси Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯрои миллии об таъсис дода шудааст, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳои дахлдор, шӯроҳои ҳавзавии дарёҳо, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, ташкилотҳои бахши хусусӣ ва ғайридавлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои обро ба роҳ мемонад ва мақоми машваратию маслиҳатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (моддаи 20).

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои ҳавзавии Сирдарё, Зарафшон, Панҷ, Вахш ва Кофарниҳон таъсис дода шуда, дар онҳо шӯроҳои ҳавзавии дарёҳо таъсис дода шудаанд. Ба ҳайати шӯроҳои ҳавзавии дарёҳо намояндагони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин намояндагони истифодабарандагони об, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дохил мешаванд (моддаи 24).

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки баланд бардоштани маърифатнокии ҳуқуқии аъзоёни шӯроҳои ҳавзавӣ, аз тарафи онҳо риоя ва иҷро гардидани муқаррароти Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф иштироки фаъоли онҳоро дар кори шӯро таъмин мекунад, аз тарафи дигар бархӯрди манфиатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи обро аз байн мебарад.

Маърифати ҳуқуқии обистифодабарӣ - ин дар ҷомеа паҳн кардани дониш дар бораи ҳуқуқи об ва фаҳмонидани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин амалияи татбиқи онҳо ба аҳолӣ мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ фаъолияти мақсадноки доираи муайяни субъектҳо оид ба паҳн намудани дониш оид ба ҳуқуқ, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои инсон ва усулҳои татбиқи онҳо, мунтазам таъсир расонидан ба шуур ва рафтори шаҳрвандон бо мақсади ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад.

Аҳамияти маърифати ҳуқуқӣ дар соҳаи об аз инҳо иборат буда метавонад:

Якум, тибқи моддаи 44 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи табиат вазифаи асосии ҳар шахс аст. Об яке аз унсурҳои табиатро ташкил дода, истифодаи он барои таъмин намудани эҳтиёҷони насли имрӯза ва нигаҳдории он барои насли оянда вазифаи асосии консепсияи рушди устуворро ташкил медиҳад. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад, аз ин рӯ доштани маълумоти кофӣ оид ба ҳуқуқи инсон об ва ҳифзи табиат истифодабарандагони обро водор месозад, ки на танҳо ба қонунвайронкунӣ роҳ надиҳанд, балки обро сарфакорона истифода намоянд, барои таъмин намудани наслҳои оянда ба об тадбирҳои зарурӣ андешанд;

Дуюм, мавриде ки истифодабарандаи об донишҳои ҳуқуқӣ мегирад, вай ба қонун эҳтиром гузошта, кӯшиш мекунад, ки ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандаи дигари обро поймол накунад.

Сеюм, дар мавриди доштани донишҳои кофӣ оид ба қонунгузорӣ сӯистифодабарандагони об дар ҳолатҳои поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳояшон ба мақомоти дахлдор метавонанд мурочиат намоянд ё баҳсҳои вобаста ба обро бо роҳҳои манънакардаи қонун ҳал намоянд.

Ду сатҳи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифодабарандагони обро мушодида намудан мумкин аст:

1) Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони соҳаи об. Маҳз онҳо бо истифодабарандагони об дар муносибат қарор мегиранд. Онҳо дар фаъолияти кории худ дар чаҳорчӯбаи қонун амал карда, ба истифодабарандагони соҳаи об дастуру супоришҳо ва маслиҳатҳои муфид медиҳанд;

2) Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии худи обистифодабарандагон. Доштани маълумоти кофӣ оид ба қонунгузории об, ки ба фаъолияти онҳо дахл дорад, фаъолияти онҳоро пурсамар хоҳад намуд. Имрӯз ба қонунгузории соҳаи об ҳама дастрасӣ дорад. Дар сомонаҳои интернетӣ, рӯзнамаҳои расмӣ, барномаҳои махсус (масалан, барномаи Адлия), маҷмуи қонунҳо (ҳамчун китоби чопӣ, маводи коғазӣ) ва ғ. қонунҳои мамлакатамон бо забонҳои тоҷикӣ ва рузӣ нашр шудаанд.

Ба фикри мо ба таври мунтазам истифодаи тадбирҳои зерин баҳри баланд бардоштани маърифатнокии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба об мусоидат хоҳанд кард:

– Омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи оби ҷавобгӯ ба бозори ҷаҳонӣ. Имрӯз дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ ва дигар муассисаҳои олии касбии мамлакат мутахассисони соҳаи об омода мешаванд. Баланд бардоштани маоши омӯзгорон, ба даст овардани таҷҳисотҳои лабораторӣ ва умуман ҳавасмандгардонии соҳаи мазкур ба баланд бардоштани донишу малакаи мутахассисони оянда мусоидат хоҳанд кард;

– Ташкили курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи об. Ба ин курсҳо мутахассисони соҳаи об ҷалб карда мешаванд, ки аллакай дар вазорату идораҳои дахлдор кору

фаъолият доранд. Масалан, дар Муассисаи давлатии “ТоҷикНИИГиМ”-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи об амал мекунад. Чунин сохтор дар дигар муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои олии касбӣ, вазорату идораҳои дахлдор амал мекунанд. Фаъолияти пурсамари онҳо дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифодаи об нақши калидӣ дорад;

– гузаронидани тренингу семинарҳои омӯзишӣ, таҷрибаомӯзӣ дар мамлакатҳои дар ин соҳа пешрафта. Вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таълимӣ дар мавзӯҳои гуногуни вобаста ба об ин гуна чорабиниҳои омӯзишӣ мегузаронанд. Дар ин ҷо саҳми шарикони рушд, аз қабили намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ҳукумати мамлакатҳои ба мо дӯст бениҳоят калон аст.

– ташкили барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ бо даъвати мутахассисони соҳаи об. Зиёда аз 70% аҳолии мамлакатамон дар деҳотҷойҳо зиндагӣ мекунанд ва дар деҳаҳои дурдаст ба интернети босуръат дастрасӣ надоранд. Аз ин рӯ, ахбору маълумотро дар телевизион тамошо мекунанд ё тавассути радио гӯш мекунанд. Аз ин рӯ бо ин восита фаҳмонидани моҳияти қонунгузории соҳаи об ба истифодабарандагони он самараи бештар хоҳад дод. Хуб мебуд, ки дар телевизион барномаҳои махсус, масалан, “Маслиҳати мутахассис” таҳия шаванд, ки дар он олимону мутахассисони соҳа ба боғбонону деҳқонон оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои об маслиҳатҳои муфид диҳанд.

– ҷоннок намудани ҳамкорӣ байни муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ бо хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ассотсиатсияи истифодабарандагони об ва дигар субъектони истифодабарандаи об. Тавсияҳое, ки аз тарафи олимон дода мешаванд, соҳаи обёрию кишоварзиро беҳтар мегардонанд.

– пурзӯр намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифлос кардани об. Ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ҷиноятӣ, маъмурӣ,

интизомӣ, моддӣ ва маданӣ-ҳуқуқӣ) кашидани ифлоскунандагони об обистифодабарандагони дигарро водор месозад, ки ба ин неъмати бебаҳои табиӣ муносибати эҳтиёткорона, сарфакорона дошта бошанд.

– ташкили курсҳои махсуси ҳуқуқи об, ҳуқуқи байналмилалии об, ҳуқуқи экологӣ дар муассисаҳои олии касбии соҳаи об. Ташкили ин гуна курсҳо дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ба масъалаи маърифати ҳуқуқии истифодаи об на фақат дар соли "Маърифати ҳуқуқӣ" аҳамияти хоса додан лозим аст. Ба ин масъала ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир кардан, андешидани тадбирҳои мушаххас зарур аст.

Истифодаи оқилона ва муҳофизати об моро ба ҳадафҳои рушди устувор, ҳадафҳои стратегии мамлакат хоҳад расонд.

## ГУНОҲ ДАР ВАЙРОНКУНИИ УҲДАДОРИҲОИ ШАРТНОМАВӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Додозода Абдуманнон Мақсуд**
**унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.**

Қабули Конститутсияи Тоҷикистон дар таърихи давлатдории тоҷикон саҳифаи навро боз намуд, ки он ҳамчун ҳуҷҷати дорои эътибори олии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд ва самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи

гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ аз ҷумлаи пешравиҳо мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд. Дар Конститутсия замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат эълон гардида, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати ҷомеа кафолат медиҳад (мод. 13).

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ, инкишофи сектори хусусӣ ҷавобгарии маданӣ дар таъмини қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ аҳамият ва мавқеи худро мустаҳкам кардааст. Бе механизми матлуби истифодаи ҷавобгарӣ рафтори дурусти иштирокчиёни муомилоти маданиро таъмин кардан ва кафолати ҳуқуқи субъектҳои он имконнопазир аст.

Бо вуҷуди он, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) боби махсус «Боби 30. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ» мавҷуд бошад ҳам, аммо “гуноҳ” яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар ҳуқуқи маданӣ боқӣ мондааст. Дар КМ ҶТ меъёри махсус оид ба мафҳуми гуноҳ вуҷуд надорад. Дар назария бошад, гунаҳкорӣ ҳамчун муносибати равонии шахс ба кирдор фаҳмида мешавад.

Муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ решаи худро аз ҳуқуқи хусусии римӣ сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлил намудани мазмун ва моҳияти гуноҳро дар муносибатҳои шартномавӣ, аз ҳуқуқи хусусии римӣ оғоз намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ҳуқуқи хусусии римӣ қарздор барои вайрон намудани уҳдадориҳо дар назди кредитор танҳо ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ масъулият ба зимма дошт. Дар ҳуқуқи хусусии римӣ фаҳмиши ягонаи мафҳуми гуноҳ вуҷуд надошт. Сабаби асосии дар ҳуқуқи хусусии римӣ мавҷуд набудани фаҳмиши ягонаи мафҳуми гуноҳро олими рус Бутенко Е.В. чунин асоснок намудааст, ки «олимони рими қадим бо назардошти муҳимияти фаҳмиши гуноҳ, дар асосноккунии

мафҳум ва моҳияти гуноҳ эҳтиёткорона амал намуданд, зеро дар муайян кардани фаҳмиши мазкур камбудиҳо ва суистифодаҳоро мушоҳида намудан мумкин аст».[196]

Тазаккур бояд дод, ки принсипи римии «бе гуноҳ ҷавобгарӣ вуҷуд надорад» дар ҳуқуқи мадании муосир номи «принсипи гуноҳ» – ро соҳиб гардид ва ягона асоси ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс эътироф шуд.

Таърихан аввалин маротиба дар ҳуқуқи хусусии римӣ гуноҳ дар шакли қасдона (dolus malus) ба вуҷуд омадааст. Моҳияти намуди мазкури гуноҳ дар он зоҳир мегардид, ки иродаи ба амал баровардани амале мебошад, ки ҳангоми он поймол шудани ҳуқуқи дигаронро дарк мекунад[197]. Дар баробари ин, истилоҳи *dolus* маънои «фиреб»-ро дошт: «маккорӣ (қаллобӣ), ки бо мақсади фиреб додани дигаре истифода мешавад, вақте ки як чиз пайдо мешавад, вале дар асл чизи дигар мешавад». *Dolus* дар ибтидо як намуди махсуси ҳуқуқвайронкунӣ - фиреб ва қаллобӣ буд. Лабеон чунин меҳисобад, ки таҳти мафҳуми *dolus тамоми намуди найранг, фиреб, суистифода бо мақсади фиреби дигарон фаҳмида мешавад*[198].

Ҳамин тариқ, дар аввал дар ҳуқуқи Рим ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ расонида шудааст, ба ҷабрдида барои ҳар гуна гуноҳ, аз ҷумла беэҳтиётии оддии шахсе, ки зарар расонидааст, тааллуқ дошт ва инкишофи уҳдадориҳои шартномавӣ зарурати фарқиятро ба вуҷуд овард.

---

[196] Бутенко Е.В.Вина в нарушении договорных обязательств. Дис. … канд. юрид. Наук. Красноярск, 2002. С.15

[197] *Санфилиппо Ч.* Курс римского частного права: учебник. М.: Норма, 2007. С.-137

[198] *Муромцев С.А.* Гражданское право Древнего Рима. М.: Статут, 2003. 685 с.

Минбаъд шаклҳои гуноҳ (қасд ва беэҳтиётӣ) ва навъҳои беэҳтиётӣ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтанд[199].

Дар Кодекси граждании ИҶШС аз 31 октябри соли 1922 муқаррар карда шуд, ки агар қарздор уҳдадориро иҷро накунад, ӯ вазифадор аст ба кредитор зарари дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадориро ҷуброн намояд. Қарздор, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, агар исбот кунад, ки имконнопазирии иҷро дар натиҷаи ҳолатҳое ба миён омадааст, ки вай пешгирӣ карда наметавонист ё дар натиҷаи қасд ё беэҳтиётии кредитор ба вуҷуд омадааст, аз ҷавобгарӣ барои иҷро накардан озод карда мешавад.

Муқаррароти мазкури қонунгузории Шӯравиро таҳлил намуда, Бутенко Е.В. ба хулоса омадааст, ки таҳлили муқаррароти Кодекси граждании соли 1922 дар бораи гунаҳкорӣ дар уҳдадориҳои шартномавӣ нишон медиҳад, ки принсипи гунаҳкорӣ равшан муқаррар карда нашудааст. Мафҳуми гунаҳкорӣ умуман вуҷуд надорад.[200] Аммо тазаккур бояд дод, ки дар Кодекси мазкур мавҷуд набудани мафҳумҳои «гуноҳ», «қасд» ва ё «беэҳтиётӣ» маънои онро надорад, ки дар Кодекси граждании ИҶШС соли 1922 масъалаи гуноҳкорӣ вуҷуд надошт.

Аввалин кушиши муайян кардани мафҳуми умумии гуноҳ дар ҳуқуқи гражданӣ соли 1939 аз ҷониби Шварст Х.И. амалӣ карда шуда, чунин фаҳмиши гуноҳ пешниҳод шудааст: «Мо ҳар гуна саркашӣ кардани шаҳрванди қобилияти амал аз рафтори муътадили шаҳрвандии Ҷамъияти социалистиро гуноҳ мефаҳмем...»[201]. Мафҳуми пешниҳодшудаи мазкур

---

[199] *Пирвиц Э.Э.* Значение вины, случая и непреодолимой силы в гражданском праве // Вестник гражданского права. 2010. №5. С. 171–215.

[200] Е.В. Бутенко. Вина в нарушении договорных обязательств. Дис. … канд. юрид. Наук. Красноярск, 2002. С.33

[201] Шварц Х.И. Значение вины в обязательствах из причинения вреда. -М., 1939. С.36.

мазмун ва моҳияти гуноҳ дар ҳуқуқи гражданиро ба пуррагӣ баён намекард, зеро, Шварст Х.И. категорияҳои гуноҳкорӣ ва зиддиқонуниро бо ҳам омезиш додааст.

Ойгензихт В.А. умуман бо фаҳмиши анъанавии гунаҳкорӣ розӣ шуда, хусусиятҳои ҷанбаҳои инфиродии ин ҳолати субъективиро ба таври зайл равшан кардааст: гуноҳ дар худ ду аломатро дарбар мегирад: 1) зеҳнӣ, ки муносибати равонии шахсро нисбат ба рафтори ғайриқонунӣ ифода мекунад; 2) иродавӣ, ки танзими психологии рафторро дар бар мегирад, ки натиҷаи он содир намудани кирдори зидди ҳуқуқӣ мебошад[202].

Бори аввал дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ принсипи гунаҳкорӣ дар шакли умумӣ дар м. 37 «Асосхои қонунгузории граждании ИҶШС ва республикаҳои иттифоқӣ аз 8 декабри соли 1961 (минбаъд — Асосҳои соли 1961) мустаҳкам карда шудааст. Тибқи м. 36 – и он шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро ба таври дахлдор иҷро накардааст танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳ (қасдона ва ё аз беэҳтиётӣ), ғайр аз мавридҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома, ҷавобгарии моддӣ ба зимма дорад.

Барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ сабаби аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ дар аксарияти соҳаҳо гузаронидани ислоҳот гардида ва дар ин замина ба шаклҳои гуногуни моликият тибқи меъёрҳои конститутсионӣ кафолат дода шуд. Ҷойи муносибатҳои амудии идоракуниро муносибатҳои уфуқии хоҷагидорӣ ва доду-гирифти пулию молӣ гирифта, идоракунии бевоситаи давлат дар соҳаи иқтисодиёт ба танзими иқтисодии муносибатҳои моливу пулӣ иваз шуд. Дар чунин ҳолат меъёрҳои ҳуқуқии соҳавие, ки муносибатҳои молумулкиро ба

[202] Ойгензихт В.А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. -Душанбе, 1980. С.35.

танзим медароварданд, ба шароити муосир мутобиқат намекарданд.

Бо назардошти ҳолати мазкур чун дигар давлатҳои собиқ аъзои ИҶШС Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти баъзе тафовут дар асоси Кодекси намунавӣ – санади қонунгузории тавсиявии давлатҳои иштирокчии ИДМ[203] санаи 30 июни соли 1999 қисми якум, санаи 11 декабри соли 1999 қисми дуюм ва санаи 1 марти соли 2005 қисми сеюми КГ ҶТ қабул карда шуданд.

Тазаккур бояд дод, ки то мавриди амал қарор додани қисмҳои 1 ва 2 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҷавобгарӣ ва гуноҳ дар муносисбатҳои ҳуқуқӣ – хусусӣ тавассути меъёрҳои қонунгузории зерин ба танзим дароварда мешуданд:

– фасли якум «Қоидаҳои умумӣ», фасли дуюм «Ҳуқуқи моликият», зерфасли 1 «Қоидаҳои умумӣ дар бораи ӯҳдадориҳо»-и фасли сеюми «Ҳуқуқи ӯҳдадорӣ», зерфасли 2 «Навъҳои алоҳидаи ӯҳдадориҳо»-и фасли сеюм, «Ҳуқуқи ӯҳдадорӣ»-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 «Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 1991 «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи корхонаҳо».

Қисми якуми КГ ҶТ аз 1 январи соли 2000, қисми дуюм бошад санаи 1 июли соли 2000 ва қисми сеюм санаи 1 марти соли 2005 мавриди амал қарор дода шуданд, ки КГ ҶТ ҳамчун

[203] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К./ Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон(қисми якум). – Душанбе, “Эр-граф”, 2010. С.-5

санади танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ то санаи 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор гирифт.

Раванди босуръати инкишофи муносибатҳои устувори иқтисодӣ дар кишвар ва ҷаҳонишавии масъалаҳо оид ба он яке аз омилҳои муайянкунандаи такмил ва дар таҳрири нав таҳия кардани Кодекси маданӣ ба ҳисоб меравад. Қабули дигар қонунҳо вобаста ба муносибатҳои маданӣ, зарурати бартараф кардани мухолифати онҳо ба Кодекси маданӣ, ки татбиқи меъёрҳоро дар амал душвор мегардонанд, инчунин аз ҷиҳати забонӣ ва истилоҳот коста будани мазмуну мундариҷаи кодекси амалкунанда низ зарурати такмили онро ба миён овард.

Баъди қабули Кодекси граждании соли 1999 дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳаввулоти зиёд ба амал омад, ки баъзе аз ҷанбаҳои он дар қонунгузории гражданӣ инъикос ва танзим наёфтанд. Чунин дигаргуниҳо на танҳо дар фазои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо дар як фазои ҳуқуқӣ қарор дошт, ба миён омаданд[204].

Бинобар ин, дар кодекси нав мушкилоти муҳими ҷойдошта ҳаллу фасл ва танзими ҳуқуқии онҳо мушаххас пешбинӣ гардида, норасоӣ ва мухолифатҳои ҷойдошта ислоҳ ва бартараф карда шуданд. Аз ҷумла, ҳалли таносуби байни кодекс ва дигар қонунҳо, сохтор ва пайдарҳамии ҷойгиршавии ниҳодҳои алоҳида, такмили танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, мушаххасгардонии навъҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, таҷдид кардани масъалаи сирри хизматӣ ва сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти ҳифз, такмили ниҳодҳои кафолат ҳамчун иҷрои уҳдадориҳо ва ғайра таҳия гардидааст.

---

[204] Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/kodeksi-madanii-um-urii-to-ikiston-abul-shud/. Санаи муроҷиат 17.03.2024

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 декабри соли 2022 қабул карда шуда, аз санаи 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дорад. Бинобар сабаби он, ки КГ ҶТ ва КМ ҶТ муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба гуноҳ ва дигар асосҳои ҷавобгарии маданиро яксон танзим намудаанд.

Аз гуфтаҳои болоӣ маълум мегардад, ки дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти кафолати рушди фаъолияти озоди иқтисодӣ дар дар баробари шаҳрвандон ба муносибатҳои ҳуқуқӣ – маданӣ ворид гардидани давлат ҳамчун субъекти ҳуқуи маданӣ қонунгузории маданӣ ду маротиба такмил дода шуда, дар инкишоф қарор дорад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн] (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 136 с.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №1918 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1918_tj.doc (санаи муроҷиат 15.01.2023)
3. Бутенко Е.В.Вина в нарушении договорных обязательств. Дис. … канд. юрид. Наук. Красноярск, 2002.
4. Е.В. Бутенко. Вина в нарушении договорных обязательств. Дис. … канд. юрид. Наук. Красноярск, 2002.
5. Захираи электронӣ. Манбаи дастрасӣ https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/kodeksi-madanii-um-urii-to-ikiston-abul-shud/. Санаи муроҷиат 17.03.2024
6. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К./ Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон(қисми якум). – Душанбе, “Эр-граф”, 2010.
7. Муромцев С.А. Гражданское право Древнего Рима. М.: Статут, 2003.
8. Ойгензихт В.А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. -Душанбе, 1980.

9. Пирвиц Э.Э. Значение вины, случая и непреодолимой силы в гражданском праве // Вестник гражданского права. 2010. №5. С. 171–215

10.Санфилиппо Ч. Курс римского частного права: учебник. М.: Норма, 2007.

11.Шварц Х.И. Значение вины в обязательствах из причинения вреда. -М., 1939. С.36.

## РУШДИ АРБИТРАЖИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИҶОРАТӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Ҳамроқулзода Борбад Аслиддин**
**унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, muso0808@mail.ru**

Тавре маълум аст, инсоният ҳама гуна баҳсҳо, аз ҷумла баҳсҳои молу мулкиро ҷиҳати қавӣ бо ҷазои шахсӣ ҳал мекарданд. Баъдтар, бо баробари инкишофи шуур ва маданият одамон барои ҳалли баҳсҳои худ шахсони сеюмро ҷалб мекунарданд, ки асосан онҳо шахсони куҳансол ва рузгордида буданд. Масалан, чунин одамони донишмандро румиёни қадим ҳакам меномиданд.

Омӯзиши адабиётҳои таърихӣ собит месозад, ки аз давраҳои идоракунии румиён истилои “ҳакам” пайдо шудааст[205]. Бо пайдоиши давлат вазифаҳои асосии идоракунии адолат ба ихтиёри давлатҳо гузаштанд.

Ҳамин тавр, дар Рими қадим судҳои махсуси тиҷоратӣ пайдо шуданд. Аҳдномаҳои байни Румиён ва Лотинҳо қоидаҳоеро муқаррар карданд, ки тибқи онҳо мурофиаҳо дар

[205] Манбаи электронии https://dic.academic.ru/dic.nsf/brokgauz/3194. Санаи мурочиат 20.07.2024

баҳсҳои одилона бояд танҳо аз ҷониби як судя бо шумораи зиёди ҳакамон ҳал карда шаванд[206].

Аввалин маротиба судҳои тиҷоратӣ дар шакли аён ва паҳнгаштаашон дар Италия ҳамчун судҳои махсуси тиҷоратии бахр пайдо шудаанд. Ҳаёти тоҷирони Италия бидуни корпоратсияҳо тасаввурнопазир буд. Онҳо консулҳоро аз байни худ судяҳо интихоб карданд. Аз ин рӯ, ин судҳо Консулӣ[207] низ номида мешуданд.

Баъдтар, судҳои тиҷоратӣ дар як қатор шаҳрҳои Фаронса, ки ярмаркаҳо баргузор мешуданд (шаҳрҳои Авинон, Арлес, Бесансон, Шампан) пайдо шуданд. Доваронро Шӯрои подшоҳӣ таъин мекард. Ҳама судҳо муваққатӣ буданд, зеро онҳо танҳо дар давоми ярмарка фаъолият мекарданд. Қарорҳои ин судҳо мавриди шикоят қарор надоштанд[208].

Минбаъд бо баробари инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ талаботҳо ба муҳокимаҳои ҳакамӣ зиёд шуд. Дар даврони асрҳои миёна муқарраротҳои тоҷирон дар ҳудуди давлат ва ё шаҳри дигар танҳо ҳангоми иштироки ҳамон давлат ва ё шаҳр ба созмонҳои тоҷирон ба иҷро расонида мешуданд. Ба сифати ҳакамон дар ин ҳолат сеххои тоҷирон баромад мекарданд.[209] Он тоҷироне, ки қарорҳои сехро вайрон мекарда, якумрӣ аз ҳайати корпаратсияҳо хориҷ карда мешуд.

Баробари инкишофи муносибатҳои байнидавлатӣ сеххои мазкур ҳудуди давлатҳои гузаштанд. То пайдо шудани созишномаҳои дуҷониба дар бораи ёрии ҳуқуқӣ тоҷирони як давлат метавонистанд дар давлати дигар мол ва ё кредит

---

[206] Манбаи электронии https://be5.biz/pravo/a030/1.html. Санаи муроҷиат 03.09.2024

[207] Манбаи электронии https://be5.biz/pravo/a030/1.html. Санаи муроҷиат 03.09.2024

[208] Ҳамон ҷо

[209] Пиренн А. Средневековые города Бельгии. СПб., 2001. С. 156, 391; Ле Гофф Ж. Цивилизация средневекового Запада. Сретенск: МЦФИ, 2000. С. 271.

гиранд. Дар ин ҳолат танҳо аз тоҷир кафолат талаб карда мешуд, ки ба сифати кафил дар хусуси бовиҷдонии тоҷир колективи меҳнатии он ва ё шарикони тиҷоратиаш баромад мекарданд.

Дар замони шӯравӣ судҳои ҳакамӣ дар назди биржаҳои молӣ ва биржавӣ, ки соли 1922 ташкил шуда буданд, амал мекарданд. Идеяҳои суди ҳакамӣ дар қонунгузорӣ, вақте ки Комиссияи арбитражии савдои хориҷӣ соли 1932 дар Палатаи савдои умумииттифоқӣ таъсис ёфтааст, ба таври возеҳ амалӣ карда шуданд. Қарори дахлдори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шӯрои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 17 июни соли 1932 қабул шудааст.

Пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ муқаррароти Конвенсияи мазкур гуё умуман истифода намешуданд. Зеро соли 1995 Суди Олии арбитражии Федератсияи Россия номгӯи шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Суди Олии арбитражии дар татбиқ ва иҷрои он иштирок мекунанд, Конвенсияи Москва номбар нагардидааст[210].

Пас аз пош хурдани давлати Шӯравӣ санаи 20 марти соли 1992 давлатҳои мустақил барои мавҷуд набудани механизми ҳуқуқии ба иҷро расонидани санадҳои судии худ масъаларонӣ намуда, дар шаҳри Киев Созишнома дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳое, ки ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти хоҷагӣ ба миён омадаанд (минбаъд - Созишнома), ба имзо расонида шуд.

Созишномаи мазкур санаи 19 декабри соли 1992 мавриди амал қарор дода шуд, ки дар он 10 давлати аъзои ИДМ Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Арманистон, Белорусия, Қазоқистон, Қирғистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Туркманистон, Узбекистон ва Украина шомил буданд.

---

[210] Манбаи электронии https://www.lawmix.ru/zkrf/51265 санаи муроҷиат 24 декабри соли 2020

Дар як муддати кутоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, санадҳои зиёди ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби Тоҷикистон эътироф шуданд. Аз ҷумла, Конвенсияи Созмони Милалӣ Мутаҳид дар бораи эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 тасдиқ гардид.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва бо назардошти пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» таҳия гардида, 18 марти соли 2015 қабул карда шуд, ки тартиби ташкил ва фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратиро танзим менамояд[211].

Тибқи қонуни зикршуда, арбитраж – арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунанда (минбаъд – арбитражи доимоамалкунанда), арбитражи байналмилалии тиҷоратии якборамалкунанда, ки барои баррасии баҳси мушаххас таъсис ёфтааст (минбаъд – арбитражи якборамалкунанда).

Аз мазмуни мафҳуми қонунгузории амалкунанда маълум мегардад, ки арбитраж бо роҳҳои мурофиавӣ фаъолияти худро амалӣ менамояд ва мафҳуми "мурофиаи арбитражӣ" (ё муҳокимаи арбитражӣ)-ро ба миён меорад.

Дар тадиқиқотҳои муосир таҳти мафҳуми "мурофиаи арбитражӣ" (ё муҳокимаи арбитражӣ) низоми муайяни муносибатҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки дар пайдарҳамӣ якдигарро иваз намуда, ба мақсади муайяни ҳуқуқӣ мерасад. Пайдарҳамӣ ва шартҳои амалӣ намудани муносибатҳои

[211] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2015, №3, мод.205.

ҳуқуқии мазкур тибқи қонунгузорӣ ва шартномаи тарафҳо муайян карда мешавад[212].

Ба андешаи Раҳимов М.З. бошад зери мафҳуми муқаррароти умумии мурофиа дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ қоидаҳои асосие мефаҳманд, ки дар заминаи онҳо баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои граждани дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, ҳамчунин қабули ҳалнмоа аз ҷониби арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ сурат мегирад[213].

Аз нуқтаи назари Менглиев Ш.М. бошад муайян намудани мафҳуми оғози муҳокимаи арбитражӣ баҳснок мебошад. Зеро омили мазкур аз шаклҳои арбитраж вобастагӣ дорад[214].

Монанди чунин ақидаҳо дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мафҳумҳои гуногуни расмиёти (муҳокимаи) арбитражӣ пешбинӣ гардидааст.

Монанди мурофиаҳо дар судҳои давлатӣ мурофиа дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ низ дорои давраҳои муайяни худ мебошад. Т.А.Лунаев чунин давраҳои муҳокимаи арбитражиро пешниҳод намудааст:

1) оғози муҳокимаи арбитражӣ;

2) таъсиси арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ;

3) омода намудани парванда ба муҳокимаи арбитржӣ;

4) моҳиятан муҳокима намудани парванда;

5) аз ҷониби арбитраж қабул шудани ҳалномаи арбитражӣ[215].

---

212 Курочкин С.А. Третейское разбирательство и международный коммерческий арбитраж. М., 2017. С. 168.

213 Раҳимов М.З. Асари номбурда. С.63

214 Менглиев Ш. Асари номбурда. С. 211

215 Международный коммерческий арбитраж: Учебник / С.А. Абесадзе, Т.К. Андреева, В.Н. Ануров и др.; отв. ред. Т.А. Лунаева. 2-е изд., перераб. и доп. СПб.: Редакция журнала "Третейский суд"; М.: Статут, 2018. С.441

Ба андешаи мо бо чунин давраҳо муҳокимаи арбитражӣ маҳдуд шуда наметавонад. Зеро давраҳои иҷрои ҳалнома низ бояд ба давраи муҳокимаи арбитражӣ дохил карда шавад.

Одатан давраи якуми муҳокимаи арбитражиро дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба ду намуд ҷудо намудаанд: якум, муҳокимаи арбитражӣ аз лазҳаи пешниҳоди аризаи даъвогӣ ва ҳуҷҷатҳои дахлдор оғозёфта эълон мегардад (чунин намуд асосан дар таҷрибаи арбитражҳои давлатҳои аъзои ИДМ амал мекунад)[216] ва дуюм, муҳокимаи арбиражӣ аз лаҳзаи пешниҳоди мазмуни мухтасари ариза ва ё иродаи ба арбитраж додани баҳс оғоз гардида ҳисобида мешавад.

Омилҳои мазкури давраи оғози муҳокимаи арбитражиро олимон таҳлил намуда, аксари онҳо ҷонибдории худро ба омили дуюми он байён намудаанд[217]. Олимони мазкур хулосаи худро бо он асоснок намудаанд, ки бартираии омили дуюм дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми пешниҳоди он мумкин аст, тарафҳо бо созиш омада, баҳси мавҷуд бударо дар давраи мазкур танзим намоянд[218].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ таъкид рафтааст, ки оғози муҳокимаи арбитражӣ аз намудҳои худи арбираж вобастагӣ дорад. Зеро асосан дар арбитражҳои институтсионалӣ (доимамалкунанда) оғози муҳокимаи арбитражӣ аз лаҳзаи пешниҳоди даъво сар мешавад[219].

Ба андешаи мо то муайяни намудани ваколати арбитраж (асосан дар вақти баҳснок будани ваколатҳои он) пешниҳоди

---

[216] Искевич И. С., Куркин Б. А. Брянкина Л. В. Международный коммерческий арбитраж. Учебное пособия. Томбов, 2020, С.- 57; Зыкин И.С. К вопросу о повышении оперативности арбитражных разбирательств // Трансграничный торговый оборот и право: Liber amicorum в честь 50-летия А.Н. Жильцова: Сб. ст. и эссе / Сост. и науч. ред. А.И. Муранов, В.В. Плеханов. М., 2013. С. 81.

[217] Лунаева Т.А. Асари номбурда. С.443

[218] Ҳамон ҷо.

[219] Менглиев Ш.М. Асари номбурда. С.214

ариза ва ё мазмуни мухтасари даъво кори зиёдатӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мо чунин андеша дорем, ки бо назардошти он, ки қонунгузорӣ муайян намудани ваколати арбитражро пешбинӣ мекунад, бояд оғози муҳокимаи арбитражӣ пас аз муайян намудан ваколати баррасӣ намудани баҳси мушаххас аз ҷониби худи арбитраж оғозёфта мегардад. Яъне то он замоне, ки арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ тибқи таратиби муайяннамудаи моддаи 21 Қонуни ҶТ "Дар бораи арбитражӣ байналмилалии тиҷоратӣ" дар бораи ваколати худ, аз ҷумла аз рӯи изҳори норозигӣ нисбати мавҷудият ё ҳақиқӣ будани созишномаи арбитражӣ қарор қабул накунад, муҳокимаи арбитражӣ оғознаёфта эътироф мешавад.

Ба ақидаи олимон ватанӣ муқаррароти умумӣ ва қоидаҳои мурофиа дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бо се тарз пешбинӣ мешаванд:

1. Тавассути қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ;
2. Таввасути санадҳои меъёрии локалӣ, яъне санадҳои меъёрие, ки аз ҷониби арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ қабул шудаанд (дастур, низомнома ва ғайраҳо);
3. Тавассути созиши арбитражӣ, ки тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ бастаанд[220].

Дар қонунгузории амалкунанда чунин присипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мустаҳкам шудааст:

– баробарҳуқуқии тарафҳо;

– интихоби озоди ҳайати арбитраж, ҳуқуқи татбиқшаванда, расмиёт ва забони мурофиаи арбитражӣ аз ҷониби тарафҳо;

– тобеияти шартномавии парвандаҳои баррасишаванда;

– афзалияти принсипҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ;

[220] Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ.Зери таҳрири Раҳимов М.З. Душанбе, 2007. С.63-64.

– мустақилияти арбитраж ва арбитрҳо;

– махфиёна будани муҳокимаи арбитражӣ;

– мусоидат ба хотимаёбии баҳс бо роҳи созиши оштии тарафҳо;

– қатъӣ будани ҳалномаи арбитражии аз ҷониби арбитраж қабулгардида.

Чунин буданд муқарраротҳои умумии арбитражи байналмилалии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тазаккур бояд дод, ки арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон, ки дар назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, меваи даврони Истиқлолияти давлатӣ буда, механизми иловагӣ барои дар амал татбиқ шудани кафолати конститутсионии ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва яке аз воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ ба ҳисоб меравад. Айни ҳол бо назардошти инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ институти мазкур низ дар ҳоли инкишоф қарор дорад.

**АДАБИЁТ:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн] (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 136 с.

2. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №340 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат 01.09.2024).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 марти соли 2015, таҳти №1183 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 01.09.2024).

4. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. Зери таҳрири Раҳимов М.З. Душанбе, 2007.

5. Зыкин И.С. К вопросу о повышении оперативности арбитражных разбирательств // Трансграничный торговый оборот и право: Liber amicorum в честь 50-летия А.Н. Жильцова: Сб. ст. и эссе / Сост. и науч. ред. А.И. Муранов, В.В. Плеханов. М., 2013. 1.

6. Искевич И. С., Куркин Б. А. Брянкина Л. В. Международный коммерческий арбитраж. Учебное пособия. Томбов, 2020,

7. Курочкин С.А. Третейское разбирательство и международный коммерческий арбитраж. М., 2017.

8. Ле Гофф Ж. Цивилизация средневекового Запада. Сретенск: МЦФИ, 2000. С. 271.

9. Манбаи электронии https://be5.biz/pravo/a030/1.html. Санаи мурочиат 03.09.2024

10. Манбаи электронии https://be5.biz/pravo/a030/1.html. Санаи мурочиат 03.09.2024

11. Манбаи электронии https://dic.academic.ru/dic.nsf/brokgauz/3194. Санаи мурочиат 20.07.2024

12. Манбаи электронии https://www.lawmix.ru/zkrf/51265 санаи мурочиат 24 декабри соли 2020

13. Международный коммерческий арбитраж: Учебник / С.А. Абесадзе, Т.К. Андреева, В.Н. Ануров и др.; отв. ред. Т.А. Лунаева. 2-е изд., перераб. и доп. СПб.: Редакция журнала "Третейский суд"; М.: Статут, 2018.

14. Менглиев Ш. Арбитражное расмотрение внешнеэкономических споров. Душанбе: "Эҷод", 2009.

15. Пиренн А. Средневековые города Бельгии. СПб., 2001.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ КАЛИДИИ ОН ДАР ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

**Алиназарова К.Ғ.**
**ходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ АМИТ**

***«Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро танҳо суде таъмин карда метавонад, ки нерӯманд ва дахлнопазир бошад».***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Истиқлолият, яке аз пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик, ҳастии давлат, комилҳуқуқ ва соҳибихтиёрӣ, низоми давлатдорӣ ва бузургии миллат аст, ки сиёсати дохилию хориҷӣ, иқтисодӣ, вазъияти иҷтимоиву фарҳангии миллатро густариш медиҳад. Истиқлолият падидаи муҳими ҳуқуқӣ буда, маҳз ба туфайли он соҳибихтиёрии миллӣ, эълон гашта, шакли идораи давлатӣ, сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ тачзияи ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқу озодихои шаҳрвандон ва дигар масъалаҳои муҳими давлатдорӣ муайян карда мешавад.Истиқлоляти давлатӣ, ки Тоҷикистон 9-сентябри соли 1991 онро ба даст овард, давраи нави ташккули низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллиро асос бахшид.Ин давраи сифатан нави рушди қонунгузории ватанӣ буда, аз ҷумла бо пойдор намудани падидаҳои нави судии кишвар, ки дар заминаи ҳокимияти судӣ адолатварзиро касб карданд, тобиши фарққунанда дорад. Давлатсозии муосири тоҷик дар асоси хусусиятҳои миллӣ ва принсипҳои башарӣ бо мақсади таъмини адолати судӣ ислоҳоти куллиро дар низоми судӣ ба миён овард. Ислоҳоти конститутсионӣ такмили идоракунии давлат татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатиро ба се шоха- иҷроия, қонунгузор ва судӣ, ҷудо намуд, аз он ҷумла ҳокимияти суди, ки барои такмили низоми судӣ татбиқи принсипҳои адолати судӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.Дар

асоси тағйиротҳо ба Конститутсия ҳокимияти судӣ комилан мустақил шуда, барои татбиқи принсипи адолати судӣ, фаъолияти мустақили судҳо имконияти воқеии ҳуқуқӣ таъмин карда шуд.Ҳокимияти судӣ вазифаи ҳифз намудани ин ҳуқуқҳоро тавассути назорат бурдан, ҷорӣ намудани қонуният ҳал намудани баҳсҳо ва ба амал баровардани адолати судӣ иҷро менамояд. Боби ҳаштуми Конститутсия иборат аз нӯҳ модда пурра ба ин шохаи ҳокимият, пеш аз ҳама ба принсипҳои асосии ташкилию ҳуқуқии он, хусусан салоҳият ва сохтори судҳо, интихобу таъин кардан ба вазифа ва озоду бозхонди судяҳо, инчунин тарзи амалӣ намудани адолати судӣ бахшида шудааст.

Муҳимтарин дастоварди давлатӣ дар замони истиқлолият, бешубҳа ба роҳ мондани низоми ягонаи ҳуқуқӣ ва судӣ дар мамлакат ба шумор меравад, зеро маҳз тавассути сиёсати давлат дар самти низоми ҳуқуқӣ фаъолияти ҷомеа танзим мешавад.Дар Паёми навбатии Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 омадааст, ки таъмини қонуният ва адолати судӣ вазифаи асосии судяҳо аст. [1] Дар ин раванд, мақомоти судӣ бояд вазифаҳои хизматиашонро бо маъсулияти баланди касбӣ иҷро карда, баррасии саривақтӣ, ҳамаҷониба, пурра ва холисона парвандаҳои судиро ба роҳ монда, қарорҳои қонуниву асоснок қабул намояд ва ба ин васила ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро таъмин созанд.Пешвои миллат дар вохӯрӣ бо судяҳо моҳи ноябри соли 2019 вобаста ба масъалаҳои таъмини қонуният ва адолати судӣ тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбият, роҳ надодан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва бартарафсозии баъзе камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти судӣ ҷойдошта ибрози андеша намуданд.

Яке аз дастовардҳои бузурги замони истиқлолият ин таъмин намудани шароити қонунӣ барои фаъолияти судҳо гардид, ки дар натиҷаи он судяҳо дар фаъолияти худ мустақил шуданд ва аз фишори ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ озод гардиданд. Мустақилияти судяҳо тавассути дахлнопазирии онҳо, манъи ҳама гуна дахолат ба фаъолитяти онҳо ва ҷорӣ намудани ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбати судҳо таъмин гардид. Судяҳо ҳуқуқи ба истеъфо баромадан, бо хоҳиши худ ба кори дигар гузаштан, аз вазифа озод шудан ба нафақа баромаданро соҳиб шуда, дар баробари ҳамин амнияти онҳо ҳамчун вазифаи давлат дар сатҳи қонун муқаррар карда шуд. Яъне моҳияти ҳокимияти судӣ ва мақсаду вазифаҳои он дар сатҳи конститутсионӣ дақиқ муайян карда шуданд,ки «Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодидиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд», яъне судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мустақил буда, фаъолияти ҳудро аз номи давлат амалӣ менамоянд ва танҳо ба қонун итоат мекунанд. [2.30]

Давлат дар ҷомеаи муосир нақши ҳалкунанда дорад, зеро таъмини волоияти қонун, ҳуқуқҳои инсон ва пойдории сохти ҳуқуқии ҷомеа маҳз аз фаъолияти давлат сарчашма мегирад. Ҳуқуқҳои инсон ва талаби риояи онҳо дар санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ки нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ афзалият доранд, мустаҳкам шуда, барои давдатҳои ҷаҳон ҳатмӣ гардиданд.Ҳамчунин таъмини ҳукуқҳои шаҳрвандон дар асоси волоияти ҳуқуқ ба роҳ монда шуда, барои шароити арзандаи зиндагӣ аз тарафи давлат амалӣ мегардад. [7.201]

Дар баробари эълон шудани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991- ум, кишвари мо ба марҳилаи нави таърих ворид гардид. Вобаста ба ин дар ҷумҳурӣ дигаргунии ислоҳотҳои куллӣ оғоз гардиданд, ки соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатро фаро

гирифтанд. [5.156] Дар ҷумҳурӣ низоми мукаммали қонунгузории судӣ таъсис дода шуд, ки бо таъсири омилҳои нави ҷаҳонишавии фазои ҳуқуқӣ мунтазам рушд менамояд. Барои бартараф кардани камбудиҳои низоми судӣ давлат амалинамоии адолати судиро доимо такмил медиҳад. Моҳияти асоии фаъолияти судиро шарҳ дода, олимон вазифаи судро ҳамчун таҳқиқ кардани парвандаи ҷиноятӣ ва муқаррар намудани ҷазоро мефаҳмонад. Яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар самти илми ҳуқуқ ин таъмини фаъолияти ниҳодҳои судӣ мебошад.Фаъолияти судҳо дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад ва танҳо дар доираи қонун бо тартиби низоми қонунгузории мурофиавӣ ва аз номи давлат амалӣ мегардад. [4.34]

Мақомоти судӣ пеш аз ҳама бояд ба манфиати мардум ва ҳимояи ҳифзи ҳуқуқи ҳар як инсон дар самти озодиҳо ва манфиатҳои инсон амал менамояд.Аз ин лиҳоз мукаммалнамоӣ ва таҳким бахшидани ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии ниҳодҳои судӣ минбаъд ва дар оянда хоҳад шуд. [6.32]

Таҷрибаи воқеаҳои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳамкории институтҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодҳои судӣ бо оммаи мардум барои таъмини фаъолияти муътадили ҷомеа омили муҳим мебошад.Бинобар ҳамин дар дурнамо давлат нахустин вазифаро ҳамчун тарбияи ҳуқуқии ҷомеа мегузорад, зеро ин имкон медиҳад, то ки ҷомеаро ба ҳолати муътадили ҳуқуқӣ баргардонад. [3.56]

Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки бо барҳам хурдани сохти ҳуқуқи Шуравӣ, ки характери прогрессивӣ дошт, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин низоми ҳуқуқӣ берун нашуд ва ин интихоб пеши роҳи фасодшавии низоми ҳуқуқӣ ва бунёдгароиро дар ин соҳа пешгирӣ кард. Аз ин ру роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бояд ба масалаҳои баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, тайёр намудан ва

интихобу ҷобаҷобаҷогузории дурусти кадрҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд.Бинобар ҳамин вазифаи ҳокимияти судӣ иҷро кардани меъёрҳои конститиитутсионӣ мебошад ва судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ бояд мутобиқи ин ҳуҷҷати таърихӣ амал намояд. Дар ин самт вазифаи суд аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, корхонаву муассиса ва ташкилотҳо иборат мебошад ва судҳо ҳамчун кафили ҳуқуқдории шаҳрвандон, корхонаву муассиса фаъолият мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар доираи сиёсати дохилӣ, дониш ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун институти муҳимтарини таълимӣ дар ҷомеа дониста мешавад. Тавассути фарҳанги ҳуқуқӣ таъмини ягонагӣ ва устувории ҷомеа, танзими муносибатҳои иштирокчиёни сиёсати давлатӣ, ҳалли оқилонаи зиддият ва муқовиматҳо,таъмини муколамаи мутамаддини шаҳрвандон ва давлат амалӣ карда мешавад.Шаҳрванд ҳамчун субъекти комилҳуқуқ, танҳо дар сурати доштани донишҳои кофӣ ва маданияти ҳуқуқӣ метавонад дар ҷомеа мавқеи худро дошта бошад. Ин танҳо аз заминаҳои иқтисодӣ ба мананди кори муътадили корхонаҳои саноатӣ, афзоиши ҳаҷми маъсулот, низоми устувории пулӣ ва дигар омилҳо вобастагӣ надошта, балки фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандонро низ дар бар мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат дар тамоми зинаҳои иштирок дар мурофиаи судӣ шаҳрвандон бояд бо маҷмуи қоидаҳо ва қонунҳои ниҳодҳои судӣ шинос бошад, ки онҳо қисми фарҳанги ҳуқуқиро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, мо гуфта метавонем, ки бо шарофати Истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷиқистон тавонист фаъолияти ниҳодҳои судиро дар ҳамаи зинаҳо ба роҳ монад, ки ин омили муҳими афзоиши фаъолнокии ҳуқуқии шаҳрвандон барои татбиқи адолати ҳуқуқӣ мебошад.Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол имрӯз расман ва воқеан аз ҷониби аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шинохта шудааст. Ҳадафу орзуи халқи мамлакат барпо намудани

давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, ташкили ҷомеаи озоди шҳрвандӣ таъмини зиндагии орому осуда ва ҳамбастагӣ бо ҷомеаи мутамаддини олам мебошад. Истиқлолият, ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор нигоҳ доштани он аз ҳар як шаҳрванди кишвар, аз ҷумла кормандони мақомоти судӣ ва прокуратура ҳисси масъулият ва фидокориро тақозо менамояд. Гуфта метавонем, ки дар низоми ҳокимияти судӣ ҳамчун ӯҳдадории асосии ҳифзкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва дигар субъектон, инчунин таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ ҷойгоҳи хоса дошта, тавваҷӯҳ ба самаранокии фаъоли он ба мақсад мувофиқ мебошад. Судя гона мақомот ва шохаи ҳокимият аст, ки кафолатҳои додаи Конститутсияро оиди ҳифзи ҳуқуқ ва озодхои инсон ва шаҳрванд дар амал ҳамарӯза таъмин менамояд. Гузашта аз он вобаста ба оне, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар меҳвари сиёсати эътирофгардидаи субъектони ҷаҳони муосир ҷойгоҳ пазируфта, ҳаёти инсониро маъно мебахшад, ки дар ин рисолати суд онро ҳамчун ниҳоди зарурӣ ва фаъол дар ин ҷода зарур мешуморад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22-юми декабри соли 2021. -20 с.
2. Шоназаров С.А. «Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон».-Душанбе «Эрграф», 252с.
3. Иброҳимов С.И., Н.А.Табаров Ҳуқуқи мурофиавии судии иқтисодӣ Комплекси (маҷмӯаи) таълимӣ- методӣ. - Душанбе, 2009. - 390 с.
4. Махмудзода М.А. Худоёрзода Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, - Душанбе «Эр- граф», -2019.- 304 с.
5. Маҳмудов М.А Устувории низоми судии Тоҷикистон; проблема ва мулоҳиза.- Душанбе; Матбуот,2002. - 267 с.

6. Сангов Т. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд - вазифаи конститутсионии ҳокимияти судӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - Душанбе, 2018. №1(25). - С. 32-38

7. Сотволдиен Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. - Душанбе, 2003 С. 552.

## ТАҲКИМИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Набиев Фатҳиддин Сухробович**
**унвонҷӯи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, E-mail: fatkhiddin.1985@ mail.ru**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 1-уми Конститутсия, ки бо райъи кулли мардуми Тоҷикистон қабул гардидааст, давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаву иҷтимоӣ эълон гардида, озодии виҷдон ва эътиқод дар қатори дигар ҳуқуқу озодиҳои асосӣ бо кафолатҳои конститутсионӣ таъмин шудааст[221].

Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, мисли бисёр конститутсияҳои кишварҳои дигар ғояҳои пешқадами иҷтимоӣ-сиёсӣ ва принсипҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро дар меъёрҳои ҳуқуқии худ таҷассум карда (ба монанди волоияти қонун, принсипи таҷзияи ҳокимияти давлат, таъмини пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ғ.), мардуми

[221] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 9 марти соли 2024 14:15, шаҳри Душанбе // http://prezident.tj/all?page=1 (вориди сомона 27 марти соли 2024 10:35).

Тоҷикистонро бо дастовардҳои таърихии тамаддуни муосир ошно месозанд[222].

Моҳияти мусбати ҳуқуқӣ ва хусусияти афзалиятноки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар бисёр қонунҳо ва моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст[223]. Ҳамин тавр, дар қисми 2-и моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд»[224].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ дар ин соҳа ва муқаррароти муоҳидаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дарҷ

---

[222] Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан: учеб. для студ. вузов / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Дониш», 2009. – 369 с. - С. 81.

[223] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.166, №6, мод. 429; с. 2010, №3, мод. 158; с. 2011, №6, мод. 452; с. 2012, №8, мод. 834, №12, қ. 1, мод.1008; с. 2013, №7, мод. 542, №12, мод. 905; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 425; с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1106; с. 2016, №3, мод. 156; с. 2017, №1-2, мод. 28, мод. 29, №5, қ. 1, мод.290; с. 2018, №7 - 8, мод. 526; с. 2019, №4-5, мод. 225), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19 июли соли 2022, №1890 ва ғ., Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[224] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. - С. 7.

ёфтааст[225]. Ба шумули ин ҳуқуқу озодиҳо, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳаёт, шаъну шараф, эътибор (моддаи 18), дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқ ба ҳаракати озод ва интихоби ҷойи истиқомат, хориҷ шудан аз ҳудуди ҷумҳурӣ ва баргаштан ба он, ҳаёти шахсӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои худ, озодии виҷдон, эътиқод, ҳуқуқ ба моликият ва мерос, ҳуқуқ ба кор, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, иштироки озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷодиёти бадеӣ, илмӣ, техникӣ ва истифода аз дастовардҳои онҳо ва ғ. дохил мешаванд.

Маҷмуан, дарки тозаи (табиӣ-ҳуқуқии) ҳуқуқи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хос чунин маъно дорад ва инро дар назар дорад, ки ҳуқуқҳо, озодиҳо, уҳдадориҳои асосии шахс ва шаҳрванд, ки дар он эътироф гардидааст ва кафолат дода шудааст, дорои маънои ибтидоӣ, муайянкунанда ва афзалиятнок нисбат ба дигар сарчашмаҳо (ва меъёрҳо)-и бозмондаи ҳуқуқи мусбати амалкунанда дар давлат бо дарназардошти муқаррароти ҳуқуқии худи Конститутсия мебошанд. Муқаррароти моддаҳои 5 ва 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳама ҳуқуқҳои мусбате, ки дар Тоҷикистон амал мекунанд, ҳама шаклҳои фаъолияти ҳуқуқгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва татбиқи он дар давлат бояд тибқи талаботи эътироф ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян карда шаванд ва ба талаботи мазкур бидуни мухолифат мувофиқат кунанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид шудааст, ки маҳз «маънои асосии ҳуқуқии консепсияи аслии табиӣ-ҳуқуқии қонуни ҳуқуқ дар шароити давлати ҳуқуқӣ, ки

---

[225] Рахимов М.З. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости / М.З. Рахимов // Журнал «Законодательство» Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2013. - №2. - С. 8.

дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст, аз ҳамин иборат аст[226].

Талабот оид ба эҳтиром гузоштан ва муроот кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба бисёр мақомоти давлатӣ вогузор шудааст ва ин принсип асоси навъҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ гардида, тадриҷан ба принсипи пешбарандаи сиёсати давлатӣ табдил меёбад.

Таносуби байни ҳуқуқҳои фитрии инсон ҳамчун манбаи ҳуқуқҳои амалкунанда ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии муҳим ва асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зерин муайян карда мешаванд: аз як тараф, эътирофи конститутсионӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон ва шаҳрванд ба онҳо дар чаҳорчӯбаи низоми ҳуқуқҳои мусбати амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои мусбати ҳуқуқӣ мебахшад, зимнан, маҳз маънои ибтидоӣ, афзалиятнокӣ ва муайянкунандаи ҳуқуқӣ (дар таносуби ҳуқуқи инсон бо дигар манбаъҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи амалкаунанда). Аз тарафи дигар, ин ҳуқуқу озодиҳои фитрии дар конститутсия эътирофшуда ва кафолатдодашудаи инсон (бо эътирофи конститутсионии аввалиндараҷа будани афзалиятнокӣ ва муайянкунандагии маънои ҳуқуқии онҳо) дар низоми манбаъҳо ва меъёрҳои тамоми ҳуқуқҳои мусбати дар ҷумҳурӣ амалкунанда неруи волои ҳуқуқӣ пайдо мекунанд, ки ба он инчунин муқаррароти худи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Дар мавриди ҳуқуқҳои мусбат, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин чунин маъно дорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои фитрии умумэътирофи инсон ва шаҳрванд дар сурати ихтилофи онҳо бо дигар муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳама манбаъҳои дигари ҳуқуқи мусбати дар

---

226 Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учеб. для студ. вузов. - М.: ИНФРА, 2002. - 552 с. - С. 407-408.

Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда афзалият пайдо мекунанд[227].

Принсипи афзалияти принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар меъёрҳои мушаххас[228] ва пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Мутобиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд[229]. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд»[230].

Принсипи мазкур дар қонунгузории соҳавӣ ифодаи якранг надорад. Дар аксари кодексҳои соҳавӣ, маҷмуан, меъёри қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол карда мешавад. Масалан, дар қисми 4 моддаи 2Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта

---

[227] Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учеб. для студ. Вузов. - М.: ИНФРА, 2002. - 552 с. - С. 407- 408.

[228] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» аз 19 марти соли 2013, №944 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013, №3, м. 187); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» аз 28 декабри соли 2012, №915 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012, №12, м. 1009); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003, №46 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2003, №12, м. 674; с.2008, №10, мод.813; с.2009, №5, мод.317).

[229] Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан: учеб. для студ. вузов / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Дониш», 2009. – 369 с. – С. 112.

[230] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. - С. 6.

мешавад, ки агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба қоидаҳои пешбининамудаи қонунгузории маданӣ қоидаҳои дигар пешбинӣ шуда бошанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мавриди татбиқ қарор дода мешаванд[231].

Меъёри амалан айниятдошта дар моддаи 6 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст: «агар дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба қоидаҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила пешбинигардида қоидаҳои дигар муқаррар гардида бошанд, он гоҳ қоидаҳои шартномаи байналхалқи истифода мешаванд»[232].

Дар қисми 10 моддаи 64 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон[233] меъёри қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба муносибатҳо дар соҳаи шаҳрсозӣ мушаххас карда шудааст: «тартиби гузаронидани экспертизаи байнидавлатӣ мувофиқи шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар мегардад».

Дар Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиби расондани адолати судиро оид ба парвандаҳои маданӣ ба танзим медароранд, баён нашудааст, вале он низ ишора ба он ки «дар ҳолати ба санадҳои ҳуқуқии

[231] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[232] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, м. 303).

[233] Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012, №933 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2012, №12, қ. 1, мод. 998; с. 2016, №7, мод. 626; с. 2019, №1, мод. 24, мод. 25). // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накардани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии судии маданӣ меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» (қ. 2 м. 1 КММ ҶТ)[234], ифда ёфтааст.

Ғояи афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузорӣ дар қисми 3 моддаи 1 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки пешбурди мурофиаи ҷиноятиро танзим менамоянд. Агар тибқи ин санадҳо нисбат ба муқаррароти Кодекси мазкур тартиби дигаре пешбинӣ гардида бошад, он гоҳ муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал мекунанд»[235], низ таҳким ёфтааст.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қ. 2 м. 1 КҶ ҶТ) айнан чунин баён шудааст: «ҳамин Кодекс ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипу меъёрҳои

---

[234] Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[235] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ.1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1755) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад»[236]. Дар баробари ин, усули ҳалли низоъҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Эҳтимолан, дар ин ҳолат бояд меъёри конститутсионӣ, ки ба меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ афзалият дода тавонад, самтгирӣ шавад.

Дар ин ҷо ногузир суоле пеш меояд: оё санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ метавонанд ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноии миллӣ зуҳур кунанд? Гурӯҳе аз мутахассисон ба ин суол ҷавоби манфӣ дода, мавқеи худро бо он чиз асоснок мекунанд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои хусусияти ҳуқуқи ҷиноӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири бевосита надоранд.

Дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва муносибат бо маҳкумшудагонро тибқи имконоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба назар мегирад. Аз

[236] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7, мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, қ.1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод.992; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7- 8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, қ.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, қ.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356, №7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №12, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод. 311; с.2020, №1, мод.8, мод.9, №7-9, мод.607, мод.623, №12, мод. 904) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

муқаррароти мазкур бармеояд, ки қоидаҳои шартномаҳои байналмилалиро дар соҳаи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ татбиқ кардан мумкин аст. Лекин, агар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррароттавсияҳоро оид ба таъмини маҳкумшудагон бо манзил, либос ва ғайра, ки ба шароити иқтисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бавуҷудомада мувофиқат намекунанд, дар бар гирад, чунин муқаррарот дар қонунгузории мазкур метавонад қайд нагардад. Вале, аллакай дар моддаи 1 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки «қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад», яъне дар сурати ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ афзалияти бечунучаро ба меъёрҳои байналмилалӣ дода мешавад[237].

Бояд қайд кард, ки ҳамаи кодексҳои мазкур солҳои охир қабул шудаанд[238]. Аммо, таҳлили онҳо, бавижа дар ду мисоли баъдӣ, нишон медиҳад, ки қонунгузор на ҳамеша мураттабии якранги принсипи афзалияти принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои

[237] Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, №7, мод. 455; с. 2005, №3, мод. 127; с. 2008, №3, мод. 190, №12, қ. 1, мод. 987; с. 2010, №7, мод. 552, №12, қ. 1, мод. 810; с. 2011, №6, мод. 443; с. 2012, №4, мод. 255, №7, мод. 716, №12, қ. 1, мод. 1018; с. 2013, №7, мод. 507, №12, мод. 880; с. 2015, №11, мод. 951, мод. 952; с. 2016, №3, мод. 129, №5, мод. 358, №11, мод. 876) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[238] Рахимов М.З. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости / М.З. Рахимов // Журнал «Законодательство» Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2013. – №2. – С. 4.

байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мепазирад, то ҳадде аз муқаррароти конститутсионӣ низ канорагирӣ мекунад. Набояд ба ин роҳ дод. Албатта, принсипҳои ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд, рушд меёбанд, дар қонунгузории соҳавӣ мушаххас карда мешаванд. Аммо, дар ин ҳолат онҳо наметавонанд хилофи қонуни асосӣ бошанд.

Принсипи қонуният дар теъдоди зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ ёфтааст[239]. Дар шакли маъмултарини худ он дар қисми 2 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудааст: «давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд»[240].

Принсипи қонуният талаботи муайянро фаро мегирад, ки онҳо низ дар матни Конститутсия ҷой дода шудаанд. «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд» (қ. 1 м. 10 Конститутсияи ҶТ). Конститутсия қонуни асосии ҳар як давлат аст, ки дар қиёс бо

---

[239] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, №964 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №6, м. 402) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.166, №6, мод. 429; с. 2010, №3, мод.158; с. 2011, №6, мод. 452; с. 2012, №8, мод. 834, №12, қ. 1, мод.1008; с. 2013, №7, мод. 542, №12, мод. 905; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 425; с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1106; с. 2016, №3, мод. 156; с. 2017, №1-2, мод. 28, мод. 29, №5, қ. 1, мод.290; с. 2018, №7 - 8, мод. 526; с. 2019, №4-5, мод. 225) ва ғ.

[240] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. - С. 6.

ҳама гуна муқаррароти дигари қонунгузорӣ афзалияти том дорад[241].

Принсипи тавъам сохтани эътиқод ва маҷбурият усули таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятиро бо мақсади ба танзим даровардани онҳо тавсиф мекунад. Маҷмуан он ҳамаи ҳуқуқро фаро мегирад ва дар ҳама соҳа амал мекунад. Дар аксари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳам чораҳои тарбиявӣ ва ҳам чораҳои маҷбуриятро метавон ошкор сохт. Ба сифати ғояи пешбари ҳуқуқӣ ин принсип дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки дар ду принсипи мустақили соҳавӣ мушаххас карда мешавад (моддаи 8 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)[242].

Якум, ин принсипи истифодаи оқилонаи чораҳои маҷбурсозӣ воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон ва ҳавасманд кардани рафтори тобеияти ҳуқуқии онҳо мебошад. Истифодаи оқилонаи чораҳои маҷбурсозӣ дар меъёрҳои муқарраркунандаи масъулияти маҳкумшудагон (моддаҳои 29, 32, 46 ва ғ. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), асос, тартиб ва шартҳои татбиқи ҷазо нисбати онҳо (моддаҳои 59, 117, 119 ва ғ. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ифода ёфтааст. Ҳангоми

---

[241] Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан: учеб. для студ. вузов / Ф.Т. Тахиров. - Душанбе: «Дониш», 2009. – 369 с. – С. 111.

[242] Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, №7, мод. 455; с. 2005, №3, мод. 127; с. 2008, №3, мод. 190, №12, қ. 1, мод. 987; с. 2010, №7, мод. 552, №12, қ. 1, мод. 810; с. 2011, №6, мод. 443; с. 2012, №4, мод. 255, №7, мод. 716, №12, қ. 1, мод. 1018; с. 2013, №7, мод. 507, №12, мод. 880; с. 2015, №11, мод. 951, мод. 952; с. 2016, №3, мод. 129, №5, мод. 358, №11, мод. 876) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

татбиқи ин чораҳо қонун талаб мекунад, ки ҳолати содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ, шахсияти маҳкумшуда ва рафтори қаблии ӯ ба назар гирифта шавад.

Истифодаи оқилонаи воситаҳои ислоҳ тарбияи ҳадафманди таъсиррасонӣ ба маҳкумшудагон, ташкили меҳнати онҳо, омӯзиши касбӣ ва таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти вижагиҳои умумӣ ва инфиродии онҳоро пешбинӣ мекунад. Дар ин ҳолат усули таъсири тафриқавӣ ва фардикунонии равоншиносӣ-педагогӣ ба маҳкумшудагон татбиқ карда мешавад. Ин усул аз доираи принсипи тафриқавӣ ва фардикунонии ҷазо берун аст, аммо дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқии қатъии муайян амалӣ карда мешавад.

Дувум, ин принсипи омезиши ҷазо бо таъсироти ислоҳшавӣ мебошад. Принсипи мазкур дар назар дорад, ки иҷрои ҳамаи намудҳои ҷазо бояд фарогири татбиқи чораҳои гуногуни тарбиявӣ ба маҳкумшудагон бошад. Ин на танҳо ба маҳрумшудагон аз озодӣ, ки нисбати онҳо тамоми маҷмуи чораҳои ислоҳӣ татбиқ карда мешавад, балки ба дигар намудҳои ҷазо низ дахл дорад[243].

Принсипи ба ҳам тавъам сохтани ҳавасмандӣ ва маҳдудиятҳо тавассути таҳлили чораҳои мушаххаси дорои хусусияти танзимкунандагӣ, ки қонунгузор истифода мебарад, аз ҷумла, ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ равшан карда мешавад. Ғояи омезиши ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башари соли 1948, ки СММ қабул кардааст, ифода ёфтааст: «ҳар инсон дар назди ҷомеа уҳдадориҳо дорад, ки дар он танҳо рушди озод ва комили шахсияти ӯ имконпазир аст» ва татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳо аз ҷониби шаҳрванд «эътироф ва эҳтироми ҳатмии ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, қонеъ кардани талаботи одилонаи

[243] Селиверстов В.И., Шмаров И.В. Принципы уголовно-исполнительного права // Уголовно-исполнительное право / под ред. В.И. Селиверстова. - М., 2002. - 129 с. - С. 17-18.

ахлоқ, тартиботи умумӣ ва некуаҳволӣ дар ҷомеаи демократӣ»-ро талаб мекунад.

Дар Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ инчунин қайд шудааст, ки «фард нисбат ба одамони дигар ва ҷамъияте, ки мутааллиқ ба он аст, уҳдадории худро дорад». Дар заминаи ин муқаррароти умумӣ, давлатҳои манфиатдор дар қонунгузории худ феҳристи муфассалтари уҳдадориҳоро вобаста ба шароити мушаххас ва манфиатҳои миллӣ дарҷ мекунанд. Ҳамзамон, албатта, сухан на танҳо дар бораи уҳдадориҳои шаҳрвандон, балки дар бораи уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектҳо низ меравад[244].

Ҳуқуқи субъективӣ ва уҳдадории ҳуқуқӣ ду сатҳи як падида - ҳуқуқро инъикос мекунанд, аз ин рӯ, ҷудо аз ҳам наметавонанд вуҷуд дошта бошанд, ҳуқуқҳои як шахс ҳамеша ба уҳдадории шахси дигар мувофиқат мекунад. Ҳатто агар дар бораи уҳдадориҳо бевосита сухан наравад ҳам, хоҳнохоҳ дар назар дошта мешаванд. Субъекти дорои ҳуқуқ ба зиммаи шахси алоҳида ё доираи номуайяни шахсон гузоштани уҳдадориро мавриди назар қарор медиҳад. Фард танҳо бо ин роҳ ҳуқуқҳои худро амалӣ карда метавонад. Дар акси ҳол, онҳо бо эъломияи холӣ боқӣ хоҳанд монд. Аз тарафи дигар, мавҷудияти уҳдадорӣ танҳо вақте маънӣ пайдо мекунад, ки касе ҳуқуқи марбути талаби иҷрои онро дорад. Масъалаи ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муфассалан коркард шудааст[245].

---

[244] Матузов Н.И. Юридические обязанности личности // Теория государства и права: курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. - М., - 2003. - 371 с. - С. 307.

[245] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. - С. 7-10.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

– ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд (қ. 3 м. 5);

– давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд (қ. 2 м.10);

– падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон[246] ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд (қ. 2 м. 34);

– ҳифзи табиат, ёдгориҳои таъриxиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст (м. 44);

– ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст (қ. 1 м. 43);

– супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист (қ. 1 м. 45);

Матузов Н.И. дуруст қайд мекунад, ки номутавозунии сахт миёни ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар Конститутсия қайдшуда одатан бо он тафсир карда мешавад, ки агар аввалиҳо тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро гиранд, дувумиҳо асосан бо ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ иртибот доранд. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки уҳдадориҳо дар амалия ба таври номаръӣ тамоми ҳуқуқҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии зидахл, яъне, дар раванди татбиқ «ҳамроҳӣ» мекунанд. Дар ғайри он, ҳуқуқҳо метавонанд ба

[246] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августа соли 2011 №762 // (Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, 2011, №7-8, м. 616).

«овози бечаранг» табдил ёбанд. Зеро уҳдадорӣ - усули таъмини ҳуқуқ аст[247].

Олимон бар ин фикранд, ки дар шароити навсозии давлати муосир феҳристи уҳдадориҳои конститутсионии шахс бояд тавсеа дода шуда, бо феҳристи ҳуқуқҳо мутаносибан каму беш ҳамоҳанг сохта шавад. Уҳдадориҳои муҳимтаре, ки моҳияти калони иҷтимоӣ доранд, мувофиқи мақсад мебуд агар, пеш аз ҳама дар Конститутсияи кишвар дарҷ карда шаванд, то шаҳрвандон онҳоро беҳтар шиносанд ва ба таври қатъӣ риоя кунанд[248].

Ҳамин тариқ, принсипи ба ҳам тавъам сохтани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардида, дар муҳимтарин шартномаҳои байналмилалӣ - Эъломияи умумии ҳуқуқи башари соли 1948, Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсии соли 1966 ва ғ. инъикос ёфтааст. Ғояи таносуби ҳамоҳангии ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳоии ҳуқуқии шахс ба низоми ҳуқуқии миллӣ таҳким бахшида, онро ҳамоҳанг месозад, амали меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин мекунад ва маҷмуан самаранокии танзими ҳуқуқиро баланд мебардорад. Дар ҷаҳони муосир принсипи ба ҳам тавъам сохтани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо тадриҷан хусусияти ҳуқуқи ибтидоии умумибашарӣ, умумэътирофро пайдо кардааст.

Принсипи баробарҳуқуқӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башари соли 1948, аҳдҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, дар қонунҳои конститутсионии аксари кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон гардидааст. Масалан, дар моддаи 7 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чунин навишта шудааст:

---

[247] Матузов Н.И. Юридические обязанности личности // Теория государства и права: курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А. В. Малько. - М., 2003. - с. 371. - С. 310.

[248] Матузов Н.И. Юридические обязанности личности // Теория государства и права: курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А. В. Малько. - М., 2003. - с. 371. - С. 310.

«Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва ҳуқуқ доранд бидуни ҳеҷ тафриқа зери ҳимояти қонун қарор дошта бошанд. Ҳамаи одамон ҳуқуқ доранд аз ҳар гуна табъизе, ки хилофи Эъломияи мазкур аст ва аз ҳар гуна таҳрик ба чунин табъиз ҳимоя шаванд»[249].

Ин принсип дар тамоми қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ворид аст ва дар бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ ёфтааст. Дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи мазкурро ба ин тарз овардаанд:

1. ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад;

2. мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

Ҳамин тавр, ғояи баробарҳуқуқӣ на танҳо ҳуқуқҳои баробар, балки уҳдадориҳои баробарро низ дар назар дорад.

Принсипи баробарҳуқуқӣ дар қонунгузории соҳавӣ мушаххас карда шудааст.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон он дар шакли мухтасар баён шудааст ва баробариро танҳо дар назди қонун дар назар дорад. Дар моддаи 5 омадааст: «Шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, шаҳрвандӣ, забон, муносибат ба дин, ақидаҳои сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ, хизматӣ ва молу мулкӣ, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маҳалли истиқоматашон ва дигар ҳолатҳо дар назди қонун баробаранд ва бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд»[250].

---

[249] Международные акты о правах человека: Сборник документов. - М., 2000. - С. 40.

[250] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7,

Баробарӣ танҳо дар назди қонун аз ҷониби қонунгузор ва дар моддаи 8 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст[251]:

1. Шахсоне, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, дар назди қонун баробаранд.

2. Шахси воқеӣ, сарфи назар аз шаҳрвандӣ, миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

3. Шахси мансабдор ва шахси ба ӯ баробаркардашуда, сарфи назар аз иҷрои ваколатҳои хизматӣ ва мансаби ишғолкардаашон, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

4. Шахси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, маҳалли ҷойгиршавӣ, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, тобеият ва дигар ҳолатҳо, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

---

мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, қ.1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод.992; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7- 8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, қ.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, қ.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356, №7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №12, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод. 311; с.2020, №1, мод.8, мод.9, №7-9, мод.607, мод.623, №12, мод. 904) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[251] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2008, №12, қ. 1, м. 989).

5. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро бо иҷозати Маҷлиси дахлдор ба ҷавобгарии маъмурӣ, ки ба тариқи судӣ таъйин карда мешавад, кашидан мумкин аст.

6. Шахсоне, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд, бе иҷозати мақомоти дахлдор мавриди ҳабси маъмурӣ, дастгиркунӣ, маҷбуран овардан, кофтукови шахсӣ қарор дода намешаванд.

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар принсипи баробарҳуқуқии маҳкумшудагон дар назди қонун асос ёфтааст (моддаи 9 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)[252]. Ин чунин маъно дорад, ки тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, қатъи назар аз вазъи иҷтимоӣ, хидматӣ ва молу мулкӣ, эътиқоди сиёсӣ, навъ ва хусусияти шуғли маҳкумшуда то содир намудани ҷиноят, мансубияти нажодӣ ва миллӣ, шаҳрвандӣ, таҳсилот, забон, муносибат ба дин ва дигар ҳолатҳо муайян карда мешавад. Ҳамзамон, коршиносон дуруст таъкид мекунанд, ки баробарҳуқуқии маҳкумшудагон дар назди қонун набояд баробарҳуқуқӣ дар адои ҷазо бошад, ки вобаста ба синну сол, вазъи саломатӣ, ҷинсият, хусусияти ҷинояти содиршуда ва ғайра фарқ карда мешавад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи баробарҳуқуқии иштирокдороне, ки

---

[252] Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, №7, мод. 455; с. 2005, №3, мод. 127; с. 2008, №3, мод. 190, №12, қ. 1, мод. 987; с. 2010, №7, мод. 552, №12, қ. 1, мод. 810; с. 2011, №6, мод. 443; с. 2012, №4, мод. 255, №7, мод. 716, №12, қ. 1, мод. 1018; с. 2013, №7, мод. 507, №12, мод. 880; с. 2015, №11, мод. 951, мод. 952; с. 2016, №3, мод. 129, №5, мод. 358, №11, мод. 876) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

муносибатҳоро танзим мекунанд, ба ибтидои бунёди қонунгузории мадании мансуб аст. Иштирокдорони муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ мебошанд. Муқаррароти ҳамин Кодекс, инчунин нисбати муносибатҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ низ истифода мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад (қ. 2 м. 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон)[253].

Танзими муносибатҳои оилавӣ мутобиқи принсипи баробарҳуқуқии зану шавҳар дар оила татбиқ карда мешавад. Мутобиқи қисми 2 моддаи 32 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «масъалаҳои падариву модари, таълиму тарбияи фарзандон ва масъалаҳои дигари ҳаёти оилавиро зану шавҳар якҷоя, бо назардошти принсипи баробарҳуқуқии зану шавҳар ҳал менамоянд»[254]. Тибқи қисми 1 моддаи 61 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «волидон нисбати фарзандонашон ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар доранд (ҳуқуқи волидон)»[255].

---

[253] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[254] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[255] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии

Ҳангоми никоҳ ва дар муносибатҳои оилави ҳама гуна шаклҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандон аз рӯи мансубияти иҷтимои, нажоди, милли, забони ё дини, инчунин таҳсил ва молумулк манъ аст (қ. 5 м. 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[256].

Яке аз принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд принсипи баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои коргарон мебошад (м. 2 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон)[257]. Дар Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд моддаи 7 бахшида шудааст: «адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ дар асоси баробарии ҳама дар назди қонун ва суд қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, инчунин ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, шакли моликият, маҳалли ҷойгиршавӣ, тобеият ва дигар ҳолатҳо амалӣ мешавад»[258]. Принсипи баробарӣ дар назди қонун ва

---

«АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[256] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[257] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016, №7, м. 604).

[258] Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

суд дар истеҳсолоти судӣ баробарҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои мурофиавии ҳуқуқиро, ки вобаста ба баррасӣ ва ҳалли парвандаи маданӣ аз ҷониби суд дар тамоми марҳилаҳо ва равандҳои он ба миён меоянд, пешбинӣ мекунад. Амали он ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ба созмонҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ низ дахл дорад (қ. 2 м. 387 КММ ҶТ)[259]. Мутобиқи қисми 2 моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, доираи ҳуқуқ, озодиҳо, вазифаҳо ва масъулиятҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонад аз доираи шаҳрвандони Тоҷикистон фарқ кунад[260]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нисбат ба шахсони хориҷии давлатҳое, ки нисбат ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои ҳуқуқи мурофиавӣ муқаррар кардаанд, чунин маҳдудиятҳои ҷавобиро муқаррар намояд (қ.4 м. 387 КММ ҶТ)[261]. Аммо, ин банд ҳеҷ гоҳ ба принсипи баробарии ҳуқуқӣ мухолиф нест,

[259] Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[260] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. – С. 7.

[261] Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

зеро қонунгузор ҳуқуқ дорад хусусиятҳои гурӯҳҳои муайяни ашхосро ба инобат гирад ва дар ин робита қоидаҳои гуногуни рафторро барои онҳо бо дарназардошти вазифаҳо ва ҳадафҳои мурофиаи маданӣ, аз ҷумла талаботи боадолат, оқилона ва ҳадафманд муқаррар кунад. Баробарӣ дар ин ҳолат дар доираи категорияи дахлдори субъектҳои дорои аломатҳои муайян зоҳир хоҳад шуд. Ҳадафи асосии барои категорияҳои алоҳидаи одамон ҷорӣ намудани имтиёз ва афзалиятҳо - ин бартараф кардани нобаробарии воқеии мавҷуда байни субъектҳои мурофиаи суди маданӣ, аз ҷумла бо дарназардошти вижагиҳои муносибатҳои ҳуқуқии баҳсбарангези моддӣ, физиологӣ, оилавӣ ва дигар ҳолатҳо мебошад. Дар ин ҷо ба як нуктаи дигар ҳам бояд таваҷҷуҳ кард. Аз ҷиҳати мундариҷа принсипи баробарӣ фарохтар аст, зеро он баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии на танҳо тарафҳои дар раванди мурофиа ба ҳам зид ва дигар шахсони дар парванда ширкаткунандаро, балки ҳама субъектҳои дигари мурофиаи судиро фаро мегирад.

Ҳамзамон, қонунгузор як қатор истисноҳоро аз принсипи баробарӣ муқаррар мекунад. Масалан, сарвари давлат дахлнопазир аст (м. 72 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[262].

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад, ӯро ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир шуданаш дар ҷои содири ҷиноят. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳамчунон мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун барои таъмини амнияти дигарон

---

[262] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. – С. 23.

муқаррар намудааст. Масъалаи маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби маҷлиси дахлдор ҳал карда мешавад (қ. 2 м. 51 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 34 Қонуни Конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»)[263].

Дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба биноҳои истиқоматӣ ва кории онҳо, истифодаи нақлиётҳои шахсӣ ва хидматии онҳо, воситаҳои алоқа, ҳуҷҷатҳо ва бағоҷи мансуб ба онҳо, ба мукотиботи онҳо тааллуқ мегирад.

Истисно аз принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд дахлнопазирии судӣ низ мебошад (м. 91 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[264]. Аз рӯйи муҳтавои худ он аз доираи дахлнопазирии шахсӣ берун меравад (м. 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ин ба он шарт аст, ки вақте ҷомеа ва

---

[263] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. – С.14; Қонуни Конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001, №43 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 517; с. 2003, №12, мод. 689; с. 2004, №12, қ. 1, мод. 698; с. 2005, №7, мод. 397; с. 2006, №3, мод. 145; с. 2007, №7, мод. 654; с. 2011, №12, мод. 831, мод. 832; с. 2012, №8, мод. 812; с. 2016, №7, мод. 601; с. 2017, №7-9, мод. 564) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

[264] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. – С. 28.

давлат аз судя ва фаъолияти касбии ӯ талаботи баланд тақозо мекунанд, ҳуқуқ доранд ва ӯҳдадоранд барои ӯ кафолатҳои иловагии дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар адолати судиро таъмин намоянд.

Муқаррароти конститутсионӣ дар бораи дахлнопазирии судя, ки яке аз унсурҳои асосии мақоми судя ва муҳимтарин кафолати фаъолияти касбии ӯро дарҷ мекунад, ба таъмини пояҳои сохти конститутсионии марбут ба таҷзияи ҳокимияти давлат ва мустақилияти ҳокимияти судӣ нигаронида шудааст (м. 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[265].

Дахлнопазирии судӣ имтиёзи шахсии шаҳрванде нест, ки мансаби судяро ба уҳда дорад, балки василаи ҳимояи манфиатҳои ҷомеа, пеш аз ҳама манфиатҳои адолати судӣ аст. Ҳамчунин реҷаи махсуси кори суд, хатари ҷиддии касбӣ, мавҷудияти воситаҳои гуногуни мурофиавӣ ва ташкилии назорат бар қонунӣ будани амал ва қарорҳои судяро бояд ба назар гирифт.

Судя бояд ваколатҳои худро новобаста ба майлу хоҳишҳои касе ва таъсиррасонии беруна амалӣ намояд. Бо ин мақсад Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати номзадҳо ба мансабҳои судӣ ва тартиби таъйини онҳо талаботи махсусро муқаррар намуда, устуворӣ, мустақилият ва дахлнопазирии судяҳоро кафолат медиҳад (м. 91 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[266]. Бо ин роҳ мустақилияти ҳокимияти судӣ таъмин мегардад (м. 87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[267]. Мавҷудияти чунин

---

[265] Ҳамон ҷо. - С. 6.

[266] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. – С. 28.

[267] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз

тартиб дар сатҳи конститутсионӣ мақоми ҳуқуқии судяҳоро аз мақоми шаҳрвандон ва мансабдороне, ки низ дахлнопазирӣ доранд, фарқ мекунонад.

Принсипи масъулият ҳангоми мавҷудияти гуноҳ бо презумпсияи (далели) бегуноҳӣ зич алоқаманд аст ва аз ин рӯ, ҳарчанд дар Қонуни асосӣ бевосита зикр наёфтааст, аммо аз муқаррароти моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он дар назар гирифта шудааст: «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад»[268].

Ҳамин тариқ, мавҷудияти гуноҳ шарти асосии ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани ҷинояткор мебошад. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қоида дар қисми 2 моддаи 7 - «Шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқӯъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад». Дар қисми 3-и ҳамин модда қонунгузор таъкид мекунад, ки «Гунаҳгоркунии объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест»[269].

---

22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. – С. 27.

[268] Ҳамон ҷо. - С. 8.

[269] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7, мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, қ.1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод.992; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7- 8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, қ.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, қ.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356,

Принсипи масъулият дар сурати мавҷудияти гуноҳ дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қариб дар аксарияти кодексҳо дарҷ ёфтааст[270]. Аз ин рӯ, метавон дар бораи тавсеаи амали он дар маҷмуъ ба ҳама ҳуқуқҳо ҳарф зад.

Хулоса, принсипҳои ҳуқуқ дар маҷмуъ дар амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ инъикоси худро ёфтаанд. Баъзеи онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас (масалан, принсипҳои афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробарии ҳуқуқӣ, масъулият дар сурати мавҷудияти гуноҳ), қисми дигараш дар қонун дар шакли ниҳонӣ (масалан, принсипҳои эътимод ва маҷбурият, тавъам кардани ҳавасмандкунӣ ва маҳдудиятҳо) ифода ёфтаанд. Гумон мекунем саъю кӯшиши қонунгузор бояд ба он равона

---

№7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №12, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод. 311; с.2020, №1, мод.8, мод.9, №7-9, мод.607, мод.623, №12, мод. 904) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.).

[270] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7, мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, қ.1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод.992; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7- 8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, қ.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, қ.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356, №7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №12, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод. 311; с.2020, №1, мод.8, мод.9, №7-9, мод.607, мод.623, №12, мод. 904) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

гардад, ки ҳама принсипҳои махсуси ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда хеле дақиқ таҳия карда шаванд.

**Адабиёт**:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.: (Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016) матни асл. – Душанбе, «Нашриёти ганҷ». 2016. – 34 с. - С. 7.

2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 9 марти соли 2024 14:15, шаҳри Душанбе // http://prezident.tj/all?page=1 (вориди сомона 27 марти соли 2024 10:35).

3. Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан: учеб. для студ. вузов / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Дониш», 2009. – 369 с. - С. 81.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.166, №6, мод. 429; с. 2010, №3, мод. 158; с. 2011, №6, мод. 452; с. 2012, №8, мод. 834, №12, қ. 1, мод.1008; с. 2013, №7, мод. 542, №12, мод. 905; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 425; с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1106; с. 2016, №3, мод. 156; с. 2017, №1-2, мод. 28, мод. 29, №5, қ. 1, мод.290; с. 2018, №7 - 8, мод. 526; с. 2019, №4-5, мод. 225), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19 июли соли 2022, №1890 ва ғ., Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

5. Рахимов М.З. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости / М.З. Рахимов // Журнал «Законодательство» Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2013. - №2. - С. 8.

6. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учеб. для студ. вузов. - М.: ИНФРА, 2002. - 552 с. - С. 407-408.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» аз 19 марти соли 2013, №944 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013, №3, м. 187); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» аз 28 декабри соли 2012, №915 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012, №12, м. 1009); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003, №46 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2003, №12, м. 674; с.2008, №10, мод.813; с.2009, №5, мод.317).

8. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

9. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, м. 303).

10.Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012, №933 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2012, №12, қ. 1, мод. 998; с. 2016, №7, мод. 626; с. 2019, №1, мод. 24, мод. 25). // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

11.Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

12.Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ.1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610,

мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1755) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

13.Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7, мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, қ.1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод.992; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7- 8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, қ.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, қ.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356, №7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №12, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод. 311; с.2020, №1, мод.8, мод.9, №7-9, мод.607, мод.623, №12, мод. 904) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

14.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, №964 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №6, м. 402) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.166, №6, мод. 429; с. 2010, №3, мод.158; с. 2011, №6, мод. 452; с. 2012, №8, мод. 834, №12, қ. 1, мод.1008; с. 2013, №7, мод. 542, №12, мод. 905; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 425; с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1106; с. 2016, №3, мод. 156; с. 2017, №1-2, мод. 28, мод. 29, №5, қ. 1, мод.290; с. 2018, №7 - 8, мод. 526; с. 2019, №4-5, мод. 225) ва ғ.

15.Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости

Республики Таджикистан: учеб. для студ. вузов / Ф.Т. Тахиров. - Душанбе: «Дониш», 2009. – 369 с. – С. 111.

16.Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, №7, мод. 455; с. 2005, №3, мод. 127; с. 2008, №3, мод. 190, №12, қ. 1, мод. 987; с. 2010, №7, мод. 552, №12, қ. 1, мод. 810; с. 2011, №6, мод. 443; с. 2012, №4, мод. 255, №7, мод. 716, №12, қ. 1, мод. 1018; с. 2013, №7, мод. 507, №12, мод. 880; с. 2015, №11, мод. 951, мод. 952; с. 2016, №3, мод. 129, №5, мод. 358, №11, мод. 876) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

17.Селиверстов В.И., Шмаров И.В. Принципы уголовно-исполнительного права // Уголовно-исполнительное право / под ред. В.И. Селиверстова. - М., 2002. - 129 с. - С. 17-18.

18.Матузов Н.И. Юридические обязанности личности // Теория государства и права: курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. - М., - 2003. - 371 с. - С. 307.

19.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августа соли 2011 №762 // (Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, 2011, №7-8, м. 616).

20.Международные акты о правах человека: Сборник документов. - М., 2000. - С. 40.

21.Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2008, №12, қ. 1, м. 989).

22.Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143) // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00.

23.Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016, №7, м. 604).

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ НИҲОДИ МАҚОМОТИ МАҲАЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Давлатмуродзода Балхия Давлатмурод**
**ходими хурди илмии Иниститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Email:kucharova2020@dk.ru**

Соли 2024 мардуми шарафманду сулҳхоҳу ватанпарасти миллати тоҷик 33-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии худро дар фазои созандагию бунёдкорӣ дустию якдигарфаҳми таҷлил менамояд.

Гуфтан ба маврид аст, ки маҳз Истиклолияти миллӣ буд, ки мо ба имрӯзи дурахшон роҳнамо шудем ва дар давоми 33 сол қадам ба қадам марҳилаҳои зиёдеро тай намудем. Дар натиҷа ба ҳадафҳои созанда метавонем дар наздиктарин фурсат ба ояндаи дурахшон бирасем. «Воқеан таърихро хотираи инсоният меноманд. Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдоду мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони хеш шуда наметавонад. Омӯхтани таърих танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии милли вахдату ягонаги ва рушди тафакури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад».

Барои расидан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, мардуми шарафманди тоҷик содиқона заҳмат кашиданд, мушкилоту маҳрумиятҳои ниҳоят вазнинро аз сар гузарониданд, фидокориву ҷоннисориҳо нишон доданд ва қаҳрамониҳо

карданд.Дар ин мақола дар масъалаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва низоми идоракунии давлатӣ дар амали намудани барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳои мамлакат, таъмини пурраву саривақтии ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат нақши муҳим дорад, барасси карда мешавад.

Дар замони муосир масъалаи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва самаранокии он яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ, аз он ҷумла илми ҳуқуқ гардидааст. Масъалаи мазкур диққати аксари муҳаққиқон, донишмандон ва соҳибназаронро ба худ ҷалб намудааст. Муҳаққиқони илмҳои ҳуқуқ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки хусусиятҳои ташаккули инкишофи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро вобаста ба давру замон мушаххас ошкор, таҳлилу тадқиқ намоем. Имрӯз дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа тадқиқу таҳлили хусусиятҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур буда, ба худ як муносибати хосро тақозо менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи инкишофи демократиро пеш гирифтааст, зарурияти ба масъалаи ҳокимият, диққати махсус додан ба миён меояд. Оиди масъалаи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ сухан гуфта самтҳои амалигардии он, принсипи тақсимоти ҳокимият ба шохаҳои мустақил ёдрас намудан зарур ва ҳатмӣ мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки омӯзишу тадқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур аҳамияти калони илмиву амалӣ дорад. Омӯзиш, тадқиқу таҳлили ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад, ки моҳияту хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи он ба пуррагӣ муайян карда шаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва рушди ҳокимият диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Раванди тадқиқу омӯзиши масъалаҳои мухталифи ташаккулу инкишофи ҳокимияти давлатӣ тадриҷан таълимоти мукаммалеро оиди хусусиятҳои рушди ҳокимияти давлати ва сиёсиро ба миён меорад. Яъне, тарҳи

хоси рушди ҳокимияти сиёсӣ вобаста ба хусусиятҳои равонӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба миён меояд.

Омӯзиши мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон фаҳми мардумро оиди ҳокимият ва фаъолияти онҳо пурра мегардонад.

Дар моддаи 9 Конститутсияи ҶТ чунин омадааст, ки ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.[1] Ҳар кадоме аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколати хеш мустақиланд ва тобеи якдигар нестанд. Барои ҳар як кишвар тадқиқ ва таҳлил намудани сиёсати давлатӣ дар самтҳои гуногун ба сифати омили рӯзмарра баромад мекунад. Сиёсати давлатӣ бо назардошти гуногунпаҳлӯ будан доираи васеи муносибатҳои давлатию ҷамъиятиро дар бар гирифта, ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи он ҳама вақт ниёз ба тадқиқ дорад. Дар даҳсолаҳои охир як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба мисли Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва ғ. қабул ва тасдиқ карда шуданд, ки онҳо барои пешрафт ва ташаккули минбаъдаи идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ ба масъалаҳои идоракунии мақомоти маҳаллӣ ҳокимияти давлатӣ ва такмили низоми он ҳар чӣ беш диққат дода мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои муҳими сиёсию ҳуқуқӣ ислоҳоти идорӣ чун «яке аз самтҳои муҳими таъмини рушди мамлакат» эътироф мегардад.[2] «Мақсади асоси аз он ҷорӣ намудани низоми самарабахш ва шаффофи идораи давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад».[3]

Яке аз вазифаҳои муҳими давлати, демократӣ ва иҷтимоӣ дар он зоҳир мегардад, ки он бояд барои шаҳрвандони худ зиндагии арзандаро фароҳам орад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи идоракунии давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳалли масъалаҳои сатҳу сифати ва фаъолиятнокии мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ, баррасии масъалаҳои ташкилӣ ва функсиянокии ҳокимияти иҷроия ҳадафи асосии илмӣ идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ як қатор ваколатҳои конститутсионӣ ва дигар ваколатҳои қонуниро дар тамоми соҳаҳои амалисозии ҳокимияти давлатӣ соҳиб шудааст. Консепсияи ҳокимияти иҷроия, ки дар Конститутсия мустаҳкам шудааст, сифатан нав буда, аз хулосаҳои дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон устуворгашта куллан фарқ менамояд. Худи сиёсати давлатӣ бо назардошти гуногунпаҳлӯ будан доираи васеи муносибатҳои давлатию ҷамъиятиро дар бар гирифта, ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи он ҳама вақт ниёз ба таҳқиқ дорад. Дар натиҷаи ислоҳот, идоракунии маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо падидаҳои комилан нав чун интихобот, ҳамкориҳои берунаи хориҷӣ, худидоракунӣ, худфаъолиятии ҷамъиятӣ ва падидаҳои дигар такмил ёфта, ба раванди муносибатҳои ҷаҳонишавӣ ворид шуд. Бинобар ин, таҳлили муфассали илмии хусусиятҳои раванди ташаккулёбии низоми нави муносибатҳои сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳал бо назардошти падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ислоҳот пеш аз ҳама бояд ба танзими идораи давлатӣ, мукаммалгардонии вазифаҳо, такмили сохтори вазоратҳо вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ, аз байн бурдани вазифаҳои такроршаванда, шаффофияту самаранокии фаъолияти сохторҳо ва хизматчиёни давлатӣ равона

гардад».[4] Ин нукта ба таҳия намудани Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошт, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 тасдиқ гардид. Стратегия муайян намуд, ки мақомоти идоракунии маҳаллӣ дар сатҳи вилоят, шаҳр, ноҳия ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот амалан дар ҷараёни таҳияи сиёсати рушди миллӣ иштирок наменамоянд ва дар маҷмӯъ, нақши иҷрокунандагони қарорҳои мақомоти болоиро ба ҷо меоранду бас. Бо назардошти ин, дар самти идоракунии маҳалли як қатор ислоҳоти назаррас амалӣ шудаанд. Соли 2013 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, соли 2014 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҷдид қарор гирифт.[5] Давоми мантиқии ислоҳоти мазкурро рӯйи кор омадани ду санади муҳими рушд, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ташкил доданд, ки мутобиқан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, №392 ва қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, №678 тасдиқ карда шуданд. Моҳияти ислоҳоти идоракуниро дар ҳама гуна сатҳ ташаккули низоми самараноки идоракунии давлатӣ бо мақсади таъмини банақшагирии стратегӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ, тақвияти низоми ҳамоҳангсозии сиёсати рушд ва ҷорӣ намудани усулҳои нави идоракунӣ ташкил доданд. Ҷиҳати муҳими давраи ислоҳоти идоракунии давлатиро таъсис дода шудани мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия - Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуд. Хусусияти калидии таъсисёбии Кумитаи мазкур дар амалисозии фаъолияти ҳамоҳангсозӣ аз

ҷониби он мебошад, ки барои татбиқи барномаҳои мухталифи мақсадноки рушди миллӣ, бағоят муҳим ба шумор меравад. Дар айни замон амалишавии чунин барномаҳо аз ҷониби доираи васеи субъектҳо метавонад такроршавии ҳадаф ва вазиваҳоро ба вуҷуд оварда, аз мадди назар дур мондани мушкилоти асосиеро, ки маҳз ба хотири онҳо барномаҳо қабул шудааст, замина гузорад.

Дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми маҳалии ҳокимияти давлатӣ шакли ташкилии амалисозии идоракунии давлатиест, ки дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда фаъолият менамояд.

Имрӯз мо насли ҷавон бояд он эътимодеро, ки Ҳукумати кишвар нисбат ба мо доранд, ҷавобгӯ бошем ва ин аз мо масъулияти баландро дар назди Ватан - модар ва ҷомеаи азизамон талаб менамояд ва моро вазифадор месозад, ки бо нерӯи созандаву бунёдкор пайи омӯзиш бошем ва дар пешрафту тараққиёти тамоми саҳаҳои ҳаёти ҷомеа нақши худро гузорем. Танҳо бо ин васила мо метавонем бо пуштибонӣ аз Ватану миллати хеш мақоми мамлакати худро дар байни дигар кишварҳои олам зинна ба зинна боло бардорем.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994., бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016, мод 9.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2005. С.2
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007. С.14
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 [Захираи электронӣ] // Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/199 (санаи муроҷиат: 23.03.2018).

5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ] // Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/5619 (санаи муроҷиат: 24.03.2018).

## АҲАММИЯТИ АМАЛИШАВИИ ОДАТҲО ДАР ТАҲКИМИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Анушервони Исрофил**
**унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқҳои ба номи А. БаҳовадӀинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. E-mail: stark _1199@mail.ru**

Проблемаи амалишавии одатҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ чӣ дар назария ва чӣ дар амалия баҳснок боқӣ мондаанд. Имрӯз ин масъала на танҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди давлатҳои шӯравӣ ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтаанд. Ин пеш аз ҳама шаҳодати он аст, ки масъалаи татбиқи одатҳо ва ё одатҳои ҳуқуқӣ дар назарияи илмӣ ҳуқуқшиносӣ ба таври зарурӣ коркард нашудааст. Бинобар ин, дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми танзими институтҳои гуногуни он ба ин масъала он қадар таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда нашудааст. Гарчанде дар бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба татбиқи одатҳо ишора карда мешаванд.

Ба андешаи мо мавқеи одатҳо бояд дар ду ҷанба баррасӣ карда шаванд. Аз як тараф, ба ӯ тамоми аломатҳои шакли ҳуқуқ хос мебошад ва мо ин падидаро маҳз аз ҳамин нигоҳ мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Аз тарафи дигар, одатҳо бо хусусиятҳои хоси худ аз амсоли судӣ ва санади меъёрии ҳуқуқӣ тафовут доранд. Дар айни замон, аломатҳои ҳам навъи аввал ва ҳам навъи дуюмро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор додан мумкин нест, зеро онҳо аксар вақт ҳамчун

идомаи ҳамдигар амал мекунанд. Мисол, агар барои ҳама шаклҳои ҳуқуқ аломати давомнокии мавҷудият танҳо муҳим бошад, пас барои одатҳо он аҳаммияти асосӣ пайдо мекунад.

Олимон ва мутахасисон дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо барои додани мафҳуми ҳамаҷониба ва дар айни замон оид ба амалкунии одатҳои ҳуқуқӣ кӯшишҳо кардаанд. Чунин мафҳумҳо дар асарҳо оид ба шаклҳои ҳуқуқ [1], оид ба ҳуқуқи одатӣ [2], дар адабиёти ғайритахассусӣ ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, мафҳумҳо дар китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, энсиклопедияҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд. Аммо истинодҳои охирин мухтасар ва сарсарӣ мебошанд. Масалан, дар китоби дарсии назарияи ҳуқуқ ва давлат, ки он зери назари профессор Лазарев В.В. ба табъ расидааст, танҳо чунин ҳолатро қайд мекунад, ки одати ҳуқуқӣ «ба ин ё он дараҷа дар ҳамаи оилаҳои ҳуқуқии гузашта ва ҳозира истифода мешавад» [3].

Ба андешаи мо аз мафхумҳое, ки зери таҳлил қарор дода шудаанд, чун қоида, се ҷанбаро ҷудо намудан мумкин аст: 1) пайдоиши одатро нишон медиҳанд; 2) муҳимтарин хусусиятҳои онро инъикос менамояд; 3) ҷойгиршавии меъёрҳои одатиро тавсиф менамояд.

Маҳз дар ин се ҷанба муқоисаи мавқеъ имконпазир аст. Илова бар ин, барои тавсифи одатҳо робитаи мутақобилаи ӯ бо давлат ва хусусияти чунин робита аҳаммияти принсипиалӣ дорад. Барои ба пуррагӣ муайян намудани ҷанбаҳои ин падида, одатҳои ҳуқуқиро ҳамчун шакли ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1) Дақиқии мазмун ҳамчун аломат танҳо як қисми чунин хусусияти маъмули шаклҳои ҳуқуқ ба монанди итминони расмӣ мебошад, ки ин маънои онро дорад, ки санадҳои давлат дар шакли хаттӣ мутобиқи талаботи техникаи қонунгузорӣ қабул карда мешаванд. Қоидаҳо ба шакли санадҳо, мавзӯъи танзими он, сохтор, забон ва ҳатто услуби он дахл доранд.

Мисол, тибқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2017 №397 “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон” санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мутобиқати дохилӣ дошта, аз рӯи мантиқ тартиб дода шавад ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ бошад. Ҳангоми навиштани матни санади меъёрии ҳуқуқӣ аввал қоидаҳои умумӣ ва сипас қоидаҳои махсус ҷойгир карда мешаванд. Мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд. Мазмуни матни моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар дигар моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар ҳамон як санади меъёрии ҳуқуқӣ набояд такроран баён карда шаванд. Номи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва қисмҳои таркибии он бояд возеҳу мухтасар ва фаҳмо бошад, мазмуни асосии матни онро дақиқ ифода намояд. Меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд мушаххас ва дар замони ҳозира ифода шуда, бештар дар шакли тасдиқӣ баён карда шаванд. Тартиби мавриди амал қарор додан ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар қоидаҳои хотимавии худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи намуди якхела дар бораи мавриди амал қарор додани он баён мешавад. Дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқии нав масъалаи беэътибор донистани санади меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар қоидаҳои хотимавии худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи намудашон якхела ифода мешавад.

Аммо гузоштани ҳамаи ин талаботҳои расмӣ нисбат ба ҳуқуқи нонавишта (одатҳо) зарурат надорад. Муайян будани одатҳо маънои, дарк ва якхела татбиқ намудани онҳоро дар назар дорад.

Ба шаклҳои объективии дастуроти ҳуқуқӣ чун одатҳо диққати махсус дода мешавад. Воқеан, барои ҳама шаклҳои ҳуқуқ тарзи мавҷудият, ҷабҳае, ки дар он нигоҳдорӣ мешаванд, амал ва ҳифз мегарданд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Шакли аслии одат рафтор ва маҷмӯи амалҳо мебошад.

Ба ҳайси шакли ифода ва интиқол метавонад ҳамчунин забон, намунаи рафтор ва шаклҳои минбаъдаи шакли хаттӣ баромад намоянд. Маҳз барои ҳамин шакл муарифии боэътимод, тафсир дар муқоиса ба қонунҳое, ки одатҳо тавассути онҳо иҷозат дода мешаванд, аҳамияти принсипиалӣ пайдо мекунанд.

Дар асари Анненков К. «Низоми ҳуқуқии мадании Руссия» ба воқеияти ошкоршавӣ ва устувории одатҳо аҳаммияти калон дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки «воситаҳои муайян кардани одатҳо, ба ғайр аз таҷриба ва донишҳои ин муносибат аз ҷониби судя, инчунин нишондодҳои шоҳидон ва шахсони донишманд, қарорҳои суд ва маҷмуа ё навиштаҳо оид ба ҳуқуқи одатӣ, маҷмуаҳои қарорҳо оид ба ҳуқуқи одатӣ, маълумотномаҳои муассисаҳо ва шахсони мансабдор дар бораи мавҷудияти одатҳо, инчунин қарордодҳои ҷамъиятҳои деҳқонон ва ғайра, баромад карда метавонанд» [4].

Хусусияти ин намуди шакли ҳуқуқ пеш аз ҳама дар он дида мешавад, ки «мазмуни одат дар ягон шакли муайян ифода карда нашуда, дар шуури халқ мавҷуд мебошад» [5]. Хвостов В.М. моҳияти одатро чунин ифода намудааст: «Воқеан, қайди хаттӣ дар шакли тавсифи дастурҳои одати ҳуқуқӣ хусусиятҳои хоси ин падидаро инъикос намекунад. Балки дар матн навиштани одатҳо ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ моҳияти худро гум мекунад» [5].

Дар адабиёти илмӣ шаклҳои зерини ифодаи зоҳирии одатҳо ҷудо карда мешаванд: **эътиқод ва амалия.** Ҳамзамон, ба ҳуқуқи одатӣ аз имкони ба даст овардани шакли хаттӣ дар натиҷаи муроҷиати мақомоти давлатӣ ба он рад карда мешавад; «Одат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки на қонунгузорон эълон кардаанд ва на аз ҷониби судяҳои соҳибихтисос таҳия шудааст, балки аз нуқтаи назари халқ ва дар амалияи тӯлонии

иҷозатдодашуда ба вуҷуд омадаанд» [6]. Минбаъд Виноградов П.Г. зикр мекунад, ки амалия на бояд касбӣ, балки умумихалқӣ бошад. Мавқеи олим муназзам ва асоснок мебошад. Воқеан, ҳангоми ба таври хаттӣ муқаррар кардан имконияти объектикунонии мазмуни одатҳо мавҷуд аст. Аммо дар ин ҳолат табиати ин намуди шакли ҳуқуқ аз байн меравад.

Таҳқиқоти роҳҳои объектикунонии меъёрҳои ҳуқуқии одатӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосабарори кунем: «Исботи муқаррароти ҳуқуқи одатӣ метавонад бавосита ва бевосита амалӣ карда шавад. Бавосита – бо нишон додани ҳолатҳои алоҳидаи татбиқ, бевосита – бо тасдиқи мавҷудияти ҳуқуқи одатӣ. Барои исботи бавосита шароитҳои муқаррарии қувваи исботкунандаи воситаҳои гуногуни исбот (қобилияти мушоҳида ва эътимоднокии шоҳид, ҳаққонияти амал ва ғайра) кифояанд. Далели бевосита аз муҳокимаронии шоҳид ё муаллифи ҳуҷҷати ҳуқуқӣ иборат аст. Арзиши ин муҳокимаронӣ ба он вобаста аст, ки шахсе, ки онро баён мекунад, мувофиқи дараҷаи маълумот, мавқеи иҷтимоӣ, таҷрибаи худ, эътимоднок аст ва мавҷудияти одатро бо қувваи ҳатмиаш тасдиқ мекунад» [7].

Аз ин рӯ, мазмуни аниқ вобаста ба одатҳо онро дар назар дорад, ки имкони дарки якхела ва татбиқи он ба муносибатҳои ҳаётӣ мавҷуд мебошад. Тарзҳои анъанавии ба даст овардани мазмуни аниқ бо роҳи мустаҳкам намудан дар шакли хаттӣ қобили қабул ва ҳатто матлуб мебошанд. Чунин нақшро маҷмӯаи одатҳо, сабтҳо дар бораи мазмуни ӯ барои мақсадҳои гуногун, аз ҷумла касбӣ, бозида метавонанд. Талаботи мазмуни аниқ тавассути нишондодҳои шоҳидон, намунаҳои рафтор, ки аз онҳо дар бораи мазмуни одатҳо хулосаи дақиқ баровардан мумкин аст, сурат мегирад.

2) **Амали бефосилаи (давомнокии) одатҳо** - аломатест, ки ба дигар намудҳои шаклҳои ҳуқуқ амалан ғайриимкон аст.

Яъне, санади меъёрӣ аз сабаби он ки муддати дароз дар асоси он муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд наомадааст, эътибори худро гум намекунад. Нисбат ба ин намуди шакли ҳуқуқ, дар робита ба ин фақат дар бораи бесамарӣ сухан рондан мумкин аст ва воқеан иҷро нашудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба хусусиятҳои танзими онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ таъсир намерасонад, онҳоро аз қувваи ҳуқуқӣ маҳрум намекунад.

Бефосилагии одатҳо маънои онро дорад, ки новобаста аз он ки қоидаи мувофиқ чӣ қадар қадима бошад ҳам, он ҳама вақт аз пайдоиш то замони муосир амали худро гум намекунад. Ин аломати таснифкунанда аст. Барои ҳуқуқи нонавишта (одатӣ) хеле муҳим аст, ки он дар рафтори воқеӣ таҷассум ёбад, ки истифодаи он малакаи устувори рафтор бошад, зеро танҳо ба шарофати ҳамин он ҳамчун шакли ҳуқуқ нигоҳ дошта, аз насл ба насл дода мешавад ва амал мекунад. Амали одатро давраҳои беамалӣ ва фаромӯшӣ бурида наметавонад. Одат ҳамчун маҳорат, хулқ ва намунаи муқарраршудаи рафтор амал мекунад. Маҳз амали бефосилагӣ ва доимии он имкон медиҳад, ки қатъ гардидани одатҳоро пешгирӣ намоянд. Хизматҳои бузурги Дувернуа Н. дар омӯзиши нақши одатҳо дар раванди ташаккули ҳуқуқи позитивӣ нақши бориз дорад. Ӯ чунин мушоҳидаҳо дорад: «Ин ё он таҷриба, ин ё он тарзи амал тасодуфан ба вуҷд намеояд, балки аз сабаби он ки зарур мешуморанд, пайдо мешаванд, ақида аз беамал тавлид намешавад ва аз ақида амал. Ақида сабабро ташкил медиҳад, амал бошад оқибати он аст. Ҳамин тавр, аз тарзи амал ва амалияи ҳуқуқӣ мо ба хулосае меоем, ки ба асоси он ақидаи муайян ҷой гирифтааст, ки муқаррароти ҳуқуқи одатӣ мебошад. Ҳуқуқи одатӣ дар ҳолати ибтидоии ҷамъият ҳукмфармост ва дар худи ин шакл тамоми аломатҳои ибтидоии ҳуқуқро дорад» [8].

Дар қувваи боварибахши одатҳо ва бефосилагии мавҷудияти он ҳудуди иловагӣ низ мавҷуданд: «Муқаррароти ҳуқуқи одатӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки дар муносибатҳои

муайяни ҳаётӣ муддати дароз ягон меъёр ба таври ягона бо чунин ақида ба эътибори ҳуқуқии худ татбиқ карда мешавад, ки ин ақида ҳукмфармо мегардад» [7, с.63]. Ҳамин тариқ, зинда будани одатҳо ва хосиятҳои танзимкунандаи он аз талаботи ин дастурҳо вобастагӣ дорад. Маҳорати доимӣ ба одатҳо қувваи ҳуқуқиро медиҳад.

Сергеевич В.И. қайд кардааст, ки «ҳуқуқи одатӣ дар натиҷаи амали ду қувва ба вуҷуд меояд. Якум, шуури инфиродии манфиатҳои ҳаётии шахс, ки зери таъсири он ин ё он тарзи рафтори ӯ муайян карда мешавад. Ин ибтидои худмуайянкунӣ (худмухторӣ) аст. Аммо худмуайянкунӣ худ аз худ ҳануз ҳуқуқи одатиро ба вуҷуд намеоварад. Аз вай танҳо амалҳои алоҳидаи муайян, амалияи маъмул ба миён меояд. Агар амалҳо шахсӣ бошанд, иродаи шахсони гуногун дар ҳолатҳои якхелаву ягона хоҳад буд ва онҳо хело зиёд ҷамъ мешавад ва қувваи дуюме ба вуҷуд меояд, ки ҳамаи онҳоеро, ки мавҷудияти тарзи муайяни амал, амалияи маълумро эътироф мекунанд, водор мекунад, ки ҳамин тавр амал кунанд. Ин аст қувваи бузурги одатҳо [9].

Ба гуфтаи Сергеевич В.И., одатҳо сарчашмаи аввалини ҳуқуқ аст, ки дигар шаклҳои ҳуқуқ аз он бармеоянд: «Маънои ҳуқуқ ба маънои меъёри умумиҳатмӣ, пеш аз ҳама ба одатҳо эътироф мешавад, ҳуқуқ он чизест, ки бо риоя кардан шинохта мешавад. Эътироф намудани қобилияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз иродаи шоҳ падидаи дуюмдараҷа буда, дар назари таърих ба миён меояд ва хеле суст инкишоф меёбад. Ин мушоҳида дар ибтидои асри XX сурат гирифта, дар оянда ҳам метавонад ба парламентаризм ва ҳуқуқэҷодкунӣ хизмат намояд. Қонунгузор (ҳам инфиродӣ ва ҳам коллективӣ), ки аз ҳокимияти худ ғурур дорад, табиати фиребандаи онро намебинад. Дар мубориза бо одатҳои халқӣ, худ вай ба мағлубият маҳкум аст» [9].

Ба ин монанд Пухта Г.Ф. гуфтааст, ки «сарчашмаи аввалини ҳуқуқ эътиқоди халқ аст, зеро он дар шуури аъзоёни халқ ҳамон хел пайдо мешавад. Зуҳуроти пурраи ин эътиқод аз он иборат аст, ки аъзоёни халқ мувофиқи эътиқоди ҳуқуқии худ амал мекунанд, онро ба воситаи риоя ва татбиқ кардан эътироф менамоянд. Ин риояи шахсони алоҳида дар асоси эътиқод дар ҳолатҳои якхела баробар такрор мешавад, он хусусияти ҳуқуқ ва одатҳоро дорад» [10].

Такроёбии рафтори муайянро бо далелҳои мавҷудият ва амали воқеии он пурра кардан мумкин аст. Ба андешаи Пухта, «нишондоди шахсони мӯътамад дар бораи мавҷудияти он ва маҷмӯаи хаттӣ метавонад ҳамчун далели ҳуқуқи одатӣ хизмат кунад ё ба нишон додани мавҷудияти он мусоидат намояд» [10].

Анненков К. бо истинод ба олимони машҳур чунин мафҳум медиҳад: «Одатҳо меъёри ҳуқуқ мебошанд, ки дар муомилоти маданӣ риоя мешаванд, зеро ба эътиқоди мардум асос ёфтааст» [10]. Одатҳо бояд се хусусият дошта бошад. Якум, аз риояи пайваста ва бефосила иборат аст ва дуюм ин аст, ки ин қоида бояд ҳамчун ифодаи эътиқоди ҳуқуқии мардум хизмат кунад, аломати сеюм, одатҳо ба қонуни мавҷуда мухолиф буда наметавонад ва нисбат ба он танҳо ба таври ёрирасон амал мекунанд.

Якҷоякунии эътиқод ва амалияро Гамбаров Ю. зикр меанмояд, ки бо сабаби зуҳури онҳо дар ҳаёти воқеӣ, яъне далели худи одатҳо ё идомаи татбиқ ва такрори ҳамон амалҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба ҳуқуқи одатӣ табдил меёбад [10 с.163].

Аҳаммияти ин аломат вобаста ба намуди фаҳмиши ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Ҳамин тариқ, барои ҷонибдорони ҳуқуқӣ позитивӣ ин нишона муҳим нест, зеро танҳо робитаи одатҳо бо давлат тавассути меъёри ҳуқуқии мувофиқ қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Андешаи бештар

маъмул ба робитаи одатҳои ҳуқуқӣ на бо давлат асос ёфтааст, балки бо амалияи ҷомеа ва эътиқоди халқӣ. Хусусан ба Хвостов В.М. чунин суханҳо вобастаанд: «Дар зери номи одатҳо меъёрҳои ҳуқуқие дар назар дошта мешаванд, ки дар натиҷаи татбиқи дарозмуддат дар амал ва рафтори мардум он қувваи ҳатмӣ пайдо кардааст [5, с.85-86.]. Хусусияти ҳатмии одатҳо на ба амри ҳокимияти давлатӣ, балки ба эътиқод ва рафтори одамон вобаста аст. Воқеан, дар қонун мавҷудияти меъёри иҷозатдиҳанда наметавонад одатҳоро ба вуҷуд оварад ё ба он хусусиятҳои танзимкунанда бахшад. Ҳамаи ин дар одатҳо берун аз давлат ба вуҷуд меояд.

Он чизе, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба он майл кунад (масалан, амали воқеии дарозмуддат), барои одатҳо хусусияти ҷазобии ҷудонашавандаи он мебошад. Агар қонунгузор ҳангоми ҳуқуқэҷодкунии меъёр, нигарон аз он аст, ки натиҷаи фаъолияти ӯ шаҳрвандонро ба рафтори қонунӣ водор месозад, пас одатҳо бошад аз рӯйи ҳолати пайдоиши худ ба шаҳрвандоне, ки дар амалҳояшон он пайдо шудааст, ҳатмӣ аст.

3) **Давомнокии мавҷудият.** Ин хусусияти шакли ҳуқуқро ҳамаи муҳаққикон, аз ҷумлаи ҳамчун хусусиятҳои асосӣ ҷудо кардаанд. Ба аёнии худ нигоҳ накарда, ба далели абстракти ҳиссаи вақт, эътирофи зарурӣ ва кофии одатҳо ҳанӯз баҳсҳо вуҷуд доранд. Ба назар чунин менамояд, ки ин давраро бо воҳидҳои анъанавӣ: ченкунӣ бо солҳо, даҳсолаҳо, асрҳо, адолатнок ва оқилона аст. Дар таърих мисолҳои муқаррар кардани ҳам санаҳои дақиқ ва ҳам маҳакҳои бағоят нисбиро дидан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар Англия одате, ки то соли 1189, соли аввали ҳукмронии шоҳ Ричарди Шердил вуҷуд дошт, як одати кӯҳна ҳисобида мешавад. Дар Шри-Ланка барои он ки одатро кӯҳна эътироф кунанд, исбот кардан кифоя аст, ки ин одат муддати тӯлонӣ вуҷуд дорад, яъне беш аз хотираи шоҳидон нигоҳ дошта шудааст. Мушкилии вобаста кардани

синну соли одат ба давраи Ричард I судяҳоро водор сохт, ки қоидаи зеринро таҳия кунанд: «агар ҳолат, мувофиқи далелҳо, дар замоне вуҷуд медошт, ки дар хотираи одамон дар ёд дошта бошад, пас бояд тахмин кард, ки он аз лаҳзаи хотираи ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, яъне аз замони Ричард I" [6, с.97].

Регесбергер Ф. аз ҳуқуқи муқаддас муҳлати дақиқи одатҳоро мисол меорад – одатҳои 40 сол муқаддам, ки ба ҳуқуқҳои калисо татбиқ карда шудааст [7, с.63]. Ҳама кӯшишҳо барои муайян кардани вақти дақиқ барои мавҷудияти одатҳо ба як камбудӣ дучор мешаванд. Он аз набудани далелҳо иборат аст, ки вобаста ба он ҳодисаи мушаххаси таърихӣ гирифта шудааст ё давраи дақиқ муқаррар шудааст (масалан, 40 сол).

Аммо дар қонунгузорӣ бештари муҳлатҳои муқарраршуда аз ҳамон гуна иллат холӣ намебошад. Масалан, барои чӣ дар парвандаҳои маданӣ се сол муҳлати умумии даъво пешбинӣ мешавад. Чаро мӯҳлат барои беэътибор донистани қонунигардонӣ як сол муқаррар карда шудааст? Ин саволҳо ҷавоби возеҳ надоранд, ки ҳамаро бо дурустии худ қонеъ гардонанд. Ба ин муносибат дар солҳо муқаррар намудани давомнокии одатҳо ба назари мо тадбири комилан мувофиқ ба назар мерасад. Барои мисол, мо метавонем 40-соларо аз қонуни канонӣ гирем. Чунин давра қариб ду наслро дарбар мегирад ва барои санҷидани одатҳо кифоя аст.

Колесников Е.В. чунин мешуморад, ки барои меъёрҳои одатӣ маҳз давомнокии мавҷудият аҳаммияти махсус дорад. Вай менависад, ки: “Тасдиқи он аст, қи одатҳо ба гузашта тааллуқ доранд, қатъиян зиёд мебошад”. Дар муддати тӯлонӣ такрори якрангии ҳолатҳои муайян метавонад боиси пайдоиши шакли муайяни рафтор гардад: (меъёри иҷтимоӣ) гӯё ба таври табиӣ бошад» [12].

Дар ҷойи аввал дар номгӯйи аломатҳои одатҳо, Регесбергер Ф. истифодаи давомноки якхеларо номбар мекунад, ки онро машғулият меномад. «На шумораи татбиқнамоӣ ва на муддати вақте, ки ба онҳо дахл доранд, бо рақамҳо муайян ишора карда намешаванд. Хулоса дар ин бора ҳамеша аз таассуроти умумие, ки дар натиҷаи арзёбии ҳолатҳои гуногун ба даст меояд, аз ҷумла: андозаи ҳудудии татбиқ, бештар ё камтар; зуд-зуд такрор шудани муносибатҳо; тобеъ ба танзим, мавқеи умумии мардум, ки дар натиҷаи он мардум баъзан бештар ба он дучор мешаванд, қабул мекунанд, эътиқоди дахлдори ҳуқуқӣ ва ғайра» [7, с.63], яъне олим маҳорати давомдори истифодабарии одатро ҳамин тавр мебинад.

4) **Ахлоқӣ, оқилона будани одатҳо.** Таҳти мафҳуми ахлоқии одатҳо мутобиқатии ӯ бо ғояҳои дар ҷомеа мавҷуда, дар бораи адаб, талаботҳои маънавӣ, ахлоқи хуб фаҳмида мешавад. Одате ахлоқона шуморида мешавад, ки мазмуни он нерӯи мусбати эҷодӣ халқ мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки ахлоқ ба одатҳо аз рӯйи пайдоишашон, аз эътиқод, хулқ ва маънавиёт хос аст. Дар он руҳияи халқ, ки ахлоқ аст, ба фаъолият коркард мешавад. Аммо ин гуна тасодуф дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқии одатӣ ба амал меояд, дар айни замон онро рад кардан мумкин нест. Аммо вақт мегузарад ва чунон ки маълум аст, давомнокии одатҳо зарур аст. Бо мурури замон, махсусан дар муддати тӯлонӣ, дар ахлоқ ва одоб тағйирот ба амал меояд ва одатҳо қоидаҳои консервативиро (маъмулиро) нигоҳ медоранд.

Баҳодиҳии муҳаққиқон оид ба талаботи хусусияти ахлоқи доимӣ доштани одатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Инак, Регелсбергер дар ҳифзи ахлоқии асосҳои ҳуқуқи одатӣ қатъиян сухан меронд: «Он чӣ бадахлоқона ва хилофи асосҳои тартиботи маданият аст, ҳатто баъди такрори дуру дароз ҳам, ҳуқуқ ҳисоб кардан мумкин нест. Аксар вақт

чунин ҳодисаҳо рӯй медиҳанд, ки дар доираи ин ё он табақа ё касб аз рӯйи ягон масъала ақидае ташаккул меёбад, ки намояндагони ин табақа ё касбро нисбат ба баъзе вайронкуниҳои қонун бепарво мегардонад. Таҷрибаи давомдор наметавонад ба ин гуна вайронкуниҳо қувваи ҳуқуқӣ диҳад» [7, с.64].

Виноградов Н.П. оид ба ин масъала хеле нармтар сухан гуфтааст. Андешаи ӯ ба он асос ёфтааст, ки одатҳои қадимии консервативӣ метавонанд робитаи худро бо ахлоқи муосир гум кунад, ки ин дар низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ зиёдатист: «Одатҳое, ки қадим будани он собит шудааст, метавонад аз тарафи суд рад карда шавад, агар қатъиян татбиқ намудани он ба шароити ҳозира чунон бераҳмона мебуд ва ноқулай аст, ки ба итоати ӯ маҷбур кардан бепарвоӣ мебуд» [6, с.98].

Меъёрҳои ахлоқ на танҳо дар одатҳо, балки дар меъёрҳоии қонунгузорӣ низ аҳаммияти хоса доранд. Мисоли он шуда метонад муқаррароти моддаи 184 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он аҳде, ки ошкоро бар хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ё ахлоқ баста шудааст, эътибор надорад.

Аз ин рӯ, фазилати одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шакли ҳуқуқ маҳз бо хусусиятҳои ахлоқии он низ алоқаманд аст: «Одатҳое, ки ба хусусиятҳои миллӣ ва ба ақидаи мардум асос ёфтааст, ифодаи зоҳирии принсипҳои ниҳоние мебошад, ки эҳтимол, ба андозаи зиёд нисбат ба эҷодиёти сунъии ҳокимияти давлатӣ ё илми ҳуқуқшиносӣ бештар бо мафҳуми адолат, ки ба ин ҷамъият хос аст, мувофиқат мекунад» [6, с.93].

Баҳсҳо оид ба ахлоқи меъёрҳои ҳуқуқии одатӣ метавонанд санадҳои меъёрии ҳуқуқиро низ дарбар гиранд. Аз ҷумла, мисолҳои ғолибияти одатҳои оқилона ва муфид бар меъёрҳои бадахлоқии ҳуқуқи мусбӣ маълуманд, гарчанде ки онҳо дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ ҷой доранд.

Дар бораи мутлақияти талаботи адолат нисбати одатҳо мисолҳо оварда шудаанд: «Ҳуқуқи одатӣ маҷмӯи меъёрҳоро бевосита ифода намекунад, ки канорагирӣ аз онҳо ҷиноят ё кирдори ношоиста ҳисобида мешавад... Моҳияти ҳуқуқи одатӣ аз пешгирии адоват иборат аст, яъне ба созиши байни тарафҳо ноил гардидаанд. Ин танҳо бо роҳи барқарор намудани адолат мумкин аст. Меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ роҳҳои хотима додан ба хусумат, яъне усулҳои барқарор намудани адолати вайроншударо дар назар дорад» [13].

Агар баъзе олимон ахлоқро ба хусусиятҳои зарурии одатҳои ҳуқуқӣ нисбат диҳанд, дигар муҳаққиқон тамоман баръакс фикр мекунанд: «Истинод ба аҳлоқ зид будани одатҳо ба мисли дуэл ва интиқоми авлодӣ, албатта, ба муқобили хусусиятҳои ҳуқуқии онҳо далел шуда наметавонад, зеро дастурҳои ахлоқӣ умуман ҳамчун аломати зарурии меъёри ҳуқуқӣ хизмат намекунад ва бисёр меъёрҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати мазмун бевосита бадахлоқона (масалан ғуломдорӣ) ва дар айни замон, бешубҳа, ҳуқуқӣ мебошанд» [14]. Ахлоқ ва нафъ як шуда наметавонанд, зеро сарчашмаи фаҳмиши ин мафҳумҳо гуногун мебошанд.

Ин назар барои тарафдорони ақидаҳои позитивистӣ хеле мувофиқ аст. Қобилияти давлатро барои қабули ҳама гуна меъёрҳое, ки барои ахлоқи онҳо баҳо додан лозим нест, асоснок карда, ин рисолатро ба дигар шаклҳои ҳуқуқ мегузаронанд. Мо чунин мешуморем, ки талаби адолат, оқилона ва ахлоқро ҳам ба одатҳо ва ҳам ба дигар шаклҳои ҳуқуқ пешниход кардан лозим аст.

**5) Хусусияти маҳаллӣ доштани одатҳо.** Регелсбергер чунин мешуморад, ки одатҳо, чун қоида, дар баъзе муҳити ҷудогона такрор мешаванд: «Нигоҳе, ки чӣ гуна ин ё он табақаи муносибатҳои ҳаётӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, одатан танҳо дар он доираҳои одамоне таҳия карда мешаванд, ки худашон дар ин муносибатҳои мушаххас

ҳастанд ё бо онҳо аз рӯйи касби худ муносибат доранд: ин дар муносибатҳои тиҷоратӣ — тоҷирон, одамоне, ки дар хоҷагии қишлоқ бо замин сару кор доранд» [7, с.64].

Дар мафҳуми одатҳо дуруст ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ, ки аз ҷумла хусусияти маҳаллии онҳоро нишон медиҳад, таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад. Кӯшиши фаро гирифтани ҳама намудҳои пайдоишро Гарнат Н.Л. чунин менависад: «Одам ташаккул меёбад: дар муҳити муайяне, ки ба бунбасти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хос аст; дар муҳити худмухторияти ҳудудӣ— худидоракунӣ ва баъд манфиати ин муҳитро ифода мекунанд; танҳо дар қаламравӣ воҳиди худидоракунанда амал мекунанд, яъне хусусияти маҳаллӣ доранд; вазифаҳои меъёрҳо (қоидаҳои рафтор) пас аз қабул (эътироф) аз ҷониби ҷомеа ба даст оянд; пас аз иҷозат ё эътирофи давлат волоияти қонун гардад» [15]. Иштироки махсус дар ташаккули одатҳои ҳуқуқӣ чун анъана ба ҳуқуқшиносон мансуб аст: «Таҷрибаи ҳуқуқӣ, чӣ дар судӣ, ки ҳангоми таҳлили парвандаҳои баҳснок муқаррар карда шудааст ва ҳам ғайрисудӣ, ки ба тарафҳо дар бастани аҳдҳои ҳуқуқӣ ёрӣ мерасонад ё рӯ ба рӯ мешаванд, ҳатман дар он одатҳо ҳуқуқшиносон осори касбии худро мегузорад. Дар фаъолияти ҳуқуқшиносон одатҳое, ки дар доираи муайян инкишоф ёфтаанд, анҷоми ниҳоии худро мегиранд» [11, с.89].

Хусусияти маҳаллии одатҳо низ бевосита дар моддаи 20 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Номи шахси воқеӣ» ифода ёфтааст, ки мувофиқи он шаҳрванд ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро, агар аз қонун ё анъанаҳои миллӣ тартиби дигаре барнаояд, бо номи худ, ки насаб ва худи ном, инчунин номи падарро дар бар мегирад, ба даст меорад ва татбиқ менамояд. Қонунгузории ҷиноятӣ одатҳои маҳаллиеро низ ба назар мегирад, ки ба навъҳои алоҳидаи ҷиноят сабаб мешаванд. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркибҳои ҷиноят аз рӯйи одатҳои маҳаллӣ

бастани аҳд дар бораи ақди никоҳ бо шахсе, ки ба синни никоҳ нарасидааст (моддаҳои 168-169), пешбинӣ кардааст. Ҳамин тавр, хусусияти маҳаллии одатҳои ҳуқуқӣ нишонаи ҳуқуқ мебошад. Маҳаллӣ будан одатҳо ба васеъ истифода бурдани ҳуқуқи одатӣ халал мерасонад. Сарҳадҳои ҷуғрофии давлат ва сарҳадҳои татбиқи одатҳои маҳаллӣ, чун қоида, ба ҳам мувофиқ намеоянд, ки ин ба одат барои иҷрои вазифаи танзимкунандаи универсалии муносибатҳои ҷамъиятӣ халал мерасонад.

Аломатҳои одатҳоро ҳамчун шакли ҳуқуқ мухтасар чунин ифода менамоем: - дар муддати дароз татбиқи воқеии қоидаи муайяни рафтор; -қоидаи рафтори муайян барои барасмиятдарории он имконият медиҳад, ки ба таври якхела дарк ва якчанд маротиба иҷро карда шавад; - мухолифат надоштан ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; - амали вобаста ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ёрирасон мебошад, бо иҷозати бевосита; - аз рӯи оқилона будани одат, мувофиқати он ба ақидаи ҷомеа дар бораи он чӣ шоиста, солим ва ғайра; - эътирофи волоияти рафтор ҳамчун шакли ҳуқуқ аз ҷониби давлат, ки бо тартиби барои ин давлат қабулшуда амалӣ карда мешавад.

Ба яқин будани мазмуни одатҳо, аз як тараф, амалияи татбиқи он дар муносибатҳо мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки ба рафтори субъектҳои ҳуқуқ дар асоси одатҳо баҳо медиҳанд дар бораи аз тарафи давлат қабул шудани одатҳо шаҳодат медиҳанд ва мазмуни онро ошкор мекунанд.

Ҳамин тариқ, одатҳои ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳое мебошанд, ки мансубияти онро ба шаклҳои ҳуқуқ инъикос мекунанд. Ба ин аз ҷумла, муътадил будани мазмун, устувории танзими муносибатхои ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Аломатҳое мавҷуданд, ки одатҳоро, яъне асолати ин падидаи иҷтимоию ҳуқуқиро равшантар инъикос мекунанд. Мазмуни хусусияти маҳаллӣ ва ахлоқии он ҳамин аст. Барои тавсифи

одатҳо ҷанбаи фаъоли мавҷудияти он аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Таҷриба ҳамчун инъикоси доимии одатҳо амал мекунад. Аввалан, маҳз таҷрибаи иҷтимоӣ, дар гузашта эътиқоди халқ ҳамчун манбаи ҳуқуқ баромад мекунад. Дуюм, таҷриба ҳамчун шакли объектикунонии меъёрҳои ҳуқуқии одатӣ амал мекунад. Ин доимӣ, бефосила ва тӯлонӣ мебошад, ки шакли мавҷудияти одатҳоро ташкил медиҳад. Сеюм, таҷриба ҳамчун меъёри одатҳо амал мекунад, зеро қатъи истифодаи меъёрҳои одатӣ, қатъ гардидани худи меъёрҳоро дар назар дорад.

**Рӯйихати адабиёт:**


1. Анненков К. Система русского гражданского права. СПб., 1894. Т. 1. С. 37, 43.
2. Бабаджанов И.Х., Сальников В.П. Трансформация обычаев в праве на постсоветском пространстве. Мир политики и социологии. Санкт-Петербург 2016, №1. С.180-198.
3. Виноградов П.Г. Очерки по теории права. М., 1915. С. 92.
4. Гамбаров Ю. С. Курс гражданского права. Т. 1. С. 193.
5. Гранат Н.Л. Источники права //Юрист 1998. №9. С. 6.
6. Грязнов Д.Г. Соотношение категорий обычного права и правового обычая в юридической науке. Автореф. дисс.... канд. юрид. наук. М., 2001. С. 11.
7. Дювернуа Н.Л. Источники права и суд в Древней России, М., 1869. С. 6.
8. Колесников Е.В. Обычай как источник советского государственного права // Правоведение. 1989. №4. С. 20.
9. Регелсбергер Ф. Общее учение о праве. М., 1987. С. 69.
10. Семенов Ю.И. Место обычного права среди форм общественной воли в классовом обществе / IX Международный конгресс «Обычное право и правовой плюрализм в изменяющихся обществах». Москва, 18-22 августа 1997. Тезисы. С. 89.
11. Сергеевич В.И. Лекции и исследования по древней истории русского права. СПб., 1910. С. 10-11.
12. Теория права и государства /Под ред. проф. В.В. Лазарева. М., 2001. С. 144.

13.Трубецкой Е. Энциклопедия права. СПб., 1999. С. 104.
14.Хвостов В.М. Общая теория права: Элементарный очерк. М,, 1914. С. 86.
15.Шебанов А.Ф. Форма советского права. М., 1968. С. 42, 44.

# ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ЗАРАРИ МАЪНАВӢ ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

**Пӯлодӣ Мавҷуда Комил**
**унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Email: pulodim@mail.ru**

Дар замони имрӯза институти зарари маънавӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, вале таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозии институти мазкур дар ҳоли ташаккул ва рушд қарор дорад. Институти мазкур дар илми маданӣ барвақт ташаккул намуда бошад ҳам, вале як қатор падидаҳои он нисбатан нав буда, ин ниҳод мушкилоти зиёдеро дар амалия ба миён меорад.

Барои дуруст муайян намудани моҳияти институти зарари маънавӣ як қатор мафҳумҳоро бояд тафсир ва маънидод намоем. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаҳои зарар, зиён ва хисорот мавҷуд аст. Инчунин дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ калимаҳои зарар, зиён, хисорот мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ калимаи “зарар” ба маъноҳои – зиён, хисорат; газанд, осеб; зарар дидан (кашидан) зиён бурдан маънидод карда шудааст[271]. Агар ба

[271] Ниг.: Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ // Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1 (А–Н). – Душанбе, 2008. – С. 510.

маънои луғавии калимаи зиён назар афканем пас маълум мегардад, ки аксаран калимаи “зиён” ва “зарар” дар луғат ва фарҳангҳои забони тоҷикӣ ҳамчун синоним (муродиф) оварда тафсир шудаанд. Чунончӣ дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» калимаи “зиён” ба маъноҳои “1) зарар, хисорат; 2) балову осебе, ки гӯё аз ҷину парӣ ба одамон мерасида бошад; зиёну заҳмат расондан, зарару осеб расондан, ташвишу нороҳатӣ овардан, ҷин задан; зиён кардан”[272] оварда шудааст. Ҳамзамон дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» калимаи дигаре низ бо калимаҳои тафсиршаванда муродиф ва ҳаммаъно оварда шудааст, ки ин калимаи «хасорат» мебошад. Тибқи он “хасорат” ин зиён дидан; зарар, зиён, осеб; хасорат дидан, зарар дидан, ба зарар дучор шуданро ифода менамояд[273].

Инчунин барои ба таври амиқтар муайян намудани мазмуни истилоҳи мазкур зарур аст, ки ба кадом маъно тафсир гардидани мафҳуми мазкур дар забони русиро низ таҳлил намоем. Дар фарҳанги забони русӣ низ калимаҳои “вред», «ущерб» истифода бурда мешавад.

Дар луғати русӣ – тоҷикӣ мафҳуми «вред», ки ифодакунандаи истилоҳи “зарар” мебошад ба маъноҳои зарар, зиён, осеб[274] оварда шудааст. Ҳамзамон дар забони русӣ калимаи “ущерб” истифода мешавад, ки ин калима ифодакунандаи зарар, зиён, халал[275] тарҷума шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳумҳои зарар, зиён, хисорот қариб, ки ба як маъно фаҳмида мешаванд ва байни ин калимаҳо фарқият гузошта нашудааст. Агар дар фарҳанги тафсири забон дар байни ин

---

[272] Ҳамон ҷо. – С. 434.
[273] Ҳамон ҷо. – С. 429.
[274] Русско-таджикский словарь: Свыше 72000 слов / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди и др.; Под. ред. М.С. Асимова. – М.: Рус. яз., 1985. – С. 128.
[275] Ниг.: Асари зикршуда. – С. 1164.

калимаҳо фарқият набошад, пас дар илми ҳуқуқи мадании фарқиятгузорӣ мавҷуд аст.

Дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мафҳумҳои зиён, зарар, хисорот истифода мешаванд. Қонунгузор фарқияти ин мафҳумҳоро пешбинӣ накардааст. Мо бошад ба он нуқтаи назарем, ки фарқият нагузоштан байни ин мафҳумҳо ба татбиқи нодуруст ва ё ифодаи нодурусти нишондоди қонун оварда мерасонад, ки ин ҳолат ба танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ халал ворид месозад. Зеро дар натиҷаи рушди ҷомеа ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин пайдо гаштани ҳолатҳои нав муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамеша дар ҳолати инкишофёбӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, дуруст муайян намудани мафҳумҳо ва мавқеи ҳуқуқии онҳо, бахусус дар илми ҳуқуқи маданӣ бисёр муҳим аст, чунки забони ҳуқуқ бояд фаҳмо бошад.

Дар илми ҳуқуқи маданӣ атрофи фарқиятгузорӣ байни ин мафҳумоҳо ё ба як маъно истифода гардидани онҳо ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба монандӣ ва фарқияти мафҳумҳои зарар, зиён, хисорот андешаҳои гуногун ҷой доранд. Тибқи баъзе ақидаҳо мафҳумҳои “зарар” ва “зиён” ба ҳам монанд мебошанд, мафҳуми хисорот бошад ифодаи молумулкии онҳо мебошад. Тарафдорони чунин ақида Иоффе О.С., Болдинов В.М. ба ҳисоб меравандҳ[276]. Воронина И.С. бошад, ақида дорад, ки мафҳумҳои зарар ва зиён ба таври назаррас аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва набояд онҳоро муродиф ҳисобид. Ба андешаи ӯ, зарар метавонад танҳо хусусияти маънавӣ ва ғайримолумулкӣ дошта бошад, вале зиён бошад, мубтало шудан ба хисорати муайянро ифода

[276] Ниг.: Воронина И.С. Сущность понятия «моральный вред» – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://superinf.ru/ (санаи муроҷиат: 19.09.2023).

менамояд. Дар зери мафҳуми хисорот харҷ кардан ва ё аз даст додан фаҳмида мешавад[277].

Ба ақидаи Михайленко Е.М. “зарар ин оқибатҳои номатлуби хусусияти молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ мебошад, ки дар робита бо осеб дидан ё нобуд кардани молу мулки ба субъекти ҳуқуқи маданӣ тааллуқдошта ё дар робита бо расонидани зарар ё марг ба шахси воқеӣ ба амал меоянд”[278].

Дар мурофиаи судии маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ институти ҷуброни зиён (зарар) васеъ истифода мешавад. Се намуди зиён (зарар) вуҷуд дорад: маънавӣ, моддӣ ва ҷисмонӣ[279].

Дар адабиёти ҳуқуқии маданӣ зарар ба маънои “ҳар гуна тағйироти номатлуб дар неъмате, ки қонун ҳифз мекунад, дар ҳоле ки худи маҳсулот метавонад ҳам молу мулкӣ ва ҳам ғайримолумулкӣ бошад” фаҳмида мешавад[280]. Эрделевский А.М. мафҳуми зарарро дар ҳуқуқи маданӣ ҳамчун тағйиротҳои манфии дар манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда мефаҳмад, ки метавонанд ҳам молумулкӣ ва ҳам ғайримолумулкӣ (ғайримоддӣ) бошанд[281]. Ақидаи ба ин монанд аз ҷониби дигар олимон низ пешниҳод гардидаанд. Чунончӣ зарар ин тағйирот дар неъматҳо мебошад, ки бо

---

[277] Ҳамон ҷо. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://superinf.ru/ (санаи муроҷиат: 19.09.2023).

[278] Ниг.: Михайленко Е. М. Гражданское право: учебник и практикум для прикладного бакалавриата. Москва: Издательство Юрайт, 2019. - 356 с.

[279] Ниг.: Григорьев В.И. Административное право РК. Общая часть. – Алматы: Юрист, 2023. – 74-75 с.

[280] Ниг.: Смирнов В.Т., Собчак А.А. Общее учение о деликтных обязательствах. – Л., 1983. – С. 17.

[281] Ниг.: Эрделевский А.М. Компенсация морального вреда М.: Р.Валент, 2007. – С. 10.

қонун ҳифз мешаванд ва метавонанд молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ бошанд[282].

Малеин Н.С. бошад вобаста ба мафҳуми зарар чунин ақида дорад, ки зарар мафҳуми иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва метавон онро ҳамчун оқибати суиқасд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, оқибати вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи давлат, ташкилот ва шаҳрванд муайян кард"[283]. Дар қонунгузории Федератсияи Россия се мафҳуми ба ҳам наздик «вред», «ущерб», «убыток» мавҷуданд. Аксари сивилистони замони Шуравӣ мафҳуми "ущерб"- зиёнро бо мафҳуми "вред"–зарар синоним (муродиф) меҳисобиданд[284]. Дар фарҳанги забони русӣ бошад, мафҳуми зарар инчунин бо мазмуни оқибати тамоми зараррасониҳо, вайрон кардан, хисорат дидан, аз ҷиҳати молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, тамоми ҳуқуқвайронкуниҳои шахсият, қонунӣ ва ғайриқонунӣ фаҳмида мешавад[285].

Аз таҳлилҳои дар боло ишорашуда бармеояд, ки баъзе олимони хориҷӣ байни калимаҳои зарар ва зиён фарқият нагузоштаанд ва онҳоро ҳамчун муродиф истифода мебаранд. Дигар гуруҳи муҳаққиқон бошанд бештар мафҳуми зарарро истифода бурда, онро ба молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ ҷудо менамоянд.

Вобаста ба масъалаи мазкур олимони ватанӣ низ фикру андешаҳои худро пешниҳод намудаанд, аз ҷумла муҳақиқи

---

282 Ниг.: Осадчая О.И. Особенности конституционно-правовой защиты прав человека от последствий причинения морального вреда в РФ: дисс. ...канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 21-22.

283 Ниг.: Малеин Н.С. Возмещение вреда, причиненного личности. – М.: Юридическая литература, 1965. – 230 с.

284 Ниг.: Тархов В.Т. Ответственность по Советскому гражданскому праву. - Саратов, 1973. – С. 141; Белякова А.М. Имущественная ответственность за причинение вреда. – М., 1979, - С. 8.

285 Ниг.: Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. Т. 1. – М., 2002. – С. 260.

тоҷик Бобохонов Ф.А. андешаи Воронина И.С. -ро ҷонибдорӣ намуда қайд намудааст, ки "се намуди асосии зарар тасниф шудааст: зарари молумулкӣ, ғайримолумулкӣ ва маънавӣ. Маҳз аз рӯйи ин таснифот мо метавонем мафҳумҳоро мувофиқ ба намудҳои зарар ҷудо кунем. Аз ин нуқтаи назар, ба андешаи мо, хисорот сирф хусусияти молумулкӣ дошта, ба молу мулки шахс зарар мерасонад, зиён хусусияти маънавӣ дошта, ба равони инсон зарар мерасад, зарар бошад, мафҳуми умумӣ буда, ҳам хисорот ва ҳам зиёнро дар худ фаро мегирад"[286].

Дар тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1999 "зарари маънавӣ" ва "зиёни маънавӣ" истифода шудааст, аз ҷумла "зиёни маънавӣ дар шакли пулӣ ба андозаи муқаррарнамудаи суд ҷуброн карда мешавад". Ҳамзамон қайд гардидааст, ки "зиён аз оқибатҳои манфии молумулкӣ иборат аст, ки дар шахс дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайри молумулкӣ ё молумулкӣ ба миён омадааст"[287].

Аз мазмуни меъёрҳои мазкур бармеояд, ки дар баробари калимаи "маънавӣ" мафҳумҳои ҳам зарар ва ҳам зиён истифода шудааст. Инчунин қайд гардидааст, ки зиён дар натиҷаи вайрон гардидани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ ба миён меояд. Ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки дар тафсири мазкур байни калимаҳои "зарар" ва "зиён" тафовут гузошта нашудааст ва онҳо ҳамчун муродиф (синоним) истифода шудаанд.

Дар тақвияти гуфтаҳои мо дар тафсири мазкур чунин хулосабарорӣ карда шудааст: "Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ кӯшиши тафовутгузорӣ миёни мафҳумҳои «зарар», «зиён» ва

[286] Ниг.: Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ - ҳуқуқӣ. дисс. ... ном. илм. ҳуқ. Душанбе, 2022. – С. 89.

[287] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Furthermore Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, "Эр-граф", 2010. С. – 53.

«хисорот» ҷой дорад. Чунин амал асоси илмӣ дорад. Азбаски дар қонунгузории гражданӣ хатти дақиқи тафовут дар миёни онҳо нест, аз чунин икдом дар тафсири мазкур худдорӣ мешавад”[288].

Дар фарқият аз тафсири мазкур дар тафсири дигари Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон олимони ватанӣ қайд намдаанд, ки “ҷуброни зиён яке аз роҳҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандӣ буда, асосан дар ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқи моликият истифода мешавад. Баръакси ҷуброни зарар, эҳтимолан дар шакли асл, ҷуброни зиён одатан бо пули накд сурат мегирад”[289]. Дар тафсири мазкур мушаххасан ишора нашуда бошад ҳам вале фарқиятгузорӣ вуҷуд дорад, чунки дар ин ҷо ишора мешавад, ки ҷуброни зиён асосан дар ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқи моликият ба вуҷуд меояд. Вобаста ба вайрон гардидани ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ ишора нашудааст.

Дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ бошад мафҳумҳои зарар, зарари маънавӣ ва зиёни маънавӣ истифода шудааст. Дар ин асос мафҳуми зарар чунин пешниҳод гардидааст: “зарар - яке аз шартҳои асосии ба ҷавобгарии моддӣ кашидани корманд мебошад. Корманде, ки бо гуноҳи ӯ ба корфармо зиёни моддӣ расидааст ба андозаи зиёни бевоситаи воқеӣ, аммо на зиёдтар аз моҳонаи миёнааш масъулияти моддӣ дорад. Аз ин рӯ зарар ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: 1) зарари моддӣ 2) зарари маънавӣ. Ин намуд ба шарте ҷуброн карда мешавад, ки агар зарар дар қонун пешбинӣ шуда бошад. Дар ҳуқуқи гражданӣ ба маънои паст кардан, ба нести расонидани ҳуқуқи субективӣ ё нафъи шахсони алоҳидаро дар назар дорад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ ва арбитраж мафҳумҳои

[288] Ҳамон ҷо. С. – 60.

[289] Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан-части первой (постатейний) с использованием судебной практики. Авторский коллектив. – Душанбе, 2004. – С. 44.

зарар ва зиён осебрасонӣ истифода бурда мешаванд. Дар бисёр ҳолат зарар ва зиён ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода мегарданд аммо зарар ва осеб расонидан мувофиқ намеоянд. Мафҳуми зарар хеле васеъ буда ба зарари молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ҷудо мешаванд. Таҳти мафҳуми зарари молумулкӣ оқибатҳои матералии (иқтисодии) ҳуқуқвайронкунӣ фаҳмида мешавад, ки шакли арзишӣ доранд"[290]. Мушоҳида мешавад, ки дар ин китоб низ зарар ба ду гуруҳ моддӣ ва маънавӣ тақсим карда шудааст ва зарар ва зиён ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода гардидаанд. Мафҳуми зарар нисбат ба зиён васеъ маънидод карда шуда, молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ҷудо карда шудааст.

Абдуллоев А. ва Раупова М.Т. [291] дар китоби хеш дар қисмати муҳофизати ҳуқуқҳои граждани мафҳумҳои ҷуброни зиён ва ҷуброни зиёни маънавӣ истифода намудаанд, ки ин ифодакунандаи фарқият нагузоштан дар байни зиён ва зарар ва ба як маъно истифода бурдани онҳо мебошад.

Дар моддаи 14 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикисон мафҳуми зерини зиён дода шудааст: "Зиён хароҷотест, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида сарф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида сарф намояд, талаф ёфтан ё осеб дидани молу мулки он (хисороти воқеӣ), инчунин даромади гирифтанашудае, ки шахс, агар ҳуқуқаш

---

[290] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: "Эр-граф", 2012. – С. 167.

[291] Абдуллоев А.А., Раупова М,Т. Ҳуқуқи гражданӣ-қисми 1 (нашрияи дуюм бо тағйироту иловаҳо). – Хуҷанд, - 2009. – С. 26.

вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии муомилоти маданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аздастрафта)”[292].

Қонунгузор зиёнро ба ду навъ тақсим кардааст: зиёни воқеӣ ва фоидаи аздастрафта. Дар таркиби зиёни воқеӣ метавонад се унсур ҷудо карда шавад: 1) аз даст додан ё осеб дидани молу мулк; 2) хароҷоте, ки шахс вобаста ба зиёни ба ҳуқуқи ӯ расонидашуда масраф намудааст; 3) хароҷоте, ки он бояд бо мақсади барқарорсозии ҳуқуқҳои вайронгардида масраф намояд. Фоидаи аздастрафта даромаде эътироф мегардад, ки шахс метавонист ҳангоми шароитҳои маъмулии муомилоти гражданӣ ба даст орад, вале аз сабаби вайрон гардидани ҳукуқҳои ӯ ба даст наовардааст[293].

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда муайян мегардад, ки масъалаи фарқиятгузорӣ байни мафҳумҳои зарар ва зиён то ҳоло дар илми ҳуқуқшиносӣ давом дорад ва олимону муҳаққиқон ба хулосаи мушаххас наомадаанд. Чӣ гуна ки мо дар боло қайд намудем, дар натиҷаи рушди ҷомеа ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин пайдо гаштани ҳолатҳои нав муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамеша дар ҳолати инкишофёбӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, дуруст муайян намудани мафҳумҳо ва мавқеи ҳуқуқии онҳо, бахусус дар илми ҳуқуқи маданӣ бисёр муҳим аст. Аз омӯзиши меъёрҳои қонунгузории маданӣ мо пешниҳод менамоем, ки фарқият байни мафҳумҳои зарар ва зиён вуҷуд дорад.

Калимаи зиён танҳо нисбати ҳуқуқҳои молумулкӣ истифода бурда мешавад, яъне агар ба шахс дар натиҷаи амалҳои шахси дигар молу мулкаш осеб дидааст ё талаф

---

[292] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://superinf.ru/ (санаи муроҷиат: 18.09.2023). – Моддаи 14.

[293] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, “Эр-граф”, 2010. – С. 60.

ёфтааст (хисороти воқеӣ) ё ин ки даромади гирифтанашудае, ки шахс агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, метавонист фоида ба даст орад (фоидаи аздастрафта). Дар умум ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқҳои молумулкии шахс, ӯ ҳуқуқи ҷуброни зиёнро дорад, ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқҳои ғайримолумулкиаш ӯ ҳуқуқи товони зарарро дорост. Зеро қонунгузор дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари калимаи “маънавӣ” танҳо калимаи “зарар”-ро истифода бурдааст, на зиёнро. Дар фарқият аз Кодекси мадании амалкунанда, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1999 қонунгузор мафҳуми зиёни маънавиро (моддаи 171 - ҷуброни зиёни маънавӣ) истифода мебурд, вале айни замон бошад мафҳуми зарари маънавӣ мавриди истифода қарор дорад. Агар ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ ё дигар неъматҳои ғайримолумулкии шахс вайрон гарданд, пас ӯ ҳуқуқи товони зарарро дорад.

**Руйхати адабиёт:**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918. - [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.tj/ (санаи муроҷиат: 15.02.2023).
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1999 - [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj (санаи муроҷиат: 04.04.2023). – Моддаҳои 140, 170.
3. Беляцкин, С. А. Возмещение морального (неимущественного) вреда / С. А. Беляцкин. - М.: Городец, 2005. – 64 с.
4. Бабаджанов, И.Х. Граждаско-правовые проблемы права на жизнь и здоровье. Монография [Текст] / И.Х. Бобаджанов. – Душанбе: Хумо, 2004. – 176 с.
5. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.01 / Бобохонов Фаридун Аламшоевич. – Душанбе, 2022. – 202 с.
6. Власов, А. А. Проблемы судебной зашиты чести, достоинства и деловой репутации / А. А. Власов. - М.: Изд-во им. Сабашниковых, 2000. – 344 с.

7. Гражданское право Республики Таджикистан: учебное пасобие / под общ. ред. канд. юрид. наук, доцента Сулаймонова Ф.С. – Душанбе: “Эр-граф”, 2020. – 356 с.

8. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждании [Матн]: қисми 1 (китоби дарсӣ) / Қ.Ш. Қурбонов. – Душанбе: “Эр-граф”, 2014. – 488 с.

9. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Ш.К. – Душанбе: “Меҳроҷ-граф”, 2023. – 448 с.

10.Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, “Эр-граф”, 2010. – 1000 с.

11.Тагайназаров, Ш.Т. Гражданско – правовое регулирование личных неимущественых прав граждан в СССР [Текст] / Ш.Т. Тагайназаров. – Душанбе: Дониш, 1990. – 216 с.

12.Редько Е.П. Компенсация морального вреда как способ защиты гражданских прав [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Редько Евгений Павлович. – Абакан, 2009. – 207 с.

13.Клочков, А.В. Компенсация морального вреда как мера гражданско—правовой ответственности [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Клочков, Александр Владимирович. – Волгоград, 2004. – 171 с.

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР СОҲАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

**Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода**

**номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Mansoorovshj@mail.ru**

Дар идоракунии давлатӣ Паёми Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун санади муҳими мақомоти давлатӣ ба ҳисоб

рафта, дар он моҳияти идоракунӣ ва дурнамои ояндаи давлатдорӣ таҷассум ёфтааст. Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 муроҷиат намуда, иброз доштанд, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат таҷлил карда мешавад, аз ин рӯ, соли 2024-ро соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намуданд. [1].

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъулияти баланд ва иродаи худ барои таъмини озодӣ, баробарҳуқуқӣ, соҳибихтиёрии давлат ва бунёди ҷомеаи адолатпарвар идоракунии президентиро интихоб намуда, саҳми арзандаи худро дар идоракунии эъмори давлатдорӣ гузоштаанд. Ин амалҳои неки шаҳрвандон аз он шаҳодат медиҳад, ки миллати тоҷик аз рӯйи урфу одат ва анъанаҳои миллияшон амал намуда, фарҳанги инсондӯстӣ ва ватандӯстӣ дорад, ки ин маърифати маънавии миллати тоҷик мебошад.

Идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар асоси боби 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби халқ эътироф карда шудааст. Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Дар ин замина 30 декабри соли 2023, №668 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» батасвиб расидааст. [2].

Яке аз рукнҳои идоракунии давлатӣ ин ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, зеро шаҳрвандон ҷузъи ҷудонопазири ҷомеа мебошанд. Дар ин замина, Пешвои муаззами миллат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар

маъди аввал гузошта, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҷоннисориҳо намуда, гурезаҳоро ба ватан баргардонданд, миллати тоҷикро сарҷам намуданд, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурировро таҳия ва қабул намуданд, идоракунии давлатиро дар се таҷзияи ҳокимият, қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба роҳ монда, иқтисодиёти давлатиро дар сатҳи зарурӣ баланд бардоштаанд, ки дар муҳтавои Паём пешниҳоди мардуми Тоҷикистон гаштааст.

Дар Иҷлосияи даҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии забони тоҷикӣ баъди қабул гардидани Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 [3] фароҳам оварда шудааст. Қонуни мазкур дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як давраи муайян амал намудааст, ки дар танзим ва ҳифзи забони тоҷикӣ мушкилоти сиёсиву фарҳангӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ғайра ҷой дошт, бинобар ин рушди забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ ғайриимкон буд ва ба талаботи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ набуда, ба такмил ниёз дошт.

Аз ин рӯ, бо ибтикори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҳифз ва гиромидошти забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553 [4] қабул гардид, ки вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин намуда, забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, қонунгузорӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ, робитаҳои дипломатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ғайра истифода мегардад.

Тибқи моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. [5] Забони

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад, ки тибқи талаботи моддаи 3 Қонуни мазкур ҳар як шаҳрванд вазифадор аст забони давлатиро донад. Дар асоси банди 3-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 октябри соли 2010) ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва ғайра тағйиру иловаҳо вобаста ба донистани забони давлатӣ ворид карда шудааст, ки ин иқдоми наҷиб ҳангоми озмунҳо доир ба санҷиши кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқияшон мусоидат намуд. Инчунин, ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] ҳатмӣ мебошад.

Забони давлатӣ дар фаъолияти кори мақомоти давлатӣ ва ҷомеа дар муносибатҳои расмии шифоҳӣ ва хаттӣ ҳамчун воситаи асосии коргузорӣ ва муошират мавриди истифода қарор дорад. Дар асоси муқаррароти Қонуни мазкур коргузории мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад. Коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, ба забони давлатӣ сурат мегирад. Забони дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. Тартиби коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба танзим дароварда мешавад. [7]

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул гардида, интишори расмии онҳо дар воситаҳои ахбори омма ба забони давлатӣ интишор шуда, дар ҳолатҳои пешбининамудани қонунгузорӣ ба забонҳои дигар аз тарафи мақоми ваколатдор тарҷума карда мешаванд. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, содда ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд. Истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шуда, ҳамон як истилоҳ дар қонунгузорӣ як маъноро ифода намуда, мазмуни ягона дошта бошад. [8] Бинобар ин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ милликунонии забони қонунгузориро ба забони давлатӣ ба роҳ монда, дар асоси принсипҳои қонуният, адолат, ҳуқуқэҷодкунӣ, ошкорбаёнӣ, шаффофият, илмият, касбият, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаъолият менамоянд, ки ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар доираи риояи меъёри забони адабӣ мусоидат менамояд.

Дар Қонуни мазкур забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои он забони давлатӣ муқаррар шуда, дар машқҳои якҷоя бо кишварҳои хориҷӣ забони дигаре, ки муқаррар шудааст, истифода мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони таҳсил ба забони давлатӣ сурат мегирад. Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ таъмин карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони илм забони давлатӣ муқаррар шуда, дар таҳқиқоти илмӣ забонҳои дигар низ метавонанд истифода шаванд. Чорабиниҳои фарҳангӣ, фарҳангии байналмилалӣ ва байнидавлатӣ дар ҳудуди

ҷумҳурӣ ба забони давлатӣ баргузор гардида, метавонанд ба забонҳои дигар сурат гирад. Забони воситаҳои ахбори омма тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар ба роҳ монда мешавад.

Назорати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷумҳурӣ тибқи қисми 4 Низомнома Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, ва корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатӣ [9] ба роҳ мемонад. Инчунин, бо мақсади танзим намудани забони тарҷумаи номгузорӣ, навиштаҷоти эълону реклама ва тамғаҳои молӣ дар ҷумҳурӣ Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон таъсис гардида, аз соли 2024 фаъолият менамояд. [10]

Тибқи банди 21) моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ваколати мақоми давлатӣ дар соҳаи забон ва истилоҳот, [11] яъне Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, риояи қонунгузории забони давлатӣ мунатзам назорат бурда мешуд. Мутаассифона, ваколати мазкур бо мақсади дастгирии соҳибкорон ва кам намудани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бо пешниҳоди Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 марти соли 2023, №1949 аз Қонуни мазкур хориҷ карда шуд. Айни замон Кумита чунин ваколати назорати эълону реклама, номгузории ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ, нуқтаҳои савдо, марказҳои хизматрасонии маишӣ, тамғаҳои молӣ ва хизматрасониро надорад.

Инчунин, дар асоси моддаҳои 8-11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони

ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» масъалаи номгузории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. [12] Дар ин соҳа мушкилоти тарҷума, баргардон ва ҳуруфгардон намудани номгузорӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин, дар қисми 3 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавқеи забони давлатӣ номуайян буда, калимаи «баргардон» нодуруст истифода шуда, мантиқан ғалат корбурд шуда, он маънои тарҷума ва ҳуруфгардонро дар як маврид дода наметавонад. Зеро тарҷума ва ҳуруфгардон ду ҳолати гуногун мебошанд ва ин ду ҳолатро наметавон бо як калимаи «баргардонидан» ифода кард. Бинобар ин, бо мақсади танзим намудани ҳамагуна номгузорӣ қисми 3 моддаи 18 таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири нав пешбинӣ кардан зарурат дорад: «3. Номгузории ташкилотҳои хориҷӣ ва муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума мешавад.».

Эълону реклама дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба забони давлатӣ интишор гардида, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забонҳои дигар низ интишор карда мешаванд. Инчунин, номи ташкилоту муассисаҳои ватанӣ, хориҷӣ ва муштарак ба забонҳои дигар низ ба роҳ монда мешавад. Бинобар сабаби маҳдуд шудани ваколати Кумита, татбиқи меъёрҳои муқарраршударо минбаъд дар ҳамкорӣ бо мақомтои Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалӣ менамояд. Яъне корманди Кумита дар гурӯҳҳои кории мақомоти дахлдор ҳангоми даъват шудан ҳамчун мутахассиси соҳаи забони давлатӣ иштирок намуда, хулосаи худро расман вобаста ба талаботи Қонуни мазкур пешниҳод менамояд.

Меъёри талаботи қисми 2 қонунгузории соҳаи забони давлатӣ хусусияти ҳаволадиҳанда дошта, масъалаи забони давлатӣ дар қисми 4 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» муқаррар шудааст. Реклама дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва бо салоҳдиди рекламадиҳандагон, инчунин, ба дигар забонҳо, паҳн карда мешавад. Ин муқаррарот ба радиошунавонӣ, пахши телевизионӣ ва нашрияҳои чопие, ки танҳо ба забони давлатӣ, забонҳои дигар миллатҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматдошта ва забонҳои хориҷӣ сурат мегиранд, инчунин ба тамғаҳои молии (тамғаҳои хизматрасонӣ) ба қайд гирифташуда дахл надоранд. [13]

Дар Қонуни мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда, паҳнкунанда ва истифодабарандагони реклама мушаххас муайян карда шудааст, масъалаи ҳифзи забони давлатиро сарфиназар намуда, дар доираи талаботи қонунгузорӣ фаъолият наменамоянд, ки мушкилоти зиёди соҳаи забони давлатӣ бавуҷуд омадааст. Ҳамзамон, қайд менамоем, ки муносибатҳои соҳаи реклама, махсусан рекламаи номуносибе, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад, ба саломатӣ, тарзи ҳаёт, шаъну шарафи онҳо ё эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонад ва ба принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид намояд манъ мебошад.

Қобили зикр аст, ки масъалаи танзими реклама тибқи банди 5 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар ваколати мақоми давлатӣ дар соҳаи фаъолияти зиддиинҳисорӣ, яъне Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, назорат мебарад.

Инчунин, дар асоси моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» талабот оид ба пешниҳоди ариза дар бораи

бақайдгирии тамғаи молӣ ба Идораи патентӣ аз ҷониби шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст. Ариза ба забони давлатӣ ё забони русӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои ба ариза замимашаванда бо забони давлатӣ ё забони дигар пешниҳод мегарданд. Агар ин ҳуҷҷатҳо бо забони дигар пешниҳод шуда бошанд, ба ариза тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ замима карда мешавад. Тарҷумаро ба забони давлатӣ на дертар аз ду моҳи пас аз санаи ба аризадиҳанда фиристодани огоҳиномаи Идораи патентӣ оид ба зарурати иҷрои ин шарт пешниҳод намудан мумкин аст.

Тибқи моддаи 27 Қонуни мазкур истифодабарии тамғаи молӣ ва оқибатҳои истифода набурдани он муқаррар карда шуда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд дар молҳо, тамғакоғазҳо, борпечҳои молҳое, ки истеҳсол, барои фурӯш пешниҳод ва фурӯхта мешаванд, дар намоишгоҳу ярмаркаҳо намоиш дода ё ба тарзи дигар ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муомилоти маданӣ ворид карда мешаванд ба роҳ монанд.

Аз меъёри моддаи 11 Қонуни мазкур бар меояд, ки ҳуҷҷатгузории Муассисаи давлатии Патенту иттиллооти назди Вазорати рушди иқтисод ва саводи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ариза ба забони давлатӣ ва дигар забонҳо ба идораи мазкур пешниҳод мешавад. Вале дар талаботи Қонуни мазкур масъалаи танзими тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ муқаррарот оид ба забони давлатӣ ва ё ба кадом забонҳо бошад, мушаххас вуҷуд надорад. Танҳо дар моддаи 27 Қонуни мазкур дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрноки истифода набурдани тамғаи молӣ дар молҳо ва ё борпечҳои онҳо ба кор бурдани тамғаи молӣ дар реклама, нашрияҳои чопӣ, бланкҳои расмӣ, дар лавҳаҳо, ҳангоми намоиши экспонатҳо дар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашаванда ҳамчун истифодаи тамғаи молӣ эътироф шуда метавонад. [14]

Боиси тазаккур аст, ки меъёри талаботи қисми 4 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» хусусияти ҳаволадиҳанда дошта, дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» таҷасум ёфтааст, ки дар мавриди истифода бурдани тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд тамғаи молии худро ҳамчун рекламаи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ истифода баранад. Бинобар ин, дар асоси қисми 4 моддаи 5 қонунгузории соҳаи реклама масъалаи дахл надоштани танзими бақайдгирии тамғаҳои молӣ истисно карда шудааст, ки дар натиҷа мухолифатҳо бавуҷуд омада, масъалаи танзими тамғаҳои молӣ ба забони давлатӣ ҷой надорад, то ҳол нофаҳмиҳо ва риоя нагардидани талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатӣ дар ин соҳаҳо ҷой дорад.

Инчунин, танзим намудани номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва бахши хусусӣ, аз ҷумла, соҳибкорони инфиродӣ ба шумор меравад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» амалӣ карда мешавад. Вале дар Қонуни мазкур муқаррароте вуҷуд надорад, ки масъалаҳои забони давлатиро ба пуррагӣ танзим намояд. Бинобар ин, ҷиҳати танзим намудани масъалаҳои забони давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи $18^1$ бо мақсади танзим намудани номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ пешниҳод мешавад.

Таҳлил ва омӯзиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соҳаҳои танзими номгузорӣ, эълону реклама ва тамғаҳои молӣ мушкилоти гуногуни забони давлатӣ ҷой дошта, тибқи қонунгузории дар алоҳидагӣ, танзим карда мешаванд. Онҳо дар идоракунии

давлатӣ нақши худро дошта, муҳим арзёбӣ мегарданд. Чунки номгузорӣ, эълону реклама ва тамғаҳои молӣ тибқи қонунгузорӣ ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, танзим карда мешаванд. Мисол, Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи танзими фаъолияти реклама, ки 19 декбри соли 2003 дар шаҳри Москва ба имзо расидааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004 тасдиқ гардидааст ва Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ аз 20 марти соли 1883 бо тағйиру иловаҳо.

Номгузорӣ метавонад ҳамчун тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ бошад дар як навбат метавонад ҳамчун реклама ва ё номгузорӣ карда шуда, ҳамчун нишонаҳое, ки барои фардикунонии молҳо, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасониҳои шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, мавриди истифода қарор дода шавад.

Реклама бошад дар як навбат метавонад ҳамчун иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд.

Мутаассифона, баъзе мутахассисони мақомоти дахлдор, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатӣ ва дигар қонунгузориро намедонанд ва риоя намекунанд, ки дар натиҷа забони давлатиро ҳамнгоми номгузорӣ ва ё рекламаи ширкатҳо, мағозаҳо, нуқтаҳои савдо, марказҳои хизматрасонӣ, тамғаҳои молӣ сарфи назар намуда, ба забонҳои хориҷӣ таҳия ва истифода мебаранд, ки амалҳои онҳо хилофи қонун мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои танзими номгузорӣ, рекламавӣ ва тамғаи молӣ дар қонунгузории соҳаи забони давлатӣ ва дигар соҳаҳо ҳамаҷониба ба роҳ

мондашуда, ҷиҳати ислоҳи мушкилоти ҷойдошта чунин пешниҳод менамоем:

1.Назорати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», махсусан, номгузорӣ, реклама ва тамғаҳои молӣ аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии Патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумиҳурӣ ба роҳ монда шавад.

2.Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро оид ба танзим намудани масъалаҳои истифода бурдани реклама ба забони давлатӣ ва бо дигар забонҳо бо ҳарфҳои баробар, инчунин, номгузорӣ ва тамғаҳои молии ташкилоту муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ аввал бо забони давлатӣ ва бо забонҳои дигар бо ҳарфҳои баробар ҳуруфгардон ва ё тарҷумаро таҳия намуда, ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод намояд.

3.Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ҳангоми зарурат номгузории ширкатҳо, соҳибкорони инфиродӣ, тамғаҳои молӣ ва хизматрасониро бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ мувофиқа намояд.

4.Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии Патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Муассисаи давлатии Рекламаи берунии ороишии шаҳри Душанбе мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумиҳурӣ талаботи Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи реклама»-ро назорат ва таъмин намоянд.

5.Масъалаи танзими маводи реклама тибқи банди 5 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ҷиҳати амалӣ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» дар ваколати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳамасола дар нақшаи Шурои ҳамоҳангсози фаъолияти субъектҳои хоҷагидори назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон реклама, номгузорӣ ва ё тамғаҳои молӣ ва хизматрасоние, ки ҳамчун реклама истифода бурда мешаванд ворид кардашуда, мавриди санҷиш қарор дода шаванд.

6. Муассисаи давлатии Рекламаи берунии ороишии шаҳри Душанбе ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ барои насб намудани реклама номгузорӣ ва ё тамғаҳои молӣ ва хизматрасоние, ки ҳамчун реклама истифода бурда мешаванд, иҷозатнома медиҳад. Аз ин рӯ, ҷиҳати риояи талаботи моддаҳои 13 ва 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз субъектони мазкур назорат ва талаб намояд.

Ҳамзамон, дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҳуқуқ ва уҳдадориҳои рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда, паҳнкунанда ва истифодабарандагони реклама мушаххас муайян карда шудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади танзим намудани реклама, номгузорӣ ва ё тамғаҳои молӣ ва хизматрасоние, ки ҳамчун реклама истифода бурда мешаванд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумиҳурӣ

ва Муассисаи давлатии Рекламаи берунии ороишии шаҳри Душанбе лоиҳаи қарор оид ба уҳдадор ва вазифадор намудани субъектони рекламадиҳанда, ширкатҳои реклама истеҳсолкунанда, паҳнкунанда ва реклама истифодабаранда таҳия намуда, масъалаи мазкурро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд.

7.Боиси тазаккур аст, ки меъёри талаботи қисми 4 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» хусусияти ҳаволадиҳанда дошта, дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» таҷасум ёфтааст, ки дар мавриди истифода бурдани тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд тамғаи молии худро ҳамчун рекламаи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ истифода баранад. Бинобар ин, дар асоси қисми 4 моддаи 5 қонунгузории соҳаи реклама масъалаи дахл надоштани танзими бақайдгирии тамғаҳои молии (тамғаҳои хизматрасонӣ) истисно карда шудааст, ки дар натиҷа мухолифатҳо бавуҷуд омада, масъалаи танзими тамғаҳои молӣ ба забони давлатӣ вуҷуд надорад, то ҳол нофаҳмиҳо ва риоя нагардидани талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатӣ дар ин соҳаҳо ҷой дорад.

Дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» муқаррар шудааст, ки ҳуҷҷатгузории Муассисаи давлатии Патенту иттиллооти назди Вазорати рушди иқтисод ва саводи ҶТ ба забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ариза ба забони давлатӣ ва дигар забонҳо ба идораи мазкур пешниҳод карда мешавад. Вале, дар талаботи Қонуни мазкур масъалаи танзими тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ муқаррарот оид ба забони давлатӣ ва ё ба кадом забонҳо бошад, мушаххас вуҷуд надорад. Танҳо дар моддаи 27 Қонуни мазкур дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрноки истифода набурдани тамғаи

молӣ дар молҳо ва ё борпечҳои онҳо ба кор бурдани тамғаи молӣ дар реклама, эътироф шудааст.

Аз ин рӯ, Муассисаи давлатии Патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ вазифадор карда шавад, ки дар асоси таҳлилҳои анҷомдодашуда ва омӯзиши қонунгузорӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»-ро бо дарназардошти ҳифзи сиёсати забони давлатӣ таҳия намояд.

8. Бо мақсади танзим намудани соҳаи номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва бахши хусусӣ, аз ҷумла, соҳибкорони инфиродӣ ба шумор меравад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» амалӣ карда мешавад. Вале дар Қонуни мазкур муқаррароте вуҷуд надорад, ки масъалаҳои забони давлатиро ба пуррагӣ танзим намояд. Бинобар ин, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ вазифадор аст, ки ҷиҳати танзим намудани масъалаҳои забони давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи $18^1$ бо мақсади танзим намудани номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ пешниҳод намояд.

1. Номгузорӣ ва навиштаҷоти ҳама гуна молу маҳсулоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ба забони давлатӣ навишта мешаванд ва дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума шаванд.

2. Дастурамалҳо, навиштаҷотҳо ва дигар маводи иттилоотии ҳар як молу маҳсулоти воридотӣ бо забони давлатӣ тарҷума карда мешаванд.

3. Навиштаҷоти тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ ба забони давлатӣ ва ба дигар забонҳо тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.». Меъёри пешбинигардида саривақтӣ мебошад, чунки субъекти воридкунандаи молу маҳсулот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда намешавад. Номгузорӣ, реклама ва тамғаи молии ҳама гуна молу маҳсулоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ба забони давлатӣ навишта шуда, метавонад ба дигар забонҳо ҳуруфгардон ва тарҷума шавад.

Қайд менамоем, ки баъзе мутахассисони мақомоти дахлдор, шаҳрвандон ва соҳибкорони инфиродӣ талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатиро дар сатҳи зарурӣ намедонанд, ки дар натиҷа забони давлатиро ҳамнгоми номгузорӣ ва ё рекламаи ширкатҳо, мағозаҳо, нуқтаҳои савдо, марказҳои хизматрасонӣ, тамғаҳои молӣ сарфи назар намуда, маводи худро ба забонҳои хориҷӣ таҳия ва истифода мебаранд, ки амалҳои онҳо мувофиқи мақсад намебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони иттилоот ва коммуникатсия ба забони давлатӣ сурат гирифта, барои истифодаи забони давлатӣ дар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шароит фароҳам оварда мешавад, инчунин, барои ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мусоидат мекунад.

Ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, дар мукотиба бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин бо шаҳрвандон забони давлатиро истифода менамоянд. Мукотиба бо ташкилотҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ ва забоне, ки муқаррар шудааст, сурат мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузории мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва лавҳаю овезаҳои онҳо ба забони давлатӣ ба роҳ мондашуда [15], номи ташкилотҳои хориҷӣ ва муштарак

ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума карда мешаванд.

Номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин, қисмҳои таркибии онҳо ва объектҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳот, деҳа, маҳаллаҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, хиёбонҳо, боғҳо, пулҳо ва дигар қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин, инчунин кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо, қуллаҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, пиряххо, биёбонҳо ва дигар объектҳо тибқи қонунгузорӣ ба забони давлатӣ сурат гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарорсозӣ ва ҳифзи номҳои таърихиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин менамояд. [16]

Матни муҳру тамғаҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳудидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин, эълону реклама, тамғаи молӣ ва хизматрасонӣ, борпечҳо, барчаспҳо, марказҳои хизматрасонӣ, нуқтаҳои савдо, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ навишта шуда, дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва нашри коғазҳои қимматнок, аз ҷумла саҳмияҳо, вомбаргҳо, векселҳо ва ғайра ба забони давлатӣ сурат мегирад.

Бо мақсади танзим ва ҳамоҳангсозии сиёсати забони давлатӣ Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 қабул гардидааст, ки амалисозии рушди сиёсати забони давлатӣ бо маром идома дошта, аз ҷониби мақоми ваколатдор назорат карда мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки амиқи моҳияти сиёсиву фарҳангии забони давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳимро қабул намуд, ки бо шарофати онҳо дар кишвар барои эҳё, ҳифз ва рушди босуботи забони давлатӣ ва забонҳои дигар фазои мусоиди

меъёрии ҳуқуқӣ руйи кор омад. Тадбирҳои ҳадафманд ва пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи гиромидошту арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони давлатӣ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи сокинони ҷумҳурӣ эътимоди мардумро ба ояндаи неки Тоҷикистон мустаҳкам намуд. [17]

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба хотири ҳимояи асолати миллӣ ва арҷ гузоштан ба забони модарӣ аз ҷониби Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми октябри соли 2010 Забони давлатӣ дар радифи Модар ва Ватан ҳамчун муқаддасоти олӣ эълон гардидааст. [18] Пешвои миллат бо лаҳни шевои меъёри забони адабии тоҷикӣ дар чорабинии байналмилалии Созмони Милали Мутаҳид баромад намуда, миллати тоҷикро дар ҷаҳони муосир бо забони давалатӣ муаррифӣ намуданд, ки ин арҷ гузоштан ба муқаддасоти олӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти Конститутсия ва Қонуни мазкур рушд ва ҳифзи забони давлатӣ таъмин гардида, забони тоҷикӣ тибқи қонунгузорӣ ҳамчун мақоми забони давлатӣ гирифта, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандоне, ки забони модариашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар мебошад, маҳдуд намегардад.

Забон омили муҳими якдигарфаҳмии одамон ва пайванддиҳандаи риштаҳои дӯстӣ ва бародарии халқҳост. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони русӣ ҳамчун забони муошрати байни миллатҳо амал менамояд. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истисной ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, дар муошират ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд. Дар машқҳои якҷоя бо кишварҳои хориҷӣ бештар забони русӣ ҳамчун забони муошрати байни давлатҳо, истифода мешавад. Омӯзиши забони русӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз

муассисҳои олии таълмӣ тибқи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад.

Тибқи тартиби муқаррааргардида санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия гардида, тарҷумаи онҳо ба забони русӣ сурат гирифта, дар ҳолатҳои зарурӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд. Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне махзани электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои таъсири имконпазир дар шакли электронӣ бо забони давлатӣ ва забони русӣ пеш бурда мешавад (моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).

Дар идоракунии давлатӣ забони мукотиба муҳим буда, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ, ҳангоми муоширaт ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ забони давлатӣ ва забони русиро истифода мебаранд. Ҳуҷҷатҳои расмӣ ба забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, ҳангоми зарурат ба забони русӣ ва ё дигар забонҳо тарҷума гардида, ба воситаи идораҳои нотариалӣ тасдиқ карда мешавад. Дар Тоҷикистон созмонҳои байналмилалӣ фаъолият менамоянд, ки забони муоширати онҳо бештар забони русӣ мебошад. Шаҳрвандоне, ки забони давлатӣ ва ё русиро намедонанд, метавонанд барои шинос шудан бо ҳуҷҷатҳо ва баргузори мурофиаҳо аз тарҷумон истифода баранд [19].

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, ҳамгироии кишвари мо бо мамлакатҳои хориҷӣ равнақ меёбад, мо бояд барои омӯзиши забонҳои иртиботи байналмилалӣ, пеш аз ҳама русӣ азму кӯшиш намоем. Гуфтушунидҳо ва мукотибот бо намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ ва забонҳои расмии онҳо сурат

мегиранд. Ҳангоми зарурат, дар гуфтушунидҳо ва мукотибот истифодаи забонҳои дигар маҳдуд карда намешавад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ менамоянд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон истифода намоянд. Дар Қонуни мазкур баробарҳуқуқии забонҳои миллатҳо ва халқиятҳо эътироф карда шудааст, ки онҳо барои истифодаи забони модариашон ҳуқуқ дошта, дар интихоби озоди забони таҳсил тибқи қонунгузорӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони таҳсил ба забони давлатӣ сурат мегирад. Муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ метавонанд ба забонҳои дигар низ фаъолият намоянд. Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллӣ таъмин карда мешавад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, омӯзиши забони давлатӣ ҳатмӣ мебошад. Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад (м.41 Конститутсия).

Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифадоранд барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандоне, ки ақаллияти миллӣ мебошанд, шароит фароҳам оранд. Чорабиниҳои фарҳангии миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ менамоянд, метавонад ба забони давлатӣ ва забонҳои дигар баргузор карда шаванд. Дар робита ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ба муносибати Рӯзи забон 5 октябри соли 2010 чунин тазаккур доданд: «Дар кишвари мо бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ барои истифодаи озоди забонҳои дигар, аз ҷумла забонҳои модарии ҳамаи миллатҳо

ва халқиятҳои сокини кишвар шароит ва заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки бо мо дар як сарзамин зиндагии муштарак доранд, тибқи қонунгузорӣ дар интихоби забони таҳсил озод мебошанд. Мо ба ҳама забонҳо ва фарҳангҳо арҷ мегузорем».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши хати арабиасос ва табъу нашри адабиёт ба ин хат шароит фароҳам оварда шуда, ҳифзи асолати он тибқи қонунгузорӣ таъмин карда мешавад.

Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ омили муҳимми иттиҳод ва ҳамбастагии миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Имрӯз забони тоҷикӣ дар робита бо кишварҳои ҳамзабони минтақа ва тақвияти рушди пайвандҳои муштараки фарҳангӣ бо ҷомеаи тоҷикзабонони ҷаҳон нақши бузург дорад. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ дар таҳким ва густариши робитаҳои фарҳангӣ бо тоҷикони бурунмарзӣ нақши муҳим дорад.

Пешвои миллат сиёсати давлатиро дар бораи забонҳои ақаллиятҳои миллии сокини ҷумҳурӣ бо риояи меъёрҳои Конститутсия пайваста пайгирӣ намуда, иҷрои ин ҳадафро аз вазифаҳои муҳими муносибати байни миллатҳо ва халқиятҳо дар кишвари азизамон медонанд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ барномаҳои радио ва телевизион фаъол буда, ба бештари ин забонҳо рӯзномаву маҷаллаҳо нашр мешаванд. Дар ҷумҳурӣ дигар халқиятҳо зиндагӣ менамоянд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, забони онҳо шева, яъне лаҳҷа мебошанд. Барои эҳёи забони илм ва ҳуқуқэҷодкунӣ таҳлил ва омӯзиши лаҳҷаҳои забони миллатҳо ва халқиятҳои дигар мувофиқи мақсад мебошад.

Дар асоси Нақшаи амалисозии Барномаи мазкур ҳифзи муқаддасоти олӣ дар идоракунии давлатӣ таъмин карда мешавад. Қайд менамоем, ки вақте, ки мо калимаи Ватанро ба забон меорем, модари азизамон пеши назар меояд, чунки

Модар моро ба дунёи ҳастӣ оварда, забони модарӣ, худшиносию худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, зирракию сиёсӣ ва ҳифзи сохти маъмурию ҳудудии Ватанро ба мо омӯзонда, тарбия намудааст.

Модар барои ҳар инсон азизтарин кас аст ва бесабаб нест, ки муқаддастарин мафҳум, яъне Ватанро бо мафҳуми Модар ҳаммаъно донистаанд. Ин ду мафҳум барои ҳар як инсони соҳибватан арзишу манзалати хоса дорад. Таълиму тарбияи Модари тоҷик аст, ки ба дунё фарзандони фарзонаи бонангу номус, чеҳраҳои мондагор, қаҳрамонон, ҳуқуқшиносони асил, олимон, шоирон ва мардони далеру шӯҷо овардааст, ки ҷавонон метавонанд пайравони онҳо шаванд.

Аз рӯи табиати ҳуқуқии розигиро ҷудо мекунанд:

– **розигӣ, ки санади маъмурӣ мебошад.** Фактҳои ҳуқуқии ин намуд аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми амали намудани салоҳиятҳо ба амал бароварда мешаванд. Субъектҳои дигари ҳуқуқҳои маданӣ дар ҳеҷ ҳолат наметавонад баёноти иҷозатдихии иродаро, ки ба ин намуди розигӣ марбутанд, пешниҳод кунанд. Намунаи чунин розигӣ - санади маъмурӣ ифодаи иҷозатдиҳии ирода мебошад, ки мувофиқи м. 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ бояд аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ анҷом дода шавад, то нишонҳо ва парчамҳои давлатӣ ба тамғаи молӣ ҳамчун унсурҳои муҳофизатнашаванда дохил карда шаванд[332].

– **розигӣ, ки санади ҳуқуқии маданӣ мебошад**. Аксарияти ифодаи ирода маҳз санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Одатан розигӣ ба фаъолияти мақомоти хокимияти давлати алокаманд нест ва онро хар як субъекти ҳуқуқи маданӣ, ки асоси дахлдори ҳуқуқи дорад, анҷом дода метавонад.

Қоидаҳои ҳуқуқи маданӣ барои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эътироф намудани амал ҳамчун розигӣ усули иҷозатдихии баёни ирода, мазмуни ихтиёрии он, инчунин мақсади иктисодиро баҳо медиҳанд. Бо ин сабабҳо, дар аксари ҳолатҳо, розигӣ метавонад ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф карда шавад. Яке аз мисолҳои зиёди чунин розигӣ дар банди 2 моддаи 838 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки тибқи он паймонкор уҳдадор аст талаботи дар супориш ва иттилои заминавии барои лоиҳакашӣ ва корҳои иҷрошудаи ҷустуҷӯйӣ мавҷударо риоя

[332] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ 5 марти соли 2007 №234.

намуда, танҳо бо розигии фармоишгар талаботи онро сарфи назар кунад.

Барои бандубасти ҳуқуқии амал ҳамчун розигӣ усул, мазмун ва мақсади иктисодии чунин розигӣ баҳо дода мешавад. Бо ин сабабҳо, дар аксари ҳолатҳо, розигӣ метавонад ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф карда шавад. Мисоли чунин розигӣ б. 2 м. 838 КМ ҶТ мебошад.

Ҳамин тариқ, намудҳои розигӣ, ки дар қонунгузории мадании пешбинӣ шудаанд, хеле гуногунанд. Онҳоро вобаста ба асосҳои ҳуқуқии розигӣ, манфиатҳои бо он ҳифзшаванда, аз рӯи намуди муносибатҳои ҳуқуқии, табиати ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст. Илова бар ин, меъёрҳои таснифи розигӣ шаклҳои ифодаи он, муносибати муваққатӣ бо амали ҳуқуқии тасдиқшуда, намудҳои таркиби ҳуқуқӣ, ки розигиро дар бар мегиранд, инчунин хусусияти ҳуқуқии амале, ки розигиро талаб мекунад, мебошанд. Тавассути тасниф намудани як навъи мушаххаси розигӣ аз рӯи ҳама асосҳои пешниҳодшуда, мумкин аст, ки хусусиятҳои ҳуқуқии пурра ва ҳамаҷонибаи он муайян карда шавад.

## УКРЕПЛЕНИЕ СВЕТСКОСТИ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

**Абдуразоков Каюмарс Барзуевич**
**Научный сотрудник Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова НАНТ**

Вопрос укрепления светского характера государственности является одной из ключевых тем в политико-правовой мысли современной Республики Таджикистан. За годы независимости страна прошла через сложные политические, социальные и религиозные трансформации, что поставило перед правительством задачу

укрепления светского государства, способного гарантировать права и свободы граждан, а также сохранять устойчивость в условиях многоконфессиональности и многокультурности.

Светскость, как один из фундаментальных принципов государственной системы Таджикистана, предполагает отделение религии от государства, что закреплено в Конституции. Однако процесс укрепления светского государства в условиях независимости сопровождается рядом вызовов, связанных с возрастающим влиянием религиозных идеологий, социальными изменениями и глобальными тенденциями.

Актуальность темы исследования обусловлена необходимостью сохранения стабильности и национальной идентичности Таджикистана на фоне роста религиозного влияния и глобальных изменений, что делает вопрос укрепления светскости неотъемлемой частью государственной политики.

Особое внимание уделяется ключевым событиям, таким как Реформация в Европе, эпоха Просвещения и Французская революция, которые сыграли важную роль в формировании светских идеалов и государственности. Здесь также рассматриваются концепции таких мыслителей, как Дж. Локк, Т. Гоббс, Ж.Ж. Руссо, которые развивали идею о необходимости отделения церкви от государства для обеспечения свободы личности и демократических основ[333].

Советский период светскость была официальной идеологией государства, что проявлялось в строгом контроле над религиозной деятельностью, ограничении влияния религии на общественную и политическую жизнь[334].

---

[333] Фролова Е.А. История политических и правовых учений. – М., 2018. С. 142 – 180

[334] Косарев А.И. Идеология жизни в судьбах народов. Юриспруденция – М., 2011. – С. 5.

После приобретения независимости, развитие светскости в таджикской государственности нашло отражение в основных правовых актах страны, в первую очередь в Конституции Республики Таджикистан. Конституция Таджикистана 1994 года, наряду с последующими поправками, закрепляет принцип светскости, обеспечивая равные права и свободы всем гражданам независимо от их религиозных убеждений. В этом контексте важно рассмотреть не только сами правовые нормы, но и политический контекст, в котором они создавались, а также влияние религиозных и общественных организаций на процесс формирования конституционных норм.

Особое внимание уделяется таким вопросам, как:

– Право на свободу совести и религиозные убеждения.

– Ограничения на деятельность религиозных объединений в политической сфере.

– Регулирование религиозного образования и его роль в свете светскости.

Светскость таджикской государственности имеет глубокие историко-правовые корни, развивавшиеся как под влиянием мировой правовой мысли, так и в рамках специфических условий становления таджикской государственности. Закрепление светскости в Конституции Республики Таджикистан стало важным шагом в обеспечении устойчивого и сбалансированного развития государства в условиях многоконфессионального общества.

Конституция Республики Таджикистан, принятая в 1994 году, закрепила принцип светскости как основу государственного устройства, что стало важным шагом в процессе укрепления светской государственности в условиях постсоветского общества. Одной из главных статей, устанавливающих светский характер государства, является статья 1 Конституции, которая прямо указывает, что Республика Таджикистан является демократическим,

правовым и светским государством. Также особое внимание уделяется статье 8, где закреплено, что никакая религия не может претендовать на статус государственной или обязательной. Кроме того, конституционные положения о свободе совести и вероисповедания (статья 26), а также ограничения на деятельность религиозных объединений в политической сфере (статья 28). Важным аспектом является рассмотрение поправок к Конституции, которые вносились в последующие годы, и их влияние на укрепление светскости в контексте политической и социальной трансформации общества, а также закрепляющее положение светскости в Таджикистане (статья 100)[335].

Власти Таджикистана приняли ряд законодательных мер, направленных на ограничение влияния религии на политическую и общественную жизнь. Важным шагом стало принятие в 2009 году Закона «О свободе совести и религиозных объединениях», который усилил контроль над деятельностью религиозных организаций.

Государство приняло меры по предотвращению распространения религиозного экстремизма, включая контроль над религиозными учебными заведениями, введение ограничений на религиозное образование и мониторинг религиозных проповедей[336].

Важную роль в укреплении светского государства в Таджикистане сыграло законодательное регулирование религиозной деятельности, направленное на предотвращение

---

[335] Конституция Республики Таджикистан: принята 6 ноября 1994 г (с изменениями от 1999, 2003, 2016 гг.). // Официальный сайт Президента Республики Таджикистан. [Электронный ресурс] – режим доступа: https://president.tj/ru/taxonomy/term/5/112 (Дата обращения: 31.08.2024).

[336] Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Текст Закона «О свободе совести и религиозных объединениях». // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://ncz.tj/system/files/Legislation/489_ru.pdf (Дата обращения 21.08.24)

её влияния на государственные и общественные институты. Этот закон регулирует правовой статус религиозных организаций, их деятельность, а также вводит ряд ограничений на участие религиозных объединений в политической жизни. Согласно закону, религиозные организации не могут заниматься политической деятельностью, что направлено на поддержание светского характера государства.

Этот законодательный акт играет важную роль в предотвращении религиозного экстремизма и укреплении светских принципов. В нём прописаны меры по предотвращению радикальных религиозных движений и их влияния на общество.

В 2011 году был принят закон «Об ответственности родителей за воспитание детей», согласно которому запрещается отправлять несовершеннолетних на религиозное обучение за границу без разрешения государственных органов. Этот шаг направлен на контроль над религиозным образованием и предотвращение распространения радикальных идей среди молодёжи[337].

В ходе данного исследования была проанализирована тема укрепления светскости таджикской государственности в период независимости. Этот процесс представляет собой сложный и многогранный процесс, который включает в себя политико-правовые аспекты, вызовы и проблемы, а также перспективы развития светскости в условиях современных глобальных изменений.

---

[337] Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей». Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2011/ (Дата обращения: 28.08.2024).

Конституция Республики Таджикистан и принятые законодательные меры играют ключевую роль в формировании светского характера государства. Основные положения Конституции, такие как отделение религии от государства и обеспечение свободы совести, создают правовую основу для реализации светскости.

Политические реформы высшего руководства Таджикистана были направлены на предотвращение религиозного радикализма и укрепление светскости, что подтверждается принятием законов, ограничивающих влияние религии на политику и общественную жизнь.

Рост религиозных настроений, многоконфессиональность общества и угрозы религиозного экстремизма требуют от государства комплексного подхода и разработки эффективных стратегий. Противодействие экстремизму становится важной частью государственной политики, направленной на защиту светского характера государства.

Таким образом, укрепление светскости в Таджикистане представляет собой важную задачу, требующую комплексного подхода и активного участия как государственных структур, так и гражданского общества. Реализация предложенных рекомендаций может способствовать созданию устойчивой и стабильной светской государственности, обеспечивающей гармоничное сосуществование различных религиозных и культурных групп в условиях современного общества.

**Список литературы:**

1. Фролова Е.А. История политических и правовых учений. – М., 2018. С. 142 – 180
2. Косарев А.И. Идеология жизни в судьбах народов. Юриспруденция – М., 2011. – С. 5.
3. Конституция Республики Таджикистан: принята 6 ноября 1994 г (с изменениями от 1999, 2003, 2016 гг.). // Официальный

сайт Президента Республики Таджикистан. [Электронный ресурс] – режим доступа: https://president.tj/ru/taxonomy/term/5/112 (Дата обращения: 31.08.2024)

4. Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Текст Закона «О свободе совести и религиозных объединениях». // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://ncz.tj/system/files/Legislation/489_ru.pdf (Дата обращения 21.08.24)

5. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей». Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2011/ (Дата обращения: 28.08.2024).

# САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҲУҚУҚ

**Имомов Муҳммадалӣ Муслиҳиддинович**

**унвонҷӯи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Дар адабиёти ҳуқуқӣ сарчашмаи ҳуқуқро бо таснифотҳои гуногун шарҳ дода гурӯҳбандӣ менамоянд. Сарчашмаи ҳуқуқ ин усулест, ки бо ёрии он меъёрҳои ҳуқуқ мукаммал карда мешаванд. Аз инҷост, ки яке аз аввалин сарчашмаҳои ҳуқуқро одатҳои ҳуқуқӣ ташкил дода, сарчашмаи ҳуқуқ аз лиҳози моддиву идеологӣ, расмӣ, таърихӣ ва сиёсӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Бо дарназардошти таснифоти расмии сарчашмаи ҳуқуқ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ва ғайраҳо фаҳмида мешаванд. Ба андешаи Пастушенко Е.Н. гарчанде бонкҳои марказӣ ба ягон шохаи ҳокимият шомил набошанд ҳам, вале онҳо дорои

ҳуқуқи махсуси оммавӣ буда, ҳамчун субъекти асосии идоракунӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои молиявӣ дар соҳаи бонкӣ буда, ҳуқуқи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро барои иҷрои вазифаҳои худ доранд.

Бонки миллии Тоҷикистон низ, ҳамчун мақоми танзиму назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавии кишвар барои фаъолияти худ ва ташкилотҳои қарзии молиявию суғуртавӣ санадҳои ҳуқуқии дахлдорро муқаррар ва қабул менамояд. Тибқи таснифоти сарчашмаи ҳуқуқ, ки як намуди он санадҳои меъёрии зерқонунӣ мебошанд, санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон низ дар ҳамин замина ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ баромад намуда, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзиму назорат ва батанзимдарории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» санадҳои ҳуқуқии худро қабул мекунад. Санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ таҳия ва қабул мегарданд. Масалан тибқи талаботи қисми 4 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ барои ҳамаи ташкилотҳои қарзии молияви тартиби ҳатмии ҳисобдорӣ, таҳия, пешниҳоди ҳисоботи молиявию маълумоти оморӣ муқаррар менамояд, ки ин меъёрҳо ҳар яке дар алоҳидагӣ як санади меъёрӣ ё ҳуқуқии томро ифода менамоянд. Масалан бо мақсади муқаррар намудани тартиби таҳия, муҳлати пешниҳоди ҳисобот, пур намудани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ва сохтори ҷадвалҳои он барои ташкилотҳои қарзӣ бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, таҳти №148 Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ тасдиқ гардида, он дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2023, таҳти №1210 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ки он

хусусияти умумиҳатмӣ дошта, иҷрои талаботи тибқи он муқарраршуда аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мебошад ва барои риоя нагардидани он аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон нисбати ташкилоти қарзии молиявӣ чораҳоии фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ андешида мешавад.

Аммо, як нуқтаи дигарро дарҷ кардан зарур аст, ки санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон санадҳои қонунгузориро иваз карда наметавонанд ва бояд мутобиқ ба онҳо таҳия карда шаванд, зеро барои танзиму идораи низоми бонкӣ ва суғурта қонун ва санадҳои қонунгузорӣ маҳаки асосӣ ба ҳисоб мераванд. Зеро аз санадҳои ҳуқуқии қабулнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон на танҳо тақдири низоми пулию қарзӣ, суғуртавӣ ва ё бонкии кишвар вобастагӣ дорад, балки бахши молиявии кишвар низ вобастагии калон дорад. Аммо салоҳияте, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ҳуқуқэҷодкунанда дорад ин бисертар ба самтҳои сиёсати пулию қарзӣ рабти калон дорад, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оид ба самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботро оид ба иҷрои он пешниҳод мекунад.

Бо дарназардошти талаботи моддаи 24 (санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асос ва

барои иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда, Бонки миллии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор қабул мекунад. Инчунин дар асоси қисми 3 ҳамин моддаи қонуни номбурда барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ Бонки миллии Тоҷикистон қарорҳои хусусияти меъёрӣ надошта қабул мекунанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қарорҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон қабул мегардад, зеро Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мақоми олии коллегиалӣ буда, самтҳои асосии фаъолият, роҳбарӣ ва идоракунии Бонки миллии Тоҷикистонро муайян ва амалӣ шудани онҳоро назорат карда, дар доираи ваколатҳои худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистонро барои истифодаи умум қабул ва тасдиқ менамояд.

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистонро дар намуди Дастурамал (мис. Дастурамали №256 оид ба тартиб, мӯҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд), Қоида (мис. Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз), Тартиб (мис. Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ), Низомнома (мис. Низомнома "Оид ба ташкили реҷаи махсуси танзим"), Стратегия (мис. Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба такмили механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ барои солҳои 2022-2025), Талабот (мис. Талаботи махсус ҳангоми кушодани суратҳисоби амонати мӯҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ барои

шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба онҳо маблағҳои қонунигардонидашаванда ворид карда мешаванд), Тавсиф (мис. Тавсифи ҳисобҳои тавозунии Бонки миллии Тоҷикистон), Феҳраст (мис. Феҳрасти ҳисоботҳои оморӣ ва дигар ҳисоботҳое, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ, субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд), Тавсия (мис. Тавсияҳо оид ба тартиби додани қарзи ипотекии манзил дар ташкилотҳои қарзӣ), Роҳнамо (мис. Роҳнамо оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои назоратии "Харидори махфӣ" дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ), Консепсия (Принсипҳо) (мис. Консепсияи назорати низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), Номгӯ (мис. Номгӯи хизматрасониҳои молиявӣ)), Сиёсат (мис. Сиёсати баҳисобгирии Бонки миллии Тоҷикистон), Дастур (мис. Дастури танзими низоми бонкӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон), Кодекс (мис. Кодекси одоби корманди Бонки миллии Тоҷикистон), Методология (мис. Методологияи татбиқи модели «Се хатти ҳифозат» дар Бонки миллии Тоҷикистон), Нақша (мис. Нақшаи стратегии ислоҳоти низоми бонкию суғурта барои солҳои 2019-2023), фармон (мис. фармони Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои воҳидҳои сохтории мустақили Бонки миллии Тоҷикистон») ва фармоишҳои (мис. фармоиши Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи комиссияи ҷамъиятии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ва Низомномаи он») раиси Бонки миллии Тоҷикистон қабул менамоянд. Санадҳои ҳуқуқии номбаршуда дар шакли хусусияти умумиҳатмидошта ва тавсиявидошта таҳия мегарданд. Санадҳои хусусияти умумиҳатмидоштаро ба ибораи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои хусусияти тавсиявидоштаро санадҳои дохилии Бонки миллии Тоҷикистон низ мегуянд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки милии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои хоси тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба санади меъёрии ҳуқуқӣ додашуда аз ҷумла ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад, мебошад. Умумиҳатмӣ будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин иҷрои ҳатмии санади меъёрии ҳуқуқии бо тартиби муқарраршуда қабулгардида ва мавриди амал қарордодашуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва ғайраро дар назар дорад. Дар ҳаминҷо умумиҳатмӣ ва сарчашмаи ҳуқуқ будани санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон якдигарро пурра менамоянд. Мисол, Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори Раёсати худ аз 30 декабри соли 2022, №157 Дастурамали №255 дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзиро тасдиқ намуда, онро санаи 9 феврали соли 2023, №1213 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифтааст, ки ин санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, барои ташкилотҳои қарзии молиявие, ки тибқи иҷозатномаи ба онҳо додаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқи додани қарзро доранд ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ баромад мекунад. Яъне чӣ тавр? Тибқи муқаддимаи Дастурамали номбурда он тибқи талаботи қисми 3 моддаи 3 ва қисми 5 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» таҳия шуда, тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоизи қарзро дар ташкилотҳои қарзӣ муайян мекунад ва мутобиқи банди 5 Дастурамали мазкур санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзӣ, ки сиёсати қарзии онҳоро танзим менамоянд, бо дар назар доштани талаботи Дастурамали мазкур аз ҷониби шурои нозирон (шурои парасторон) тасдиқ

карда мешаванд. Яъне талаботи Дастурамали хусусияти умумиҳатмидоштаи Бонки миллии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзии молиявиро водор менамояд, ки дар асоси он санади дохилии худро дошта бошанд ва ин дарак аз сарчашмаи ҳуқуқ будани санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистонро медиҳад. Ва ё бо ибораи дигар Дастурамали №255 дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ (банди 6) талаб менамояд, ки санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзӣ бояд ҳамаи муқаррароти асосиро вобаста ба додани қарзҳо – намуд ва асъори қарз, меъёри фоизӣ, ҳаҷм ва мақсади қарз, тақсими масъулият ва салоҳияти кормандони ташкилоти қарзӣ дар самти қарздиҳӣ, сиёсати таснифу таҳлили сандуқи қарзӣ, ҳиссаҷудокуниҳо ба ҳисоби захираҳо, инчунин тораҳоеро, ки ҳангоми пайдо шудани қарзҳои мушкилситон андешида мешаванд, дар бар гиранд. Аз ин ҷост, ки талаботи санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ иҷро гардида истодааст, чунки Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколати назоратӣ ва санҷишии худ, муайян намудааст, ки ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар, ки тибқи иҷозатномаи фаъолияти бонкии худ ҳуқуқи додани қарзро доранд санадҳои меъёрии доихилии худро таҳия ва қабул намуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифтаанд.

Санадҳои меъёрии дохилии Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ва ё фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистонро дар самти муайян, инчунин санадҳои меъёрии дохилии Бонки миллии Тоҷикистон аксар вақт муносибатҳоеро бо тарафҳои дигар аз ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба танзим медароранд. Масалан тартиби гузаронидани баъзе амалиётҳои бонкиро муайян менамоянд, ки он хусусияти тавсиявӣ дошта, барои иҷро накардани онҳо ҷавобгарӣ пешбинӣ намешавад. Ба намунаи чунин санадҳо метавон Низомномаи идораи ҳуқуқи

Бонки миллии Тоҷикистонро мисол овард, ки он бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ гардида, тибқи он идораи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди сохтории Бонки миллии Тоҷикистон буда, барои мусоидати ҳуқуқӣ ба фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкили кори ҳуқуқӣ масъул аст. Инчунин тибқи Низомномаи мазкур мақсад, ташкили фаъолият, сохтор ва вазифаҳо, ҳуқуқҳо, ҳамкорӣ, масъулияти кормандон, ҳисоботдиҳӣ ва муқаррароти хотимавӣ оид ба фаъолияти танҳо идораи ҳуқуқ ва кормандони идораи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон ба таври муфассал муайян мегардад.

Ба мисоли санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти тавсиявидоштаи Бонки миллии Тоҷикистон Роҳнамо оид ба принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявиро ироа кардан имконпазир аст. Роҳнамои мазкур бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2021, таҳти №169 тасдиқ гардида, принсипҳои асосии идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ) муқаррар намуда, дигар намудҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ метавонанд аз Роҳнамои мазкур истифода намоянд. Яъне дар ҳаминҷо калимаи метавонанд худ хусусияти тавсиявиро ифода менамояд, чунки ба ҳайси хусусияти санади меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои уҳдадоркунанда, вазифадоркунанда ва манъкунанда баромад мекунанд, аммо мафҳуми метавонанд ба ин категорияи меъёрҳо дохил намешавад. Бо ибораи дигар санади тавсивӣ ва ё дохилӣ (локальный) будани Роҳнамои болозикр возеҳу равшан аст. Чунки дар банди 4 Роҳнамо чунин пешбинӣ шудааст: Роҳнамои мазкур хусусияти тавсиявӣ дорад ва барои ҷорӣ намудан дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ илова ба муқаррароти низоми қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолате, ки қонунгузорӣ нисбат ба принсипҳо барои намудҳои алоҳидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ талаботи баландтарро муқаррар намояд, дар ин маврид истифодаи қонунгузорӣ бартарият дорад. Яъне бо ин меъёрҳо Роҳнамо умумиҳатмӣ набудани худро баён намуда истодааст.

Санадҳои меъёрии дохилии Бонки миллии Тоҷикистон бинобар хусусияти тавсиявӣ – ҳатмӣ доштанашон метавонанд нақши сарчашмаи ҳуқуқро иҷро намоянд. Чунончӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои воҳидҳои сохтории мустақили Бонки миллии Тоҷикистонро таҳия ва қабул намудааст, ки дар банди 2 санади тасдиқкунандаи Дастури мазкур чунин омадааст: “низомномаҳои воҳидҳои сохтории мустақили Бонки миллии Тоҷикистон ба муқаррароти дастури методии мазкур мутобиқ карда шавад”. Инчунин тибқи муқаррароти худи Дастури методӣ талаботҳои зиёде барои дар Низомнома ҷойгиркардан ва иҷрои корҳои мушаххас пешбинӣ шудааст, ки воҳидҳои сохтории БМТ вазифадоранд он талаботҳоро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои ҳуқуқии таснифшудаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки яке аз намудҳои муҳими фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистонро таъсис медиҳанд дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Гуруҳбанди таснифоти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» амалӣ мегардад, ки тибқи қисми 1 моддаи мазкур санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тафовути намудҳои онҳо ва салоҳияти субъектҳои

ҳуқуқэҷодкунанда муқаррар карда мешавад. Инчунин тибқи қисми 2 ҳамин модда ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида;

– санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;

– қонунҳои конститутсионӣ;

– кодексҳо, қонунҳо;

– қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– фармоишҳои вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

– қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

– қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

– қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

– қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Инчунин дар қисми 3 моддаи матраҳгардида оварда шудааст, ки тартиби ҷойгиршавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қисми 2 моддаи мазкур қувваи ҳуқуқии онҳоро муайян

менамояд. Дар ҳаминҷо қайд менамоем, ки додани ҳуқуқи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзиму назорати низоми бонкию суғурта ба он равона мегардад, ки қонунҳо ва санадҳои қонунгузорӣ муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин ё он соҳаи дахлдор ба таври муфассал ва умумӣ танзим менамоянд ва ин ҳолат барои танзими ҳаматарафаи муносибатҳои ҷамъиятӣ зимни амалишавии санадҳои қонунгузорӣ норасоиро пеш меорад. Ин асосан на танҳо аз сабаби ноустувор будани низоми бонкӣ балки номукаммалии заминаи қонунгузории кишвар ва норасоиҳо дар қонунҳо мебошад, ки он Бонки миллии Тоҷикистонро водор месозад ҳарчӣ зиёдтар ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ машғул шавад. Ҳатто ҷой доранд ҳолатҳое, ки аз рӯи таҷриба муносибатҳои дахлдор оид ба қарздиҳӣ, ҳисобот, баҳисобгирии муҳосибот дар бонкҳо ва ҳатто масъалаҳои ҷавобгарии соҳаи бонкӣ қисман дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Имрӯзҳо ҷараёни таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар авҷи аъло ба пеш рафта, Бонки миллии Тоҷикистон дар байни вазорату идораҳои кишвар дар самти таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Алалхусус пас аз ворид гардидани тағйироти дахлдор ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №617 «Дар бораи Тартиби пешбурди портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз 31 августи соли 2018, №355 «Дар бораи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷистон» риояи принсипи ошкорбаёнии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин гардида, сарбории вазорату идораҳои кишвар дар самти таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳамагон муайян гардид. Яъне баъд аз қабул гардидани санадҳои меъёрии

ҳуқуқии номбаршуда Порталии интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷиститон шурӯъ аз соли 2019 кори худро ба пуррагӣ оғоз кард. Ҳадаф аз корбарӣ ва ҷорӣ намудани ин барнома автоматикунонии раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, огоҳонидани мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таҳлили таъсири танзимкунӣ, таъмини баргузор намудани машваратҳои оммавӣ ҷиҳати гирифтани мавқеъ ва хулосаи шахсони манфиатдор нисбати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии таҳияшаванда ва ғайраҳо мебошад. Шурӯъ аз санаи ба кор оғоз кардани Порталии интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷиститон то нимсолаи якуми соли 2024 аз ҷониби вазорату идораҳои кишвар дар феҳристи нақшаҳои портали мазкур 96 огоҳиномаи таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳиянамудаи вазорату идораҳо ҷойгир карда шуд, ки аз ин шумора 53 адади он ба Бонки миллии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Илова ба ин дар давраи ишорашуда дар феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портал аз ҷониби вазорату идораҳои кишвар 70 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ ба онҳо ҷойгир карда шуд, ки аз шумора 36 адади онро лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки ин нишондаҳиҳандаҳо аз нисф зиёди маводҳои дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршударо дар бар мегиранд.

Дастовардҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар самти таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкору равшан буда, ҳамзамон ин ба самъи дигарон низ расонида мешавад. Беҳуда нест, ки бо мақсади иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 марти соли 2024, таҳти №АП-533 оид ба Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 моҳи августи соли 2024 аз ҷониби масъулини Бонки миллии Тоҷикистон семенари таълимӣ дар мавзӯи «Дастовардҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Бонки

миллии Тоҷикистон тайи 10 соли охир» дар ду марҳила дар марҳилаи аввал барои кормандони дасгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон ва дар марҳилаи дуюм дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои намояндагони вазорату идораҳои кишвар баргузор намуд, ки аз ин чорабинӣ иштирокдорон таассуроти хоса бардоштанд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртаи кишвар дар давоми 33 соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон зиёда аз 16 қонунҳои соҳавӣ дар таҳрири нав ва 69 тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардиданд. Инчунин, дар асос ва бо мақсади иҷрои қонунҳои соҳаи бонкӣ зиёда аз 134 санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардиданд, ки аз ин шумора 44 Дастурамал, 4 Талабот, 16 Тартиб, 6 Қоида ва 64 тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаршуда мебошанд.

Ҳамзамон, дар ин давра зиёда аз 207 санадҳои меъёрии дохилии Бонки миллии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шуданд, ки аз ин шумора 23 Дастурамал, 10 Тартиб, 49 Низомнома, 4 Сиёсат, 21 Қоида, 13 Роҳнамо, 4 Феҳраст, 1 Тавсиф, 5 Тавсия, 2 Талабот, 1 Дастур, 1 Стратегия, 2 Кодекс, 1 Методология ва 70 тағйиру иловаҳо ба санадҳои номбаршуда мебошанд.

Бо назардошти муқаррароти овардашуда Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст, ки такмилдиҳии санадҳои ҳуқуқии худро ҷиҳати мувофиқ кунондани онҳо ба талаботи Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ бештару ҷонноктар намояд, чунки ин барои мушаххаснамоии мавқеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии он дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқнамоии онҳо бо

дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

## ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА РУШДИ ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТӢ

**Саидзода М.Ё.**
**ходими хурди илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ**
**ба номи А.М.Баҳоваддинови АМИТ**

Истиқлоли миллат, ки сайри таҳаввулоти таърихиро паймудааст, мавҷест, ки дар ҷомеа падид омадааст, ҳаракат ва даъват ба миллат худогоҳии бошиддатро ба хеш мазҳаб намудааст ва бо сароҳат, бо ҷаҳонбинии нав, бозгашт ба хештан намудааст. Истиқлол, ки ҷаҳонбинӣ аст ва бозгашт ба хештанро тақозо менамояд, даъват ба эҳёи миллат ва даъват ба эҳёи давлат аст. Истиқлол ба унвони арзиши миллӣ дар матни замон ва дар саҳнаи пайкорҳои миллат, ки дар масири ниёзҳо ва ормонҳои истиқлол матраҳ аст, на танҳо аз замон ва таъбироти он дар низоми зиндагӣ ва ошноӣ, ки бо арзишҳои гирифта рӯ ба рӯ аст, дигаргуниҳоро эҷод мекунад, балки муддаои роҳбарӣ ва масъулияти замони хеш аст, дар эҳёи фикри миллӣ бозҷӯӣ мекунад, дардҳо ва изтиробҳоро даво мебахшад. Аз ин лиҳоз, дар айни ҳол, набояд сатҳӣ қазоват кард, ки истиқлол танҳо як рӯйдод ва пешбинӣ аст, балки ҳадафи истиқлол бунёдгариҳо дар фардогариҳо аст.

Ҷомеаи Тоҷикистон дар тӯли 33-сола истиқлол такомул ёфт, пешрафт кард ва арзишҳои навро ба миён оварда, ба марҳалае гузашт, ки он назари хоси сиёсӣ дорад. Имрӯз ҳадафи аслии истиқлол бо пешрафти ҷомеаи муосир аст.

Конститутсияи соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар раъйпурсии умуми-халқӣ қабул гардида, асосҳои сохтори давлатӣ, ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсонро мустаҳкам сохта, вазъи мақомоти давлатиро муайян менамояд. Татбиқи

ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи иттилоот дар байни манфиатҳои миллии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Инкишофи илму техника раванди бефосилаву мураккаб бошад ҳам, аммо барои пешравии ҷомеаи муосир аҳамияти зиёд дорад. Сиёсати давлатии иттилоотонӣ, маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию маданӣ ва ташкилие мебошад, ки барои муқаррар намудани афзалиятҳои умуми-давлатии рушди муҳити иттилоотонии ҷомеа, муносибатҳои иттилоотӣ ва дарёфти имкониятҳо барои ба ҷамъияти иттилоотӣ дохил шудани Тоҷикистон равона шудааст.

Ҳуқуқи иттилоотӣ – низоми меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҷамъоварӣ, тавлид ва паҳн намудани иттилоот аст.

Танзими ҳуқуқӣ бошад, самти мақсадноки бо ёрии воситаҳои махсус ба муносибатҳои ҷамъиятӣ барои банизомдарории онҳо ва нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои шахсони гуногун барои барқарор кардани манфиатҳои вайроншуда мебошад. Ҳуқуқ вазифаи танзимсозиро бо муайян кардани тартиби фаъолият ва вазифаи муҳофизатие, ки ба барқарор кардани манфиатҳои вайронгардида алоқаманд аст, иҷро мекунад. Ҳуқуқ воситаи универсалӣ нест ва танзими ҳуқуқӣ расонидани таъсир ба муносибатҳое мебошад, ки ифодаи рафторӣ доранд, яъне ҳуқуқ наметавонад ба афкор, ҳиссиёт, эҳсосоти одамон таъсир расонад.

Танзими ҳуқуқи шаҳрвандон ба иттилоот яке аз мушкилтарин масъалаи қонунгузории Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Танҳо дар сатҳи конститутсионӣ, ин ҳуқуқ дар зиёда аз бист муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад ва дар сатҳи васеътари қонунгузорӣ, ба гуфтаи коршиносон, ин ниҳод меъёрҳои зиёда аз се даҳ санади қонунгузориро дар бар мегирад. Чунончи: «Меъёрҳои дахлдор, ҳатто бе дар назардошти ҳуқуқҳои иттилоотии ВАО,

дар зиёда аз 10 қонун, 1 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 қарори Ҳукумат, 30 санади сатҳи идоравӣ, ки масъалаҳои тандурустӣ, экология, нақлиёт, алоқа, ҳуқуқи истеъмолкунандагон, фаъолияти корҳои дохилӣ, ҳифзи меҳнат, муносибат бо мақомоти гумруки андоз ва дигар соҳаҳои ҳаёт дарҷ гардидаанд»[338].

Бояд қайд намуд, ки аз 50 ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд тақрибан 25%-ро метавон ба худи иттилоот мансуб кард, аз ҷумла:

1. Ҳифзи шаъну шараф ба ҳама кафолат дода мешавад. Ҳеҷ чиз барои паст задани онҳо асос шуда наметавонад (М.17-22).

2. Ба ҳама махфият кафолат дода мешавад. Инчунин, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маълумот дар бораи шахс танҳо бо розигии ӯ иҷозат дода мешавад (М.23, с/х.2).

3. Ҳуқуқ ба дахолатнопазирии мукотиба, яъне маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истисноии мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст (М.23, с/х.1).

4. Ба ҳар кас озодии андеша ва сухан кафолат дода мешавад. Ҳеҷ касро ба баён намудани ақидаҳои худ ва ё рад кардан аз онҳоро маҷбур кардан мумкин нест (М.30, с/х.1).

5. Ҳар як инсон ҳуқуқи ҷустуҷӯ, гирифтан, тавлид ва паҳн кардани иттилоотро дорад. Маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил медиҳад, тибқи қонун муайян карда мешавад. Дар айни замон, сӯйистифода аз озодии иттилоот барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ва ғайра иҷозат дода намешавад (1. М.30, с/х.2; 4).

6. Озодии ВАО кафолат дода мешавад, сензура вуҷуд надорад (1. М.30, с/х.1; 3).

---

[338] Маълумотҳои дастрас аз сомонаи URL: http://www.mmk.tj. (таърихи муроҷиат: 06.09.2024)

7. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан, ба таври инфиродӣ ва ё дастаҷамъона ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд (1. М.31).

8. Ҳар шахс доштани ҳуқуқи маълумоти боэътимод дар бораи ҳолати муҳити зистро дорад. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад (М.38, с/х.1).

9. Ҳар як инсон ҳақ дорад ба ҳама намуди фаъолияте, ки қонун манъ накардааст машғул шавад (аз ҷумла рӯзноманигорӣ). Ҳифзи давлатии ҳуқуқ ба натиҷаҳои эҷод кафолат дода мешавад (М.35, с/х.1; М. 40)[339].

Ин рӯйхатро бо муқаррароти моддаҳои зерин пурра кардан мумкин аст:

– ҳуқуқи ҳар кас барои шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо ва маводҳое, ки мустақиман ба ҳуқуқу озодиҳои ӯ таъсир мерасонанд, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад (моддаи 25); ин меъёр ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро тавассути таъмини ӯҳдадории мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ оид ба таҳия ва пешниҳоди маълумоти дархостшуда муқаррар мекунад;

– ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумот дар бораи далелҳо ва ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон таҳдид мекунанд (моддаи 46-47); мувофиқи ин меъёр: «ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат, тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конститутсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба таври мӯътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулода эълон мегардад. Муҳлати вазъияти фавқулодда то се моҳ аст. Дар

[339] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016). [Манбаи электронӣ]: URL: http://www.mmk.tj. (таърихи муроҷиат: 06.09.2024).

мавридҳои зарурӣ ин мӯҳлатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дароз намояд». Инчунин: «Дар давраи вазъияти фавқулода ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28-и Конститутсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешавад. Низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулоддаро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад».

Ба андешаи мо, моддаи 40 низ мундариҷаи ҳуқуқ ба иттилоот мебошад, зеро онҳо ҳуқуқи моликияти зеҳниро, ки дар натиҷаи эҷодкорӣ, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ба даст оварда шудааст, дарҷ мекунад. Албатта, заминаи ҳуқуқии ҳуқуқи шаҳрванд барои дастрасӣ ба маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори онҳо моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз нуқтаи назари мубориза бо пинҳон доштани иттилоот, сархати 1, моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст ва дар маҷмӯъ, бо ягон санади дигари ҳуқуқӣ тасдиқ кардан лозим нест.

Мавриди қайд аст, ки татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи иттилоот дар байни манфиатҳои миллии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Озодии иттилоотии шахс ҳуқуқи инсон буда, аз ташкилдиҳандаҳои зерин иборат мебошад:

– ҷустуҷӯй ва гирифтани иттилооте, ки барои ҳаёт, фаъолияти касбӣ ва рушди ӯ зарур аст;

– баён намудани нуқтаи назари худ оиди ин ё он ҳодисаҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ;

– додани иттилооти ғайримахфӣ ба одамони дигар[340].

---

[340] Ниёзов С.А. Асосҳои ҳуқуқи иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ, №4. – Душанбе, 2010. – С.13-18.

Ба андешаи мо, амалӣ намудани ҳуқуқ ба ҷустуҷӯ, бадастовардан ва интиқоли иттилоот (ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ё ҳуқуқи донистан), моҳиятан, муҳимтарин ниҳодҳои муайянкунандаи ҳуқуқи иттилоотӣ мебошад ва чуноне қайд карда шуд, заминаи ҳуқуқии ин ниҳодҳо меъёрҳои иттилоотӣ-ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо қонунҳои соҳавӣ ба танзим дароварда мешавад. Чунончӣ, тадбиқи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи датрасӣ ба иттилоот» ба таври зайл муқаррар карда шудааст: «ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷӯстуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороянд, мебошад”(М.2, с/х.1)[341].

Амалияи ҳуқуқии ватанӣ дар масъалаи дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ аз чунин тафсири моддаҳои қайдшудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ки мутобиқи онҳо ниёз ба қабули зер-қонунҳо барои татбиқи муқаррароти конститутсионӣ пайдо мегардад. Ҳолати мазкур ҳуқуқи мавҷудиятро дорад, яъне моддаи 25 бо ибораи “ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст” ба поён мерасад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар асоси Конститутсия ҶТ, оид ба ҳуқуқӣ иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ ва масоили марбут ба он як қатор санадҳои муҳими меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ»

---

[341] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи датрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №411. [Манбаи электронӣ]: URL: http://www.mmk.tj. (таърихи муроҷиат: 06.09.2024).

аз 10 майи соли 2002, №51, Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55 (тағйиру иловаҳо ба он тибқи Қонуни ҶТ аз 03.07.2012, №848), Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 02 декабри соли 2002, №71, Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007, №320, Қонуни ҶТ «Дар бораи датрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №411, Қонуни ҶТ«Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19 марти соли 2013, №961, Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» аз 01 августи соли 2003, №34, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 03 августи соли 2018, №1537 ва ғайра таҳия ва қабул гардидааст.

Дар ин замина Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотонӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1174 аз 05.11.2003с.), Барномаи давлатии «Рушд ва ҷорикунии технологияҳои иттилоотонӣ-коммуникатсоинӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати ҶТ №468 аз 03.12.2004) ва амсоли инҳо низ ба тасвиб расидаанд.

Бояд гуфт, ки ҳар як санади меъёрии қабулшуда вобаста ба самтҳои алоҳидаи иттилоотии муносибатҳои ҳуқуқиро муайян ва ба танзим медароранд. Чунончи, Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки дар рафти ташаккулу истифодаи иттилооти ҳуҷҷатшуда ва манбаю захираҳои иттилоот ба миён меоянд, офаридани технологияҳои иттилоотӣ, шабакаву системаҳои автоматиконидашудаи иттилоотро танзим намуда, тартиби муҳофизати захираи иттилоот, инчунин ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳоеро, ки дар равандҳои иттилоотонӣ ширкат меварзанд, муайян мекунад. Ҳамзамон мақсади Қонуни мазкур “муҳайё кардани шароити мусоид барои қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ ба иттилоот дар асоси ташаккул додани инфраструктураи ҳозиразамони иттилоот дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, якҷоя кардани он бо шабакаю системаҳои байналмилалии иттилоот мебошад. Қонун шартҳои ҳимояи манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар рафти тартиб додан, захира кардан, нигоҳдориву ирсол кардан ва интишор додани иттилоот бо воситаҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ муқаррар менамояд” (М.1)[342]

Ҳамин тариқ, наметавон гуфт, ки заминаи ҳуқуқии дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар кишвари мо вуҷуд надорад. Аммо, дар асл қонунгузорӣ ҳуқуқи шаҳрвандонро барои дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ танзим мекунад, на мақомоти худидоракунии маҳаллӣ.

Илова бар ин, дар маҷмӯъ, хусусияти ғайримутамаркази қонунгузорӣ дар бораи дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот имкон намедиҳад, ки он ҳамчун воситаи кофӣ дар татбиқи ҳуқуқи субъективии дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидораи маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо пурра баррасӣ карда шавад.

Аз нуқтаи назари мо, ҳадди ақал, нисбати ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатии дар тафсири амалияи ватанӣ бароҳмондашуда, ки татбиқи шартии ин ҳуқуқи субъективиро бо қабули зерқонун таъмин мекунад, одилона мебошад. Бе муайян кардани тартиби дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот дар кишваре, ки дорои таҷрибаи кофии ҳуқуқӣ нест, сухан кардан дар бораи имконияти таҷассуми ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар амал маъное надорад.

[342] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40. [Манбаи электронӣ]: URL: http://www.mmk.tj. (таърихи мурочиат: 06.09.2024).

Хизматрасонии иттилоотӣ дар фазои телекаммуникатсионӣ – истифодаи маъхазҳои иттилоотӣ ва асоси хизматрасонӣ ба истифодабарандагони он мебошад. Истифодабарандагон (шаҳрвандон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои шаклҳои гуногун ва созмонҳои ҷамъиятӣ) барои дастрас намудани маъхазҳои иттилоотӣ ҳуқуқҳои баробар доранд ва вазифадор нестанд, ки дар назди соҳиби чунин маъхазҳо гирифтани маълумоти заруриро асоснок намоянд. Кафолат ва ҳуқуқи додани маълумот, дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба иттилоот, вазифа ва ӯҳдадориҳои соҳибони маъхазҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоот ва ҳуқуқи истифодабарандагонро қонунгузории ҶТ муайян мекунад[343]. Чунончӣ, моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи умумии дастрасии ҳар шахсро ба иттилооте, ки бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои ӯ дахл дорад, муқаррар кардааст. Мувофиқи ин ҳуқуқ ӯҳдадории умумии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор, ки ҷобаҷокунандаи чунин навъи иттилоотанд, онро аз рӯи дархости мувофиқаткунанда дастрас мекунанд. Истисноҳои эҳтимолии ин қоидаҳои умумӣ бояд ҳатман дар шакли қонун бошанд.

Ҳуқуқи озодона ҷустуҷӯ ва гирифтани маълумот маънои ҳуқуқи муроҷиат кардани ҳар як шахс ба мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоту ташкилотҳо ва сохторҳои дигар барои гирифтани иттилооти зарурӣ; ҳуқуқи муроҷиат ба муассисаҳои фарҳангӣ, дигар сохторҳо, нигаҳбони арзишҳои фарҳангӣ бо мақсади гирифтани маълумоти дархостшуда аз онҳо; ҳуқуқи озодона гирифтани паёмҳои таҳиянамуда ва паҳнкардаи васоити ахбори омма, ҳуқуқи

[343] Азизов Р.Ф. Правовая информация: теоретические аспекты понимания и особенности законодательного закрепления // История государства и права. 2007. №4. С. 31-35.

гирифтани маълумоти дар асарҳои илмӣ ва адабӣ мавҷудбуда, инчунин дигар маълумоти паҳнгардида, аз ҷумла бо мақсадҳои тиҷоратиро дорад.

Таҳлили меъёрҳои конститутсионии иттилоотии дар боло овардашуда бо қабули тарҳи соҳаи иттилоотӣ имкон медиҳад, ки самтҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳоеро, ки аз ҷустуҷӯ, қабул ва интиқоли иттилоот бармеоянд, метавон ҷудо намуд.

Бояд қайд намоем, ки миллати тоҷик ҳамвора дар озмунҳои сиёсӣ қомати истиқлолро бо ҳиммати ҷон гармо бахшид, дар хати хунуни таърихӣ бо чакидаҳои хуни худ рангу машъал гирифт. Ин миллат бо гузарҳои тақдир ва сангинтарин қурбониҳо тавонист хати паём дар баробари иттиҳоди миллӣ бисозад. Танҳо истиқлол уфуқҳои диди равшанро пӯшида густариш медиҳад ва дурнамои хешро ғановат мебахшад. Маҳз истиқлол ҳеҷ гоҳ иброзро ба ҷои ҳадаф намешиносад ва миллатро қурбони андешаҳои бегона намесозад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳамеша мавзӯи махмалӣ ва ҳадафи истиқлол миллат аст, ки паёмҳои созгори он салом ба ватан аст. Саодатмандтарин кишвар он аст, ки роҳбар ва нерӯҳои созгор, ба вазъи мавҷуд огоҳии воқиф дорад ва дар ҳамоҳангӣ бо нерӯҳои созанда огоҳона, бидуни шитобкорӣ ислоҳоту таҳаввулоти таърихро дар давлати хеш пиёда мекунад ва чархи зиндагиро ҳампо ба таъриху замон пеш меронад. Маҳз чунин кишвар дарахти ҳуввиятшиносиро аз иттиҳоди муштарак аз чашмаҳои таърих, таҷрибаи давлатдорӣ ва истиқлол бунёд мекунад, ки аз чунин иттиҳод – ҳампаймоӣ ҳеҷ фард худро берун аз канори он намегирад.

Воқеан ҳам имрӯз ҳамвора як ҳаракати нерӯманд пешравии кишварро роҳбарӣ менамояд ва онро намоён месозад. Возеҳ аст, ки Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои кишвар як ҳаракати пешрафте аст, ки онро роҳбарӣ менамояд ва ҳамвора иллатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дурбинона матраҳ месозад. Давлатдории имрӯз

падидаи нодире дар саҳнаи таърихи башарият аст, ки ба гузаштаи пурмеҳру пурғановати миллат зару зевар медиҳад. давраи созгории кишвар фароҳам омад ва он барои нақшофарӣ муҳим аст. Ба вижа, дар ин густариш баҳри истиқлол ва расидан ба сӯйи ҳадафҳои бунёдкорӣ ва созандагӣ аҳамият дорад. Тарвиҷи истиқлол, ки ҳақи озодӣ доштан аст, новобаста аз нороҳатиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ноҳанҷориҳои замон, кишвари истиқлолпарастро қомати миллӣ ва ба муҳимоти хостаи аъмолаш мерасонад. Истиқлол нақши азим дар таҳқиқи ормонҳо ва пешрафтҳо дорад. Ин ганҷи шойгон дар баҳрабардории нерӯҳои бархез муҳим аст. Маҳз истиқлол доманзадани ҳамбастагиро миёни ҷомеа осоиш медиҳад. Нерӯ ва фикри тозае аст, ки ҷомеаи тоҷикро бедор кардааст ва онро бо эътиқоду қудрат саршор намудааст. Имрӯз миллати тоҷик дар манобеи азими истиқлол қарор дорад ва сурати саршори худро ба рӯи нотавононбинон мениҳад ва аз сафсата канора мегирад.

Дар ҳақиқат фазои озодиву сулҳу осоиштагӣ ва ваҳдату ягонагист, ки имрӯз мо дар тамоми ҷанбаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа метавонем озодона кор ва фаъолият намоем. Имрӯз ҳамаи мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, ва нерӯи такконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

Аз ин лиҳоз, таманно дорем, ки 33 соли истиқлолият чун 33 зинаи камолоти миллату давлат дар дили ҳар як фарзанди бонангу номуси Тоҷикистон оташи меҳр, ҳамдиливу ҳамбастагиро фурӯзон нигоҳ дорад ва донаҳои умеду эътимодро ба фардои неки Ватан ба нумӯъ оварад.

**Адабиёт:**

1. Азизов Р.Ф. Правовая информация: теоретические аспекты понимания и особенности законодательного закрепления // История государства и права. 2007. №4. С. 31-35.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016). [Манбаи электронӣ]: URL: http://www.mmk.tj. (таърихи муроҷиат: 06.09.2024).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи датрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №411. [Манбаи электронӣ]: URL: http://www.mmk.tj. (таърихи муроҷиат: 06.09.2024).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40. [Манбаи электронӣ]: URL: http://www.mmk.tj. (таърихи муроҷиат: 06.09.2024).
5. Маълумотҳои дастрас аз сомонаи URL: http://www.mmk.tj. (таърихи муроҷиат: 06.09.2024)
6. Ниёзов С.А. Асосҳои ҳуқуқи иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ, №4. – Душанбе, 2010. – С.13-18.

## РОБИТАИ АХЛОҚ ВА ҲУҚУҚ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ

**Шовалиев Музаффар Тоҷиддинович**

**докторанти PhD Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Email: Muzafar_46@bk.ru**

Дар замони муосир файласуфону ҳуқуқшиносон, олимони соҳаҳои гуногуни донишҳои иҷтимоию гуманитарӣ, сиёсатмадорон ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз густариши падидаҳои бадахлоқӣ ва нигилизми ҳуқуқӣ, ки сохти ҷаҳони иҷтимоиро вайрон ва бенизомии иҷтимоиро амиқтар мекунанд, изҳори нигаронӣ мекунанд. Бисёре аз муҳаққиқони ватанӣ он нуктаи назарро дастгирӣ менамоянд,

ки дар ҷомеа ахлоқ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои байни одамон фаҳмида мешавад, қадимтарин шакле, ки ба таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, баъзе мутафаккирон аз замонхои кадим чунин акидаро пеш гирифтаанд, ки дар чамъияти ибтидоӣ дар шароити вусъат ва амик шудани ихтилофхои ичтимоӣ аҳамияти танзими ахлок паст мешавад ва аз ин рӯ, нақши дигар танзимгарони иҷтимои, бахусус ҳуқуқ, бояд зиёд ба назар расад. Бинобар ин, таҳлили робитаи ахлоқ ва ҳуқуқ ҳамчун омилҳои бартараф намудани бесарусомонии иҷтимоӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти иҷтимоӣ ва амалӣ ҳам дорад.

Таҳқиқоти этнографҳо ва антропологҳо нишон дод, ки фаъолияти байниҳамдигарии одамон дар ибтидои таърихи башарият на танҳо ба офариниши олотҳои меҳнатӣ, балки ба ташаккули меъёрҳои муайяни муносибатҳо ва баъзе мамнуъиятҳо низ оварда расонд, ки онро зарурати мустаҳкам тақозо мекард. Азбаски асбобҳои аввалини меҳнат низ олоти мубориза, ҷанг ва куштор буданд, яке аз аввалин мамнуъиятҳо – мамнӯъиятҳо манъи куштани ҳамватанонӣ қабила буд. Эҳтимол дошт, ки вайрон кардани рафтори манъшудае, ки маънои муқаддас дорад, метавонад боиси ҷазои қувваҳои ғайриоддӣ гардад. Мураккаб шудани муносибатхои байни одамон боиси ба вуҷуд омадани мамнуиятҳои нав гардид, ки хаёти хар як одам ва умуман ҷамъиятро ба тартиб медароранд. Ба ғайр аз мамнуъиятҳо дар ҷараёни ҳаёт, меъёрҳои муносибатҳои байни одамон ташаккул меёбанд, ки дар урфу одатҳо — тарзу усулҳои муътадили рафторе, ки дар ҷамъият ё гуруҳи муайяни иҷтимоӣ такрор мешаванд ва ба аъзоёни онҳо шинос мешаванд, рушд меёбанд. Аксари ин гуна расму оинҳо, ки ҳам аз байн рафтаанд ва ҳам онҳое, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, вале таҳкими расмии институтсионалӣ нагирифтаанд, хусусияти синкретикӣ доранд - онҳо ҳамзамон

ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд (ба истилоҳ “қонуни одат”). Бо пайдоиши давлат як қисми қоидаҳои рафтор ба сатҳи «қоидаҳои хаттӣ» гузашта, дар меъёрҳои қонун пешбинӣ гардид, қисми дигар дар қоидаҳои ахлоқии нонавиштаи аҳлоқ дар ҷамъияти муайян нигоҳ дошта мешуд.

Дар адабиёти илмии муосир фарқияти байни мафҳумҳои «ахлоқ» ва «маънавиёт» хеле кам сурат мегирад. Дар баробари ин бояд хотиррасон кард, ки дар таърихи фалсафа анъанаи кадимии фарк кардани онҳо вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, Гегел Г. дар «Фалсафаи ҳуқуқ» ҳар кадоми ин мафҳумҳо ва падидаҳои таърихиро алоҳида тафсир мекунад. Аввалан, ахлоқро Гегел одат ва маънавиёт мешуморад, ки дар он фард худро ҳамчун шахсият аз меъёрҳои одатии рафтори дар ҷомеа ба таври таббии ташаккулёфта ва аз ҷониби ӯ ба таври таббии ба даст овардашуда фарқ намекунад, яъне, меъёре мебошад, ки таърихан пеш аз ахлоқ ба вуҷуд омадааст, зеро одатҳо дар ҷомеаи муосир низ аҳаммияти хосаро касб менамоянд ва он нисбат ба ахлоқ одатҳо ифодагари шакли оддии танзими рафтор ба шумор меравнд. Дуюм, «ахлоқ» барои ӯ «ҳолати субъективии рӯҳӣ» аст [2, с. 199]. Сеюм, ахлоқ, ба ақидаи Гегел, вазифаҳои мушаххаси шахсро дар назди давлат, мулкҳо, корпоратсияҳо, оила ифода мекунад, ки бо қонун танзим карда мешаванд ва аз ин рӯ, берун аз ҳудуди ахлоқ мебошанд. Дар назарияи иҷтимоию фалсафии марксизм ахлок ҳамчун шакли шуури инсонӣ, ки дар марҳалаҳои аввали таърихи инсоният ба вуҷуд меояд, дида мешавад. Ҷомеа манфиатдор аст, ки аъзоёни он ба тартиботи умумӣ итоат кунанд ва мувофиқи муносибатҳое, ки низоми ҷамъиятиро муттаҳид мекунанд, амал кунанд, зеро дар акси ҳол он метавонад ба дигаргуншавӣ ва ҳатто харобшавии муносибатҳо оварда расонад. Аз ин рӯ, ҷомеа маҷмӯи меъёрҳоеро таҳия мекунад, ки муносибатҳои мавҷударо инъикос мекунанд ва аз фардҳо талаб мекунанд, ки рафтори худро ба ин меъёрҳо тобеъ созанд. Ҳамин тариқ,

Шабанова Н.С. дар ин хусус чунин қайд мекунад: «Меъёрҳои ахлоқӣ як роҳи зуҳури ҷомеа дар якпорчагии шахсият мебошанд. Агар ҷаҳонбинии субъективии «ман» инсонам бошад, пас дар ахлоқ он аз ҷомеа пайдо шуда, дар он тавассути нерӯи маънавӣ ва фаромарзӣ пайваст мешавад» [10, с. 188].

Дар адабиёти ватанӣ дар даҳсолаҳои охир шаклҳои гуногуни назариявии идоракунии иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд, ки ахлоқро яке аз танзимгарони рафтори инсон медонанд. Дар баробари ин, дарки ахлоқ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ мавҷудияти равишҳои гуногунро ба таърифи ахлоқ, мавқеъ ва нақши онро дар низоми идоракунии иҷтимоӣ истисно намекунад. Аз нигоҳи равиши аввал ахлоқ як шакли шуур аст, ки вазифаи он танзими рафтори инсон мебошад [3; 5; 9]. Тарафдорони равиши дуюм дар ахлоқ ба ғайр аз шуур, инчунин унсурҳои муайяни рафтори инсониро шомил менамоянд [7, с. 233].

Ахлоқ як навъи қоидаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки пеш аз ҳама амалҳои шахсони алоҳидаро дар як гурӯҳи хурди иҷтимоиро танзим мекунад. Меъёрҳои ахлоқӣ дар ҳар ҷомеа ба таври таббиӣ ба вуҷуд омада, ба ҳолатҳои гуногун: хусусияти фаъолияти меҳнатӣ, тарзи ҳаёти бодиянишин ё нишастан, эътиқод, шаклҳои ташкили вақти истироҳат ва ғайра вобастаанд. Муносибатҳои ахлоқӣ на танҳо ҳамчун ғояҳо дар бораи рафтори муфид ва мувофиқ вуҷуд доранд, ки дар фарҷоми онҳо натиҷаҳои мушаххас ба даст овардан мумкин аст. Меъёрҳои ахлоқӣ ин талаботи зарурӣ, қатъӣ ё ба ибораи дигар, императивӣ (аз imperatives лотинии “imperative” – фармон, талаботи фаврӣ, фармоиш, қонун), ки дар асоси ҳама гуна фаъолият, ноил шудан ба ҳама гуна ҳадафҳо мебошад. Гузашта аз ин, меъёрҳои ахлоқӣ, дар фарқият аз меъёрҳои технологӣ (тартиби кишт, ҷамъоварӣ, нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ) бо ягон муассисаи расмӣ ё муҷозоти ҳокимон алоқаманд нестанд, балки аз ҷониби

афкори ҷамъиятӣ, рафтори маъмулии ҳама гуна ҷомеа дар маҷмӯъ ё як табақаи муайяни он ва аз ҷониби худи шахс дастгирӣ карда мешаванд.

Гурӯҳи махсуси меъёрҳои иҷтимоиро меъёрҳои ҳуқуқӣ, хаттӣ, қонунӣ ташкил медиҳанд. Дал В.И. байни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ҷудо карда, калимаи «ахлоқ»-ро шарҳ дода, ибораҳоеро мисол меорад, ки ба мардуми православии рус дар асри 19 маълум аст: «Иқдоми насронӣ қоидаҳои ахлоқи олиро дар бар мегирад»; «Ахлоқи имони мо аз ахлоқи шаҳрвандӣ болотар аст: он танҳо иҷрои қатъии қонунҳоро талаб мекунад, дар ҳоле ки аввал виҷдон ва Худоро довар мегузоранд» [4, с. 558].

Дар илми ҳуқуқ одат шудааст, ки ҳуқуқро ба «табиӣ» ва «мусбатӣ (позитивӣ)» ҷудо мекунанд. Ин равиш ба фаҳмиши қонун ба Афлотун бармегардад, ки табиат, урфу одат ва қонунҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар муколамаи «Жорҷ» қайд мешавад: «Табиат ҳар чизе, ки бадтар аст, нангинтар аст, зишттар аст, масалан, тоб овардан ба беадолатӣ, вале аз рӯи одати муқарраршуда, беадолатона рафтор кардан зишттар аст» [8, с. 307]; «Дар аксар маврид онҳо ба ҳамдигар, табиат ва урфу одат мухолифанд». Қонунҳоро нотавонҳо муқаррар мекунанд ва қонунгузорон ба манфиати худ ва манфиати худ қонунҳо месозанд, ки ҳам таърифу ҳам маломатро зиёд мекунанд [Ҳамон ҷо, с. 307-308].

Мутобиқати қонунҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи фитрӣ ва пай дар пай татбиқи онҳо боиси пойдории адолат мегардад. Адолате, ки бо ақл дарк мешавад, ба гуфтаи Платон, асоси қонун аст. Арасту принсипҳои Афлотунро инкишоф дода, дар асарҳои худ таълимотро дар бораи ду намуди адолат инкишоф медиҳад: баробар кардани адолат ва адолати тақсимкунанда. Дар ин ҷо Арасту дар бораи баробарӣ ҳамчун тадбире, ки барои муносибатҳои сиёсӣ ҳатмист ва қонуне, ки одилона номида мешавад, сухан меронад [1, с. 326]. Арасту нақши асосиро дар раванди ташаккули ҷомеа ва ташаккули

шаҳрванди инсон ба давлат гузошта, робитаи зичи ғояи адолат ва ғояи давлатро қайд мекунад: «Мафҳуми адолат ва ғояи давлат бо ҳам алоқаманд аст, зеро қонун, ки ба сифати меъёри адолат хизмат мекунад, меъёри танзимкунандаи муошерати сиёсӣ мебошад» [1, 380].

Ҳуқуқшиносони муосир, инчунин мутафаккирони даврони гузаштаи таърихӣ байни қонунҳои нонавишта (табиӣ) ва ҳуқуқи хаттиро (мусбат, позитивӣ) фарқ мекунанд. «Мутафаккири барҷастаи рус Илин И. дар бораи вазифаи асосии ҳуқуқи позитивӣ чунин ақидаро баён менамояд, ки аз қабули мазмуни ҳуқуқи фитрӣ, дар шакли як қатор қоидаҳои рафтори беруна, ки ба шароити ҳаёти додашуда ва талаботи замони муайян мутобиқ карда шудаанд, ба ин қоидаҳо шакли маъноӣ ва лафзӣ медиҳанд. мустаҳкам кардан ва баъдан ба шуур ва иродаи одамон ҳамчун фармони бонуфузи пайвасткунанда ворид шудан... мебошад. Ҳуқуқи позитивӣ шакли мувофиқи ҳифзи ҳуқуқи фитрӣ мебошад» [6, с. 58].

Моҳияти ҳуқукро муҳаққиқон, ки мавқеҳои гуногуни мафкуравиро ифода мекунад, ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Дар илми муосири ҷомеашиносӣ ба ҳуқуқ фарқ карданӣ равишҳои табақавӣ ва ғайритабақавӣ одат шудааст. Дар имкониятҳои дохилии фалсафаи иҷтимоӣ мавқеи устуворро тафсири классики марксисти ҳуқуқ ишғол мекунад, ки мувофиқи он хоҳиши синфи хукрон ба қонун баланд мешавад. Зимнан, дар ду даҳсолат охир муносибати ғайрисинфӣ ба ҳуқуқ хеле зиёда эълон мешавад, аммо ҷонибдорони ин равиш на бо асосҳои мантиқӣ ва на таърихи худро ба ташвиш намеоранд. Агар дар таърихи ягон халқ дар ягон давру замон иродаи иштирокчиёни муносибатҳои танзимшавандаро ба созиш меовард, он гоҳ давлат ба вуҷуд намеомад, қонуни хаттӣ, суд, зиндагӣ ва ғайра лозим намешуд. «замимаҳои давлат», ки дар ҳама кор ва ҳамарӯза «афзалиятҳо ва арзҳои фардро» нодида мегиранд.

Ахлоқ ва ҳуқуқ як вазифаи ҷамъиятиро иҷро мекунанд, онҳо муносибатҳои одамонро танзим мекунанд. Аммо усулҳои танзими ахлоқию ҳуқуқӣ гуногунанд. Конун рафтори одамонро ба воситаи маҷбуркунии давлатӣ-маъмурӣ танзим мекунад, ахлоқ бошад, на ба нерӯи давлат, балки ба нерӯи афкори ҷамъиятӣ асос меёбад. Ҳам қонун ва ҳам ахлоқ маҷмӯи меъёрҳоест, ки на танҳо иродаи гурӯҳҳои бартари иҷтимоӣ, балки баъзе ақидаҳои «миллӣ»-и байнигурӯҳиро дар бораи некиву бад, адолату беадолатӣ, дар рафтору кирдори инсон қобили қабул ва нораворо ифода мекунанд. Аммо агар меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби механизмҳои махсус амалӣ карда шаванд, пас талаботи ахлоқӣ дар шароити мавҷудияти як гурӯҳи хурд, дар раванди муошırати ҳамарӯзаи одамон ташаккул меёбад.

Ахлоқ ва ҳуқуқ ҳамчун омилҳои танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабули фардӣ ва гурӯҳӣ, натиҷаи умумии фарҳангии таҷрибаи таърихии башарияти дастаҷамъӣ буда, дар байни халқҳои гуногун дар давраҳои гуногуни таърихӣ шаклҳои гуногун пайдо мекунанд.

**Адабиёт:**


1. Аристотель. Сочинения: в 4-х т. М.: Мысль, 1984. Т. 4. 830 с.
2. Гегель Г В.Ф. Философия права. М.: Мысль, 1990. 524 с.
3. Гусейнов А.А. Социальная природа нравственности. М., 1974. 157 с.
4. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка: в 4-х т. М.: Русский язык, 1979. Т. II. 779 с.
5. Дробницкий О.Г. Понятие морали. М., 1974. 386 с.
6. Ильин И.А. О сущности правосознания. М.: Рарогъ, 1993. 235 с.
7. Краткий философский словарь / под ред. А. П. Алексеева. Изд-е 2-е, перераб. и доп. М.: Проспект, 2009. 496 с.
8. Платон. Сочинения: в 3-х т. М.: Мысль, 1968. Т. 1. 623 с.

9. Титаренко А.И. Структуры нравственного сознания. М., 1974. 278 с.

10. Шабанова Н.С. Духовный потенциал личности: специфика и проявление // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. Тамбов: Грамота, 2011. №4 (10). Ч. II. С. 186-190.

# ТАШАККУЛЁБИИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ СУДӢ

**Махсудӣ Фирӯзҷон**

**унвонҷӯйи ИФСҲ АМИТ, раиси суди ноҳияи Деваштич**

Дар бораи ташаккулёбии қонунгузорӣ ҳамчун шакли дарки ҳуқуқии судӣ сухан карда, бояд қайд намуд, ки ин падидаи бениҳоят мураккаб буда, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки рафти баррасии судиро ба тартиб меандозанд, дар расмиёти судӣ ҳамчун шакли дарки судӣ, дар низоми муосири судӣ ба вуқуъ омадааст.

Таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии гузаронидашуда, на дар бораи он ки таърихан ҳокимияти судӣ, пеш аз ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия пайдо шуда, нақши мустаҳкамкуниро дар умумияти заифии иҷтимоӣ мебозид, балки он аст, ки ҳокимияти судӣ дар асоси умумияти қоидаҳои рафтор, ки ҳаёт ташаккул додааст ва дар шакли ягон расмиёт амалӣ мегардид, вазифаи батартибандозиро иҷро мекард. Қонунгузории Аҳди қадими асрҳои XV-XIII пеш аз мелод дар муқоиса бо Кодекси Хаммурапи бо хусусияти худ демократӣ буда, зиёда аз 1000 сол пештар аз аввалин Маҷмӯи қонунҳои хаттии Миср (300 сол қабл аз милод) ва аввалин Маҷмӯи хаттии ҳуқуқи Рим (асри II қабл аз милод) ба вуқуъ омадааст.

Ҳамчунин, он нахустин дар таърихи қонунгузорӣ арсарест, ки ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шудааст»[344].

Бешубҳа аз ин ҷиҳат нисбати асари Восторгова И. низ таваҷҷӯҳи илмӣ зоҳир мегардад[345].

Барои ҳар як муҳақиқи таърих пешбурди судӣ принсипҳои таҳкиқ ва тафтиш ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошад. Ҳеҷ кас набояд ғоибона суд карда шавад, дастгиркунии шахсӣ, ба ҳабс гирифтан то оғози тафтиш бениҳоят кам ба чашм мерасад, ин танҳо ҳамон вақт ҷой дошт, вақте ки гумонбаршаванда муқобилияти мусаллаҳона нишон медод ё мақсад дошт гурехта аз таъқиби тафтиш ва суд пинҳон шавад. Принсипҳои пешбурди судии ҷиноятӣ, риояи ҳатмии шартҳои асосии ошкоро ва озодиро талаб мекард. «Айбдоршавандаро зери пурсиши пинҳонӣ нагузор, ки ҳангоми он ҳатто бегуноҳ метавонад дар ҳаяҷон «силоҳҳои марговарро» бар зидди худ диҳад».

Пешбурди судии ҷиноятӣ ҳамон давра танҳо аз тарафи Синедрион ба амал баровարда мешуд. Ин муассиса аз 71 нафар иборат буда, ба се кумита, ки Синедриони хурд номида мешуд (23 нафар дар ҳар як кумита), тақсим мешуд. Аммо таъин кардани ҳукми қатл, инчунин таъин кардани ҷазо барои ҷинояти муқобили дин ва давлат дар тамоми давраҳо танҳо Синедриони бузург дар ҳайати пурраи худ ҳақ дошт. Мурофиаи ҷиноятӣ аз пурсиши шоҳидон оғоз мешуд. Азбаски шоҳидон асоси ҳама гуна баррасии судиро ташкил медодаанд, қонуни қадим ба дараҷаи олӣ нисбати онҳо сахту серталаб буд.

---

[344] Ниг.: Баренбойм П. Первая Конституция мира. Библейские корни независимости суда. С. 80-81.

[345]Ниг.: Восторгов И. Суд над Иисусом Христом с юридической точки зрения. (Речь на публичном акте Елисаветпольской гимназии в 1895 году). Полн. собр. соч. Т. 4: Статьи по вопросам миссионерским, педагогическим и публишетическим (1887-1912 п.), М, 1916.

Дар ҷаҳон ягон воситае ҳанӯз ёфт нашудааст, ки худ ба қонуни ба ғояти комил расида бошад: то даме, ки он дар дасти инсон аст, то он дам он метавонад силоҳи ҳам некӣ ва ҳам бадӣ гардад.

Судяҳои Синедрион зери зӯроварӣ ва маҷбуркунӣ нею, балки бо рафти корҳои инсонӣ, ақлу шуур, озодии худро нигоҳ дошта, амал кардаанд. Аз ин рӯ, фаъолияти онҳо хашму ғазаб ва ваҳму даҳшатро ба миён меовард.[346].

Дар ҳама ҷо дар ҳама миллат ба ақидаи Спасович В.Д., ордал ё ин ки Суди Худо аломати нотавонии заифии зеҳнии кӯдакона аст. Инсон боварӣ надошт, ки ба ҳақиқат бо роҳи тафаккур мерасад, онро дар даруни худ, дар ҷаҳони беруна тавассути фолбинӣ, азохонӣ, пурсиши қувваҳои азозили табиат, он иблису, деву, аҷинаҳои сершумор, ки замину осмон аз онҳо пур аст, тамоми қувваҳои табиат ҷустуҷӯ мекунад. Мубоҳисаи судӣ ба амсоли як ҷанги муштзании қадимаи пеш аз таърихӣ, ки то ба маънои ҳукми Худоӣ оварда расонида буд, ба шумор мерафт....[347].

Ҳанӯз дар охири асри XVIII масъалаи оид ба барҳам додани онҳо ҳамчун воситаи исботи гуноҳ дар пешбурди суди ҷиноятӣ садои навовариии далерона буд[348]. Ҳамзамон сабабҳое, ки шиканҷаро ҳамчун тарзи исботи гуноҳи айбдоршаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ ба вуқӯъ овард, то айни замон арзи вуҷуд дорад, ҳол он ки воқеан шиканҷа ҳамчун воситаи исботкунӣ дар ҳақиқати мурофиавӣ-ҷиноятии Россия зиёда аз 200 сол ҷой дошт.

---

[346] Ниг.: Восторгов И. Суд над Иисусом Христом с юридической точки зрения. (Речь на публичном акте Елисаветпольской гимназии в 1895 году,) Напечатано по изданию Прот. И.И. Восторгова. Поли. собр. соч. Т. 4: Статьи по вопросам миссионерским, педагогическим и публицистическим (1887—1912 гг.).
[347] Ниг.: Спасович В.Д. Избранные труды и речи. С. 25.
[348] Беккариа Ч. Ҳамон ҷо

Аз ин лиҳоз, шиканҷа воситаи боэътимоди маҳкум кардани шахси бегуноҳ, ки мавқеъи заиф дорад ва сафед кардани шахси гунаҳгор, ки танҳо ба қувваи тавоноии худ такя мекунад, мебошад.

Аз ин бармеояд, ки яке аз ним қадамҳо барои халос шудан аз паҳлӯи айбдоркунӣ барои судя пеш аз оғози мурофиаи судӣ назди худ гузоштани савол мебошад, ки баногоҳ ҳангоми мавҷуд будани нишондодҳои худикрорӣ дар назди ӯ ҳолати худбуҳтонкунӣ истодааст? Он гоҳ шароитҳое фароҳам оварда мешаванд, ки барои дар ҳукм пайдо шудани тасвият ба амсоли: «Гуноҳи судшаванда бо нишондодҳои судшаванда, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ додааст, тасдиқи худро меёбад, монеа гарданд. Аз ҷониби судшаванда дар рафти баррасии судӣ инкор кардани эътирофи гунаҳгории худ дар содир намудани ҷиноятро суд ҳамчун кӯшиши судшавнада аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдори содирнамуда, раҳо ёфтан арзёбӣ мекунад».

Тарафи моҳияти мурофиаи ҳуқуқтатбиққунии судӣ ин таҳқиқи маълумот дар бораи ихтилофи ҳуқуқӣ мебошад. Мақсади мурофиаи судӣ ин арзёбии маълумоти мазкур ва танзими муносибатҳои аниқ бо роҳи ҳаллу фасли ихтилофи ҳуқуқӣ мебошад. Ба ҳайси раиси мурофиаи судӣ, судя баромад мекунад, назди ӯ аз оғози амал бояд як мақсад гузошта шавад, муқаррар кардани ҳақиқати ҳуқуқӣ аз рӯи парванда, хулосаи ҳуқуқии ихтилофи ҳуқуқии таҳқиқшударо дарк намуда, интишор кунад. Батартибандозии ҳуқуқии мурофиаи судӣ бояд ба моҳият ва мақсади он итоат кунад. Аз ҷиҳати назарияи умумӣ он бо худ яке аз намудҳои расмиёти ҳуқуқиро ифода медиҳад. Зери мафҳуми расмиёти ҳуқуқӣ аз ҷумла, тартиби махсуси меъёрии муқарраргардидаи баамалбарории фаъолияти ҳуқуқӣ, ки барои ба амал баровардани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии моддии бо онҳо асосёфта ва аз вайронкунӣ бо санксияҳои ҳуқуқӣ ҳифзшаванда нигаронида шудааст,

фаҳмида мешавад[349]. Батартибандозии ҳуқуқии мурофиаи судӣ бо худ мағзи ҳуқуқӣ ё ороиши ҳуқуқии фаъолияти судиро ҳангоми омӯзиши ихтилофи ҳуқуқӣ ифода медиҳад. Худи мурофиаи судӣ бошад (тарафи моҳияти он) дар навбати худ нисбат ба батартибандозии ҳуқуқии он васеътар аст. Дар бораи мурофиаи судӣ сухан ронда, Розин В.М. се паҳлуи гуногуни онро, ки бо онҳо судя сару кор дорад, қайд мекунад; Якум, ин технология ва ташкили мурофиаи судӣ, ки баъзан ҳаҷми зиёди вақт ва диққати судяро мегирад. Дуюм, ҷараёни дарки ҳуқуқӣ, ки ташкили мубоҳисаи тарафҳо, омӯзиши тамоми ҳолатҳои парванда, арзёбии рафтор ва кирдори иштирокчиёни асосии мурофиа ва лаҳзаҳои дигарро дар бар мегирад. Сеюм, идора кардани мурофиаи судӣ: ташкил ва ташаббускории амалҳои тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ, ба онҳо бахшидани нерӯ, ҳавасмандкунии фаъолнокии онҳо, муайян кардани вазифаю ҳадафҳо, фароҳам овардани шароит ва фазои психологӣ, ки иштирокчиёни мурофиа барои мақсади ниҳоӣ ва ҳаллу фасли судии ихтилофи тарафҳо ва проблемаҳои ҳуқуқ, ки дар рафти кор пайдо мешавад, кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Баранов П.П. қайд мекунад, ки «таҳқиқотҳои сершумори эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои гуногуни касбии ҳуқуқшиносон ҳақиқати ҳуқуқиро ба таври гуногун дарк мекунанд. Судя нисбат ба прокурор воқеияти ҳуқуқиро ба таври дигар аврзёбӣ мекунад... Намудҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ бо он фаҳмонда мешавад, ки гӯё ақидаи ягонаи назариявӣ нисбат ба ҳуқуқ ба воситаи намудҳои гуногуни функсионалии фаъолияти амалӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ мункасир карда мешавад» [350].

---

[349] Ниг.: Яковенко 0.В. Правовая процедура: Автореф. дис.... канд. юрид. наук. Саратов, 1999. *С.* 7.
[350] Ниг.: Баранов П.П., Овчинников А.И. Указ. соч. - С. 17.

Грошева Ю.М. таъкид мекунад, ки низоми донишҳои судӣ, ки дар санади судӣ таҷассум шудааст, аз ду зерсохтор иборат аст: донише, ки судя то баррасии парванда дорад ва донише, ки ҳангоми таҳлили воқеиятҳое, ки ба предмети исбот дохил шудааст. Зерсохторҳо дар ҷараёни дарки судӣ ва ҳангоми қабули қарор якҷоя, ба ҳам алоқаманд гардида, иттилооти исботиро, ки судяҳо мавриди баррасии парвандаи мушаххас ба даст оврадаанд, ба тартиб медароранд, ташкил мекунанд, онро дар санади судӣ ба сифати ташкилаи бутун, ҳамчун низоми донишҳои судӣ таҷассум мекунанд[351].

Воқеан, судя қарорҳоро дар доираи бамалбарории адолати судӣ, ки онро «як намуди фаъолияти давлатие, ки суд бо роҳи дар маҷлисҳои судӣ дар шакли махсус баррасӣ намудани мухолифатҳои ҳуқуқии ба доираи салоҳияти ӯ мансуббуда ба амал мебарорад ва қабули қарорҳои умумиҳатмӣ, ки бо маҷбуркунии давлатӣ мустаҳкам карда шудааст», муайян карда шудааст, қабул мекунад[352]. Қарори судӣ, ки бо иштироки бевоситаи шуури ҳуқуқӣ қабул шудааст, дар шакли мутамарказ донишро дар бораи предмети мурофиаи судӣ дарбар мегирад.

Ҳамин тариқ, сифати санади судӣ бештар аз донише, ки бар асоси он гузошта шудааст, мукаммалӣ ва эътимоднокии он бевосита ба сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судя алоқаманд буда, вобаста аст. Дониш ин натиҷаи дар амал санҷидашудаи дарки ҳақиқат, инъикоси воқеии он дар тафаккури инсон мебошад[353]. Ин метавонад дониш дар бораи ҳолатҳои мушаххаси ҳодиса бошад, ки бо оғози тафтишот шакли

---

[351]Ниг.: Грошевой Ю.М. Профессиональное правосознание судьи и социалистическое правосудие. Харьков: Вища школа. Изд-во при Харьк. гос. ун-те, 1986. - С. 13.

[352] Ниг.: Бойков А.Д. Третья власть в России. Очерки о правосудии, законности и судебной реформе 1990 - 1996 гг. М., 1997. - С. 125.

[353] Ниг.: Советский энциклопедический словарь / Гл. ред. А.М. Прохоров. 4-е изд. М.: Сов. энциклопедия, 1987. - С. 466.

мафҳуму истилоҳоти ҳуқуқиро мегиранд, яъне дониши ҳуқуқӣ мегарданд. Дар онҳо, инчунин дар арзёбии шахсии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шакли маҷмӯ таҷрибаи касбии судя, ки дар натиҷаи иштироки бевосита дар мурофиаҳои судӣ ва кори суд ба даст оварда шудааст, ифода имеёбад.

Дониш ба фард дар шакли тайёр дода намешавад. Ин натиҷаи дарк, ҷамъбасти мақсадноки интихоб ва арзёбии маълумот дар бораи воқеияту ходисаҳои ҳуқуқӣ, ки дар парвандаи мушаххас бояд муқаррар карда шаванд, мебошад.

Гузаронидани миқдори маълуми далелҳо ба таъини сифатии онҳо, яъне муқаррар намудани арзиши исботии онҳоро шуури ҳуқуқӣ, таҷрибаи касбии судя ба амал мебарорад[354].

Дар сурати мавҷуд набудани дигаргуншавии шуури ҳуқуқӣ судяро ба татбиқи дурусти қонун водор месозад ва аз ин рӯ, яке аз омилҳои қабули қарори қонунӣ, одилона ва асосноки судӣ мебошад. Бе шуури ҳуқуқӣ ба дониши ҳуқуқӣ табдил додани маълумот дар бораи ҳодиса ва воқеият ғайриимкон мегардад. Бояд гуфт, ки ҳолатҳое, ки ҳангоми ҳаллу фасли онҳо шуури ҳуқуқӣ воқеан маротибаҳои бешумор ҳамроҳ мешавад.

Бо ин ё он тарз шуури ҳуқуқӣ дар арзёбии воқеияту ҳодисаҳои ҳуқуқӣ, ҳаллу фасли масъала ҷиҳати ҷоизи ва таносубии далелҳо, тафсир ва татбиқи меъёрҳо, ташаккули эътиқоди ботинӣ, омодасозии қарори суд ва ғайра иштирок мекунад.

Грошева Ю.М. чунин мешуморад, ки «хусусияти зуҳуроти шуури касбии ҳуқуқӣ дар он аст, ки судя хулосаҳояшро дар парванда бо шуури ҳуқуқии худ мутаносиб намуда, ҳамзамон муайян мекунад, ки оё арзёбии ҳуқуқии

---

[354] Ниг.: Грошевой Ю.М. Проблемы формирования судейского убеждения в уголовном судопроизводстве. Харьков: Вища школа. Изд-во при Харьк. ун-те, 1975. - С. 73.

шахсӣ ба ҳолатҳои воқеии парвандаи ҷиноятӣ ва қарори қабулшуда ба талаботи қонун мувофиқат мекунад ё не»[355]. Пайвастшавӣ ба ин раванди шуури ҳуқуқии касбӣ дар он ифода меёбад, ки он:

– судяро барои равона кардани фаъолияти мурофиавӣ ба муқаррар намудани ҳақиқат водор месозад;

– дар ҷанбаи иттилоотӣ мазмуни маъноии далелҳоро аз нуқтаи назари рӯи таъини сифатӣ ва арзиши далелнокии онҳо шарҳ медиҳад;

– дониши бадастомадаро оид ба ҳолатҳои воқеии парванда бо тасвири меъёрии манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мутаносиб менамояд;

– асоси субъективие мебошад, ки ба табдил додани имконияти объективии мавҷудаи муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ба андешаи худи судя мусоидат мекунад.

Чунин мавқеъ дурустии ҷудо кардани шуури ҳуқуқии судяҳоро ҳамчун як навъи нисбатан мустақили шуури ҳуқуқӣ тасдиқ мекунад. Дар ин роҳ қадамҳои нахустинро Керимов Д. ниҳода, пешниҳод кардааст, ки дар сохтори шуури ҳуқуқӣ дар баробари сатҳҳои илмӣ ва оддӣ боз як сатҳи дигар-амалӣ ҷудо карда шавад[356]. Ба ақидаи ӯ, хусусияти хоси шуури ҳуқуқӣ «омезиши (пайвасти) диалектикии се сатҳи гуногун дар он: оддӣ, бевосита (эҳсосӣ), амалӣ, илмӣ мебошанд»[357].

Ноустуворӣ ва мухолифии таҷрибаи судӣ на танҳо аз сустии ҳамоҳангсозии фаъолияти судҳо, балки дар бораи

---

[355] Ниг.: Грошевой Ю.М. Проблемы формирования судейского убеждения в уголовном судопроизводстве. Харьков: Вища школа. Изд-во при Харьк. ун-те, 1975. - С. 69.

[356] Ниг.: Керимов Д.А. Право, правосознание, мировоззрение // Советское государство и право. 1975. N 7. - С. 41 - 42; Керимов Д.А. Соотношение теоретической и практической деятельности в процессе познания права // Советское государство и право. 1980. N 3. - С. 4.

[357] Ниг.: Керимов Д.А. Право, правосознание, мировоззрение // Советское государство и право. 1975. N 7. - С. 42.

сатҳи гуногуни шуури ҳуқуқии судяҳо шаҳодат медиҳанд, ки зуҳури он шуури ҳуқуқии минтақавӣ мебошад[358].

Аз замонҳои қадим пешбурди судӣ ва адолати судӣ ҳамеша амалӣ мешуд ва ҳоло низ метавонад танҳо дар асоси шуури ҳуқуқии дуруст, виҷдони поку нек, ақл ва таҷрибаи мусбии ҳаёти судяҳо ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ амалӣ карда шавад.

Ҳатто дар замони хусусан дунявии мо, замони аз даст рафтани ҷиддии меҳру муҳаббат ва боварию имон, решаҳои маънавию ҳуқуқии давлат, қонун ва суд, дар ҷараёни ҳама гуна пешбурди судии маданӣ ё ҷиноятии дахлдору қонунӣ, то андозае, ба таври анъанавӣ, на танҳо меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар КМГ ҶТ, КМҶ ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ муқаррар шудаанд, инчунин принсипҳои маънавию ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки аз мулоҳизаю андешаҳо ва таассуроти иштирокчиёни пешбурди судии ҷиноятӣ, алалхусус судяҳо дар бораи некӣ ва бадӣ, адлу адолат, виҷдон, шаъну эътибори инсонӣ, қарзи шаҳрвандӣ, рушду инкишофи касбӣ ва этикаи судяҳо ва ғайра бармеоянд, татбиқ карда мешаванд.

Судяҳо бояд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо, инчунин меъёрҳои баланди маънавию ахлоқии рафторро ҷиддан риоя намоянд, дониш ва таҷрибаи касбии худро ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба души онҳо вогузор кардашударо истифода баранд, сазовори боварӣ ба мансаби худ бошанд, ваколатҳои худро дар сатҳи касбӣ иҷро намоянд, поквиҷдон ва бовиҷдон бошанд, дар ҳама ҳолат шаъну шарафи шахсиашонро нигоҳ дорад, аз ҳар чизе, ки метавонанд боиси паст задани обрӯю эътибори ҳокимияти

[358] Ниг.: Бортнев А.И. Региональные особенности правопорядка и правосознания населения // Сборник статей участников "круглого стола", 01.11.2002 / Сост. С.Л. Сибиряков, А.И. Бортнев, В.Ф. Щербатов. Волгоград: Изд-во ВФ МУПК, 2003. - С. 36.

судӣ гардад ва ба шаъну обрӯи судяҳо зиён расонанд, канорачӯӣ намоянд[359].

Ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, судя бояд принсипи баробариро дастрас карда, ҳамзамон дар назар дорад, ки ҳама дар назди қонун ва суд, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, мазҳаб, ақидаи сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ё молумулкӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, шакли моликият, ҷойгиршавӣ, тобеият ва дигар ҳолатҳо, баробаранд. Таъмини муносибати баробар нисбати ҳамаи шахсони иштирокчиёни парванда шарти объективона ва беғаразона ба амал баровардани адолати судӣ, баррасии одилонаи судӣ мебошад.

Салоҳият ва софдилӣ шартҳои зарурии аз ҷониби судя ба тариқи дахлдор иҷро намудани вазифаҳои худ оид ба амалбарории адолати судӣ мебошанд.

Судя вазифадор аст, ки вазифаи худро софдилона, дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намояд, ба шахсони иштирокчиёни парванда дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намояд, барои сари вақт баррасӣ намудани парванда, қабули қарори қонунӣ ва асоснок тамоми чораҳоро андешад. Судя вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои иштирокчиёни парвандаро барои изҳори озодонаи мавқеи худ эҳтиром намояд, сари вақт мурофиаи судиро ташкил кунад ва гузаронад, чораҳои оқилона андешад, ки ба мақсаду вазифаҳои адолати судӣ мувофиқ бошанд. Судя бояд тахассуси худро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад, дониши касбӣ, таҷрибаи амалӣ ва сифатҳои шахсии барои иҷрои дурусти вазифаҳояш зарурӣ бударо такмил диҳад.

Судя дар маркази ҷараёнҳои сиёсиву иқтисодӣ амал мекунад, аз ин рӯ, ба ӯ як қатор ақидаю арзёбии сиёсӣ, маънавӣ, фарҳангӣ бевосита таъсир мерасонанд. Ин зарурати

---

[359] Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар конференсияи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.санаи 29 ноября 2013 қабул карда шудааст.

ҷидди судяҳоро барои дар кардан ва аз нав фикр карда баромадани категорияҳои ҳуқуқӣ ва маънавӣ, дарк намудани манфиатҳою арзишҳои ҷамъиятие, ки барои ҳифзи онҳо интихоб шудааст, ба миён меоварад.

Ба ин муносибат Экимов А.И. хеле дуруст кайд намудааст, ки «гап дар он нест, ки судя оид ба парвандаи мавриди баррасӣ қароргирифта ягон манфиат надошта бошад, ин тамоман имконнопазир аст, балки гап дар ташаккули манфиатҳои ӯ мебошад, ки ба ниёзи ҷомеа ва давлат мувофиқат намоянд»[360].

Ҳамин тариқ, ҳуқуқтатбиққунии судӣ ин низоми ақидаҳо, эътиқодҳо, таассурот, арзёбиҳои ҳуқуқӣ дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ ва амалияи татбиқи онҳо, ки дар натиҷаи баррасии чандинкарратаи парвандаҳои судӣ ва қабули қарор аз рӯи онҳо ташаккул меёбад, инчунин муносибат нисбат ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ, ки дар низоми эҳсосоти ҳуқуқӣ, майл, одатҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, ки ба риояи талаботи қонуният, холисӣ ва адлу адолат дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ нигаронида шудааст, мебошад.

**Руйхати адабиёт:**

1. Баренбойм П. Первая Конституция мира. Библейские корни независимости суда. С. 80-81.

2. Восторгов *И.* Суд над Иисусом Христом с юридической точки зрения. (Речь на публичном акте Елисаветпольской гимназии в 1895 году). Напечатано по изданию: Прот. И.Л. Восторгов. Поли. собр. соч. Т. 4: Статьи по вопросам миссионерским, педагогическим и публшшетическим (1887-1912 п.), М, 1916.,

3. Восторгов И. Суд над Иисусом Христом с юридической точки зрения. (Речь на публичном акте Елисаветпольской гимназии в 1895 году,) Напечатано по изданию Прот. И.И. Восторгова. Поли.

---

[360] Экимов А.И. Справедливость и социалистическое право. Л.: Изд-во ЛГУ им. А.А. Жданова, 1980. С. 113.

собр. соч. Т. 4: Статьи по вопросам миссионерским, педагогическим и публицистическим (1887—1912 гг.).

4. Спасович В.Д. Избранные труды и речи. С. 25.

5. Приложение к трактату Ч. Беккариа «О преступлениях и наказаниях».

6. Яковенко 0.В. Правовая процедура: Автореф. дис.... канд. юрид. наук. Саратов, 1999. *С.* 7.

7. Баранов П.П., Овчинников А.И. Указ. соч. - С. 17.

8. Аверин А.В. Правоприменительная деятельность суда и формирование научно-правового сознания судей: Проблемы теории и практики / Под ред. Байтина М.И. Саратов: Изд-во ГОУ ВПО "Сарат. гос. акад. права, 2003. - С. 77.

9. Грошевой Ю.М. Профессиональное правосознание судьи и социалистическое правосудие. Харьков: Вища школа. Изд-во при Харьк. гос. ун-те, 1986. - С. 13. [1] Бойков А.Д. Третья власть в России. Очерки о правосудии, законности и судебной реформе 1990 - 1996 гг. М., 1997. - С. 125., Грошевой Ю.М. Проблемы формирования судейского убеждения в уголовном судопроизводстве. Харьков: Вища школа. Изд-во при Харьк. ун-те, 1975. - С. 73., С. 69.

10. Советский энциклопедический словарь / Гл. ред. А.М. Прохоров. 4-е изд. М.: Сов. энциклопедия, 1987. - С. 466.

11. Керимов Д.А. Право, правосознание, мировоззрение // Советское государство и право. 1975. N 7. - С. 41 - 42; Соотношение теоретической и практической деятельности в процессе познания права // Советское государство и право. 1980. N 3. - С. 4., С. 42.

12. Бортнев А.И. Региональные особенности правопорядка и правосознания населения // Сборник статей участников "круглого стола", 01.11.2002 / Сост. С.Л. Сибиряков, А.И. Бортнев, В.Ф. Щербатов. Волгоград: Изд-во ВФ МУПК, 2003. - С. 36.

13. Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар конференсияи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.санаи 29 ноября 2013 қабул карда шудааст.

14. Шульга И.В. Правовые позиции Верховного Суда Российской Федерации (вопросы теории). Автореф… на соис. уч. степ. к.ю.н. Москва. 2016. – С. 14.

15.Экимов А.И. Справедливость и социалистическое право. Л.: Изд-во ЛГУ им. А.А. Жданова, 1980. С. 113.

## ТАЪСИРИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии факултети идоракуни давлат ва ҳуқуқӣ Донишгоҳи давлатии Данғар, E-mail: said muso.kodirov@mail.ru**
**Қараев Наҳтулло Ниёзмаҳмадович**
**омӯзгори калони кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара, E-mail: NahtuIIo.karaev@mail.ru**

Дар арсаи ҷаҳонишавӣ дар сатҳи ҷаҳон, таваҷҷуҳ ба соҳаи рушди гардишгарию сайёҳӣ ба як амри беадад ва муҳим табдил шудааст. Ба ҳамин хотир тадбири сарвари давлат, Пешвои миллат, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо эълон намудани соли 2019-2021 “рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”-ро гузоштаанд, сутуданӣ ва қобили тавсиф буд.

Ин мақола дар ҳамин росто, ба баёни нақши рушди сайёҳию гардишгарии шаҳрӣ дар тавсиъаи иқтисодӣ пардохтааст адр Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи сайёҳии он.

Ҳамчунин ин мақола ба чанд унсури муҳим дар ҷалби гардишгар ва фоидаҳои иқтисодие, ки барои давлат, сарзамини мизбон ва аҳолии ӯ дорад низ, ишора ва иаҳлил намудааст.

Имрӯза гардишгарӣ ва сайёҳӣ ҷойгоҳ ва нақши хоссеро дар тавсиъаи иқтисодии кишварҳо ва махсусан шаҳрҳои

калон дорад, ки ин мақола ба ин масъала пардохтааст шарҳ дода мешавад. Ин нақши муъассир ва фаъол ҳатто то ҷое пеш рафтааст, ки илова бар тавсиъаи иқтисодии шаҳрҳову кишварҳо, ба иртиқоъ ва баландбардоштани сатҳи фарҳангу тамаддуни ду тараф, яъне ҳам гардишгар ва ҳам мизбон гардидааст.

Калоншаҳрҳо дорои ҷозибаҳои гардишгарии фаровон ва бисёр ҷалбкунандае барои сайёҳон буда, барои ҳамин ҳам бояд дорои иқтисоди пешрафтаву шукуфон ва амн бошанд то битавонанд дар ҷазби ҳарчӣ беҳтар ва бештари гардишгарон нақши худро дифо кунанд. Метавон гуфт, ки Ҷумҳурии тоҷикистон яке аз кишварҳои амн дар ҷаҳон шинхтааст ва эътиқоди саёҳони дохиливу хориҷиро дар ин самт ба худ ҷалб намудааст, ки боиси ифтихори ҳар як шаҳрванд ва хизматрасонҳои сайёҳон хоҳад буд.

Бисёре аз кишварҳо бо таваҷҷуҳ ба масъалаи муҳимми гардишгарӣ ва сайёҳӣ дар шаҳрҳои калон худ тавонистаанд иқтисоду пешрафт ва тавсиъаи худро то ҳадди баланде боло баранд.

Шаҳрҳое, ки ба намуди табиъӣ ва тару тозатари худ боқӣ мондаанд, онон бештар аз дигар шаҳрҳо дар маркази таваҷҷуҳи гардишгарони ҷаҳон қарор доранд. Зеро сайёҳон аз фазои олудаву пурдуду сермашғалаи шаҳрҳои дигар майл пайдо мекунанд ба шаҳрҳои табиъӣ ва камтар тағйирдодашуда раванд.

Бинобарин бояд ба ин нуқта таваҷҷуҳ шавад, ки то ҷое, ки имкон дорад набояд иҷоза дод шаҳрҳо доим дар ҳолати тағйиру таҳаввул ва аз байнрафтани бофти табиъию тозаи худо бошанд.

Лизо зебосозии шаҳрӣ ва ҳифзи муҳити зист, яке аз сабабҳову нақши гардишгарӣ дар тавсиъаи иқтисоди шаҳрҳои калон мебошад. Яъне ҳифзи манобеъи обӣ, хок, гиёҳон, наботот, ҳақвонот ва ғайра аз мавориди ҳифзу нигаҳдории

шаҳрҳо барои аз дастнадодани ҳолати табиъии худ ҳастанд[1, с29., 2, с386].

Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар тавсиъаи иқтисодии шаҳрҳои калон таъсири болое хоҳаддошат, бархурди муносиб бо гардишгарону сайёҳон мебошад. Аз онҷое, ки дар миёни сайёҳон инсонҳои зиёде аз фарҳангҳову тамаддунҳои гуногун вуҷуд доранд, лизо лозим аст ба пазирандагону мизбонон омӯзишҳои кофӣ ва саҳеҳ дар ин маврид дода шавад.

Ба ин хотир, ки мизбонони як шаҳру кишвар, намояндагон ва муъаррификунандагони фарҳангу тамаддуни кишвари пазиранда мебошанд. Аз ин сабаб ҳар рафторе, ки аз онон сар бизанад, нишонгари он аст, ки гӯё тамоми мардуми он шаҳру диёр чунин инсонҳо ва фарҳангҳомебошанд[3, с 142., 6, с22].

Андаке бетаваҷҷуҳӣ ба ин масъала, метавонад на ин, ки фоидае ба иқтисоди кишварҳо барасонад, балки баръакс, дорои зарарҳои ҷуброннопазире барои гардишгарии он кишвар хоҳаддошт.

Илова бар ин, ки мизбонон намоянда ва нишондиҳандаву нимоди фарҳангу тамаддуни он шаҳр мебошанд, худи шаҳрҳову минтақаҳои сайёҳӣ низ дорои ҳамин хусусият ҳастанд.

Бино бар ҳамин далел бояд худи шаҳрҳо низ бояд дорои як сохтору бофти фарҳангӣ ва тамаддуние бошанд, ки битавонад ба хубӣ ба ҷаҳониён, таъриху тамаддуни худро ба намоиш гузорад.

Таваҷҷуҳ ба машоҳири фарҳангию таърихӣ, ҳифзу нигаҳдории меъмории қадимаи шаҳр, пешкашнамудани таъомҳову либосҳо ва ҳунарҳои мардумӣ ва суннатии минтақаи мавриди назар дар бозорчаҳои маҳаллӣ ва дигар омилҳои муҳим, дар сохтори шаҳрҳо ҳамчуни намояндаи он миллату сарзамин, саҳми бисёре доранд[4, с 76., 7, с 44].

Ба таври хулоса метавон мавридҳои қобили таваҷҷуҳи шаҳрҳои калон дар бораи ин, ки ба сайёҳону гардишгарон чӣ

унсурҳои ҷалбкунандаи гардишгариеро бояд пешниҳод кард, ингуна ба ҳисоб овард:

Осорхонаҳо, марказҳои тафриҳӣ ва саргармӣ, биноҳои таърихӣ, намоишгоҳҳо бо мавзӯъоти гуногун, унсурҳои хотираи ҷамъӣ, марказҳо дармонӣ, паркҳо ва фазоҳои сабзи шаҳрӣ, марказҳо хариди калон ва низ маҳаллӣ. Инҳо мавридҳое ҳастанд, ки ҷиҳати ҷалбнамудани бештари сайёҳон ба калоншаҳрҳо бояд намудҳои мутанаввиъи онҳо дастрас ва мавриди таваҷҷуҳ бошанд[8, с 24].

Масъалаҳое, ки дар боло зикр шуд, корҳое буданд, ки метавон ҷиҳати тавсиъаи иқтисодии калоншаҳрҳо аз тариқи гардишгарӣ ба онон таваҷҷуҳ намуд ва иҷро кард.

Аммо рушди сайёҳӣ ва гардишгарӣ фоидаҳое, ки ба он шаҳрҳову кишварҳо доранд, бисёр зиёд ҳастанд, ки ба чанд мавриди он аз ҷиҳати иқтисодӣ ва тавсиъаи баландмуддат ишора хоҳадшуд.

Яке аз муҳимтарин фоидаи рушди гардишгарию сайёҳӣ эҷоди шуғлҳои навин барои мардуми мизбон мебошад. Аксари ин шуғлҳо дар соҳаи хидматрасонӣ аз ҷумла меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, фурушгоҳҳо, марказҳои табобатию сайёҳатӣ, нақлиётҳои мусофиркаши (такси), терминалҳову фурудгоҳҳо ва ғайра мебошанд[5, с 115].

Барои эҷоди ин шуғлҳо, корҳои ғайри мустақиме низ лозим аст, ки инҳоро барои дустдоронаш омӯзиш диҳанд. Пас бинобарин ҳам шуғлҳои мустақим ва ҳам ғайри мустақими фаровоне ба даст хоҳад омад.

Ҳамчунин осонбудани бисёре аз ин шуғлҳо боъиси он мегардад, ки аксари мардум ба он сару кор гирифта ва сатҳи зиндагии худро афзоиш додаву беҳбуд бахшанд.

Фоидаи дигари муҳим дар ин соҳа, тавлиди сирвати бешумор барои давлатҳо ва даромадзоӣ барои мардум мебошад.

Вақте сайёҳон ба кишваре сафар мекунанд, дар ҷойҳои гуногуне пулҳои фаровони худро ҳарҷ мекунанд. Аз ҷумла

молиёт, амволи умумӣ, меҳмонхона, ҳазинаҳои рафту омади дохили шаҳр,тарабхонаҳо, осорхонаҳо, марказҳо тафриҳию саргармӣ монанди паркҳо ва ғайра.

Ин масъала фоидаи дигареро барои он кишвари мизбон ба армуғон хоҳад овард. Яъне вақте сармоягузори хориҷӣ ба кишваре, ки сайёҳони зиёде ба он ҷо мераванд менигарад, агар дар назараш писанд шавад, ӯ низ барои сармоягузорӣ ҷазби он кишвар мешавад.

Пас бинобар ин, ҷазби сармоягузори хориҷӣ низ яке дигар аз фоидаҳои рушди сайёҳию гардишгарӣ барои шаҳрҳо ва тавсиъаи иқтисодӣ барои давлатҳо мебоашд.

Дар охири ин мақола метавон гӯфтаҳои мазкурро ингуна дар чанд ҷумла ба таври мухтасару хулоса баён кард.

Бинобар гӯфтаҳои гузашта, масъалаи рушди гардишгарию сайёҳӣ яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони имрӯз мебошад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ бадон таваҷҷуҳи бисёр муҳим мешавад.

Дар ин мақола ба се унсури ҷазбкунандаи сайёҳи ишора шуд, ки иборатанд аз:

- Зебосозии шаҳрӣ.
- Бархурду муқобилаи саҳеҳ бо сайёҳон аз фарҳангҳову тамаддунҳои гуногуни ҷаҳон.
- Меъморӣ ва чиниши шаҳрҳо бо намодҳои фарҳангию тамаддунии кишвари мизбон ҳамчун намоди он сарзамину миллат.

Албатта тавсиъаи гардишгарӣ бари иқтисоди кишварҳо низ фоидаҳое доранд, ки дар ин мақола бе са адад аз онҳо ба иборати зер ишора шуд:

- Эҷоди иштиғол.
- Тавлиди сирват.
- Ҷазби сармоягузории хориҷӣ.

Аз инҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки барои рушди гардишгарои ва сайёҳӣ дар кишвар як чанд омилҳо барои

пешрави ва рушди он кумак менамояд, дар маҳал ва дар минтақа ба хусус, иқтисодиёт, шаҳрдорӣ, ҷойҳои таърихию фарҳангӣ, амнияти кишвардори ва махсусан таъмин намудани бехатарии гардишгароён дар минтақа ва давлат аз ҷониби сохторҳои марбута мебошад. Давлату Ҳукумати кишвар барои рушди сайёҳи аз рузи ба дастомадани истиқлолияти кишвар дар рушди соҳаи сайёҳи таваҷҷуҳи хоса дошт, ки ин ба пешравии иқтисодиётӣ кишвар сол то сол манфиати худро расонида истодааст.

**Адабиёт**


1. Butler, R, W. Ecotorism-Has it Achieved Maturity or Has the Bubble Burst. London, 2000.
2. Буризода Э.Б., Ҳасанов Ш.Қ., Соҳибзода М.С., Қодирзода С.М., Умаров Ф.Х. Ҳуқуқ-маҷмуаи таълимӣ-методии ҳуқуқ барои ихтисосҳои ғайритахассусӣ пешбинӣ шудааст. Душанбе, 2022. Издателъство “Мулквар”, 2022.738 с.. Дангара. – 2016.
3. Досвил, Роҷер. Мудирияти ҷаҳонгардӣ. Тарҷумаи Муҳаммади Аъробӣ, Теҳрон, 1378.
4. Зарғом, Ҳамид. Мадели барномарезии стратегии ҷаҳонгардӣ. Теҳрон, 1381.
5. Зоҳидӣ, Шамс ас-содот. Мабонии гардишгарии пойдор. Теҳрон, 1385.
6. Қодиров С.М. Низоми Қонунгузории сайёҳӣ дар ИҶШС. Донишгоҳи давлатии Данғара. Маводи конфренсияи умумидонишгоҳии илмиву амалӣ дар мавзӯи “рушди туризми байналмиллалӣ-омили муҳими пешрафти иқтисодиёти миллӣ” 27-уми апрели соли 2018. Душанбе “ЭР-раф” 2018 103С. 21-24.
7. Қодиров С.М. Фаъолияти сайёҳӣ ва ҷавобгарии шартномавӣ дар раванди сайёҳат. Маводи конфронси илмӣ-назариявии вилоятӣ “нақши соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар пешрафти иқтисодиётӣ ва иҷтимоии вилояти хатлон” (ш. Кӯлоб, 31 марти соли 2018). Кӯлоб-2018 109 С Кӯлоб-2018 42-45.
8. Маликниё, Маҳбуба. Нақши меҳварҳои фарҳангӣ ва таърихӣ дар тавсиъаи гардишгарӣ. Теҳрон, 1389.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – КАФИЛИ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудович**

**Ходими калони илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Пас аз пошхӯрии давлати Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ шаҳрвандони Тоҷикистон бунёди ҷомеаи соҳибихтиёр, демеократӣ ва ҳуқуқбунёдро ҳадафи ниҳоии хеш қарор доданд. Бо дар назардошти талаботи замон чунин асоси сохтори давлатӣ дар моддаи аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шуд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайвата кӯшиш намуда истодааст, ки ин ҳадафҳои дар пеш гузошта шуда ҳар чӣ зудтар татбиқ гардида, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони кишвар ва таҳкими истиқлолияти воқеии давлатӣ татбиқ карда шаванд.

Ҳифзи ҳуқуқу озоиҳои шаҳрвандон ва бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд, танҳо дар ҳолати доштани дониш ва маърифтаи ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ва риояи дурусти талаботи қонунгузорӣ мумкин мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, донистани қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва истифодаи дурусти онҳо аз ҷониби шаҳрвандон маҳсуб рафта . Бесабаб нест, ки Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ ин масъаларо арзёбӣ намуда, соли ҷориро ҳамчун соли маърифтаи ҳуқуқӣ эълон доштанд. Албатта, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар баробари мустаҳкам намудани истиқлолияти давлатӣ, инчуни ин роҳи ҳалли як қатор мушкилиҳои ҷомеаи имрӯзаи мо аз қабили пешгирии шомилшавии наврасону ҷавонон ба

ташкилоту ҳаракатҳои ифротию террористӣ мебошад. Дар баробари ин бо ташаккул додани маърифати ҳуқуқӣ имконияти ҳарчӣ бештар коҳиш додани сатҳи фасод низ дар ҷомеа шароит фароҳам оварда хоҳад шуд.

Бо маърифат гардонидани аҳолии кишвар махсусан наврасону ҷавонон, ки қишри осебпазири ҷомеа шинохта мешаванд,баҳри ҷомеаи тоза истиқлоли мо муҳим мебошад. Дар ин маврид Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ҳангоми вохӯрии бо аҳли маориф бахшида ба "Рӯзи дониш",чунин ибрози андеша намуданд: "Дар натиҷаи муносибати рӯякӣ ба тақдири ояндаи наврасону ҷавонон, саҳлангорӣ ва бетарафӣ аз ҷониби баъзе роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, инчунин, падару модарон ва аҳли ҷомеа фарзандони мо ба доми созмонҳои ифротиву террористӣ гирифтор мешаванд ва ояндаи худро барбод медиҳанд.

Аз ин рӯ, мо ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда, ҷавобгариро нисбат ба шахсоне, ки монеи таҳсили фарзандон мешаванд, пурзӯр кардем.

Бо дарназардошти ҳолатҳои баёнгардида, зарур аст, ки ба масъалаи тарбияи наврасону ҷавонон, тарғибу ташвиқи фаъолона ва густурдаи тарзи ҳаёти солим, тарбияи инсондӯстиву ватандӯстӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба варзиш, дар навбати аввал аз ҷониби падару модарон, яъне дар муҳити оила ба тарбияи фарзандон эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода шавад."

Дар воқеъ ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, зеро маҳз дар сурати тарбияи дуруст аз ҷониби оила ва огоҳонидани ҷавонон бомаърифати ҳуқуқӣ метавонад дар замири онҳо ҳисси баланди инсондӯстиву ватандӯстиро ба вуҷуд оварад.

Баҳри дарки маърифати ҳуқуқӣ зарур аст, ки шаҳрвандон истилоҳи ҳуқуқро дуруст дарк намоянд. Мақсад аз маънидод намудани истилоҳи ҳуқуқ дар он аст, ки шахс то мафҳум,

моҳият ва муҳтавои ҳуқуқро дарк нанамояд, фаҳмиши амиқи онро тассавур насозад, ӯ ба ҳадафҳои маърифати ҳуқуқӣ расида наметавонад. Яке аз ҳадафҳои маърифати ҳуқуқӣ, ин бо усулу равишҳои нав ба аҳолӣ расонидани донишҳои ҳуқуқӣ, мазмуну моҳияти он ва бо ин роҳ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ки ин пеш аз ҳама вазифаи олимон ва ҳуқуқшиносони касбӣ аст мебошад. Дар ҳама давру замон асоси пешрафти ҷомеаҳои мутамаддин риояи қонуну қоидаҳои адолатманишу инсонмеҳвар granted дониста мешавад.

Дар ҳамин замина пайваста Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохуриҳои худ бо аҳолии кишвар ҷиҳати тарбияи дурусти ҷавонон таъкид медоранд, ки ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз намоянд. Бинобар ин маърифати ҳуқуқӣ метавонад як омили муҳими оини худшиносии миллӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон ва заминаи бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд бошад.

Ҳадафҳои рушди ичтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ба хусус ҷиҳати таҳкимбахшидани истиқлолияти давлатӣ дар натиҷаи гузаронидани ислоҳот дар самти қонунгузори муяссар хоҳад гардид. Таҳкими истиқлолияти давлатӣ бидуни рушди маърифати ҳуқуқӣ ва ислоҳоти қонунгузорӣ ғайри имкон аст. Аз ин рӯ, ҳукумати кишвар ҷиҳати расидан ба истиқлолияти комили давлатӣ дар замони соҳибистиқлоли як қатор барномаву стратегияҳо қабул намудааст, ки бо амали гардонидани онҳо гуфтан мумкин аст, ки Тоҷикистон истиқлолияти комили худро таъмин хоҳад намуд. Яке аз стратегияҳое, ки имрӯз мавриди амал қарор дорад ин “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” мебошад. Стратегияи мазкур ислоҳоти қонунгузорро

пешбинишуда намудааст, ки бидуни гузаронидани он расидан ба истиқлолияти давлатӣ имконнопазир аст. Бо дарназардошти он ки ин ҳуҷҷати стратегӣ рушд ва ояндаи муносибатҳои ҷамъиятиро пешбинӣ намудааст, аз ин лиҳоз заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар низ бояд мавриди такмил ва мутобиқгардонӣ қарор дода шавад. Ҳамчунин, дар матни Стратегия зарурати такмили як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, масалан, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи консессияҳо" ва чанде дигар, таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дар низоми қонунгузории кишвар, аз ҷумла Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" ва монанди инҳо пешбинӣ шудааст. Ин ислоҳот ба фаъолияти мақомоти давлатӣ шароит фароҳам оварда, рушти самтҳои гуногуни давлатро таъмин хоҳанд намуд.

Бояд қайд намоем, ки истилоҳи "ислоҳоти қонунгузории миллӣ", ки дар мавзӯи мазкур истифода бурда шудааст, ба маънои такмил ва тағйири санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи кишвар ва таҳияву қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда мешавад.

Дар кори мазкур диққати асосӣ ба ислоҳоти минбаъдаи қонунгузории кишвар дар асоси ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 пешбинишуда дода шудааст. Ҳамчунин ба таҳкими ислоҳоти қонунгузории соҳаҳои идоракунии давлатӣ, самаранокии механизмҳои мубориза бар зидди коррупсия, маориф ва илм, фарҳанг, коҳишдиҳии нобаробарии иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист, молия ва бонкӣ, сармоягузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Ҷиҳати дарки масъалаҳои мазкур шаҳрвандони моро зарур аст, ки маърифати ҳуқуқии худро боло баранд, то ин ки

дар раванди ислоҳоти қонунгузорӣ ҳадафҳои муайян гардидаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро дарк намоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани марифати ҳуқуқии аҳолӣ, Ҳукумати кишвар зери роҳбариии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз ибтидои ташкили ҳукумати конститутсионӣ соли 1992 ва соли 1994 бо тариқи райпурсиии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон муайян намудани Асосҳои сохтори конситититутсионии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ дар ин самт таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Ҳамин тариқ, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, таҳти №668 ва суханронии Сарвари давлат бахшида ба “Рӯзи дониш” 1-уми сентябри соли 2024 иброз намуда бармеоянд, имрӯз тамоми аҳолии кишвари моро зарур аст, ки ба масъалаи донишҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маърифати ҳуқуқии худро боло баранд то ин ки таҳкими комили истиқлолияти давлатиро татбиқ намоянд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ НИҲОДҲОИ АДОЛАТТ СУДИ ҲАРБӢ

**Мирзозода Н.Д.**
**Директори Институти бозомузии омузгорони назди Вазорати мариф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Бояд ёдовар шуд, ки дар оғози таъсис ёфтани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистони адлияи ҳарбӣ ҳанӯз рушд накарда буд. Дар он мисли давраи шӯравии рушд хусусиятҳои зеринро дошт: шикоятҳо ҳам ба тартиби ҳарбӣ ва ҳам судӣ баррасӣ мешуданд; тартиби баррасии шикояту парвандаҳо дар Кодексҳои мурофиавии амалкунанда ҷой дода шуда буд; даъвоҳои ҳарбӣ на аз ҷониби судҳои ҳарбӣ, балки умумӣ баррасӣ мегардиданд.

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 декабри соли 1991 қарор қабул кард, ки мувофиқи он то қабули қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои СССР, ки ба Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, татбиқ карда мешаванд [1, 89]. Муқаррароти ин қарор ба қонунгузорӣ дар бораи ҳокимияти судӣ низ дахл дошт. Табиист, ки то қабули қонуни нав тамоми принсипҳои ташкил ва фаъолияти системаи судиро Қонуни ҶСШ Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи судии ҶСШ Тоҷикистон», ки 11 декабри соли 1981 қабул шуда буд, танзим мекард.

Дар ҳаёти давлатию ҳуқуқии Ҷумҳурӣ Эъломияи соҳибихтиёрии давлатии ҶСШ Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, ки Шӯрои Олии ҶСШ Тоҷикистон даъвати XII-ум қабул карда буд, воқеаи муҳими таърихӣ гардид. Аз ҷумла, дар Эъломия бори аввал дар сатҳи давлатдории тоҷикон эълон карда шуд, ки ҳокимияти давлатӣ дар ҶСШ Тоҷикистон аз рӯи принсипи ба ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ

тақсим шудани он ба амал бароварда мешуд. Дар қаламрави Ҷумҳурӣ волояти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурӣ муқаррар карда шуда, амали қонунҳо ва дигар санадҳои органҳои олии иттифоқӣ, ки ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ ва Конститутсияи Ҷумҳуриро вайрон мекунанд, боздошта мешавад.

Аз муқаррароти Эъломия оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ бармеоянд. Аввалан, қабули он имкон дод, ки дар қаламрави Ҷумҳурӣ системаи судӣ мустақилона ба амал бароварда шавад. Сониян, баъди қабули Эъломия дар Тоҷикистон ҳам мисли дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ «ҷанги қонунҳо» авҷ гирифт, ки дар рад кардани органҳои давлатии ин ҷумҳуриҳо аз татбиқи он қонунҳои умумииттифоқӣ ва дигар санадҳои органҳои олӣ, ки бо Эъломияи ҷумҳуриявӣ мухолиф буданд, амал намоянд. Дар ин вазъият принсипи афзалиятноки қонунгузории иттифоқӣ нисбат ба қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ вайрон карда шуд. Принсипи бевосита амалӣ гардондани қонунҳои СССР дар ҳудуди ҷумҳуриҳои иттифоқӣ низ ба ларза даромад, ки ин дар адабиёти ҳуқуқӣ хеле боварибахш навишта шудааст [10, 46].

Сеюм ин, ки дар нуқтаҳои Эъломия, чунон ки мо қайд кардем, бори аввал принсипи тақсимоти ҳокимият эътироф карда шуд, ки ин барои дигаргуниҳои минбаъда дар органҳои судӣ асос гардид. Илова бар ин, Эъломия ғояи давлати ҳуқуқбунёдро расман эълон кард ва баъдан ба таври конститутсионӣ танзим намуд, ки дар асоси он ва дар умқи он принсипи тақсими қудрат бо муайян кардани ваколатҳои судҳо амалӣ карда шавад [9].

Тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар давлат ва қабули санадҳои таърихии дар боло зикршуда тағйироти дахлдорро дар қонунгузории амалкунандаи кишвар муайян намуд. Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаи 174 Конститутсияи соли 1978, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 1991 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе

санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Дар қарори Шӯрои Олӣ қайд карда мешавад, ки Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон минбаъд Ҷумҳурии Тоҷикистон номида мешавад, ки ин маънои дигаргунии роҳи мамлакатро дошт, ки дар рад кардани давлатдории миллӣ аз асосҳои сотсиалистӣ ифода ёфтааст.

Қонун «Дар бораи тағйир додани номи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва ворид намудани тағйирот ба Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Тоҷикистон», ки 10 сентябри соли 1991 дар соҳаи системаи судии ҷумҳурӣ қабул шудааст, дар боби 18 бо номи «Суд ва ҳакамӣ», сохтор, вазифа ва ваколатҳои низоми судӣ, ҳайати суди ноҳиявӣ (шаҳрӣ), суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе қариб бетағйир нигоҳ дошта шуданд; илова бар ин, тағйироту иловаҳои дигар дохил карда шуданд.

Мутаассифона, бори нахуст дар солҳои истиқлолияти кишвар, ки бо ҷанги шаҳрвандӣ ҳамроҳ буд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти судӣ фалаҷ шуда, тадриҷан барқарор ва ба эътидол овардани фаъолияти онҳо баъди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт [16, 123].

Қобили зикр аст, ки то қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 Қонун «Дар бораи судҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (10 марти 1921), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми судӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 1993 қабул карда шуда буданд [2].

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 санади асосии ҳуқуқӣ буда, дар маҷмуъ моҳияти низоми судии Тоҷикистонро муайян мекунад. Ба ҳама маълум аст, ки танҳо конститутсия ё санадҳои конститутсиони тартиби ташаккули мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти

судиро, вазифаҳои асосӣ, нақш ва мавқеи онҳоро дар сохти умумии давлат муайян мекунанд.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 доираи васеи масъалаҳоеро, ки бевосита ба низоми судӣ алоқаманданд, танзим менамояд. Аз сад моддаи Конститутсия нӯҳ моддаи (84-92) принсипҳои асосии ташаккули низоми судӣ ва татбиқи ҳокимияти судиро ба дараҷаи конститутсионӣ баланд мебардоранд. Дар асоси конститутсионӣ ва қонунгузории конститутсионӣ танзими ҳуқуқии унсурҳои таркибии соҳаи ҳокимияти судӣ: низоми мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои ташкили он, мазмуни принсипҳои адолати судӣ ва шаклҳои он амалӣ карда мешавад. Мурофиаи судӣ, зинаҳои дахлдори судҳо ошкор карда шуда, вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти судя, тартиби иҷрои санадҳои судӣ муайян карда шуда, фаъолияти судҳо аз ҷиҳати ташкилию моддию техникӣ таъмин карда мешаванд.

Муқаррароти моддаи 9-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тақсими ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ асосест, ки асосҳои ҳуқуқии ҳокимияти судӣ бар он бунёд мешаванд. Бояд гуфт, ки бар хилофи меъёри пештара (Конститутсияи ҶСШ Тоҷикистон соли 1978) дар таҳрири нав мустақилияти суд ҳамчун муҳимтарин принсипи фаъолияти он таъкид шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар як се шохаи ҳокимият соҳаи мустақили амалии ваколатҳои худ, доираи назорат ва мувозинаи худро дорад. Аммо, сарфи назар аз он, ки ҳар се шохаи ҳокимияти давлатӣ мустақиланд, танҳо барандагони ҳокимияти судӣ (судяҳо), тибқи моддаи 84 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустақил мебошанд [16, 124].

Дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 ноябри соли 1995 дар бораи ҳокимияти судӣ як қатор қонунҳои конститутсионӣ қабул карда шуданд: «Дар

бораи ҳокимияти судӣ»; «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи судҳои ҳарбӣ»; «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - 4 ноябри соли 1995.

Бояд гуфт, ки Конститутсияи соли 1994 ва қонунҳои конститутсионии номбаршуда ҳокимияти судии пештараро барҳам надода, тартиби интихоб, таъин, ваколатҳои судяҳоро тағйир дода, ташкили ҳокимияти судиро тағйир доданд.

Мутобиқи мазмуни Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ низоми судӣ маҷмӯаи судҳои мавҷудаи давлатро, ки дар қонунгузорӣ номбар шудаанд ва новобаста аз сохторҳои ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, тибқи салоҳияти худ ҳокимияти судӣ фаҳмида мешавад ва вазифаю мақсадҳои дар наздашон гузошташударо амалӣ мекунанд.

Вобаста ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсияи соли 1994 ваколатҳои судяҳо васеъ карда шуда, ғайр аз ин, мақомоти нави судӣ: Суди Олии иқтисодӣ ва Суди конститутсионӣ ташкил карда шуданд. То 10 марти соли 1992 Арбитражи давлатӣ ва Комитети назорати конститутсионӣ, ки то 10 марти соли 1990 ба органҳои судӣ табдил дода шаванд, дар системаи мақомоти ҳокимияти иҷроия вуҷуд доштанд ва ба системаи судӣ дохил набуданд.

Дар ин замина судҳои ҳарбӣ низ бахши махсуси ин низомро ташкил медиҳанд. Судҳои ҳарбӣ то замони пошхӯрии СССР бо номи трибуналҳои ҳарбӣ вуҷуд доштанд, онҳо ба системаи судии ҶШС Тоҷикистон дохил набуданд. Трибуналҳои ҳарбӣ ба системаи ягонаи судии СССР дохил шуда, адолати судиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи СССР ба амал мебароварданд [7]. Ҳамин тариқ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Набиев аз 2 апрели соли 1992 ба сохтори судии он трибуналҳои ҳарбии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда дохил карда шуданд. Дар моддаи 61

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» гуфта шудааст: Судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, адолати судиро дар ҳамаи ҷумҳурӣ, муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо ба амал мебароранд; Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи ҳифзи Сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳарбӣ ва дигар воҳидҳои ҳарбӣ.

Ба низоми судҳои ҳарбӣ Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ҳарбии гарнизонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд (моддаи 65). Сатҳи олии судҳои ҳарбӣ Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки коллегияи ҳарбиро дар бар мегирад. Хусусияти судҳои ҳарбӣ аз он иборат аст, ки онҳо парвандаҳои марбут ба хизматчиёни ҳарбӣ ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниро дар маҳалли ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбӣ ва дигар сохторҳо баррасӣ мекунанд.

Дар маҷмуъ, сохтори низоми судии кишварро на танҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки як қатор санадҳои дигари қонунгузорӣ низ муайян мекунанд: Қонунҳои конститутсионии «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (6-уми августи соли 2001 қабул шудааст) ва «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (3 ноябри соли 1995 қабул шудааст), ки бо як қатор тағйиру иловаҳо ба онҳо то ҳол эътибор доранд. Мувофиқи моддаи 143 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳамаи қонунҳои марбут ба ҳокимияти судӣ ва қонунҳои то 4 ноябри соли 1995 қабулшуда, ба истисноi Қонуни конститутсионии «Дар бораи

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз эътибор соқит дониста шуданд.

Ҳодисаҳое, ки дар авоили солҳои 90-уми қарни гузашта дар қаламрави Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст, барои фаъолияти дурусти мақомоти давлатӣ имкон надод, бахусус, қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти судҳо сари вақт қабул нашуданд. Пас аз қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиси мақоми олии қонунгузории кишвар дар соли 1995 дар бораи судҳо якчанд қонунҳои конститутсионӣ қабул карда шуданд. Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ сохтори зерини судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ кардаанд: Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, суди иқтисодии шаҳри Душанбе.

Ҳамин тариқ дар ин вазъият қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001 барои таъсиси судҳо заминаи ҳуқуқӣ гардида, банди 4-и моддаи 2 ин қонун таъсиси судҳои ҳарбиро пешбинӣ намуд. Тибқи ин банд: «ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истеҳсолоти судии конститутсионӣ, гражданӣ, маъмурӣ, ҳарбӣ ва ҷиноӣ ба амал бароварда мешавад». Қабули ин қонуни конститутсионӣ барои пайдоиш ва ташаккули суди ҳарбӣ ва амалияи адолати судии ҳарбӣ роҳ кушод, чунки барои амалӣ намудани ҳуқуқи худ оид ба муроҷиат ба мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон метавонанд ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ашхоси мансабдори мақомоти давлатӣ бо ариза, шикоят, таклиф ва пешниҳод муроҷиат намоянд [8, 5]. Махсусан, шикояту ариза, ки ба субъектҳои мазкур пешниҳод мегардад, тарзи судии баррасӣ ва мавҷудияти адлияи ҳарбиро талаб мекунад. Адлияи ҳарбӣ дар шароити муосир дар

раванди ташаккул қарор дошта, то имрӯз масоили вобаста ба он, махсусан, мафҳум, фаъолият ва сохтори он ба таври лозима таҳқиқ нашудаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки бо эълон гардидани истиқлолияти Тоҷикистон дар фазои қонунгузории кишвар санадҳои меъёрию ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти давлатии Иттиҳоди Шӯравии собиқ қабулгардида амал мекарданд. Таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 6 ноябри соли 1994) зарурати вобаста ба низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтори иҷтимоӣ таҳияву қабули санадҳои нави қонунгузории мутобиқ ба талаботи замонаро ба миён оварда, ҳамзамон масоили мураттабсозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва қабули санадҳои бо ҳамдигар мухолифатнадоштаро мубрам гардонид. Хотирнишон намудан зарур аст, ки Кодекси Ҷумҳурии Шӯравию Сотсиалистии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз 5 декабри соли 1985, №39 [11] ба низоми нави давлатдорӣ ва талаботи нави муосир ҷавобгӯ набуд, сарфи назар аз он, ки баъди қабули Конститутсияи ҶТ ба он тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шуданд. Дар ин марҳила қадами минбаъда дар пайдоиши адлияи маъмурӣ таҳия ва қабули «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2011» гардид, ки дар он оид ба ташаккули минбаъдаи ниҳодҳои судӣ ва додани низоми мурофиавӣ, рушди соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ ва қонунгузории амалкунанда ва тадбирҳои иловагӣ барои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда буд. Дар ин Барнома зикр шуда буд, ки «мурофиаи судӣ боз ҳам демократӣ гардонида шуда, баробарҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни мурофиаро дар зинаҳои судӣ таъмин намуда, доираи салоҳияти судҳо дар бораи татбиқи ҷазоҳои маъмурӣ васеъ карда шавад». Тавре муҳаққиқ З.М. Раҳматова қайд намудааст, бо мақсади таҳким бахшидани ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мақоми он дар ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, инчунин, манфиатҳои

давлатӣ дар ҷумҳурӣислоҳоти судию ҳуқуқӣ оғоз ёфт, ки барномаҳои он асосҳои назариявии рушди қонунгузорӣ, аз ҷумла дар самти истеҳсолоти суди маъмурӣ гардид [15, 122-123].

Қайд намудан зарур аст, ки чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010 [3], 2011-2013 [4], 2015-2017 [5], 2019-2021 [6] маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба ташаккули амалисозии адолати судӣ, аз ҷумла адлияи ҳарбӣ, таҳким ва рушди меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти судҳо ва мақоми ҳуқуқии судяҳо пешниҳод мекарданд.

Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 19 феврали соли 2011 таҳти №1021 қабул шудааст, вазифаи афзалиятнокро дар ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии амалишаванда дар васеъ намудани ваколатҳои суд оид ба баррасии парвандаҳои маъмурӣ ва таъсиси судҳои маъмурӣ пешбинӣ мекунад [12; 15, 122-123]. Дар он муқаррар шудааст: «...амалӣ намудани танзими иловагии истеҳсолот оид ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ бармеоянд ва ҷудо намудани он ба намуди алоҳидаи истеҳсолоти судӣ – истеҳсолоти судии маъмурӣ бо танзими минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида».

Дар натиҷаи қабули ин барномаҳо ва амалисозии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳо» аз 12 январи соли 2010, таъсиси судҳои маъмуриро дар таркиби судҳои умумӣ, яъне судҳои вилоятӣ ва суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад [14, 303].

Таъсиси судҳои маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баҳсҳои маъмуриро баррасӣ мекунад, ҳанӯз масоили вобаста ба амалисозии адолати судиро ба таври комил ҳал намекунад, чунки он дар таркиби судҳои умумӣ буда, «ҳоло ҳолати ҳуқуқии судҳои махсусгардонидашударо надоранд». Оид ба мақоми суди маъмурӣ ва мақомоти амалисозандаи адлияи

маъмурӣ дар илми ҷаҳонӣ баҳсҳои зиёд то имрӯз вуҷуд доранд [14, 303].

Бо дарназардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия давлати ҳуқуқбунёд буда, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вазифаи муҳимтарини давлат ва кулли мақомоти он табдил ёфтааст, таъсиси суди ҳарбӣ низ барои амалӣ намудани ин вазифаи давлат равона карда шудааст.

Суди маъмурӣ дар низоми ниҳодҳои судӣ ҷой ва нақши худро дошта, хусусиятҳои хоси парвандаҳои маъмурӣ замина ва асоси таъсиси чунин судҳо дар Тоҷикистон мебошад. Яъне, дар масъалаи қабул ва таъсис додани ниҳоди адолати судии маъмурӣ ҷои шакку шубҳа нест, ки онро қонунгузор дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян намояд. Масъалаи мушкилтарин дар ин самт интихоби шакл ва сохтори ба шароити кишвари мо мувофиқу мутобиқи ниҳоди амалисозандаи адолати судии маъмурӣ мебошад. Маълум аст, ки андешаҳо оид ба амсилаи (модели) суди маъмурӣ ва ниҳодҳои амалисозии адолати маъмурӣ дар адабиёти илмӣ хеле зиёд мебошад. Новобаста ба шаклу амсилаҳои мушаххаси суди маъмурӣ, ҳадаф аз таъсиси онҳо як аст – амалисозии адолати судии маъмурӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз мансабдорони давлатӣ, яъне маъмурон. Қайд кардан ҷоиз аст, ки шаклу амсилаҳои гуногуни ниҳоди адолати судии маъмурӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба тағйирот дучор гардида, аз таҷрибаи якдигар истифода бурда, ваколатҳои ҳуқуқии худро ҳамоҳанг (унификатсия) намуда, ба якдигар наздик мешаванд. Ҷаҳонишавӣ дар ин масъала низ таъсири муайян расонида, тибқи ислоҳотҳои судию маъмурӣ ниҳодҳои амсилаҳои гуногундошта, пай дар пай бо ҳам аз ҷиҳати сохтор, моҳияти фаъолият ва тарзҳои баррасии парвандаҳо ба ҳам монанд мешаванд. Вале то имрӯз як қатор хусусиятҳои суди маъмурӣ онҳоро аз якдигар фарқ

мекунонад, ки аз ин сабаб дар адабиёти илмӣ вобаста ба ченакҳои гуногун ниҳодҳои суди маъмуриро ба намудҳо тақсим менамоянд [14, 304].

Тавре аз таҳлил бармеояд, як қатор хусусиятҳои фарқкунанда ба ҳар як намуди суди маъмурӣ, шурӯъ аз фаъолияти ташкилӣ, то интихоби кадрҳо ва фаъолияти мурофиавӣ хос аст. Аз ин сабаб, интихоби намуди суди маъмурӣ мушкилӣ дошта, Тоҷикистон ҳангоми муайян кардани мақоми судҳои маъмурӣ роҳи миёнаро пазируфт. Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияи суди маъмурӣ дар шакли ниҳоди мустақили судӣ бо низоми худ рад гардида, инчунин, таълимот оид ба суди маъмурии таҳти тобеияти ҳокимияти маъмурӣ низ қабул нагардид. Аз як ҷониб, суди мазкур ҳамчун ҷузъи таркибии суди умумӣ фаъолият мебарад, аз ҷониби дигар, адлияи маъмуриро амалӣ месозад. Новобаста ба ин шакли таъсис, ниҳоди мазкур дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, аз ин сабаб, як қатор мушкилоти ташкилӣ, ҳолати ҳуқуқӣ ва тақсими ваколатҳо бо дигар ниҳодҳои судӣ, аз ҷумла суди умумӣ ва иқтисодӣ, то имрӯз ҳал намудааст.

Маълум аст, ки дар фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ дар аксар ҳолат муносибатҳои маъмурию интизомӣ ба вуҷуд омада, барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла ҳарбиён, судҳои махсусгардонида таъсис дода мешаванд. Ин гуна судҳо дар Тоҷикистон судҳои ҳарбӣ номида шуда, салоҳияти баррасии парвандаҳои маъмуриро низ доранд.

Мутобиқи моддаи 58-и Қонуни конститутсионии мазкур аз 26 июли соли 2014, №1084, судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи нигаҳбони Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми қисмҳои ҳарбӣ таъсис гардида, адолати судиро амалӣ менамоянд. Тибқи қонуни конститутсионӣ судҳои ҳарбӣ аз рӯи принсипи ҳудудӣ дар маҳали воқеъшавии гарнизонҳо таъсис дода мешаванд. Фаъолияти судҳои ҳарбӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандоне, ки аз ҷамъомади ҳарбӣ мегузаранд ва дигар шаҳрвандон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қисмҳои ҳарбӣ, корхонаю муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои ҳарбӣ, мустаҳкам кардани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар қисмҳои ҳарбӣ нигаронида шудааст.

Низоми судҳои ҳарбӣ аз коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судҳои ҳарбии гарнизонҳо иборат аст.

Судҳои ҳарбӣ тибқи моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» салоҳияти баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмуриро доранд, ки дар онҳо яке аз тарафҳо хизматчиёни ҳарбӣ мебошанд, инчунин, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати хизматчиёни ҳарбӣ ба ин судҳо тобеияти судӣ доранд.

Тибқи моддаи 60 қонуни мазкур судҳои ҳарбӣ парвандаҳоро оид ба шикояти хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандоне, ки аз ҷамъомади ҳарбӣ мегузаранд, дар бораи амалу қарорҳои мақомоти идоракунии ҳарбӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои онҳоро халалдор мекунанд, баррасӣ менамоянд [14, 306].

Ба салоҳияти судҳои ҳарбӣ баррасии шикоятҳои хизматчиёни ҳарбӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқи шахсии онҳо алоқамандӣ доранд ва ин ҳуқуқҳо аз Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», оинномаҳои ҳарбӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, тобеият доранд.

Судҳои ҳарбӣ шикоятҳои шаҳрвандонро, ки аз хизмати ҳарбӣ ҷавоб шудаанд, нисбат ба амалу қарорҳои мақомоти идоракунии ҳарбӣ ва шахсони мансабдори ҳарбӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои онҳоро халалдор кардаанд ва нисбати шаҳрвандони мазкур дар давраи адои хизмати ҳарбӣ содир шудаанд, баррасӣ менамоянд.

Тибқи моддаи 62 қонуни конститутсионии мазкур суди ҳарбии гарнизон ҳамчун суди марҳилаи якум парвандаҳои зеринро баррасӣ менамояд:

парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба истиснои парвандаҳое, ки ба суди болоӣ тобеияти судӣ доранд;

парвандаҳоро аз рӯйи шикоят ба амалу қарорҳои мақомоти идоракунии ҳарбӣ ва шахсони мансабдори ҳарбӣ;

дар асоси аризаи тарафҳо, прокурор, дигар шахсони иштирокчии парванда бинобар ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои ҳарбӣ.

Суди ҳарбии гарнизон, ҳамчунин, масъалаҳоеро, ки ҳангоми иҷрои санадҳои судӣ ба миён меоянд, баррасӣ менамояд [13].

Қонуни конститутсионӣ ба таври муфассал масоили таъсиси судҳои маъмурӣ, коллегия оид ба баррасии парвандаҳои маъмуриро дар суди вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ва коллегияи суди олӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ пешбинӣ намуда, бо қабули қонун дар сохтори судҳои марбута ин воҳидҳо таъсис ва ба фаъолият оғоз намуданд. Новобаста ба назарияи ҳуқуқи маъмурӣ гуногунсоҳа ва гуногунмазмун будани муносибатҳои маъмурӣ замина барои таъсиси чунин судҳо, ҳатто дар тобеияти вазорату кумитаҳо

дар кишварҳои хориҷӣ шудааст, ки бо тахассуси соҳавӣ доштан, дар баррасии баҳсҳои маъмурӣ иштирок мекунанд.

Дар Тоҷикистон ин таҷриба дар амалияи судҳои ҳарбӣ истифода гардида, дар онҳо баҳсу шикоятҳо нисбат ба ҳарбиён ва нисбат ба шикоятҳое, ки ба унвони ҳарбиён ворид мешавад, баррасӣ мегардад.

## Адабиёт


1. Азизов У.А. Развитие уголовного законодательства Республики Таджикистан. Душанбе, 2006. – С. 89.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1993 , №3-4. Ст. 60.
3. Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни 2007., №271 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 09.08.2019).
4. Барномаи ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ барои солҳои 2011-2013, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи 2011., №976 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 09.08.2019).
5. Барномаи ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ барои солҳои 2015-2017, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи 2015., №327 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-хуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 09.08.2019).
6. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели 2019, №1242 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 09.08.2019).
7. Большая Советская Энциклопедия. 1971. Т. 5.
8. Иброҳимов С.И. Падидаҳои ҳуқуқи маъмурӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: накши онҳо дар амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон // Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои ҳуқуқ дар давраи Истиқлолият // Маҷмӯи мақолаҳои конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 октябри соли 2019 / Зери таҳрири д.и.ҳ. Иброҳимов С.И. – Душанбе, 2020. – С. 5.

9. Имомов А. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998). Душанбе, 1998.

10. История отечественного государства и права // Под ред. проф. Чистякова О.И. М., 1997.4.2. – С. 46.

11. Кодекси ҶСС Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. – Душанбе: Ирфон. 1986. – 432 с.

12. Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: httr. www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2020).

13. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014., №1084. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: // base.mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.10.2019).

14. Одиназода Р.С. Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ). Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе – 2020. – С. 303.

15. Раҳматова З.М. Конституционно-правовые основы административного судопроизводства в суверенном Таджикистане // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои ҳуқуқ дар давраи Истиқлолият // Маҷмӯи мақолаҳои конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 октябри соли 2019 /Зери таҳрири д.и.ҳ. Иброҳимов С.И. – Душанбе, 2020. – С. 122-123.

16. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина 19 - начало 20 вв.). Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Душанбе 2010. – С. 123.

# ПРИНУДИТЕЛЬНОЕ РАЗДЕЛЕНИЕ И ВЫДЕЛЕНИИ КОММЕРЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ

**Пулодзода Шахнозабону Пулод**
**соискатель Института философии, политологии и права НАНТ E-mail: pulodzoda92@bk.ru**

В соответствии со ст. 27 Закона, в случаях, когда хозяйствующие субъекты, осуществляющие предпринимательскую деятельность, занимают доминирующее положение и систематически нарушают антимонопольное законодательство Республики Таджикистан, государственный антимонопольный орган, в целях ограничения монополистической деятельности, вправе обратиться в суд об их реорганизации (разделении или выделении) в пределах их структурных единиц, если это способствует развитию конкуренции.

Совершение хозяйствующими субъектами в течение трех лет более двух фактов нарушений антимонопольного законодательства Республики Таджикистан в установленном порядке, выявленных государственным антимонопольным органом, признаются систематическим нарушением антимонопольного законодательства Республики Таджикистан.

По справедливому мнению К.Ю. Тотьева, принудительная реорганизация является фактической реализацией мер по демонополизации деятельности хозяйствующего субъекта, а с другой стороны направлена на обеспечение существования возникающих в ходе такой процедуры самостоятельных хозяйствующих субъектов[361]. Считаем, что необходимость принудительной реорганизации хозяйствующих субъектов вызвана объективным несоответствием их

---

[361] См.: Тотьев Ю. К. Конкуренция и монополии: правовые аспекты регулирования. - М.: Юристъ, 1996. С. 139.

деятельности общественным интересам и интересам государства ввиду негативного влияния данной деятельности на состояние конкурентной среды.

Следует говорить о ряде отличий данных форм реорганизации. Так, при проведении разделения возникают по меньшей мере два новых общества в качестве самостоятельных хозяйствующих субъектов, в то же время при выделении фактически возникает лишь один новый хозяйствующий субъект при продолжении существования того, из которого был выделен новый. При разделении прежне действующий хозяйствующий субъект фактически прекращает свое существование, в то время как в случае выделения из состава уже действующего субъекта выделяется новый, при этом существование первого не прекращается.

Считаем, законодательным пробелом является отсутствие нормативного закрепления понятия «принудительная реорганизация коммерческой организации», поскольку данный вид санкции за произведенное нарушение закона юридическим лицом требует установления специальных режимов правового регулирования. Однако даже в ГК РТ и Законе, к сожалению, это понятие так и не было определено.

В связи, с этим предлагаем включить в Закон следующее определение понятия «принудительная реорганизация коммерческой организации»: «это осуществляемая в целях развития конкуренции на основании решения суда процедура по разделению (выделению) хозяйствующего субъекта - юридического лица, занимающего доминирующее положение, в случае систематического осуществления им монополистической деятельности».

Принудительная реорганизация может осуществляться только по решению суда, на основании обращения антимонопольного органа о принудительной реорганизации на основании закона. При этом для принудительной реорганизации юридического лица необходимо наличие

точных правовых оснований, которые должны позволить управомоченному лицу (суду) трансформировать хозяйственную деятельность юридического лица полностью или частично.

Для принудительной реорганизации доминирующего субъекта требуется совокупность следующих условий.

Развитие конкуренции как последствие принудительного разделения (выделения).

Возможность организационного и территориального обособления структурных подразделений хозяйствующего субъекта. При разделении таких субъектов учитываются также связи между объектами собственности. При зависимости одного объекта от другого их разделение нецелесообразно[362].

Отсутствие между структурными подразделениями организации тесной технологической взаимосвязи (в частности, если объем потребляемой юридическим лицом продукции (работ, услуг) ее структурного подразделения не превышает 30% общего объема производимой этим структурным подразделением продукции (работ, услуг).

Возможность юридических лиц, созданных в результате реорганизации, самостоятельно работать на рынке определенного товара.

Принимая решение о принудительной реорганизации, суд должен оценить каждое из перечисленных условий и при наличии всех условий вправе принимать решение о реорганизации коммерческой организации. Перечень названных условий является исчерпывающим.

При этом представляется целесообразным закрепить норму, согласно которой суд в обязательном порядке должен

---

[362] См.: Баринов Н.А., Козлова М.Ю. Принудительная реорганизация юридических лиц по антимонопольному законодательству. https://wiselawyer.ru/.

утвердить общие количественные и качественные параметры передаваемых прав и обязанностей от реорганизуемого юридического лица к организациям, создаваемым в результате реорганизации.

Смысл проведения принудительной реорганизации в виде разделения и выделения юридических лиц из состава иного юридического лица заключается в снижении уровня рыночной власти отдельно взятого рыночного игрока, увеличении количества конкурирующих субъектов и снижения уровня рыночной концентрации.

«Принудительная реорганизация юридического лица осуществляется с целью восстановления прав конкурентов и контрагентов участников сделки по экономической концентрации, нарушенных в результате концентрации уровня рыночной власти в руках хозяйствующего субъекта, созданного или реорганизованного с нарушением требований, предъявляемых к согласованию соответствующей сделки с антимонопольным органом»[363].

Современная редакция ст. 27 Закона, по нашему мнению, не отвечает объективным требованиям борьбы с нарушителями конкурентного законодательства. В связи с этим следует ввести п. 4 указанной статьи, в котором предусмотреть право использования принудительной реорганизации в комплексе с иными предусмотренными законом мерами антимонопольного регулирования.

Термин "аффилированное лицо" заимствован из англо-американской практики и произошел от глагола "to affiliate", что означает присоединять, связывать. Факт признания того или иного субъекта в качестве аффилированного субъекта означает, что между ним и лицом, по отношению к которому

[363] См.: Егорова М.А. Гражданско-правовые последствия нарушений антимонопольного законодательства: монография // "Юстицинформ", 2020. С. 189.

данный субъект является аффилированным, существует определенная связь, порождающая некие правовые последствия.

В США аффилированное лицо - это лицо, способное влиять на действия корпорации. Сюда входят директора, должностные лица и некоторые акционеры. В зависимости от контекста аффилированное лицо может называться просто «аффилированным лицом». Аффилированные лица также могут называться контролирующими лицами или инсайдерами.

В связи с регистрацией ценных бумаг Комиссия по ценным бумагам и биржам (SEC) расширила определение аффилированного лица довольно широко. Форма S-11 определяет, что аффилированное лицо также включает:

Лица, владеющие 10% или более акций компании любого класса

Любое лицо, которое является промоутером компании и связано с компанией в любом качестве

Любой основной андеррайтер регистрируемых ценных бумаг

Любое лицо, предоставляющее управленческие или консультационные услуги компании

«Любой партнер любого из вышеперечисленных лиц»[364].

При регулировании операций с ценными бумагами важно отличать аффилированных лиц от других. Аффилированные лица часто имеют доступ к инсайдерской информации, и поэтому их операции более тщательно регулируются. Если бизнес организации или больший объем имущества осуществляется в соответствии с операционным соглашением или арендой должника, они также считаются аффилированными лицами.

---

[364] Securities and Exchange Commission. "Form S-11," Page 1. Accessed April 2, 2021.

В процедуре банкротства аффилированными лицами являются любые, кто владеет или контролирует какую-либо часть компании. Должник - это физическое или юридическое лицо, подающее заявление о банкротстве, поэтому их аффилированными лицами будут те, кто владеет корпорацией-должником или те, которые владеют собственником должника.

Аффилированные лица, которые владеют 20% компании или более, или имеют право голоса, равное этому проценту, считаются аффилированными лицами. Другими словами, аффилированное лицо - это компания или физическое лицо, владеющее 20% компании. Однако в отношении владельцев, которые владеют ценными бумагами в качестве фидуциария, контролера долга или агентства, такие правила для аффилированных лиц не применяются.

В контексте кредитного соглашения аффилированные лица - это физические или юридические лица, которые контролируют или владеют значительной частью организации, берущей кредит или предлагающей кредит. Опять же, эти аффилированные лица могут прямо или косвенно контролировать организацию. Однако эти правила не распространяются на дочерние компании организации.

Аффилированным лицам запрещено участвовать в определенных действиях, таких как продажа каких-либо ценных бумаг или другого имущества такой зарегистрированной компании или любой компании, контролируемой такой зарегистрированной компанией, если только такая продажа не включает в себя только следующее:

Ценные бумаги, выпущенные покупателем

Ценные бумаги, выпущенные продавцом и являющиеся частью общего предложения держателям класса его ценных бумаг

Ценные бумаги, депонированные у доверительного управляющего паевого инвестиционного траста или плана периодических платежей[365].

Понимая под аффилированностью «взаимоотношения между двумя и более хозяйствующими субъектами, основанные на различных формах экономической зависимости», И.С. Шиткина делает основной акцент на отношениях экономической зависимости, под которой понимаются «отношения двух экономических субъектов, при которых существование и деятельность одного субъекта полностью или частично обусловлены и подчинены воле другого»[366].

Исходя из рассуждений приведенного ученого, отчетливо прослеживается связь аффилированности с экономической зависимостью, хотя эти понятия и не отождествляются.

Л.Д. Эбралидзе справедливо обращает внимание на то, что «влияние аффилированных лиц может представлять собой не только контроль, позволяющий навязывать подконтрольному лицу решения, но и влияние меньшей степени»[367].

«Аффилированное лицо включается в осуществление совместной деятельности с юридическим лицом и приобретает заинтересованность в достижении результатов такой деятельности, имея возможность влиять на принятие решений юридического лица относительно его участия в

---

[365] U.S. Securities and Exchange Commission. "Final Rule: Transactions of Investment Companies With Portfolio and Subadviser Affiliates." Accessed April 2, 2021.

[366] См.: Корпоративное право: учебный курс / отв. ред. И.С. Шиткина. М.: КНОРУС, 2015. С. 649. (автор главы - Шиткина И.С.).

[367] См.: Эбралидзе Л.Д. Аффилированные лица как правовой институт и правовое средство разрешения конфликта интересов в сфере предпринимательской деятельности: Дис. … канд. юрид. наук. Казань, 2014. С. 82.

гражданском обороте путем, как минимум, блокирования принятия решений юридического лица[368].

В «Основных понятиях» Закон определяет аффилированных лиц как физических и юридических лиц, занимающихся предпринимательской деятельностью, способных воздействовать на хозяйствующие субъекты, а также на товарный рынок. При этом в п. 1 ст. 13 Закона дается иное определение данного понятия – «это физические и юридические лица признаются аффилированными лицами в случае, если способны влиять на деятельность хозяйствующих субъектов, действующих на рынке товаров (работ, услуг)».

Полагаем, определение аффилированных лиц, указанное в п. 1 ст. 13 Закона, по своему содержанию является чрезмерно расширительным, допускающим отнесение к ним и лиц, не занимающихся предпринимательской деятельностью. Это может привести к правоприменительным проблемам, связанным с трактовкой на практике признаков аффилированных лиц. Соответственно, полагаем целесообразным привести определение аффилированных лиц, предусмотренное п. 1 ст. 13 Закона, к определению, установленному его «Основными понятиями».

Ст. 13 Закона установлено, что к аффилированным лицам юридического лица могут быть отнесены:

– член совета директоров (наблюдательного совета) или иного коллегиального органа управления, член его коллегиального исполнительного органа, а также лицо, осуществляющее полномочия его единого исполнительного органа;

---

[368] См.: Ефимов А.В. Признаки, основания и гражданско-правовые последствия аффилированный юридических лиц: дис. ... кандидата юридических наук. Москва, 2018. С. 46.

– лица, входящие в группу, принадлежащую к юридическому лицу; - лица, имеющие право распоряжаться более чем двадцатью процентами общего количества голосов, соответствующих акциям и долям, и составляющих уставной (складочный) капитал данного юридического лица.

По справедливому замечанию А.В. Габова, сам по себе факт владения более 20% голосов не может однозначно свидетельствовать о том, что лицо контролирует юридическое лицо[369]. Л.Д. Эбралидзе делает вывод о том, что распоряжение 20 и более процентами голосов от общего количества голосов на собрании не однозначно не свидетельствует о том, что владелец акций или долей приобрел дополнительные права, связанные с принятием решений на уровне высшего органа управления юридического лица[370].

Тем не менее, Закон называет аффилированными лицами участников юридического лица, обладающих указанным количеством голосов, приходящихся на голосующие акции либо составляющие уставный или складочный капитал вклады, доли юридического лица.

В Законе наряду с понятием «аффилированные лица» также дается понятие «группа лиц». Понятия «аффилированные лица» и «группа лиц» относятся друг к другу как общее к частному, поскольку лица могут быть признаны аффилированными по иным критериям, а не только в связи с принадлежностью к группе лиц.

---

[369] См.: Координация экономической деятельности в российском правовом пространстве: монография / К.М. Беликова, А.В. Габов, Д.А. Гаврилов и др.; отв. ред. М.А. Егорова. М.: Юстицинформ, 2015. С. 105. (автор части – Габов А.В.). С. 111.

[370] См.: Эбралидзе Л.Д. Аффилированные лица как правовой институт и правовое средство разрешения конфликта интересов в сфере предпринимательской деятельности: Автореф. дис. … канд. юрид. наук. Казань, 2014. С. 16.

Ст. 13 Закона аффилированные лица рассматриваются как единый хозяйствующий субъект. Полагаем, данная формулировка является некорректной. Аффилированные лица не составляют единого субъекта права, хотя связи между ними имеют юридическое значение. Напротив, группа лиц обладает правосубъектностью, хотя и не во всех предпринимательских отношениях, а только в тех, которые относятся к сфере антимонопольного законодательства. В законодательстве перечень аффилированных лиц юридического лица включает в себя тех лиц, которые входят в группу лиц с конкретным юридическим лицом.

Уместно согласиться с приведенными А.Н. Кайлем доводами о том, что понятие "группа лиц" является в большей степени категорией законодательства о защите конкуренции, а понятие "аффилированные лица" - категорией корпоративного законодательства[371]. Поэтому для целей борьбы с недобросовестной конкуренцией в российском законодательстве используется именно категория "группа лиц".

Приведенный перечень аффилированных лиц демонстрирует, что аффилированными по отношению к юридическому лицу являются не только участники юридического лица, но и лица, которые по иным основаниям способны влиять на участие юридического лица в обороте. В качестве примера можно указать лиц, которые входят в состав органов юридического лица.

Правовое значение для квалификации лица аффилированным имеет только лишь влияние одного лица на другое, несмотря на возможность обратного (взаимного) влияния в рамках их отношений.

---

[371] См.: Кайль А.Н. Комментарий к Федеральному закону от 26 июля 2006 г. N 135-ФЗ "О защите конкуренции" (постатейный). 2-е изд., доп. и перераб. 2009 // СПС "КонсультантПлюс".

## Список литературы

1. Баринов Н.А., Козлова М.Ю. Принудительная реорганизация юридических лиц по антимонопольному законодательству. https://wiselawyer.ru/.

2. Егорова М.А. Гражданско-правовые последствия нарушений антимонопольного законодательства: монография // "Юстицинформ", 2020. С. 189.

3. Кайль А.Н. Комментарий к Федеральному закону от 26 июля 2006 г. N 135-ФЗ "О защите конкуренции" (постатейный). 2-е изд., доп. и перераб. 2009 // СПС "КонсультантПлюс".

4. Координация экономической деятельности в российском правовом пространстве: монография / К.М. Беликова, А.В. Габов, Д.А. Гаврилов и др.; отв. ред. М.А. Егорова. М.: Юстицинформ, 2015. С. 105. (автор части – Габов А.В.). С. 111.

5. Тотьев Ю. К. Конкуренция и монополии: правовые аспекты регулирования. - М.: Юристъ, 1996. С. 139.

6. Эбралидзе Л.Д. Аффилированные лица как правовой институт и правовое средство разрешения конфликта интересов в сфере предпринимательской деятельности: Автореф. дис. … канд. юрид. наук. Казань, 2014. С. 16.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ – ЗАМИНАИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

**Муҳаррири масъул:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ. –** мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Муқарризон:**

**Сангинзод Д.Ш. –** муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Азиззода У.А. –** мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Ба чоп __.09.2024 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 30,75.
Теъдоди нашр ____ нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Нашри Мубориз» чоп шудааст.
ш. Душанбе, к. Карамов, 205.